ISSN 0235 - 005X

# А Х Б О Р И
## ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

# И З В Е С Т И Я
## ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

# P R O C E E D I N G S
## OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW NAMED AFTER A. BAHOVADDINOV OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# №1

Душанбе – 2023

**АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**Сармуҳаррир:** Назар М. А. – номзади илмҳои фалсафа, дотсент
**Муовини сармуҳаррир:** Зиёӣ Х. М.. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Котиби масъул:** Саидҷафарова П. Ш. – номзади илмҳои фалсафа

**Аъзои ҳайати таҳририя:**

1. Олимов К. О. – академики АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
2. Муҳаммад А. Н. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
3. Ятимов С. С. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
4. Шоисматуллоев Ш. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сотсиология, профессор
5. Раҳимзода М. З – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
6. Музаффар М. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
7. Усмонзода Х. У. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
8. Искандаров А. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
9. Саидов А. С. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
10. Раҳимов С. Х. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
11. Маҳмадҷонова М. Т. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
12. Қаҳоров Ғ. Ғ. – доктори илмҳои фалсафа, дотсент
13. Мирзоев Ғ. Ҷ. – доктори илмҳои фалсафа
14. Ҷонбобоев С. – номзади илмҳои фалсафа

**Масъулони таҳия:** Иброҳимова С. Ҳ. – номзади илмҳои фалсафа, Махшулов А.

**Таҳриру такмили матнҳо:** Саидова Ф. – номзади илмҳои сиёсӣ, Шарипов А.

***Маҷаллаи илмии "Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон" ба Феҳристи КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия, инчунин ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шохиси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) дохил карда шудааст.***

*Мақолаҳо тақриз карда мешаванд.*
*Матни мақолаҳо дар таҳрири муаллиф нашр мешаванд.*
*Фикри ҳайати таҳририя бо фикри муаллиф метавонанд мувофиқ набошад.*
*Ҳангоми истифода аз мавод ва иқтибос ҳавола ба "Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон" ҳатмӣ аст.*

**http://www.ifppanrt.tj/**

# М У Н Д А Р И Ҷ А

## ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Олимов К.** Пешрафтҳои сиёсати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар фазои ҷаҳонисозии муосир ........ 11
**Зиёӣ Х. М.** Паёми Пешвои миллат ва вазифаҳо барои рушди илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 16


## Ф А Л С А Ф А


**Саидов А. С., Назар М. А.** Падидаҳои «адолати иҷтимоӣ», «баробарии иҷтимоӣ», «нобаробарии иҷтимоӣ»: моҳият ва ҳамалоқамандии онҳо ........ 20
**Шоисматуллоев Ш., Барфиев А. М.** Танзими анъана ва ҷашну маросимҳо ҳамчун стратегияи мутобиқшавии оилаҳо дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон ........ 27
**Раҳимов С. Х.** Рисолати башардӯстонаи ҷашнвораҳои Наврӯз, Меҳргон ва Сада..... 33
**Каҳоров Ғ. Ғ., Солиҳов С. Т.** Раванди иҷтимоишавии шахс дар шароити дигаргуншавии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ........ 39
**Диноршоева З. М.** Фалсафаи полилог ва фалсафаи манотиқӣ ҳамчун алтернативаи фалсафаи муқоисавӣ ........ 45
**Орифҷонова Н. Р.** Андешаҳои динӣ ва дунявӣ дар масири ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ........ 51
**Қаҳоров Ғ. Ғ., Гулов Р.** Масъалаҳои бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии Тоҷикистон ........ 60
**Раҳматуллоев Н.** Арзишҳои ориёӣ-тоҷикӣ дар тамаддуни исломӣ........ 67
**Муродова Т.** Консепсияи офариниши инсон ва кайҳон дар фалсафаи бостонии тоҷику форс ........ 72
**Бандалиева Ш.** Нақш ва мақоми занони донишманд дар пешрафти илму фалсафа... 80
**Ҳодибоев Ф. А.** Нақши оила дар пешгирии ифротгароӣ ........ 87
**Холов Ш. А, Шоев З.** Татбиқшавии принсипҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» дар ҳаёти ҷомеа........ 94
**Зиёева З. И.** Табиати метафизикии олам аз нигоҳи Ибни Арабӣ........ 101
**Шоев З. Ҷ.** Муносибатҳои фалсафӣ-фарҳангшиносӣ ба пажӯҳиши анъанаҳо........ 107
**Амондуллоев Б. С.** Ҳастишиносии Форобӣ........ 114
**Муродова Т., Муҳаммадиева С.** Низоми офариниш аз назари намояндагони фалсафаи Ҳинди Қадим........ 121
**Беков К.** Фалсафаи Абдурраҳмони Бадавӣ ва баҳои идеологии он аз назари Маҳмуд ал-Олим ........ 126
**Қурбоншоев И. Ҷ.** Таҳқиқи афкори фалсафии Носири Хусрав дар осори Мӯсо Диноршоев ........ 131


## С И Ё С А Т Ш И Н О С Ӣ


**Имомов А.** Соҳибихтиёрии давлат таҷассуми мустақилияти халқ........ 137
**Искандаров А., Мамадназарова А. Р.** Ҳамкории Тоҷикистон ва Туркманистон дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ........ 146
**Саидов А. С., Кочеткова И. В.** Ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Тоҷикистон ва Россия дар фазои пасошӯравӣ........ 153
**Искандаров А., Сангинов Н. Н.** Хусусиятҳои «ҷангҳои дипломатӣ»: таърих, ҳолати кунунӣ ва дурнамои онҳо........ 160
**Ҳайдаров Р. Ҷ.** Оид ба масъалаи рушди давлатҳои Осиёи Марказӣ дар давраи ҷаҳони сеқутба........ 168

**Ҳакимов Р.М., Шарифзода Ф. Ҳ.** Мақом ва нақши сарҳад дар таъмини амнияту суботи давлатдорӣ........................................................................................ 175
**Муродов С.А., Фазилатпочои М.** Ҳизбҳои сиёсӣ: меъёрҳои тасниф ва хусусиятҳои онҳо........................................................................................ 181
**Ализода Н. А.** Инқилобҳои ранга ҳамчун моҷарои сиёсӣ дар шароити муосир......... 186
**Азимова М. М., Одилов Ф. Р.** Арзишҳои демократия – монеа барои паҳншавии радикализм дар ҷомеа…...................................................................... 192
**Холиқов Ф. А.** Таносуби амнияти иттилоотӣ ва амнияти киберӣ…………………… 196

## МИНБАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҶАВОН

**Азиззода Ҳ. Ҷ.** Вазъияти амнияти ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди ташаккулёбии он дар солҳои истиқлолият.................................................................. 203
**Зиёзода Н. И., Ҷангибекова С. И.** Нақши калидии Ҳадафҳои стратегияи миллӣ дар рушди ҳаматарафаи Тоҷикистон......................................................................... 212
**Юлбекова Н. Ш.** Асосҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ташаккулёбии системаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................. 220
**Шарифзода А. А.** Соҳибистиқлолӣ ва аломатҳои асосии он...................................... 225
**Ашурова Л.** Оид ба ҷаҳонбинии сокинони Панҷакенти Қадим.................................. 231
**Расулов Қ. С.** Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар ташкил ва амалисозии «инқилобҳои ранга»........................................................................................ 238
**Зиёзода Н. И.** Оид ба хусусияти низоъҳои динӣ-сиёсӣ................................................. 245

**ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМЕНИ А.БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА**

**Главный редактор**: Назар М. А. – кандидат философских наук, доцент
**Заместитель главного редактора**: Зиёи Х. М. – доктор философских наук, профессор
**Ответственный секретарь**: Саидджафарова П. Ш. – кандидат философских наук

**Члены редколлегии:**

1. Олимов К. О. – академик НАНТ, доктор философских наук, профессор
2. Мухаммад А. Н. – член-корр. НАНТ, доктор политических наук, профессор
3. Ятимов С. С. – член-корр. НАНТ, доктор политических наук, профессор
4. Шоисматуллоев Ш. – член-корр. НАНТ, доктор социологических наук, профессор
5. Рахимзода М. З. – член-корр. НАНТ, доктор юридических наук, профессор
6. Музаффар М. – член-корр. НАНТ, доктор философских наук, профессор
7. Усмонзода Х. У. – член-корр. НАНТ, доктор философских наук, профессор
8. Искандаров А. И. – доктор политических наук, профессор
9. Саидов А. С. – доктор философских наук, профессор
10. Рахимов С. Х. – доктор философских наук, профессор
11. Махмаджонова М. Т. – доктор философских наук, профессор
12. Кахоров Г. Г. – доктор философских наук, доцент
13. Мирзоев Г. Дж.- доктор философских наук
14. Джонбобоев С. – кандидат философских наук

**Ответственные за подготовку к печати:** Ибрагимова С. Х. – кандидат философских наук, Махшулов А

**Редакция и корректура**: Саидова Ф. – кандидат политических наук, Шарипов А.

***Научный журнал “Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана” включён в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства науки и высшего образования Российской Федерации, а также в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан и Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).***

*Статьи рецензируются.*
*Тексты статей даются в авторской редакции.*
*Мнение редакции может не совпадать с мнением авторов.*
*При использовании и цитировании материалов ссылка на “Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана” обязательна.*

**http://www.ifppanrt.tj/**

# О Г Л А В Л Е Н И Е

## В КОНТЕКСТЕ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Олимов К.** Развитие социальной политики таджикистана в современных условиях глобализации........ 11
**Зиёи Х. М.** Послание Лидера нации и задачи по развитию науки в Республике Таджикистан........ 16


## Ф И Л О С О Ф И Я

**Саидов А. С., Назар М. А.** Феномены «социальная справедливость», «социальное равенство», «социальное неравенство»: их сущность и взаимосвязь………………… 20
**Шоисматуллоев Ш., Барфиев А. М.** Регулирование традиций и праздников как стратегия адаптации семей в условиях социально-экономических перемен в Таджикистане…………… 27
**Рахимов С. Х.** Гуманистическая миссия праздников Навруза, Мехргана и Сада…… 33
**Кахоров Г. Г., Солихов С. Т.** Процесс социализации личности в условиях изменений системы общественных отношений…………. 39
**Диноршоева З. М.** Философия полилога и региональная философия как альтернатива сравнительной философии………… 45
**Арифджанова Н. Р.** Светские и религиозные идеи в условиях формирования новых общественных отношений…………. 51
**Кахоров Г. Г., Гулов Р.** Проблемы трудоустройство выпускников профессиональных учебных заведений Таджикистана..………… 60
**Рахматуллоев Н.** Арийско-таджикские ценности в исламской цивилизации………. 67
**Муродова Т.** Концепция творение человека и космоса в древней таджико-персидской философии………….. 72
**Бандалиева Ш. Н.** Роль и место женщин-ученых в развитии науки и философии… 80
**Ходибоев Ф. А.** Роль семьи в предотвращении экстремизма………………………… 87
**Холов Ш. А, Шоев З.** Осуществление принципов закона Республики Таджикистан «О свободе совести и религиозных объединениях» в общественной жизни…………. 94
**Зиёева З. И.** Метафизическая природа мира с точки зрения Ибн Араби ………….. 101
**Шоев З. Дж.** Философско-культурологические подходы к исследованию традиций.. 107
**Амондуллоев Б. С.** Онтология аль-Фараби………….... 114
**Муродова Т., Мухаммадиева С.** Порядок творения с точки зрения представителей древнеиндийской философии………… 121
**Беков К.** Философия Абдуррахмана Бадави и ее идеологическая оценка с точки зрения Махмуда аль-Олима………….. 126
**Курбоншоев И. Дж.** Анализ философских воззрений Насыра Хусрава в произведениях Мусо Диноршоева………….. 131


## П О Л И Т О Л О Г И Я

**Имомов А.** Государственный суверенитет воплощение самостийности народа…… 137
**Искандаров А., Мамадназарова А. Р.** Сотрудничество Таджикистана и Туркменистана в рамках международных и региональных организации……………………… 146
**Саидов А. С., Кочеткова И. В.** Многоаспектное сотрудничество Таджикистана и России в постсоветском пространстве………………. 153

**Искандаров А., Сангинов Н. Н.** Особенности «дипломатических войн»: история, современное состояние и их перспектива………………… 160
**Хайдаров Р. Дж.** К вопросу о развитии стран Центральной Азии в период трехполярного мира ………………… 168

**Хакимов Р. М., Шарифзода Ф. Х.** Статус и роль границы в обеспечении безопасности и стабильности в управлении государством………………………………….. 175
**Муродов С.А., Фазилатпочои М.** Политические партии: критерии классификации и их особенности ……………………………………………………………………………… 181
**Ализода Н.А.** Цветные революции как политический конфликт в современных условиях……………………………………………………………………………….. 186
**Азимова М. М., Одилов Ф. Р.** Ценности демократии – препятствие распространению радикализа в обществе……………………………………………………………… 192
**Холиков Ф. А.** Соотношение информационной безопасности и кибербезопасности.. 196

## ТРИБУНА МОЛОДЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

**Азиззода Х.Дж.** Состояние военной безопасности Республики Таджикистан и процесс ее формирования в годы независимости………………………………………... 203
**Зиёзода Н. И., Джангибекова С. И.** Ключевая роль Целей национальной стратегии в комплексном развитии Таджикистана………………………………………………... 212
**Юлбекова Н.Ш.** Социально-правовые основы формирования системы начального и средного профессионального образования в Республике Таджикистан................. 203
**Шарифзода А. А.** Независимость и ее основные признаки......................................... 225
**Ашурова Л.** К вопросу о мировоззрении жителей Древнего Пенджикента….……… 231
**Расулов К. С.** Роль информационных технологий в организации и осуществлении «цветных революций» ………………………………………………………………….. 238
**Зиёзода Н. И.** К характеристике религиозно-политических конфликтов…..………… 245

**PROCEEDINGS OF THE BAHOVADDINOV INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN**

**Editor-in-Chief:** Nazar M. A. – Candidate of Philosophical Sciences, Docent
**Deputy Editor-in-Chief:** Ziyoi H. M. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
**Executive Secretary:** Saidjafarova P. Sh. – Candidate of Philosophical Sciences

**Editorial Board Members:**

1. Olimov K. O. – Academician, NAST, Doctor of Philosophical Sciences, Professor
2. Muhammad A.N. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Political Sciences, Prof.
3. Yatimov S. S. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Political Sciences, Professor
4. Shoismattulloev Sh. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Sociologocalal Sciences
5. Rahimzoda M. Z. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Law (Jurudical Sciences)
6. Muzaffari M. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Philosophical Science
7. Usmonzoda Kh. U. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Philosophical Sciences
8. Iskandarov A. – Doctor of Political Sciences, , Professor
9. Saidov A. S. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
10. Rahimov S. H. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
11. Mahmadjonova M.T. – Doctor Philosophical Sciences, Professor
12. Ghayurov G. G. – Doctor Philosophical Sciences, Docent
13. Mirzoev G. J. – Doctor Philosophical Sciences
14. Jonboboev S. – Candidate of Philosophical Sciences

**Responsible for Preparation for Printing:**
Ibrohimova S.Kh. – Candidate of Philosophical Sciences,
Makhshulov A.

**Editing and Proofreading:**
Saidova F. – Candidate of Political Sciences,
Sharipov A.

***Scientific jornal "Proceedings of theInstitute of Philosophy, Political Science and Law after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan" included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Science and Higher Education of the Russian Federation, as well as in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan and the Russian Science Citation Index (RSCI).***

*All articles are being reviewed.*
*Articles are to be submitted by the authors.*
*Opinion of the Editorial Board may vary from the one of the authors.*
*While using citing materials, reference must be shown to "Proceedings of the Institute of Philosophy, Political Science and Law after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan".*
**http://www.ifppanrt.tj/**

## C O N TE N T

### IN THE CONTEXT OF THE MESSAGE FROM THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Olimov K.** Development of the social policy of tajikistan in the modern conditions of globalizaion……………………………………………………………………………….. 11
**Ziyoi H. M.** Message of the Leader of the Nation and tasks for the development of science in the Republic of Tajikistan………………………………………………………… 16

### P H I L O S O P H Y

**Saidov A. S., Nazar M. A.** The phenomena of «social justice», «social equality», «social inequality»: their essence and interrelation………………………………………………… 20
**Shoismatulloev Sh., Barfiev A. M.** Regulation of traditions and celebrations as a strategy for the adaptation of families in the conditions of socio-economic change in Tajikistan… 27
**Rahimov S.** The humanist mission of Navruz, Mehrgan and Sada……………………….. 33
**Kahorov G. G., Solikhov S. T.** The process of socialization of the individual in the context of changes in the system of social relations………………………………………………… 39
**Dinorshoeva Z. M.** Philosophy of polylogue and regional philosophy as an alternative to comparative philosophy……………………………………………………………………… 45
**Arifjonova N. R.** Religious and secular ideas in the course of forming new public relations……………………………………………………………………………………. 51
**Kahorov G. G., Gulov R.** Problems of employment of graduates of professional educational institutions in Tajikistan........................................................................................ 60
**Rakhmatulloev N.** Aryan-Tajik values in Islamic civilization……………………………… 67
**Murodova T.** The concept of creation of human and space in ancient tajik-persian philosophy……………………………………………………………………………………….. 72
**Bandalieva Sh. N.** The Role and place of Women Scientists in the Development of Science and Philosophy…………………………………………………………………… 80
**Hodiboev F. A.** The role of the family in preventing extremism…………………………… 87
**Kholov Sh. A., Shoev Z.** Implementation of the principles of the law of the Republic of Tajikistan "On freedom of conscience and religious associations" in public life…………. 94
**Ziyoeva Z. I.** Metaphysical nature of the world from the point of view of Ibn Arabi…… 101
**Shoev Z. J.** Philosophical and culturological approaches to the study of traditions……. 107
**Amondulloev B. S.** Ontology al-Farabi……………………………………………………….. 114
**Murodova T., Muhammadieva S.** The order of creation from the point of view of the representatives of ancient indian philosophy ……………………………………………….. 121
**Bekov K.** Philosophy of Abdurrahman Badawi and its ideological evaluation from the point of view of Mahmoud al-Olim……………………………………………………….. 126
**Kurbonshoev I. J.** Analysis of the philosophical views of Nasyr Khusrav in the works of Muso Dinorshoev……………………………………………………………………….. 131

### P O L I T I C A L S C I E N C E

**Imomov A.** State sovereignty is the embodiment of the independence of the people…….. 137
**Iskandarov A., Mamadnazarova A. R.** Cooperation between Tajikistan and Turkmenistan within the framework of international and regional organizations…………………… 146
**Saidov A. S., Kochetkova I. V.** Multiple cooperation between Tajikistan and Russia in the post-soviet space…………………………………………………………………………… 153
**Iskandarov A., Sanginov N. N.** Feature «diplomatic wars»: history, current state and their prospects………………………………………………………………………………… 160
**Haydarov R. J.** To the question of the development of the countries of Central Asia in the period of the tripolar world....................................................................................... 168

**Hakimov R. M., Sharifzoda F. H.** The place and role of border in peace and security providing of the country........................................................................................ 175
**Murodov S. A., Fazilatpochoi M.** Political parties: classification criteria and their features.......................................................................................................................... 181
**Alizoda N. A.** Color revolutions as a political conflict in modern conditions..................... 186
**Azimova M. M., Odilov F. R.** Values of democracy – an obstacle to the spread of radicalism in society…………………………………………………………………………….. 192
**Kholikov F. A.** Correlation of information security and cyber security……………………. 196

## ROSTRUM OF THE YOUNG RESEARCHERS

**Azizzoda H. J.** The state of military security of the Republic of Tajikistan and the process of its formation in the years of independence...................................................... 203
**Ziyozoda N. I., Jangibekova S. I.** The key role of the Goals of the national strategy in the comprehensive development of Tajikistan...................................................................... 212
**Yulbekova N. Sh.** Social and legal foundation of a system of primary and secondary professional education in Republic of Tajikistan............................................................. 220
**Sharifzoda A. A.** Independence and its main features...................................................... 225
**Ashurova L.** On the question of the world view of the residents of Ancient Penjikent......... 231
**Rasulov K. S.** The role of information tehnology in the organization and implementation of «color revolutions»……………………………………………………………………… 238
**Ziyozoda N. I.** To the characteristic of religious-political conflicts………………………… 245

# ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

** ** **

## ПЕШРАФТҲОИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР ФАЗОИ ҶАҲОНИСОЗИИ МУОСИР

(Қайдҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022)

**Олимов К.** – д.и.ф., профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Паёми ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аҳолии мамлакат бесаброна интизор мешаванд. Зеро зиндагии мардуми кишвар ба сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат сахт вобаста мебошад ва натиҷаи иҷрои нақшаҳои қаблан қабулшуда дар зеҳни онҳо таъсири ҷиддии равонӣ дорад.

Боиси қаноатмандист, ки дар Паёми имсола (декабри соли 2022) ба таври хеле муфассал дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рафта, пешрафтҳо дар ҳаёту фаъолияти ҷомеа бо далелҳо ва ба таври боварибахш нишон дода шудаанд.

Бояд гуфт, ки ҷаҳони муосир, махсусан дар солҳои охир, хеле бӯҳронӣ шуда, барои башарият хатарҳои бузург ва муҳликро ба вуҷуд овардааст. Бинобар ин, Президент дар оғози суханронии худ аз вазъияти душвори замон ва ҷаҳон ёдовар шуда, зикр намуданд: «солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад.

Аз ҷумла, дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, яроқнокшавии бошитоб ва оғози марҳалаи «ҷанги сард» боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқӯъ омадани бухрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид».

Бояд гуфт, ки ҷанги сард чанд соли ахир зери пардаи мубориза бо терроризм ва экстремизм ба ҷанги оташбор табдил ёфт. Ироқ, Сурия, Афғонистон дар натиҷаи зиддияти манфиатҳои давлатҳои бузург ба майдони задухӯрдҳои мусаллаҳона табдил ёфтанд. Аз феврали соли 2022 бо оғози ҷанги Россия бо Украина, ки амалан ҷанги Россия бо давлатҳои аъзои НАТО бо сарварии ИМА мебошад, ҷаҳон ба гирдоби нави хунрезӣ гирифтор шудааст.

Ҳамарӯз аз васоити ахбори омма, бахусус аз шабакаҳои иҷтимоии гуногун, дар бораи бадтар шудани авзои ҷаҳон, афзудани тазодҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, паҳн шудани бемориҳои сироятӣ, зӯроварию таҳдидҳо хабарҳо интишор меёбанд, ки ба ҳолати рӯҳию равонии мардуми сайёра таъсири манфӣ мерасонад. Зери фишори чунин вазъи бӯҳрони маънавӣ наврасону ҷавонон ба худкушӣ ё куштори дигарон даст мезананд. Чунончи, дар ИМА дар соли гузашта дар бораи бо истифодаи силоҳи оташфишон аз тарафи наврасон маҷрӯҳ ва куштани талабагону муаллимони мактабҳо хабарҳо паҳн гардида буданд.

Ё худ ба хотири низоъандозӣ ва таҳқири мусалмонон намоишкорона сӯзондани Қуръон мавҷи эътирозро дар кишварҳои мусалмонӣ ба вуҷуд овардааст. Авзои ҷаҳон бахусус баъд аз оғози ҷанги Россия бо Украина хеле ташвишовар шуда, дар натиҷаи таҳримҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ «занҷираҳои мавҷудаи таъминоти молу маҳсулот канда шуданд, истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфт ва

нархҳо, махсусан, нархи маводи ғизоӣ ба таври бесобиқа боло рафтанд».

Вале қатъи назар аз ин, дар натиҷаи пеш гирифтани сиёсати дурандешона ва воқеъиятгароёна аз тарафи ҳукумат корҳои муҳим, мутобиқи нақшаҳои қабулшуда анҷом дода шуда, дар ҳамаи самтҳо пешрафтҳои назаррас ба даст омадаанд.

Дар Паём таъкид шудааст, ки «Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт.

Мақсади асосии сиёсати давлати соҳибистиқлоламон, қайд кардаанд Президент, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад. Бинобар ин дар вазъи мураккаби ҷаҳонӣ, чунонки дар Паём зикр шуд, «дар панҷ соли охир сатҳи некӯаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид».

Дар ҷаҳони муосир муҳоҷират проблемаи умумиинсонӣ шудааст. Дар ҷаҳон соли 2022 теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ ба 281 миллион нафар расидааст, ки 3,6 фоизи аҳолии дунёро ташкил мекунад. Дар сиёсати давлатӣ муҳофизати ҳуқуқҳои шаҳрвандони муҳоҷир мавқеи муҳим дорад ва дар ин бора Сарвари давлат борҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ супоришҳои мушаххас додаанд. Маблағҳое, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ба оилаҳояшон мефиристанд, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунад. Вале кишварҳое, ки муҳоҷир қабул мекунанд, фоидаи бештар мебинанд. Чунончи, мувофиқи ҳисобҳои расмӣ, Россия дар соли 2022 аз ҳисоби пардохтҳои муҳоҷирони меҳнатӣ 32 млрд рубл фоида кардааст. Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷаҳон ба падидаи табиӣ табдил ёфтааст.

Аз як тараф, ин раванд ба вусъати робитаҳои кишварҳо вобаста бошад, аз тарафи дигар, афзудани ноорамиҳо ва ҷангҳо дар баъзе минтақаҳо одамонро ногузир ба тарки кишварашон ва ҷустуҷӯи маҳали амн водор мекунад. Ин марҳиларо мардуми кишвари мо солҳои 90-уми асри гузашта аз сар гузаронда буд. Корхонаҳои бузурги саноатӣ аз кор монданд, низоми хоҷагидории кишоварзӣ ба буҳрон дучор шуд. Соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳолати хеле душвор қарор гирифта буданд. Вале имрӯз вазъи ин соҳаҳо нисбат ба он давра ба таври куллӣ беҳтар гашта, кишвар ба давлати иҷтимоӣ табдил ёфта истодааст.

Ҳама хуб дар ёд доранд, ки мардуми аз ҷанг тарки ватан ва тарки маҳалли зисти доимӣ карда, бо кӯшишҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷамъ шуданд, сулҳ пойдор гардид, Тоҷикистон аз вартаи парокандагӣ наҷот ёфт. Ба тадриҷ корхонаҳои нав ва ҷойҳои кории нав, чи дар сектори давлатӣ ва чи дар сектори хусусӣ, ба вуҷуд омаданд.

Аз Паём маълум шуд, ки дар ин давра умуман беш аз 900 ҳазор, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шудааст. Ин, албатта, ба болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ сабаб гардидааст. Танҳо муқоисаи рақамҳои солҳои 2018 ва 2022 возеҳ нишон медиҳанд, ки тафовути маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ то кадом дараҷа афзудааст. Дар Паём зикр гардидааст, ки ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62 фоиз зиёд гардидааст. Теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ низ ҳар сол кам мешаванд, зеро ҷойҳои корӣ дар сохтмон, саноат, энергетика, кишоварзӣ ва тиҷорат афзудаанд. Вале ҳанӯз теъдоди ҷойҳои корӣ ва ҳаҷми маош ба талаботи афзояндаи ҷомеа, хусусан ҷавонон, ки маоши бештар ва зиндагии беҳтарро зудтар ба даст овардан мехоҳанд, кофӣ нест. Бинобар ин, то имрӯз муҳоҷирати меҳнатӣ

идома дорад. Ба манзури ҳалли проблемаи камбуди ҷойҳои корӣ, иловатан супориш шудааст, ки «дар се соли минбаъда барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ бояд ҷиҳати таъсис додани 30 парки технологӣ ва минтақаи саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои дурдасти мамлакат чораҳои зарурӣ андешида шаванд». Дар умум, Сарвари давлат дар Паём ҷиддан таъкид намудаанд, ки «таъсис додани ҷойҳои корӣ ва фарогирии пурраи аҳолӣ бо шуғл вазифаи аввалиндараҷаи тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳар як роҳбари сохтору мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон ба шумор меравад». Бовар дорем, ки бо иҷрои ин супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар ҳалли проблемаи таъмин кардани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ хеле муваффақ хоҳад шуд.

Дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол соҳаи маориф ҷойгоҳи махсус дорад. Маълум аст, ки тараққиёти пуравҷи ҳар кишвар ба сатҳи дониши аҳолӣ, кашфиётҳои илмӣ ва истифодаи эҷодкорона аз дастовардҳои илмӣ ва технологии замон вобаста мебошад. Ҳамон давлатҳое тараққиёти ҳамаҷониба насибашон мешавад, ки нирӯҳои зеҳнии пурқувват ва имкони истифодаи онҳоро дошта бошанд. Ин ба вусъати имкониятҳои иқтисодӣ марбут аст.

Бо вуҷуди мушкилиҳое, ки баъд аз ҳодисаҳои ногувор ба вуҷуд омаданд, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат сохтмони биноҳои замонавии мактабҳо ва муассисаҳои таълимӣ зиёд шудаанд. Масалан, дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст. Дар муддати 31 соли истиқлол 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шудааст. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Президент барои муқоиса зикр намуданд, ки соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод. Баргузории озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон ватани азизи ман», «Илм фурӯғи маърифат» такони ҷиддӣ барои шавқмандии хонандагони мактабҳои миёна, донишҷӯёни донишгоҳҳо, муаллимон ва аҳолӣ гардидаast Барои ҳавасманд кардани ғолибони озмун, муаллимони хонандагони муассисаҳои таълимии ҳамагонӣ маблағҳои зиёд дар назар гирифта шудааст. Ин анъанаи навест, ки дар чанд соли охир ба вуҷуд омадааст ва ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат мебошад. Таъкиди Пешвои миллат хеле бамаврид аст, ки «пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад». Дар ҳақиқат ҳам тараққиёт ва осудагии кишварҳо ба илму маориф вобастагии бевосита дорад. Ҳамзамон дониш бо тарбияи ватандӯстона ва ифтихори миллии солим, азхуд кардани дастовардҳои илму фарҳанги ҷаҳонӣ метавонад аз фард шахсият офарад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки солимии аҳолӣ на танҳо барои пешрафти истеҳсолоти ҷомеа, балки барои бақои миллат ва аз хатарҳои имконӣ ҳифз намудани наслҳои оянда нақши асосӣ дорад. Таваҷҷуҳи давлат махсусан дар даҳсолаи ахир ба ин масъала зиёд шудааст. Рақамҳое, ки дар Паём оварда шудаанд, бори дигар ғамхории Ҳукумат, хосатан Сарвари мамлакатро ба ин соҳа равшан нишон медиҳад. Чунончи, зикр шудааст, ки то соли 1991, яъне дар 70 соли замони гузашта дар мамлакат ҳамагӣ 2862 муассисаву иншооти тандурустӣ бо 52 ҳазору 800 нафар корманд фаъолият дошта бошад, пас дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан, дар 25 соли охир 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Табиист, ки аҳолии кишвар дар ин муддат ду баробар афзудааст. Бинобар ин, дар нақшаҳои ҳукумат мунтазам зиёд кардани муассисаҳои табобатӣ, ташхисӣ ва солимгардонӣ дар назар гирифта шудааст. Ҳоло шумораи муассисаҳои тандурустии мамлакат нисбат ба соли 1991 қариб ду баробар зиёд гардида, ба 5116 ва кормандони онҳо ба 79 ҳазор расидааст. Бояд зикр кард, ки муас-

сисаҳои тиббии хусусӣ низ зиёд шуда истодаанд ва мардум вобаста ба имконоташон аз онҳо истифода мекунанд.

Президент дар бораи ҳадафи давлат дар ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ишора намуда, бори дигар таъкид кардаанд: «Тавре ки борҳо зикр намудам, ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебошад». Гувоҳи ин гуфтаи Президент чораҳои зерин низ мебошад, ки, дар панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 19 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2022-юм 4,3 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Дар баробари ин, барои дастгирии шаҳрвандони эҳтиёҷманди кишвар то охири соли 2022 ба 475 ҳазор аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ пардохти кумаки молиявии яквақта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан дар назар гирифта шудааст ва ба ин мақсад 285 миллион сомонӣ равона шудааст.

Дар ҳар давру замон ва ҳар як давлату ҷомеа масъалаи таъмин бо манзили истиқоматӣ аз проблемаҳои асосӣ будааст ва мебошад. Дар ҳалли ин масъала моҳияти иҷтимоӣ доштани давлат бештар зоҳир мегардад. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон барои сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, ба хусус дар шаҳрҳо, корҳои муайяне ба анҷом расида буданд. Таъминоти манзил комилан аз ҷониби давлат сурат мегирифт. Вале суръати тараққиёти сохтмон ва таъмин бо манзил дар Тоҷикистон нисбат ба ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ сусттар буда, хусусиятҳои миллӣ дар назар гирифта намешуданд. Дар замони Истиқлоли давлатӣ ба ин масъала аҳамият бештар дода мешавад. Президент муҳиммияти масъалаи манзилро ёдовар шуда, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат то имрӯз чораҳои зарурии анҷомёфтаро бо зикри рақамҳои омории дақиқ нишон додаанд. Ва инро муваффақияти сиёсати иҷтимоии кишвар метавон арзёбӣ кард. Маълум гардид, ки «аз соли 2000-ум то соли 2022-юм ҳаҷми солонаи ба истифода супоридани манзил аз 245 ҳазор метри мураббаъ ба зиёда аз 1,5 миллион метри мураббаъ расидааст. Бо мақсади беҳтар кардани шароити зиндагии мардуми кишвар танҳо дар 10 соли охир 7,2 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ барои бунёди беш аз 14 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба аҳолии мамлакат ҷудо гардидааст. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ ба 1 миллиону 450 ҳазор оила замини наздиҳавлигӣ барои бунёди манзил ҷудо карда дода шудааст. Бо ин мақсад 139 ҳазор гектар замин ҷудо гардида, беш аз 9 миллион нафар шаҳрвандони мо имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд».

Эъмори роҳҳо низ аз масъалаҳои хеле зарурӣ барои робитаи минтақаҳои кишвар ва равнақи бозори дохилӣ буда, ба ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ низ нигаронида шудааст. Воқеан, мавриди зикр аст, ки дар оғози истиқлоли давлатӣ кишвар беш аз шаш моҳ бо се минтақаи аз ҳам ҷудо вуҷуд дошт. Ин ба робитаҳои комили иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ монеъ мегардид. Эъмори шоҳроҳҳо, нақбҳо барои пайвастани минтақаҳои кишвар нақши басе бузург доранд. Сохтмони роҳҳо боз ҳам идома дорад. Дар Паём омадааст, ки ба манзури «беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар 5 соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, 4 долон ва якчанд эстакада бунёд карда шуданд». Роҳҳо барои таҳким ва фаъолияти муътадили бозори дохилӣ мусоидат намуданд. «Солҳои охир, зикр намуданд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабо-

нарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд».

Бо тараққиёти соҳаҳои асосии иқтисоди миллии кишвар ва афзудани воридот ба буҷаи давлат зиёд шудани маош, нафақа, стипендияҳо ва ёрдампулиҳо дар назар гирифта мешаванд. Соли 2023, бо вуҷуди баъзе мушкилиҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳон, ки таъсири манфии он, бешубҳа, ба ҳар кишвар мерасад, инчунин аз тарафи кишвари ҳамсоя ҳамлаи низомӣ ба сарҳад, тараққиёти Тоҷикистон идома ёфт. Бинобар ин, Президенти муҳтарам дастур доданд, ки «аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад; аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд; аз 1-уми июли соли 2023 андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шавад; нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин ва пардохт мегарданд, ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир, вале на кам аз 16 фоиз индексатсия, яъне зиёд карда шаванд; дигар нафақаҳои амалкунанда ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ зиёд карда шаванд».

Аз тарафи СММ қабул шудани пешниҳоди Тоҷикистон оид ба эълони Соли ҳифзи пиряххо, ки ибтикори нави сарвари давлат буд, бори дигар эътибори кишвари соҳибистиқлоламонро дар арсаи ҷаҳонӣ боло бурд. Зеро кишвари мо на танҳо барои манфиати хеш, балки барои манфиати халқҳои минтақа ва ҷаҳон низ ҳавасмандии худро амалан нишон медиҳад.

Мо, кормандони илм, дар партави сиёсати созанда ва ободкоронаи давлати соҳибистиқлоламон ва дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои вусъати таҳқиқоти илмӣ, таълифи асарҳои ҷавобгӯи талаботи замон, тарбияи кадрҳои илмӣ ва педагогии дорои ихтисоси олӣ бояд бо масъулияти баланд кору пайкор намоем. Бояд гуфт, ки илми ҳақиқӣ хилофи саҳлангорӣ, бепринсипӣ ва манфиатҷӯӣ аз вазифа мебошад. Илму амал бояд бо ҳам пайванд бошанд. Чунон ки яке аз бузургони адабиёту фарҳанги халқамон гуфтааст:

*Илм бо кор судманд бувад,*
*Илми бекор пойбанд бувад.*

Суханони зерини Пешвои миллат бояд дастури ҳамарӯза барои фаъолияти масъулонаи илмии мо бошад: «Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад».

## РАЗВИТИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**Олимов К.**

## DEVELOPMENT OF THE SOCIAL POLICY OF TAJIKISTAN IN THE MODERN CONDITIONS OF GLOBALIZATION

**Olimov** K.

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ РУШДИ ИЛМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Зиёӣ Х. М.** – доктори илмҳои фалсафа, профессор

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки санаи 23 декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, бори дигар собит намуд, ки, дар ҳақиқат ҳам, дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати малакати мо илму маориф мақоми хосса дошта, ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ барои пешрафти бомароми ин соҳаҳо тамоми тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шуда истодаанд. Ҳадаф аз амалисозии чунин сиёсат пояи устувори илмию иҷтимоӣ дорад, зеро чунонки Пешвои муаззами миллат дар Паёмашон таъкид доштанд, «ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад».

Вобаста ба ин қобили зикр аст, ки неруи инсонӣ, аз нуқтаи назари фалсафаи иҷтимоӣ, фарогири «сармояи инсонӣ», «сармояи иҷтимоӣ», «сармояи фарҳангӣ», «сармояи шаҳрвандӣ» ва амсоли он буда, одатан сармоягузорӣ ба рушди онҳо афзалтар аз маблағгузории соҳаҳои моддӣ дониста мешавад, зеро ин амал барои ҳар як ҷомеа хусусияти дурнамосозӣ дорад. Сармояҳои зикршуда маҷмуи донишҳо, малакаву маҳоратҳои инсонро барои қонеъгардонии талаботи мухталифи шахси алоҳида ё ҷомеа дар кул дар бар мегиранд ва ба рушди неруи маърифатӣ ва зеҳнии инсон дахл дошта, ҳамчун асоси рушди иқтисодӣ ва инноватсионии ҷомеа хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, рушди неруи инсонӣ тавассути дастгирии илму маориф, ки дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат бо иқдоми бевоситаи Пешвои муаззами миллат ҳамчун самти афзалиятнок эълон шудааст, метавонад аллакай дар ояндаи наздик самараҳои бесобиқаи худро барои ҷомеаи муосири мо ба бор орад.

Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки рушди неруи инсониро ҳамчун ҳадаф қарор дода, Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони соҳаҳои ба он марбутбуда, аз ҷумла намояндагони соҳаҳои илму маорифро пайгирона аз ҷиҳати маънавию моддӣ дастгирӣ менамоянд. Ин аст, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз санаи 23 декабри соли 2022 боз як нишонаи чунин ғамхориҳо зуҳур намуда, имсол музди меҳнати кормандони муассисаҳои илму маориф, дар қатори соҳаҳои дигари иҷтимоӣ, бори дигар 20 фоиз зиёд карда мешавад. Боварию эътимоди комил дорем, ки чунин ғамхорӣ кормандони ин соҳаҳо, аз ҷумла олимону донишмандони ҷумҳуриро барои боз ҳам рушд бахшидани илму пажӯҳишҳои муосири илмию таҳқиқотӣ дар самтҳои барои кишвари мо афзалиятнок беш аз пеш сафарбар месозад.

Дар робита бо самтҳои афзалиятноки рушди илм, ки дар партави Паёми Пешвои муаззами миллат олимону донишмандони кишвари мо метавонистанд дар рушди онҳо саҳм гиранд, қабл аз ҳама бояд рушди энергетикаи водородӣ ё неруи гидрогениро зикр созем, зеро чунонки дар Паём вазифагузорӣ карда шуд, бояд дар ҷумҳурӣ бо дарназардошти имконияту захираҳои «энергияи сабз» дар кишвар, гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуда, ин масъала ҳамаҷониба омӯхта ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳоди мушаххас манзур карда шавад. Чунин вазифагузорӣ беасос нест, зеро, чунонки маълум аст, гидроген яке аз унсурҳои кимиёвии аз дигар унсурҳо дар табиат бештар

пахншуда буда, неруи бо истифода аз он истеҳсолшуда аз ҷиҳати экологӣ тоза ба ҳисоб меравад. Ин бошад, ба ҳадафи стратегии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгирифта, яъне бунёди «иқтисоди сабз» ба пурраги мувофиқат мекунад.

Аз ҷониби дигар, сифатҳои худи гидроген ва неруи аз он ҳосилшаванда низ мубрамияти масъалаи мазкурро барои илм таъкид месозанд: нақлиёте, ки бо истифодаи гидроген кор мекунад, дар тафовут аз истифода аз навъҳои дигари сӯзишворӣ ба ҳамон миқдор 2-3 маротиба масофаи бештарро тай мекунад; ҳамлу нақли гидроген тавассути лӯлаҳои газгузаронӣ ва зарфҳои бузург хеле саҳл аст; муҳлати захира ва нигаҳдории он тулонӣ буда, таъмин сохтани шароити барои ин зарурӣ низ чандон душвор нест; неруи гидрогенӣ метавонад дар тамоми соҳаҳои саноат, нақлиёт, масалан дар муҳаррикҳои мавҷубудаи дизелӣ, хоҷагии манзилдорӣ ва амсоли он ба таври васеъ истифода бурда шавад ва ғайра. Албатта, ҷиҳатҳои манфӣ низ дар истифода аз чунин неру метавонанд бошанд, вале дар ҳар сурат ин масъала дар тамоми кишварҳои олам то ҳол мубрам боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, имрӯз дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Хитой, ИМА, Корея, Австралия, Канада, Япония ва амсоли он ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Оид ба неруи гидрогенӣ сухан гуфта, бояд тазаккур дод, ки мушкилоти асосӣ дар истифодаи ин унсур ба он алоқаманд аст, ки то ҳол дар илмҳои марбута механизми ягонаи истихроҷи он аз нафт, газ ва захираҳои дигари табиӣ, аз ҷумла бо истифода аз дастгоҳи акустикӣ коркард нашудааст. Аз ин рӯ, эътимоди комил дорем, ки олимону донишмандони табиатшиноси кишварамон масъалаҳову мушкилотро дар ин самт дастаҷамъона мавриди таҳқиқу баррасиҳои амиқи илмӣ қарор дода, дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои дар Паём гузошташуда ба бозёфтҳои назаррас ноил мегарданд.

Дар баробари рушди неруи инсонӣ ва «энергияи сабз», аз ҷумла бо истифода аз неруи гидрогенӣ, инчунин мехостем боз ду вазифаи дигареро, ки дар Паём вобаста ба вазъи илм дар ҷумҳурӣ таъкид гардиданд, махсусан зикр намоем. Аввалан, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, истифода намуда, бояд «бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд». Дар ин самт, аз нигоҳи мо, дар баробари лоиҳаҳои бунёдӣ ҳамасола аз ҷониби ниҳодҳои илмӣ роҳандозӣ намудани лоиҳаҳои хусусияти татбиқию амалӣ дошта метавонанд самараи хуб ба бор орад.

Сониян, Пешвои муаззами миллат таъкид доштанд, ки муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ вобаста ба вазъи имрӯзаи илми кишвар бояд «ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан» ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти илмӣ тадбирҳои муассир андешанд. Барои расидан ба ин ҳадаф, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар рушди технологияҳои инноватсионӣ, тавсеаи ҳамкориҳои илмии дохилию хориҷӣ миёни муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мусоидат намоянд.

Дар баробари ин Пешвои миллат дар Паёмашон иброз доштанд, ки «14-уми декабри соли ҷорӣ Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қарор қабул кард… Мояи ифтихор ва сарфарозии ҳамаи мост, ки панҷумин ибтикори ҷаҳонии кишвари мо оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра амалӣ хоҳад шуд».

Дар ҳақиқат ҳам дар санаи зикршуда тамоми расонаҳои хабарии олам паёми хушеро дар бораи боз як ташаббуси созандаи Пешвои миллат ба кулли инсоният расониданд – дар ин рӯз Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни баргузории иҷлосияи 77-уми худ Қатъномаи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешбарӣ шуда буд, бо тарафдории 153 кишвари узви СММ қабул намуд. Тавре, ки маълум аст, ин пешниҳоди Пешвои муаззами миллат бори аввал, ҳанӯз моҳи марти соли 2021 дар ҷаласаи нахустини пешвоёни Эътилофи обу иқлим ба самъи ҷаҳониён расонида шуда буд ва, хушбахтона, имсол он ба таври расмӣ аз ҷониби тамоми кишварҳои олам пазируфта шуд.

Бояд зикр намуд, ки дар асоси Қатъномаи мазкур 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо ва соли 2025 ҳамчун соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардида, дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряххо ва дар соли 2025 баргузор намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххоро дар пойтахти кишвари азизамон - шаҳри Душанбе пешбинӣ менамояд. Ҳамаи ин аз аҳаммияти бениҳоят бузурги иқдоми навбатии Пешвои миллати тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Дар бораи аҳаммияти ин ҳодисаи таърихӣ барои кулли инсоният метавон бо овардани сабабу омилҳои зиёде сухан кард, вале инҷо мехостем танҳо якчанд нуктаро таъкид намоем.

Аввалан, чунонки дар Паёми шодбошии Пешвои миллат ба муносибати қабул гардидани ин Қатънома низ зикр гардидааст, ин «ташаббуси панҷуми Тоҷикистон гувоҳи боз ҳам баланд гардидани обрӯю эътибори кишвари мо дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад».

Сониян, таваҷҷуҳи кишвари мо ва Пешвои муаззами миллат ба пиряххо давоми мантиқии ҳамон ташаббусҳои созандаи Тоҷикистон дар масъалаҳои об мебошад, ки дар ин самт давлати мо ба ҳайси як ташаббускори марказӣ дар сатҳи байналмилалӣ шинохта шуда, минбаъд мақоми онро дар ин симмат боз ҳам баландтар мекунад.

Сеюм, иқдоми мазкур оид ба ҳифзи пиряххо бори дигар таъкид месозад, ки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакати мо оид ба бунёди «иқтисоди сабз», танзими истифодаи об дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба таври одилона ва дар асоси талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ва, дар маҷмуъ, оид ба экология пояҳои устувори илмӣ дошта, бо дарназардошти дурнамои наздику дарозмуҳлат амалӣ карда мешавад.

Ва ниҳоят, аҳаммияти бузурги ин иқдомро нақши пиряххо дар табиат ва ҳаёти одамон, ки имрӯз ба ҳифз намудан аз ҷониби инсон ниёз доранд, таъкид месозад. Мавҷудияти пиряххо, чунонки таҳқиқоти илмӣ, шаҳодат медиҳанд, як воситаи муҳимми пешгирӣ аз гармшавии иқлим дар сатҳи сайёра мебошад, зеро онҳо нурҳои офтобро инъикос намуда, то андозаи муайян гармшавии заминро монеъ мешаванд. Ҳамзамон, ҳифзи пиряххо имкон медиҳад, ки обшавии онҳо пешгирӣ карда шуда, бо ин роҳ болоравии сатҳи об дар уқёнуси ҷаҳонӣ кам карда шавад, ки ин, дар навбати худ, хавфи зери об мондани ҷазираҳои зиёд ва замини кишварҳои наздиуқёнусиро бартараф месозад. Дар бораи аҳаммияти пиряххое, ки дар дохили материкҳо, дар кӯҳҳо ҷойгиранд, ҳоҷат ба овардани ягон далел нест, зеро онҳо манбаи оби ошомиданӣ мебошанд, ки барои инсоният дар баробари нон ҳамчун ғизои асосӣ хизмат намуда, амалисозии кишоварзӣ бе истифода аз он имкон надорад. Аз ин рӯ, ҳифзи пиряххо ин омили асосии бақои инсон дар табиат ба ҳайси намуди биологӣ ба шумор меравад.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки ин ташаббуси навбатии Пешвои миллат на танҳо барои Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ, балки барои кулли инсоният моҳияти бузурги созандагӣ дошта, амалисозии тадбирҳои мушаххас дар ин самт аз ҷониби тамоми кишварҳои олам барои таъмини ояндаи нек дар кулли сайёра мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, эътимоди комил дорем, ки олимону донишмандони ҷумҳурӣ барои расидан ба ин ҳадаф саҳмгузорӣ мекунанд ва дар иҷрои вазифаҳое, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ин масъала гузоштаанд, яъне таҳияи «стратегия, харитаи роҳ ва дигар са-

надҳои лозимаи байналмилалӣ оид ба татбиқи чораҳои зарурии муштарак дар ҳалли масъалаҳои пешгирӣ аз обшавии босуръати пиряххо, ҳифзи пиряххо ва истифодаи самараноки онҳо дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ ҳамчун манбаъҳои асосии обҳои мусаффои ошомиданӣ» дар сафи пеш хоҳанд буд.

Як иқдоми бузурги дигар, ки дар Паём Пешвои миллат ба миён гузоштанд, ин ба Интернет рабт дорад. Чунонки маълум аст, дар шароити муосир пешбурди фаъолияти илмӣ бе дастрасӣ ба Интернети мусоид ғайриимкон аст. Хушбахтона, ин ва рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ дар кишвар ва масъалаҳои дигарро ба эътибор гирифта, дар Паём Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҷумҳурӣ вазифадор карда шуд, ки «якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд». Боварӣ дорем, ки ин мушкилот ҳалли мусбати худро меёбад ва ходимони илмии мамлакат имконияти бештари фаъолияти илмиро бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ пайдо мекунанд.

Дар маҷмуъ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки санаи 23 декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, нишон медиҳад, ки дар қатори масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакати мо ба рушди илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Ин ҳама эътимоду боварии мардуми моро ба рушди минбаъдаи кишвар бо такя ба илм тақвият бахшида, имкон медиҳад, ки ба ояндаи дурахшони миллату давлати соҳибистиқлоли хеш хушбинона умед бандем.

## ПОСЛАНИЕ ЛИДЕРА НАЦИИ И ЗАДАЧИ ПО РАЗВИТИЮ НАУКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Зиёи Х. М.**

## MESSAGE OF THE LEADER OF THE NATION AND TASKS FOR THE DEVELOPMENT OF SCIENCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Ziyoi H. M.**

№1 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

## Ф А Л С А Ф А – Ф И Л О С О Ф И Я – P H I L O S O P H Y

** ** **

# ФЕНОМЕНЫ «СОЦИАЛЬНАЯ СПРАВЕДЛИВОСТЬ», «СОЦИАЛЬНОЕ РАВЕНСТВО», «СОЦИАЛЬНОЕ НЕРАВЕНСТВО»: ИХ СУЩНОСТЬ И ВЗАИМОСВЯЗЬ

**Саидов А. С.** – д.ф.н., профессор, зав. отделом социальной философии ИФПП НАНТ,
**Назар М. А.** – к.ф.н., доцент, директор ИФПП НАНТ

*Феномены «социальная справедливость», «социальное равенство» и «социальное неравенство» всегда привлекали внимания исследователей-обществоведов. Они, как междициплинарная проблема, выступают объектом изучения таких наук, как социология, социальная психология, философия, право и др.*

*Несомненно, эти явления общественной жизни тесно связаны друг с другом, и выяление их сущностных характеристик очень трудно без констатации диалектики их взаимодействия, что возможно только в рамках познавательных возможностей социально-философских наук.*

*В данной статье осуществлена попытка подвергать анализу сущность и взаимосвязь этих сложных, и вто же время, важнейших фактов реалий жизни человеческой цивилизаций.*

***Ключевые слова:*** *социальная справедливость, социальное равенство, социальное неравенство, общество, ценность, люди, наука и др.*

Вопросы, связанные с феноменом «справедливость», всегда были и остаются в центре внимания человечества, поскольку они тесно свзаны с процессом жизнедеятельности общества на всех этапах его развития. В современной обществоведческой науке он стал междисциплинапной проблемой. В своих разработках исследователи акцентируют различные виды данного явления (правовая, моральная, профессиональная, политическая, экономическая и др.), среди которых одной из важных и сложных его модификаций, по мнению исследователей, выступает социальная справедливость [21]. Понятие «социальная справедливость» вошло в научный обиход в середине второй промышленной революции XIX века в Европе.

Необходимо отметить, что проблеме социальной справедливости в последнее время посвящено немало научных исследований, особенно в отрасли социальной философии [3, 6, 7, 13]. Исходя из существующих в науке множества определений понятия «социальная справедливость», в краткой форме её сущность можно фиксировать следующим образом: социально-политический и этико-правовой принцип, представляющий соответствие между практическим статусом социальной группы в жизни общества и их социальным положением, правами и обязанностями, поведением и вознаграждением, трудом и наградами, преступлениями и наказаниями.

Социальная справедливость – это ценность, которая способствует равное уважение к правам и обязанностям каждого человека в конкретном обществе. Она в целом направлена на справедливое распределение основных товаров и услуг, необходимых для роста и развития человека в обществе, таких как социальное благополучие, образование, здравоохранение и право. Являясь фундаментальной социальной ценностью, важность социальной справедливости заключается в том, что она способствует интеграции и защите от эксплуатации наиболее уязвимых слоёв населения, чтобы они двигались вперёд к более справедливому и праведному обществу.

Осуществляя краткий экскурс в историю человечества, можно обнаружить, что в первобытном обществе социальная справедливость проявлялась в форме соблюдения требований общества, однородных прав и равного ис-

пользования средств существования, и основывалась на общности собственности. С появлением частной собственности и общественного неравенства была инсталлирована разница между социальной справедливостью и равенством. Мыслители прошлого были убеждены, что социальная справедливость не может быть в обществе, разделенном на антагонистические (репрессивные и угнетенные) классы. По их мнению, правящий класс всё, что соответствует их экономическим и политическим интересам, называет социальной справедливостью, а то, что противоречит их интересам несправедливостью. Способ устранения социальной несправедливости и построения справедливых отношений между людьми впервые был разработан основателями марксизма на теоретическом уровне [8].

Основные постулаты марксизма о социальной справедливости стали реализоваться в Советском Союзе в прошлом столетии. После победы Великой Октябрьской, в результате свержения эксплуататорского класса и ликвидации частной собственности на средства производства, социальная справедливость охватила все аспекты отношений социалистического общества. Равенство людей было обеспечено независимо от социальной, национальной принадлежности, пола и религии, участия в социально-политической и культурной жизни, было введено равное право на труд и получение вознаграждения каждому по принципу «каждый по своим способностям, каждому по труду». При социализме «...эксплуатация человека человеком становится невозможной» [9, 98]. Тем не менее, в связи с сохранением социальных различий (между городом и деревней, физическим и умственным трудом сеткой, квалифицированными и неквалифицированными участниками процесса производства и т.д.) общество «не в состоянии немедленно устранить дальнейшую несправедливость, которая имеет место в распределении потребительских товаров по труду» [9, 98]. В связи с чем, на первом этапе построения коммунистической формации, т.е. социализма, «несправедливые различия также остаются...» [9, 104].

Одной из причин нарушения принципа социальной справедливости марксизм считает ослабление государственного контроля над размерами производства и потребления. В результате появляются «группы людей, которые открыто выступают за частную собственность, и пренебрегают общественными интересами» [8, 119]. Однако при социализме неоправданная уравниловка, гарантированная оплата труда создавала дух полезности среди определенной группы людей независимо от индивидуального вклада работника и качества продукции. Несовершенство системы оплаты труда в некоторых сферах общественной жизни привело к не совсем обоснованному перераспределению материальных благ. Эти негативные явления создали определённые стереотипы в сознание народа о социальной справедливости и достигнутых в этом отношении успехах в этом плане. Поэтому ряд теорий, которые опровергают марксистские взгляды на социальную справедливость, основанные на равенстве общественной собственности, признаёт роль частной собственности в установлении социальной справедливости в обществе, а также почёркивается доминирующая функция прав людей в нём [18].

Социальную справедливость средневековые восточные мыслители связывали со справедливым обществом, и это было бы со стороны людей попыткой создать для себя более достойной жизни. Они объясняли основные корни проблемы социальной справедливости с точки зрения религии и политики, а также считали, что её торжество в государстве зависит правителя.

К примеру, выдающийся средневековый таджикский мыслитель Абуали Ибни Сино считал, что добрая воля и праведные действия правителя может обеспечить социальную справедливость в обществе. Поскольку в жизни общества происходят нестабильные социальные события, которые непосредственно в такие моменты требуют необходимых мер и инициации, поэтому добрая воля даёт возможность королю взвесить горе

бедных и обездоленных в рамках разума и справедливости, оказать им материальную и духовную помощь, тем самым, обеспечивая социальную справедливость [1].

Другой известный таджикский мыслитель Мир Сайид Али Хамадони по этому поводу подчёркивает, что «правитель должен предстваить себя на место одного из своих поданных. В этом случае, он не будет несправедлив по отношению к своим поданным, равно как и по отношению к самому себе» [11, 123].

Продолжая анализ, отметим, что социальная справедливость характеризуется, прежде всего, как важнейшая социальная ценность в любом социуме, и обеспечивает общее благо и гармоничное сосуществование в обществе, в котором живут и производят индивиды. Заметим, что в общественном сознании народов современного мира социальная справедливость измеряется в рамках следующих трёх основных критериев: уравнительный, рыночный и трудовой. Она гарантирует пропорционального соотношения индивидуального интереса и общего блага, основанного на фундаментальных человеческих ценностях. В этом смысле социальная справедливость сосредотачивает свои усилия на поиске равенства в различных социальных вопросах, которые должны быть решены. Принципы социальной справедливости возникают в противовес того, что называется сопротивлением большинства народа против его эксплуатации со стороны имущего меньшинства, и выступающее как социальная проблема.

Согласно мнению исследователей, типы социальной справедливости классифицируются в той сфере, к которой она применяется. То есть она систематизируется по тем отраслям, в которых люди трудились со времён промышленной революции [2]. А именно:

- социальная трудовая справедливость, обеспечивающая нормальные отношения между трудящимися и работодателем, а также физические и психологические условия, необходимые работнику для рационального выполнения своих обязанностей;

- социально-экономическая справедливость, регулирующая равноправное распределение богатства, не накопливающих только в руках отдельных участников общественного производства, поскольку в результате оно создает серьезный дисбаланс между другими социальными несправедливостями. Социальная справедливость в экономике проявляется также в том, что члены общества за счет своего труда получают необходимые им средства к существованию, а те, кто не достиг возраста к вступления в трудовую деятельност. или недееспособны, обеспечиваются за счет государства;

- социальная справедливость в здравоохранении, гарантирующая право на здоровье одинаково для всех людей, поскольку это основное закон, к которому каждый может получить доступ;

- правовая социальная справедливость проявляется в том, что для её обеспечения в обществе уголовное или административное законодательство при установлении санкции статьи предусматривает предельные и низшие пределы наказания, порядок назначения наказания для отдельных категорий людей (несовершеннолетних, беременных женщин и т. д.), обстоятельства, смягчающие и ужесточающие наказание, основания для освобождения от уголовной ответственности и наказания. Суд обязательно должен учитывать их при назначении наказания.

Уместно констатировать, что феномен социальной справедливости органически связан с явлениями равенства и неравенства индивидов в обществе в конкретных исторических условиях развития. В современной обществоведческой науке можно встретить такое утверждение исследователей, что справедливость есть не что иное, как последовательно проведённое равенство. По меткому выражению О. де Бальзак, «Возможно, равенство – это право, но никакая сила на Земле не сделает его фактом» [22].

Некоторые современные исследователи социальную справедливость считают синонимом социального равенства, однако эти феномены отличаются друг от друга выражением стремления к

равенству. Считая социальное равенство основой социальной стабильности, они определяют его как вид социальных отношений, для которого характерны одинаковые права и свободы индивидов, принадлежащих к различным классам, социальным группам и слоям, их равенство перед законом [15]. В целом, как выше было отмечено, понятие «социальная справедливость» применяется по отношению деятельности людей в различных сферах жизни, а понятие «социальное равенство» включает в себя все виды равенства, независимо от того, в каких отраслях общественного производства индивиды выполняют свои функции.

Несомненно, в истории народов мира, в частности таджиков, борьба за социальное равенство началась ещё с древних времён. Так, одним из народных движений в раннесредневековом Востоке по преодолению социального неравенства было восстание Маздака в период правления Сасанидов. Согласно социальной доктрине маздакии, земля, вода, пастбища и др. природные ресурсы в равной степени принадлежат всем членам общества. Следовательно, один или несколько человек не имели права узурпировать большую часть естественного богатства, чем большинство людей. Последователи маздакии настаивали на том, что не допустимо, чтобы один мужчина имел несколько жён и много богатства, а другие были лишены этого [4]. Большинство представителей школы суфизма, в том числе Аттор и Руми, подчеркивали, что все люди, от дервиша до султана, равны перед Творцом, и поскольку они рождаютя одинаково равными, поэтому один не должен подчиняться другому [19]. Эквивалентная этим учениям, идея социального равенства также встречается в работах других средневековых восточных мыслителей (Фараби, Туси, Фирдавси и др.).

Западные мыслители в средние века также изучали причины появления неравенства, и искали способы его преодоления в связи с возникновением новых социальных условий жизни общества в разные исторические периоды. Например, Т. Мор и Т. Кампанелла считали, что частная собственность на средства производства стала основной причиной социального неравенства [20]. Такую же идею в XVIII веке выдвигает и французский философ Ж.Ж. Руссо в своём труде «Об общественном договоре или принципы политического права» [17]. Эти мыслители равенство людей в обществе тесно связывали с явлениями справедливости, совести и добра, что имело место в учениях других представителей утопического социализма (Ж.С. Моль, Г. Мабли и Морелли), которые немного иначе объясняли сущность данного феномена.

Безусловно, идея социального равенства в учении Сен-Симона, Фурье и Р. Оуэн развивалась еще больше, но они так и не смогли преодолеть недостатки своих утопических представлений. Тем не менее, взгляды утопичеких социалистов и просветителей оказали огромное влияние на пропаганду равенства в общественной практике. В буржуазной революции Англии (XVII в.) и Великой французской революции (вторая половина XVIII в.) предположения Левеллера (эгалитаристы в Англии) и бабувистов (последователи Бабёфа во Франции) были направлены на введение общегосударственного социального равенства. Буржуазная революция в Европе привела к серии изменений в общественных отношениях, и впервые в этом континенте были ликвидированы клановые и сословные льготы.

В XIX веке проблема социального равенства на теоретеческом уровне была разработана основоположниками марксизма - К. Марксом и Ф. Энгельсом. Они были убеждены, что подлинного социального равенства можно достичь только в коммммунистической формации, где нет частной собственности, и отсутствует эксплуатация человека человеком [16]. В дальнешем, когда приципы коммунизма были реализованы в советском обществе, все учёные-обществоведы придерживались и развивали эту концепцию.

В современной обществоведческой науке проблемы социального равенства рассматриваются относительно в ином ракурсе, в плане тесной взаимосвязи с вопросами социальной справедливости.

В частности, по мнению некоторых исследователей, при сравнении понятия «социальная справедливость» и «социальное равенство», можно выявить, что первое объёмистое по содержанию, чем второе. Социальное равенство (и неравенство) выступает только одним из аспектов оценки социальных действий с точки зрения того, являются ли они справедливыми (или несправедливыми). Понятия «социальное равенство» и «социальная справедливость» являются важными качественными признаками социальной деятельности, хотя они отражают её различные свойства. В частности, понятие «социальное равенство» относится к общественному положению социальных субъектов, которые взаимодействуют друг с другом [14, 68].

Вне всякого сомнения, достичь абсолютного социального равенства во всех сферах жизни общества невозможно, неравенство в социальных отношениях людей было раннее, сейчас существует, и в перспективе тоже будет иметь место.

Разумеется, социальному равенству в обществе противостоит социальное неравенство – различие или разделение людей на классы, слои или группы в соответствии с их положением в обществе, которое считается неравным использованием возможностей, привилегий и прав. Если социальное неравенство выразить прозрачно в виде взаимосвязей, то на самых низких уровнях развития человеческого общества оно будет проявляться в отношении между тиранами и бедными, эксплуатируемыми и богатыми, тем, у кого есть власть и деньги и тем, кто не имеет их. Совершенно обоснованно утчерждение, что «Противоречивое соотношение равенства и неравенства составляет сердцевину исторически меняющихся концепций справедливости» [10, 241].

Основными причинами социального неравенства исследователи считают неравное отношение к собственности вообще и распределения товарной собственности в частности. Видный немецкий социолог Р. Михельс видел причины предоставления особых привилегий и полномочий правительственным аппаратам, выбранным одним человеком [12].

Социальное неравенство в современном мире связанно с тем, что основные ресурсы планеты могут быть использованы только выборочно, а также возникновение конфликтов и войн между странами. Их последствия постепенно усугубляются и выражаются в медленном развитии многих стран, что приведёт к тому, что прогресс во всех сферах жизни общества также снижается. Более того, демократия как система теряет свои позиции, нарастает напряжённость, неудовлетворённость, психологическое давление и социальная дискриминация в социумах. По данным ООН, на современном этапе развития человеческой цивилизации половина мировых резервов находится в руках 1% высшей элиты государств нашей планеты [5].

Значительная часть показателя социального неравенства во всем мире составляют различные уровни доходов населения в той или иной стране.

Другими факторами, которые влияют наличие социального неравенства в мировом сообществе, это:

а) место проживания людей (город или деревня). Неоспоримый факт, что в сельской местности оплата туда меньше, необходимая инфраструктура отсутствует, бытовые условия хуже, чем в городе, но объём работы там намного больше;

б) социальная роль (родитель, учитель, чиновник и т.д.).

в) определение своего статуса, репутации, наличия имущественного ресурса, собственности;

г) разделение труда (физический и интеллектуальный труд оплачивается неодинаково).

Совершенно очевидно, что социальное неравенство способствует возникновению других типов неравенства, такие как гендерное неравенство, расовое неравенство, региональное неравенство в пространстве мирового уровня.

Естественно, социальное неравенство в современном мире приводит к негативным последствиям, среди которых самыми ощутимыми являются:

1) рост уровня безработицы в обществе;

2) повышение степени насилия и преступности, вызванное одной группой уязвимых людей, чтобы выжить в кризисе и доминировать над другими;

3) задержки в экономическом прогрессе страны;

4) недоедание и детская смертность из-за нехватки экономических ресурсов;

5) неравенство доходов;

6) отсутствие необходимой информации и доступа к системе здравоохранения и медикаментов;

7) маргинализация отдельных социальных слоёв со стороны общества.

Таким образом, вышеприведённый краткий анализ феноменов «социальная справедливость», «социальное равенство» и «социальное неравенство» даёт основание заключить, что они тесно связаны в реальной жизни социума на протяжении всего исторического процесса. Сущность этих понятий не является нечто неизменной, а трансформируется на конкретных исторических этапах развития человечества в зависимости от степени развития, существующих в обществе, социально-экономических и политических отношений. Они являются предметом изучения многих отраслей обществовеческой науке: социологии, философии, экономики и других. Однако диалектику их сущностных качеств и взаимосвязи можно фундаментально изучить только в рамках методологических возможностей социально-филосоской науке.

**Литература**


1. Абуали Ибни Сино. Избранные произведения. Т.2. – Душанбе, 1980. – 560с.
2. Борисова П. А. Эволюция представлений о социальной справедливости в публичном пространстве современного российского общества: автореф. дисс … к. социол. н. – М., 2016. - 26с.
3. Гаврилова И. Западные трактовки социальной справедливости (обзор концепций) // Социологические исследования. – 2009. - №3. – С.36-44.
4. Гаубе Н. Маздак: историческая реальность или изобретение? // В: Studia Iranica 11, 1982. – С. 111-122.
5. Глобальное расслоение: 82% мирового богатства сосредоточены в руках 1% населения земли. Интернет-ресурс: https://www.forbes.ru/milliardery/35601... (дата обращения: 15.01.2023)
6. Давидович В. Е. Социальная справедливость: идеал и принцип деятельности. – М., 1989. – 256 с.
7. Дыльнова Т.В. Социальная справедливость и социальное неравенство в условиях современной России // Вестник РУДН. – 2005. – №6. – С.161-168.
8. Карчагин Е. В. Спрведливость и революция в социальной философии Маркса // Logos et Praxis. 2018. Vol. 17. – № 4. – Pp. 118-124.
9. Ленин В.И. Полн. собр. соч. Т.33. – С.98.
10. Маликов Г. Р. Справедливость как основной принцип в общественно-правовых взаимоотношениях в представлении средневековых утопистов-гуманистов // Молодой ученый. – 2010. – № 12 (23). – Т.1. – С.240-242.
11. Мир Саид Али Хамадони. Захират-ул-мулк. – Душанбе, 2008. – 372с.
12. Михельс Р. Социология политических партий в условиях демократии // Политология: хрестоматия / Сост. проф. М.А. Василик, доц. М.С. Вершинин. – М.: Гардарики, 2000. – 843 с.
13. Назар М. А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва татбиқшавии он дар ҳаёти ҷамъиятӣ (Социальная справедливость в теории и её релизация в общественной жизни). – Душанбе: «Илм», 2022. – 340с.
14. Назар М. А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ (Социальная справедливость в теории и практике общественной жизни): автореф. дисс. ... д.ф.н. – Душанбе, 2022. – 106 с.
15. Новейший философский словарь. Состав. и гл. науч. ред. А.И. Грицанов. – Минск, 2003. – 1280с.
16. Оганесян А. К. Равенство и справедливость (концепция Дж. Роулса и Д.Белла). – М: Полит. лит-ра, 1990.

17. Руссо Ж. Об общественном договоре или принципы политического права. – М.: Из-во Юрайт, 2019. – 146 с.
18. Самсонова Т. Н. Справедливость равенства и равенство справедливости: из истории западноевропейской мысли (XVI-XIX вв.). – М., 1996. – 136с.
19. Суфийская философия формирования человека и в трудах Джаладдина Руми. Интернет-ресурс: https://ozlib.com/1013392/sotsium/... (дата обращения: 07.01. 2023)
20. Фролова Е. А. Политико-правовые идеи раннего коммунизма: Т. Мор и Т. Кампанелла // Право и государство: теория и практика. – 2020. - №5 (185). – С.64-67.
21. Rawls J. A theory of justice. – Harvard University Press, 1999. – 536 с.
22. Интернет-ресурс: https://multiurok.ru/files/ … (дата обращения: 04.01.2023г.)

## ПАДИДАҲОИ «АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ», «БАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ», «НОБАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ»: МОҲИЯТ ВА ҲАМАЛОҚАМАНДИИ ОНҲО

**Саидов А. С., Назар М. А.**

*Падидаҳои «адолати иҷтимоӣ», «баробарии иҷтимоӣ» ва «нобаробарии иҷтимоӣ» ҳамеша таваҷҷӯҳи муҳаққиқони ҷомеашиносро ба худ ҷалб мекарданд. Онҳо, ҳамчун масъалаи байнисоҳавӣ, объекти омӯзиши чунин илмҳо, аз қабили ҷомеашиносӣ, психологияи иҷтимоӣ, фалсафа, ҳуқуқ ва ғайра мебошанд.*

*Бешубҳа, ин падидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ бо ҳам зич алоқамананд ва муайян кардани хусусиятҳои асосии онҳо бидуни исботи диалектикаи ҳамкории онҳо, ки танҳо дар доираи имкониятҳои маърифатии илмҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ имконпазир аст, ғайри имкон аст.*

*Дар ин мақола кӯшиши мавриди таҳлил қарор додани моҳият ва робитаи ин воқеияти мураккаб ва ҳамзамон муҳимтарини ҳаёти тамаддуни инсонӣ пеш гирифта шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, ҷомеа, арзиш, одамон, илм ва ғайра.*

## THE PHENOMENA OF «SOCIAL JUSTICE», «SOCIAL EQUALITY», «SOCIAL INEQUALITY»: THEIR ESSENCE AND INTERRELATION

**Saidov A.S., Nazar M.A.**

*The phenomena of «social justice», «social equality» and «social inequality» have always attracted the attention of social scientists. They, as an interdisciplinary problem, are the object of study of such sciences as sociology, social psychology, philosophy, law, etc.*

*Undoubtedly, these phenomena of social life are closely related to each other, and the identification of their essential characteristics is very difficult without fixing the dialectic of their interaction, which is possible only within the cognitive capabilities of the social and philosophical sciences.*

*In this article, an attempt is made to analyze the essence and interrelation of this complex, and at the same time, the most important facts of the realities of the life of human civilizations.*

***Keywords:*** *social justice, social equality, social inequality, society, value, people, science, etc.*

# ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМҲО ҲАМЧУН СТРАТЕГИЯИ МУТОБИҚШАВИИ ОИЛАҲО ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНИҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

**Шоисматуллоев Ш.** – узви вобастаи АМИТ, д.и.с., профессор, мудири шуъбаи сотсиологияи ИФСҲ АМИТ

**Барфиев А.М.** – муаллими калони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Дар мақола масъалаҳои танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, аҳамияти он дар мутобиқшавии оилаҳо ба шароитҳои дигаргуншавандаи Тоҷикистон ватанзими самараноки урфу одат ва анъанаҳои миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи муаллифон, баъзе аз шаҳрвандон анъана ва ҷашну маросимҳоро воситаи худнамоӣ, шуҳратпарастӣ, ба даст овардани мақоми иҷтимоӣ истифода намуда, ба исрофкорӣ ва худнамоишдиҳӣ даст мезананд. Муаллифон дар мақола барои такмил ва самаранокии амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳоду тавсияҳо намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *оила, меъёрҳои иҷтимоӣ, анъана, маросим, қонун, танзимнамоӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ, дин, хурофот, накуаҳволӣ.*

Дар ҷомеаи муосир оилаҳо барои беҳтар намудани шароити зиндагии худ аз стратегияҳои гуногуни мутобиқшавӣ ба муҳити тағйирёбандаи ҷомеа истифода мебаранд. Яке аз чунин стратегияҳо танзими меъёрҳои иҷтимоӣ, махсусан, танзими анъанаҳо ва ҷашну маросимҳо мебошад.

Меъёрҳои иҷтимоӣ, мисли урфу одат, расму русум, анъанаҳо, маросимҳо аз замонҳои қадим муносибатҳои иҷтимоии одамонро ба танзим дароварда, бо ин восита тартиботи ҷамъиятиро таъмин менамуданд. То асри XX ин меъёрҳои иҷтимоӣ ягона воситаи коммуникатсия ва ҳамгироии иҷтимоии одамон ба ҳисоб мерафтанд.

Албатта, ҳоло ҳам накши анъанаҳо ва ҷашну маросимҳо дар ваҳдату худшиносии миллӣ, якдигарфаҳмӣ, иттиҳоди мардум аҳамияти зиёди маънавию тарбиявӣ доранд, аммо дар тӯли асрҳо ба расму оинҳо тағйироти зиёде ворид кардаанд, ки дар натиҷа моҳияти иҷтимоию маънавии онҳо аз байн рафта, ба маросимҳои мураккабу исрофкорӣ ва худнамошдиҳию хароҷотҳои беҳуда табдил ёфтаанд “Анъана ва ҷашну маросимҳои мардумӣ дар инкишофи ваҳдату худшиносии миллӣ, дӯстиву рафоқат, якдигарфаҳмӣ, меҳмонпазириву рӯзгордорӣ, ғамхориву шавқат ба ҳамдигар аҳамияти зиёди маънавию тарбиявӣ доранд. Вале чи тавре, ки нишондодҳо ва зиндагии имрӯзаи мо собит намуд, як зумра шаҳрвандон аз суннатҳои мардумиву миллӣ сӯистифода намуда, онҳоро чун воситаи худнамоӣ, шуҳратпарастӣ, ба даст овардани обрӯ ва ҳатто мартабаву мақом истифода менамоянд. Исрофкорӣ ва афзудани ҳирси ман-манӣ боиси пастравии сатҳи маънавиёту зиндагии қисми зиёди мардуми камбизоат гардида, монеи пешравии ҷамъият ва давлат ба сӯи тамаддуни умумибашарӣ, сохтани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ мегардад” [3, с. 2].

Ягон ҷашну маросим аз маъракаҳои азодориву идҳо, балки ҷашни домодиву арӯсӣ ва хатнасуру зодрӯз қайдкуниҳои мардум низ рабту низом надоштанд ва ҳар кадоми он хисороти бузургеро ба буҷаи ҳар як хонавода ворид месохтанд. Баъдан, бо пешрафти илму техника, воситаҳои нави коммуникатсионӣ, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ баъзе аз

ин меъёрҳои иҷтимоӣ моҳияти худро гум кардаанд ва ниёз ба танзим доранд.

Мутаассифона, баъзе аз шаҳрвандон анъана ва ҷашну маросимҳоро воситаи худнамоӣ, шуҳратпарастӣ, ба даст овардани мақоми иҷтимоӣ истифода намуда, ба исрофкорӣ ва худнамоишдиҳӣ даст мезананд. Ин ҳолат, дар мадди аввал ба табақаи камбизоат паёмадҳои ногуворро ба бор меорад. Мардуми ҳанӯз ҳам аз моҳияту маънои аслии баргузории маросимҳо пурра хабардор нестанд, аз ҳад зиёд сермасраф гардидани баргузории ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои мардумӣ бори гарон ба сари шаҳрвандони Тоҷикистон буд.

Тақлидкорӣ ва рақобати бемаънӣ дар гузаронидани тӯю маъракаҳо боиси хароҷотҳо ва исрофкориҳои зиёд шуда, сабаби аз байн рафтани буҷети оилавӣ ва гирифторӣ ба қарзҳои вазнин мегардиданд. Аз сабаби паст гардидани сатҳи маърифати динии шаҳрвандон бисёр маросимҳои динӣ, ки бояд дар доираи хонавода ва наздикон сурат гиранд, ба маъракаҳои пурдабдабаву серхароҷот табдил ёфтанд.

Албатта, Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон азму талош дорад, ки барои ҳар як шаҳрванд шароити зиндагии шоистаро муҳайё созад. Бо ин сабаб, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини зиндагии осудаи мардум бо аҳли зиё ва уламои дин ва фаъолони кишвар машварат намуда, ба хулоса омаданд, ки роҳи ягонаи ҳарчи зудтар халос кардани мардум аз ин вазниниҳои сохта қабули қонун аст.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми шарифи Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар таърихи 8 июни соли 2007 қабул гардид.

Мақсади асосии қабули Қонун:

– паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар кардани шарту шароити зиндагӣ ва рушди ҷомеа;

– ба талаботи замон мувофиқ сохтани анъанаҳои фарҳангӣ ва расму ойинҳои халқӣ;

– муҳофизат ва покиза нигоҳ доштани ҷашну маросимҳои анъанавии халқи тоҷик аз олудашавӣ бо унсурҳои ҷашниву маросимҳои бегона;

– ҳимояи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии мардуми кишварамон;

– ҷилавгирӣ аз хароҷоти зиёдатӣ, зоҳирпарастӣ, исрофкорӣ;

– расидан ба зиндагии шоиста;

– харҷи дурусти маблағҳои пулӣ ва мувофиқи мақсад масраф намудани он;

– аз байн бурдани хурофот ва ҳарзагӯиҳои ношоистаи иддае аз мардуми тангназар;

– ба як низоми муайяну муносиб музаззам сохтани танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва умумибашарӣ;

– ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон аз харҷи беҳуда ва бемантиқ ва ғ.

Соли 2017 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки “баҳри баланд бардоштани масъулиятшиносии ҳар як узви ҷомеа, аз ҷумла шахсони мансабдори давлатӣ, роҳбарони муасисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҷиҳати бемайлон ва якхела иҷро намудани қонунҳо, мустаҳкам намудани интизом ва таъмини кафолати иҷрои амалигардонии талаботи қонуни мазкур нигаронида шуда, тағйиру иловаҳои зикршуда ба хотири таъмини амнияту суботи ҷомеъ, ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии қишрҳои гуногуни ҷомеа, сарфаву сариштакорӣ, мустаҳкам намудани интизоми иҷрокунандагӣ, аз ҷумла интизоми таълиму тарбия, баланд бардоштани масъулияти субъектони раванди таълиму тарбия ва дигар шаҳрвандони ҷумҳурӣ роҳандозӣ карда шудааст. Ба ифодаи дигар, иҷрои қонуни танзими ҷашну маросим – усули устуворгардонии ин- тизоми давлатӣ ва суботи ҷомеъ аст” [10, с. 36].

Айни замон аз қабули Қонун 15 сол сипарӣ мешавад ва ин қонун ба ҷомеаи Тоҷикистон чи манфиатҳо овард. Пеш аз ҳама:

– расму оинҳои нолозиму хурофотпарастонаи зараровар тадриҷан аз байн рафта, шаҳрвандон имкон пайдо карданд, ки бештар ба масъалаҳои беҳтар намудани саломатӣ, шароити муносиби зист барои оила ва тарбияи фарзандон аҳамият диҳанд. Аз 70 номгӯй анъана ва ҷашну маросимҳо 55 номгӯй ихтисор гардида, имрӯз танҳо 15 номгӯи онҳо боқӣ мондааст.

– танҳо аз танзими дар маъракаҳои хатна, тӯйи домодию арӯсӣ, чил ва сол дар ин давра миллиардҳо сомонӣ ба манфиати мардум сарфа гардидааст;

– бо амалӣ шудани Қонуни танзими анъана ва ҷашну маросим дар Тоҷикистон, харҷи бисёре аз хонаводаҳо коҳиш ёфтааст;

– аз ҳисоби маблағҳои сарфагардида барои садҳо нафар навхонадорон манзили истиқоматӣ бунёд ёфта, садҳо нафар шароити рӯзгори худро беҳтар намуд;

– хароҷоти мардум дар баргузории маъракаҳо дар муқоиса то давраи қабули қонун се маротиба кам гардид. Мардум тавонистанд, маблағҳои зиёде ба пешбурди рӯзгорашон амонатгузорӣ намоянд;

– ба шарофати амали ҳамин қонун Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ татбиқ гардид ва сатҳи некуаҳволӣ баланд шуд. Ба шарофати қабули ин қонун сатҳи камбизоатӣ аз 53%-и аҳолии соли 2007 ба 26,3%-и аҳолии соли 2019 омада расид;

– қабули қонуни мазкур тафриқаи иҷтимоиро низ кам намуд ва шумораи синфи миёна зиёд гардид;

– ҳамчунин, амали қонун барои кам гардидани забҳи чорвои калон ва хурд шароит фароҳам оварда, барои нигаҳ доштани чорвои наслдеҳ мусоидат намуда ба амнияти озуқаворӣ мусоидат намуд;

– ин қонун аҳамияти равонӣ низ дорад, зеро акнун ҳар як фарди ҷомеаи имрӯзаи мо имкон пайдо намуд, ки ба муқаррароти Қонун такя намуда, маъракаашро бо хоҳиши худ бе истиҳола ва хиҷолатмандӣ гузаронад.

Инчунин “...бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дасти давлат дар танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ҷашну маросимҳои мардумӣ боз шуда, мақомоти идоракунии давлатӣ бо истифода аз усулҳои маъмурӣ тавонист шаҳрвандони худпараст, зиёдахоҳ, тақлидкорро тобеъ созад. Тобеъсозӣ ин мафҳуми сирф мутеъ кардан, ғулом намудан набуда, ин имконияти ҳуқуқӣ ва воситаи (усули) таъсиррасонии субъекти махсус (мақомоти ҳокимияти давлатӣ) мебошад. Давлат тавасути мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонад бо усул ва воситаҳои таъсиррасонии маъмурӣ иродаи қонунро ҳукмрон гардонад, ашхоси ҳуқуқвайронкунандаро ҷазо диҳад ва дар ҳолатҳои муайян ҳуқуқвайронкуниро пешгирӣ намояд.

Мувофиқи ҳисоботи оморӣ дар замони қабл аз қабули қонун барои баргузории ҳамин миқдор маърака беш аз 1 миллиарду 203 миллиону 912 ҳазор сомонӣ маблағ лозим меомад. Танҳо бо ҳисоби камтарин дар баргузории маъракаҳои хатна, тӯйи домодию арӯсӣ, чил ва сол дар ин давра беш аз 692 миллиону 559 ҳазору 379 сомонӣ ба манфиати мардум сарфа гардидааст. Аз ҳисоби маблағҳои сарфагардида барои садҳо нафар навхонадорон манзили истиқоматӣ бунёд ёфта, садҳо нафар шароити рӯзгори худро беҳтар намуд. Ба шарофати амали ҳамин қонун гузариш ва гардиши сифатан нав «аз татбиқи стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба татбиқи стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ имконпазир гардида истодаст” [11].

Ҳамзамон, имрӯз аксарияти шаҳрвандон муносибати худро ба муқаррароти қонунгузорӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим ҷиддӣ намуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сол то сол зиёдаравию исрофкориҳо дар таҷлили ҷашну маросимҳо шаҳрвандон паст гардида истодааст. Танҳо бо ҳисоби камтарин дар баргузории маъракаҳои хатна, тӯйи

домодию арӯсӣ, чил ва сол дар ин давра беш аз 692 миллиону 559 ҳазору 379 сомонӣ ба манфиати мардум сарфа гардидааст. Аз ҳисоби маблағҳои сарфагардида барои садҳо нафар навхонадорон манзили истиқоматӣ бунёд ёфта, садҳо нафар шароити рӯзгори худро беҳтар намуд. Дар воқеъ амали қонуни мазкур бо коҳиш додани хароҷоти нолозим сатҳи камбизоатиро дар байни 11 сол (солҳои 2007-2018) аз 53 дарсад то 30 дарсад кам кард. Ба шарофати амали ҳамин қонун гузариш ва гардиши сифатан нав аз татбиқи стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба татбиқи стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ имконпазир гардида истодаст [8, с. 255].

Қонуни миллии “Танзими анъана ва ҷашну маросимҳо” аз дастовардҳои ҳуқуқии даврони истиқлолият мебошад. Ба гузориши сомонаи Кумитаи дини Тоҷикистон дар пурсиши сотиологии ин мақомот дар соли 2021, ки 10 ҳазор нафар аз тоҷикистониҳо иштирок кардаанд, “наздик ба 92%-и аз ин афрод аз Қонуни танзими анъана ва ҷашну маросим ҳимоят ва танҳо 3,4 дарсади афроди ширкаткунанда дар ин назарсанҷӣ бо ин қонун мухолифат карданд” [11, с. 28].

**Диаграмаи №1: Муносибати шаҳрвандон ба Қонуни танзим (n=10000)**




Мувофиқи ин пурсиши сотсиологии Кумитаи дини Тоҷикистон вобаста ба таъсири Қонуни мазкур ба буҷаи хонаводаҳо пурсидашудагон аксаран нақши онро мусбат арзёбӣ кардаанд. Аз ҷумла, 55,53% таъсири мусбат ба сатҳи зиндагии мардум гузоштани онро зикр намуда, 26,87% беҳтар гардидани имкони пасандози шаҳрвандонро интихоб намуда, 11,20% нақши онро дар бобати ба таҳсил фаро гирифтани фарзандон мусбат дониста, 4,04% мусоҳибон ба назар нарасидани тағйироти мусбатро дар ин замина қайд карданд ва 2,36% (83 нафар)-и боқимонда фоида надидан ва баръакс бадтар шудани вазъро вобаста ба ин самт баён доштаанд [9].

Бо вуҷуди пешравиҳо, дар самти такмили меъёрии танзими маъмурии ҳуқуқии анъана ва ҷашну маросимҳо таҷриба нишон дод, ки ҳанӯз ҳам гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа масъалаи мазкурро ба дурустӣ дарнаёфтаанд ва санадҳои мазкурро пурра риоя намекунанд. Аввалан фарҳанги ҳуқуқии як қисмати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ниҳоят паст қарор дорад. Дар соли 2020 бар асоси ҳукми додгоҳҳои Тоҷикистон, бо баррасии 609 мавриди нақзи Қонуни танзими анъана ва ҷашну маросим дар додгоҳҳои ин кишвар, афроди мутахаллиф ба пардохти 2 миллиону 500 ҳазор сомонӣ ҷарима маҳкум шуданд [5].

Мақомоти Додгоҳи олии Тоҷикистон эълом карданд, ки дар соли 2019 бар асоси ҳукми додгоҳҳои Тоҷикистони 686 нафар ба иттиҳоми нақзи ин қонун маҳкум ба пардохти беш аз 3 миллиону 335 ҳазор сомонӣ ҷаримаи молӣ шудаанд [6].

**Диаграммаи №2: Таъсири Қонуни танзим ба буҷаи ҳар як оила (n=10000)**




Аз натиҷаи таҳқиқоти сотсиологии Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сабабҳои иҷро нагардидани Қонуни миллӣ аз ҷониби

шаҳрвандон, мусоҳибон фикрҳои гуногуни худро иброз дошта, бештари онҳо надонистани қонуни мазкурро зикр кардаанд. Барои мисол, 51,79% мусоҳибон надонистани талабот ва муҳтавои Қонуни танзимро аз ҷониби шаҳрвандон дар иҷро нагардидани он муҳим арзёбӣ намуда, 13,84%-и дигар кам будани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолиро зикр намуда, 12,85% пурсидашудагон риоя нагардидани онро аз ҷониби мансабдорон, хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон қайд намуда, 12% амалӣ нашудани онро дар хешутаборбозиву ошнобозӣ униста, 6,28% омили ҷой доштани фасодкориро зикр кардаанд ва 3,24% бошад дар ин замина назари худро иброз нанамудаанд [9].

**Диаграммаи №3: Сабабҳои иҷро нагардидани Қонуни танзим (n=10 000)**




Пешниҳод карда мешавад, ки бо мақсади дарки ҳамаҷонибаи қонунҳои миллӣ, ба хусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамаҷониба аз мазмуну муҳтавои ин қонун аз ҷониби омӯзгорон дар дарсҳои тарбиявӣ мувофиқи мақсад таҳлил карда шавад, мақсади асосии қабули қонун ва ҷиҳатҳои тарбиявии онро ба хонандагон дуруст фаҳмонанд [2, с. 38].

Дар интиҳо бояд қайд кард, ки қабули қонуни мазкур дар муддати кӯтоҳи таърихӣ дар ҳаёти маънавӣ, иҷтимоиву иқтисодии мардум ва ҳимояи манфиатҳои онҳо такони ҷиддӣ бахшид, итминони комил дорем, ки қабул ва такмили чунин қонунҳои миллӣ барои зиндагии шоиста ва некуаҳволии мардум саҳмгузор аст ва амалишавии функсияи иҷтимоии давлатро ҷоннок менамояд.

**Адабиёт**


1. Асоев, И.З. Нақши танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар баландбардории сатҳи некуаҳволӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоб) / И.З. Асоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №7. – С. 204-209.
2. Асоев, С.А. Амалигардонии қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва аҳамияти ҳуқуқии он / С.А. Асоев // Ааёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2019. – №3-2(64). – С. 35-40.
3. Баротзода Ф. Қонуни танзим. Аз иҷрои рисолати таърихӣ то дурнамои манфиатҳои иқтисодӣ // Ҷумҳурият, аз 18. 07. 2017, №149.
4. Баротова, Р. Практическое осуществление закона Республики Таджикистан "об упорядочении традиций, торжеств и обрядов в Республики Таджикистан" и его воспитательное значение / Р. Баротова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2017. – № 1-1(43). – С. 81-85.
5. Баррасии беш аз 15 ҳазор парвандаи нақзи қонуни ҷашну маросим ва масъуляти волидайн дар Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://parstoday.com/tg/news/tajikistan-i61976 (санаи истифодабарӣ: 12.04.2022).
6. Дар бораи қонуни ҷашну маросим чӣ назаре доред? [манбаи электронӣ]. URL: https://parstoday.com/tg/news/tajikistan-i59697 (санаи истифодабарӣ: 21.07.2022).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 08.06.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2017, № 1-2, мод. 1.
8. Машраби, Д. Проблемы административно - правового регулирования традиций, торжеств и обрядов в Республике Таджикистан / Д. Машраби // Правовая жизнь. – 2019. – № 2(26). – С. 254-262.
9. Натиҷаи назарсанҷӣ доир ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" [манбаи электронӣ]. URL: http://www.din.tj/tj/node/399#sthash.PxliGXxS.dpbs (санаи истифодабарӣ: 19.07.2022).
10. Ойев, Х. Иҷрои қонуни танзими ҷашну маросим - усули устуворгардонии интизоми давлатӣ ва суботи ҷомеа / Х. Ойев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – №4(8). – С. 31-38.
11. Омӯзиш ва муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [манбаи электронӣ]. URL: http://si-khatlon.tj/?p=1266 (санаи истифодабарӣ: 24.05.2022).
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/27417 (санаи истифодабарӣ: 24.03.2022).

## РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРАДИЦИЙ И ПРАЗДНИКОВ КАК СТРАТЕГИЯ АДАПТАЦИИ СЕМЕЙ В УСЛОВИЯХ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПЕРЕМЕН В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Шоисматуллоев Ш., Барфиев А. М.**

*В статье анализируются и обсуждаются вопросы регулирования традиций и торжеств, их значение в адаптации семей к меняющимся условиям Таджикистана и эффективное регулирование национальных обычаев и традиций. По мнению авторов, некоторые граждане используют традиции и праздники как средство самовыражения, честолюбия и обретения социального статуса, занимаются расточительством и самовыставлением. В статье авторы внесли предложения и рекомендации по совершенствованию и повышению эффективности Закона Республики Таджикистан «О регулировании традиций и праздников, и обрядов в Республике Таджикистан».*

***Ключевые слова:*** *семья, социальные нормы, традиции, обряды, закон, регулирование, социальная адаптация, религия, суеверие, несчастье.*

## REGULATION OF TRADITIONS AND CELEBRATIONS AS A STRATEGY FOR THE ADAPTATION OF FAMILIES IN THE CONDITIONS OF SOCIO-ECONOMIC CHANGE IN TAJIKISTAN

**Shoismatulloev Sh., Barfiev A. M.**

*In the article, the issues of regulation of traditions and celebrations, its importance in the adaptation of families to the changing conditions of Tajikistan and the effective regulation of national customs and traditions are analyzed and discussed. According to the authors, some citizens use traditions and celebrations as a means of self-showing, ambition, and gaining social status, and engage in extravagance and self-showing. In their article, the authors made suggestions and recommendations for the improvement and effectiveness of the Law of the Republic of Tajikistan "On Regulation of Traditions and Holidays and Ceremonies in the Republic of Tajikistan".*

***Keywords:*** *family, social norms, traditions, ceremonies, law, regulation, social adaptation, religion, superstition, unhappiness.*

№1
2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# РИСОЛАТИ БАШАРДӮСТОНАИ ҶАШНВОРАҲОИ НАВРӮЗ, МЕҲРГОН ВА САДА

**Раҳимов С. Х.** – д.и.ф., профессор, мудири Шуъбаи фалсафаи фарҳанги Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

*Бо эҳёи ҷашнҳои бостонии тақвимии ориёӣ Сада, Наврӯз ва Меҳргон зарурати бознигарии шаклу мундариҷаи ин падидаҳо ба миён омад. Дар мақолаи мазкур консепсияи нави арҷгузорӣ ба ин ҷашнҳо дар робита бо арзишҳои муосир пешниҳод мешавад.*

***Калидвожаҳо**: Сада, Меҳргон, Наврӯз, чаҳор унсури ҳовидонӣ, муборизаи Меҳру Аҳриман, оташ кушодан, карнавал (“корвони шодӣ”), театрсозӣ, омодагӣ ба киштукори баҳорӣ.*

Ҷашни Садаро эронитаборон бо роҳҳои гуногун истиқбол мегиранд. Нахустин рӯзи зимистонро пас аз шаби Ялдо (дарозтарин шаби аввали моҳи Дай (шаби 21-ум ба 22-уми моҳи декабр) ё худ, пас аз гузаштани чиллаи калони зимистон), чун рамзи гузаштани сардиҳои Зимистон одатан муждае аз наздик расидани баҳор ва таваллуди дубораи Хуршед ё Меҳр медонанд.

Чаро Хуршед ё Меҳр дубора тавлид мешавад?

Ориёиҳо онро бо асотири маънавӣ мепайванданд. Яъне ду моҳи Зимистонро ориёиён, хеле душвор арзёбӣ карда, замоне медонанд, ки Аҳриман фаъол шуда, нисбати онҳо зиштиҳо зиёд содир менамояд. Маҳз дар ҳамин фосила Меҳр барои набард бо Аҳриман дубора ба дунё меояд. Ва ба далели он, ки оташ (зуҳури гармӣ, рӯшноӣ ва зиндагӣ) маҳз дар ҳамин рӯзи Сада ва василаи муҳимме барои мубориза бо Аҳриман аст, кашф шудаст. Аз ҳамин сабаб гиромидошти ин ҷашн муҳим дониста мешавад. Сада – моҳиятан пирӯзии рӯшноиро бар торикӣ ифода намуда, бо тантанаи оташафрӯзӣ омадани фасли баҳору муждаи омадани Наврӯзро мерасонд. Дар яке аз барелйефҳои Тахти Ҷамшед рамзи набарди баҳорро бо зимистон чунин тасвир кардаанд:



Дар шаби 10-уми баҳман дар майдони шаҳр ё деҳа оташи бузурге бо номи «Оташи ҷашни Сада» бо чил шохаи дарахти навдашуда, ки рамзи чил рӯзи «оташи бузург» аст, афрӯхта мешавад.

Мардум, махсусан кишоварзон дар ин айём аз рӯи анъана ба кандани каналу ҷӯйборҳо, тоза кардану рӯду обанборҳо, кишт кардани замин ва пошидани хокистару пору ба заминҳо, тайёр намудани тухми кишт, нигоҳубини махсуси чорво ва ҳайвоноти хонагӣ барои аз фасли зимистон солим баровардани онҳо чорабиниҳои махсус меандешиданд [1].

Дар ин радиф ҷашнҳои суннатӣ ба монанди Наврӯз, Меҳргон, Сада мардумро ба покиву ростгӯӣ, некандешӣ, хайрхоҳӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, порсоӣ, фарҳангдӯстӣ, дӯстиву рафоқат даъват намуда, нурро дар муқобили зулмот мегузоштанд. Аз тарафи дигар, инсон дар муқобили ҳирсу ҷӯши нафсонии хеш метавонист ғалаба кунад, бо баракати ин ҷашнҳои поки суннатӣ [2].

Ривоятҳое, ки таҷлили Садаро сад рӯзи зимистон ё панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз пеш аз Наврӯз маънидод мекунанд, ҳама офаридаҳои тозатаранд ва дар матнҳои кӯҳна дида намешаванд.

Дар Кирмон то ба ҳол одат аст, ки кишоварзон хокистари оташи суннатиро ба рӯи киштзорҳо мепошанд, зеро ба эътиқоди онҳо хокистари оташ заминро садсолаҳо баракат медиҳад.

Дар гузаштаи начандон дур ин маросим дар болои бомҳо низ гузаронида мешуд. Масалан, дар Озарбойҷон рӯзи Сада то ҳанӯз дар оташкадаҳову бомҳо оташ меафрӯзанд.



Ин ҷашн ёддошт аз аҳамияти *нур, оташ ва энергия* аст. Чунон ки аз китобҳо ва асноди таърихӣ бармеояд, ҷашни Сада (мисли Наврӯз ва Меҳргон) ҷанбаи *мазҳабӣ* надорад ва тамоми қиссаҳои марбут ба он ғайридинӣ буда, ҷашни қадимӣ ва мардумии на танҳо ориёиҳо ё эрониён, балки меросест, ки ба бисёре аз кишварҳои ғайриэронӣ тааллуқ дорад. Миёни кулли мардум, аз мусалмонон шурӯъ карда, то насрониён, яҳудиён ва ғайра маъмул аст. Алъон дар Русия оини оташпарастӣ дар ҷашни «Маслинитса», ки дар Зимистон доир мешавад, мушоҳида шудааст.

Дар ойини Сада шарбату нӯшокиҳои зиёд, шириниву меваҷот ороста шуда, дар ғуруби офтоб болои буттаҳо ва ё ҳезуми ҷамъовадашуда оташ афрӯхта, гирди он давр зада, суруди хосса месароянд. Сипас паридан аз болои оташ анъана шудааст. Мардум, хусусан ҷавонон, мекӯшанд аз болои гулханҳо ҷаҳида, ифлосӣ ё гуноҳҳо хешро покиза мекунанд. Ин суннат то ҳанӯз дар байни мардуми Тоҷикистон расм аст.



Тоҷикистон нахустин кишварест, ки расман ҷашнҳои Сада ва Меҳргонро таҷлил мекунад. Президенти кишвар бо баргузории ҳамасолаи ҷашни Сада, ки чанд соле пеш бо ташаббуси он кас дубора барқарор шуд, ба мардум паём мефиристад, бо эҳёи ин маросими аҷдодӣ, барои зинда нигоҳ доштани шаъну шарафи он таманно менамояд, мардумро ба ҳамдастӣ дар эмин доштани обу замин ва рӯзгори пурбаракат даъват менамояд.

Тирамоҳи соли 2017 дар пайи ислоҳи Қонун дар бораи ҷашну маросимҳои Тоҷикистон, 30 январ рӯзи таҷлили Сада ва 15 октябрро рӯзи ҷашни Меҳргон эълон карда шуд. Ҳукумати Тоҷикистон саъй дорад, ки ин ду ҷашнро ба ЮНЕСКО барои сабти ном ҳамчун мероси фарҳангии ғайримоддӣ пешниҳод кунад. Дар тирамоҳи соли 2017 Меҳргон бори аввал дар Тоҷикистон расман ва бошукӯҳ таҷлил шуд.

Дар таърихи дуру дарози мавҷудияти ин ҷашнҳо гоҳе яке, мисли Наврӯз дар мадди аввал гузошта мешуд, дигарӣ (ба мисли Сада, Меҳргон, ки дар давраи ислом, замони Шӯравӣ дар Тоҷикистон) ҳукми фаромӯшӣ пайдо карда буд.

Аммо, дар маҷмӯъ, мардуми эронитабор ҳамеша бидуни ҳама гуна монеаҳо онҳоро ба ҳар тариқе ошкоро ё пӯшида ҳифз мекарданд, ҷашн мегирифтанд. Чаро ки дар асл ин ҷашнҳо аз падидаҳои тақвимию астрономӣ буданд ва марҳилаҳои муҳими фаъолияти солонаи инсону табиат, замину деҳқонро дар худ ифода мекарданд. Сада ва Меҳргон – ҷашн ва фарҳанги кишоварзӣ ва падидаи нодир дар тамаддуни ҷаҳонӣ мебошанд. Аз он сабаб, ки ҷашнҳои номбурда якҷоя бо ҷашни Наврӯз моҳияти ҷомеасозӣ ва ҷомеамандӣ, тавҳидию

муҳитзистии созандагӣ, диду идеалҳои покроӣ, некбинӣ, садоқат ба замину меҳнат ва инсонро ифода мекарданд. Сабаби бақоияту идомати ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргону Сада маҳз дар ҳамин фалсафаи онон аст. Ин ҷашнҳо ба ҷуз ҳадафи баҳамоии мардуми заҳматкаш, ривоҷ додани усулҳои коркарди фарҳанги кишоварзӣ, зироат, чорводорӣ ва амсоли ин чизи дигаре надоранд. Дар асл, тавре ки таъкид кардем, моҳиятан ин ҷашнҳо бо ягон дину идеология пайванд нестанд. Дигар ин, ки адёну идеологияҳои дигар дар тӯли таърихи дароз кӯшиш доштанд, то ба хотири бақоияти хеш бо ин ҷашнҳо бигароvанд. Аммо ҳукми воқеияти таърих ин шуд, ки ин дину идеологияҳо дар марзу бум ва замони хеш қарор ёфтанд, аммо ҷашнҳои мо ҳама марзҳоро бо покизагии худ, бо фалсафаи башардӯстонаи хеш убур карда, то ба замони мо расиданд.

Бояд дар назар дошт, ки ҷашнҳои Сада, Наврӯз ва Меҳргон аз нигоҳи астрономиашон мантиқан ба ҳам *пайваст мебошанд*, ҳар кадом идомаи якдигаранд, пайвандии ногусастанӣ доранд, ба истилоҳи дигар ҳар кадом ҳалқаи як занҷиранд. Аз ин хотир, пешниҳод мешавад, ки ин ҷашнҳо минбаъд дар консепсияи яклухтӣ, якпорчагӣ дида шаванд. Нашояд, ки онҳоро аз ҳам ҷудо кард. Танҳо дар яклухтӣ ин ҷашнҳо, ин марҳилаҳои фаъолияти меҳнатии солона дар худ маънӣ пайдо мекунанд.

Новобаста аз он, ки дар мавриди шинохти вижагии ҷашнҳои гуфташуда дастовардҳои илмӣ зиёд аст, аммо то ба ҳанӯз майдони таҳқиқи масоили гуногун ва мубрами ин ҷашнвораҳо дубора дар марҳилаи нави таърих таҳқиқ нашуда, нигоҳи тоза мехоҳад, то ин ки мо дар вақти хеле наздик тавонем минбаъд мисли Наврӯз ҷашнҳои Сада ва Меҳргонро ба ҳайси ҷашнҳои байналмилалӣ ба мардуми ҷаҳон муаррифӣ намоем.

Тоҷикистони азиз кӯшиши сохтани модели олии кишвари индустриаливу аграрриро дорад ва ба ҳамин хусусияташ майлу ниёзи чунин ҷашнҳоро дар шакли нави замонавӣ мекунад.

Мо ин ҷашнҳо (Сада, Наврӯз ва Меҳргон) -ро набояд танҳо ҳамчун моли фарҳанги гузашта муаррифӣ кунем. Ҳар як аз ин ҷашнвораҳо дар худ рамз ва арзишҳои ҷавҳарӣ доранд. Ҳар кадом аз ин ҷашнҳо бо марҳилаи муайяни фаъолияти меҳнатии мавсимӣ вобаста мебошад. Худи идеяҳои калидии ин ҷашнҳо далолат бар онро доранд, ки, масалан, Сада – тайёрӣ бар пешвози Наврӯз аст. Пас мебояд омодагӣ гирифт ба соли нави меҳнатӣ. Мебояд дар арафаи Наврӯз ҳашару корҳои тадорукӣ пешбинӣ кард, то ин ки ҷӯю системаҳои обёрӣ, асбобу технологияи коркарди замин ва ғайра ба соли нави меҳнатӣ омода бошанд. Меҳргон – ҷашни ҷамъбасти кулли фаъолияти кишоварзӣ ва чорводорӣ аст. Дар ҳар ин мавсим инсон нисбат ба обу замин ва оташу ҳаво – унсурҳои калидӣ эҳтиром мегузорад. Эҳтиром гузоштан ба ин унсурҳои абадзинда, ки дар асл фазои доимии ҳаётсози инсонӣ мебошанд, бояд оқилона ва илмӣ, бо назардошти дубора барқароршавии онҳо сурат гирад. Набояд насли имрӯза фақат дар бораи таъминоту кайфияти лаҳзаинаи хеш чора ҷӯяд. Ҳамеша дар мағзи мо андешаи фардо, андешаи «ба насли оянда чӣ мерос мегузорем» бояд бошад.

Мутаассифона, мо алъон баракси ҳамин тамоюлро дар ҷаҳон мушоҳида карда истодаем. Боиси таассуф аст, ки дар ин кори зишт кишварҳои мутараққӣ бо технология пешқадамашон «ибрат» нишон дода истодаанд.

Аз ин ваҷҳ, мо бояд кӯшиш бар он дошта бошем, ки бо назардошти арзишҳои калидии ҳар ҷашни сегона мазмуни нав, арзишҳои муосир ва актуалиро ҷой диҳем, бо ин ҷашнҳо навоварона рафтор намоем. Танҳо бо ин муносибат ва муросо бо дӯстони ҳаммарзу ҳамминтақа ба дастгирии аҳли башар мушарраф мешавем.

Тибқи мушоҳидаҳое, ки тӯли чанд соли охир нисбати ҷашнгирии Наврӯз дар Тоҷикистон доштем, ҷашнгириҳо дар ду навъ зуҳур намуданд. Дар музофот бештар дар шакли ***карнавал*** ё ба истилоҳи баъзе муҳаққиқон *«корвони шодӣ»*, дар пойтахт ё ҳар он ҷое, ки ҷашнгирии умумиҷумҳуриявӣ баргузор мегашт, дар шакли маъракаи ***театришуда*** барпо мешуд.

Тафовути «корвони шодӣ» аз театришуда дар чӣ зоҳир мегардад? Шакли карнавалнамо – шакли бештар архаикиро мемонад, ба суннатҳои ҷашнгирии анъанавии авлодони гузашта шабоҳат дорад. Карнавал гуфта, базмеро гӯянд, ки дар майдонҳо доир мегардад ва дар он ҳар фард ҳам *тамошобин* аст ва ҳам *иҷрогари* кудом накше. Ҳар нафари иштирокчии карнавал пеши худ ташаббусе ё имконияте дорад, ки дар баробари тамошои (дидани) ҳунари дигарон, худ низ имкон дорад, ки аз ҳунари табиатан дар худ дошта ва ё авлодан мерос гирифтаашро дар майдон ба намоиш гузорад. Ҳамин хусусияти равонии карнавалро муҳаққиқи барҷастаи рус М. Бахтин таҳқиқу баррасӣ кардааст. *Такрор мекунам: дар карнавал ҳар нафар ҳам тамошобин аст ва ҳам иҷрогар.* Ин хусусияти ҷавҳарии ҷашнгирии карнавалӣ мебошад.

Маъракаҳои театришудаи расмӣ, ки ҳоли ҳозир аз тариқи шабакаҳои телевизиони ҷумҳуриявӣ ғолибан таблиғу тарғиб мегардад, чунин имконияти фаъол ва ташаббусгар шудани тамошобинро надоранд. Тамошобини чунин маъракаҳо, ки одатан дар майдонҳои варзишӣ доир мегарданд, бештар дар курсиҳо нишаста, бинандагӣ мекунад, на зиёд аз ин. Маъракаҳои ҷашнии театришуда худ сенария ё намоишномаи хосро доранд ва ҳамчун номераҳои консертӣ пешниҳод мегарданд. Дар ин маъракаҳо бештар ашхоси маъруф, ҳунармандони касбӣ баромад мекунанд.

Маъракаҳои мардумии каранавалӣ («корвони шодӣ») метавонанд дар давоми чанд шабонарӯз идома ёбанд. Маъракаи театришуда одатан дар як қисми рӯз таҳия ва баррасӣ мегардад.

Аммо ҳар ду намуди ҷашн – яъне намуди карнавалӣ ва театришуда *фарҳанги шукӯҳу шодӣ ва ханда*, фарҳанги базмороиро доро мебошанд. Бахусус, ҳамин сифати шукӯҳу шодӣ ва хосатан *ҳазлу шӯхиҳои* илҳомбахш ва боназокат дар шакли карнавал бештар мушоҳида мешавад. Новобаста аз он, ки чӣ ид аст (Сада ё кадом ҷашни дигар), намоишҳои карнавалӣ аз анвои ҳунарҳое мураттаб мегарданд, ки дар он ҳазлу зарофат ва танз бартарият доранд. Масалан, ҳатто чунин як маъракаи варзишӣ, ба мисли гӯштин, аз рақобати мӯйсафедони шӯх оғоз мегардад.

Умуман, комилии фарҳанги инсон ва фарҳанги мардум дар ғунҷоиши серпаҳлуи он аст. Бахусус инсону миллатро аз рӯи ширингӯӣ, латофат, ҳисси нақд гуфтану худро нақд кардан эҳтирому иззат мекунанд. Мардуми тоҷик дар гузашта Афандиву Мушфиқӣ, шаклҳои аския ва ҳозирҷавобӣ ва боз чандин шаклу намудҳои санъати шӯхиву хандаро дошт. Устод Боқӣ Раҳимзодаро, ки ҳарчанд дар самти шеъри лирикиву пурмазмуни мутантан мумтоз буд, мардум бештар барои зарофатгӯияш дӯст медошт.

**Ид ё базм бе шӯхиву ҳазл, бе ширингуфториву зарофатгӯӣ, бе ханда ҳусни худро гум мекунад.**

Воқеан, санъатшиноси барҷаста устод Низом Нурҷонов низ дар таҳқиқҳои хеш маҳз ҳамин тамоили ҳазлу шӯх ва танзии ҷашнҳои мардумии моро тасвир карда буд. Дар чунин маъракаҳо бештар ба истилоҳ масхарабозон, аскиягӯён, лапарсароён, раққосони ҷуфти зану мард, ки дар шаклу мазмуни ҳазлу кинoя баррасӣ мешаванд, тақлидгарон, ки ин ё он ҳайвонотро ҳам бо овоз ва ё бо рафтор ё дар шакли ниқобу шакли зоҳирӣ тақлид мекарданд, дида мешавад.

Дар маъракаҳои ҷашнии расмии театришуда ҳамин тамоил дида намешавад. Номераҳо дар чунин маъракаҳо бештар пафоси тантанавӣ ва сиёсиро касб мекунанд. Албатта, ин тарзи ҷашнгирӣ низ боиси дастгирист. Аммо чун мунаққид ҳастам, наметавонам аз сатҳу таҳияи режиссёрии ҷашнҳои театришудаи расмӣ эрод нагирам. Ин фикри шахсии ман аст. Хонандаи азиз метавонад бо ман розӣ набошад. Эродам ин аст, ки базмҳои театришудаи солҳои охир якнавохт ба чашм мерасанд, ҳамасола аз якдигар тафовуте надоранд. Моро ба ҳайси эксперт дар ҷаласаҳои тадорукии чунин ҷашнҳо даъват мекунанд, аз мо маслиҳат мепурсанд, аммо дар маҷмӯъ, боз ҳамон кореро мекунанд, ки ранги порсоларо дошт. Дар ин намоишҳо нишонае аз пешниҳодҳои мо дида намешуд.

Ба назарам барои ғанӣ ва рангоранг шудани маъракаҳои расмии театришуда хуб мебуд агар аз таҷрибаи маъракаҳои «корвони шодӣ» истифода мешуд, бахусус аз фарҳанги сурур, фарҳанги ханда, шӯхиву танз. Мо бояд ба шаклан ва мазмунан комил гардондани ҷашнҳоямон таваҷҷуҳи хоса дошта бошем. Чаро ки чун яке аз барандагони ин ҷашнвораҳои муҳим ҳастему ба умумибашарӣ шудани онҳо пеши худ ташаббус гирифтаем, бояд ба ҷаҳониён зебоиву шукӯҳ ва ҳусни инсондӯстиву рангорангӣ ёфтани чунин маъракаҳо саҳм гирем.

Чун мо дубора ҷашни Сада ва Меҳргонро дар радифи Наврӯзи хуҷастапай баъди фосилаи дарози таърихӣ эҳё карда истодаем, месазад, ки базмороии ин ҷашнҳоро ҳусни ҳам карнавалӣ бидиҳем ва ҳам театришудаи мутантан.

Дар ин раванд дар баробари истифодаи ҳунарҳои анъанавӣ лозим аст, ки хусусияти вижагии ҳар ҷашн ба назар гирифта шавад. Манзурам ин аст, ки масалан, ҷашни Сада дар худ рамзу аъмоли хосе дорад, ки дар раванди ҷашнгирии он мебояд таъкид шавад. Гуфтем, ки яке аз рамзҳои асосии Сада оташ аст. Мардум дар рафти ин ҷашн гулхан мегиронанд, аз болои он меҷаҳанд, то ин ки покиза шаванд. Дар паҳлуи ин тибқи суннати тоҷикони Бадахшони кӯҳӣ, ки то ҳанӯз Садаро ҷашн мегиранд, ҳашар эълон мешавад. Зимнан, дар рафти ҷашни Сада ҷӯйборҳо ва системаҳои обёрӣ ва ҳам дастгоҳу асбобҳои ҷамъиятиву шахсии коркарди замин таъмир карда, чорвои ҷуфт ва амсоли ин ҳама омода карда мешаванд ба фарорасии Наврӯз, ба маъракаи коркарди замин, ба маъракаи кишту кор. Меҳргон низ вижагиҳои худро дорад. Ҳамин вижагиҳо дар маросими ҷашнҳо мавқеъ ва мақоми асосии худро бояд дошта бошанд.

Ва ниҳоят таъкид мекунам, ки мо аз рӯҳи модерн бахшидан ба мазмуну мундариҷаи ин ҷашнҳо набояд худдорӣ намоем. Фақат ва танҳо моли қавмиро муаррифӣ кардан ва ҳам дар шакли падархудоӣ нигоҳ доштани шаклу мундариҷаи онҳо бақо надорад. Мо бояд ин ҷашнҳоро аз рӯҳия асотирӣ озод кунем. Барои ҷаҳонӣ шудани ҷашнҳои номбурда онҳоро аз дидгоҳи фарҳанг ва арзишҳои имрӯза ва оянда бояд боздид кард. Албатта, боздиде, ки дар худ мазмун ва тамсили миллии он ҷой дошта бошад. Ҳамин синтези анъанавӣ ва навоварии эҷодкорона фарҳанги ҷашнҳоро ҳусни бақо мебахшад. Вагарна, мо ба рушди ин базмҳоямон зомин мешавем. Онҳоро ба моли музей табдил медиҳем.

***Чӣ ҳикмат аст, ки мо ба эҳёи ҷашнвораҳои кӯҳан саҳм мегирем?***

Онҳо тақвимианд, зимни онҳо эҳтиром гузоштан ба унсурҳои оташу ҳавою замин ҷилва доранд.

Онҳо фарҳанги кишоварзро тарғиб менамоянд. Аҷдодону худи мо бештар аз зоти кишоварзем ва бароямон табиату замин аз шеваи муқаддас аст.

Ҳавзаи ин ҷашнвораҳо, бахусус ҳавзаи Наврӯз, ҳамчун модели ҳамзистию ҳамкории осоиштаи мамлакатҳо ва халқҳо дар риштаи иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ маъруф аст.

Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори тавонои мероси гуманистии гузашта худро ба ҷаҳониён муаррифӣ кард. Вай аз минбари Созмони Милали Муттаҳидро барои оқилона истифода бурдани неруҳои ҳаётан муҳими обу замин, сулҳу бунёдкорӣ тарғиб менамояд.

Ҷашнҳои зикршуда аз хурофот ё дину идеология пайвастагӣ надоранд. Онҳо ба ҳувияту худшиносии миллӣ баҳамоии мардум саҳми бориз мегузоранд.Ва ҳам ҳидояти баҳамоӣ бо аҳли башарро.

**Адабиёт**

1. Тоҷинисо Муродова … // https:ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/ashni-sada. – Санаи муроҷиат 23.01.2023.
2. Тоҷинисо Муродова, ҳамон ҷо.
3. Авесто. Гузориш ва пажӯіиши Йалил Дӯстхоі. - Душанбе, 2001. - 792с.
4. Бахтуртош. Нишони розомиз. Гардунаи хуршид ё гардунаи Миҳр. - Теҳрон, 1371.
5. Зороастрийские тексты. Издание подготовлено О.М. Чунаковой, -

Москва: Восточная литература РАН, 1997. - 352с.
6. Изведать дороги и пути праведных. Пехлевийские назидательные тексты. Введение, транскрипция текстов, перевод, комментарий, глоссарий и указатели О.М. Чунаковой. – Москва: Наука, 1991. - 192с.
7. Меҳрдод Меҳрин. Пажӯҳиш дар асотире Ирон (пораи нахуст ва дуюм). Чопи саввум. - Теҳрон, - 1378.
8. Нурджанов Н.Х. Традиционный театр таджиков. В 2-х тт. - Душанбе, 2002.
9. Разӣ Ҳошим. Ҷашнҳои оташ ва Меҳргон: Теҳрон, 1383.
10. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ. 1- 9.- Душанбе: Ирфон, - 1961 -1964.

## ГУМАНИСТИЧЕСКАЯ МИССИЯ ПРАЗДНИКОВ НАВРУЗА, МЕХРГАНА И САДА

**Рахимов С. Х.**

*С возрождением древнеарийских календарных праздников Сада, Навруза и Мехргона возникла необходимость пересмотреть формы и содержания их чествований. В данной статье предлагается новая концепция чествования этих празднеств в связи с современными ценностями.*

***Ключевые слова**: Сада, Мехргон, Навруз, четыре вечных стихии, борьба Мехра и Аримана, открытие огня, карнавал («караван радости»), театральность, подготовка к весенней посадке.*

## THE HUMANIST MISSION OF NAVRUZ, MEHRGAN AND SADA

**Rahimov S.**

*With the revival of the ancient Aryan calendar holidays of Sada, Navruz and Mehrgon, there was a need to revise the forms and contents of their celebrations. In this article, a new concept of celebrating these holidays in connection with modern values is proposed.*

***Key words**: Sada, Mekhrgon, Navruz, four eternal elements, the struggle of Mehr against Ahriman, revealing the secret of the emergence of fire, carnival ("caravan of joy"), theatricality, preparation for spring planting.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# РАВАНДИ ИҶТИМОИШАВИИ ШАХС ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНШАВИИ НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

**Каҳоров Ғ. Ғ.** – сарходими Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Солиҳов С. Т.** – омӯзгори калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (Тел.: 981062353)

*Дар мақолаи мазкур муаллиф дар заминаи омӯзиши консепсияҳои иҷтимоишавии шахс, раванди иҷтимоишавӣ, муҳити иҷтимоӣ ва қобилияти мутобиқшавии гурӯҳу табақаҳои иҷтимоии аҳолиро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ таҳлил менамояд. Маҳз инсон дар ҷамъият, ҳангоми аз сар гузарондани ҷараёни иҷтимоишавӣ роҳу услуби зиндагонии худро муайян мекунад. Инчунин вай обрӯманд шуданро дар байни дигарон омӯхта, ҳамзамон ба эътибор ноил мегардад. Муаллиф дар асоси таҳлилӣ адабиёти илмӣ қайд менамояд, ки дар афкори илмии сотсиологӣ, ҳамеша ба проблемаи иҷтимоишавии шахс диққати махсус дода мешавад. Бинобар ҳамин ҳам, дар байни ҷомеашиносон оид ба мушкилоти иҷтимоишавӣ нуқтаҳои назари мухталиф вуҷуд доранд, ки дар мақола мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иҷтимоӣ, иқтисодӣ, интихоби касб, таҳсили босифат, иқтисоди бозоргонӣ, раванди иҷтимоишавӣ, ҷомеаи тағйирёбанда, муҳит, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ташаккулёбии шахс, арзишҳои иҷтимоӣ, сифатҳои иҷтимоии шахс.*

Солҳои истиқлолият дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла: ичтимоӣ-фарҳангӣ, иқтисодӣ-сиёсӣ тағйиротҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба сатҳи зиндагӣ, бо ҷойи кор таъмин кардан, таҳсилоти босифат, инихоби касби ва талаботи иқтисоди бозоргони ҷавобгу таъсири номусоид расонида, ҷараёни иҷтимоишавии шахсро таҳриф карданд. Дар шароити ҷамъияти дигаргуншаванда қобилияти мутобиқшавии гурӯҳу табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва коллективҳо аз муҳити иҷтимоӣ-раванди иҷтимоии ҷомеа вобаста аст. Инсон дар ҷамъият, ҳангоми аз сар гузарондани ҷараёни иҷтимоишавӣ роҳу услуби зиндагонии худро дуруст роҳандози намуда мақоми иҷтимоии хешро дар ҷамъият муайян менамояд ва ба эътибор ноил мегардад; мақсаду вазифаҳои худро дар ҳаёти ҷомеа бомасъулиятона иҷро намуда, онро дар амал татбиқ менамояд.

Дар афкори илмии сотсиологӣ, ҳамеша ба масъалаи иҷтимоишавии шахс диққати махсус дода мешавад. Дар байни ҷомеашиносон оид ба мушкилоти иҷтимошавӣ нуқтаҳои назари мухталиф вуҷуд доранд. Масалан, дар консепсияи Карл Маркс оид ба инкишофи назарияҳои сотсиологии иҷтимоишавии шахс, дар бораи моҳияти инсон ҳамчун маҷмуи тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ,оварда шудааст, ки мувофиқи он «муҳити иҷтимоӣ натанҳо ташаккулдиҳандаи инсон аст, балки ташаккулдиҳандаи ҷамъият низ мебошад» [2, с.25].

Ташаккулёбии шахс ба мутобиқшавии ғайрифаъоли одамон ба муҳити иҷтимоӣ шабеҳ нест, балки фаъолияти амалии худи онҳоро фаро мегирад, ки он ба шарофати инсонҳо ба олами атроф таъсиррасон буда, муҳити иҷтимоиро тағйир медиҳад. Назарияи таҳияшудаи Э. Дюркгейм бошад ба равиши объективии иҷтимоишавии шахс: "дар асоси мавқеи табиати духурагии инсон бунёд шудааст» [2, с.58]. Табиати биологии шахс (қобилият, вазифаҳои биологӣ, импулсҳо, ҳавасҳо) бо табиати иҷтимоии ӯ дар мухолифат

бо тавассути мавҷудияти тарбия (меъёрҳо, арзишҳо, идеалҳо ва ғ.) қарор доранд [2,с.80]. Ин боиси ташвиши доимии дохилӣ, эҳсос, изтироб шудаст, ки танҳо бо амалияи иҷтимоии ҷомеа бартараф карда мешавад. Тақрибан ҳар як насли нав бо интихоби (tabula rasa) дучор мешавад, яъне чун лавҳаи тозае, ки мунтазирии аз нав навиштанро мекашад. Аз рӯи ақидаи Э. Дюркгейм, яке аз вазифаҳои асосии иҷтимоишавӣ, шиносоии шахсони алоҳида бо ғояи «шуури коллективӣ», яъне муқаррар намудани якхела ва бутун будани ҷамъият мебошад [3,с.28]. Маҳз вобаста ба ин ҷомеа чунин шароиту имкониятҳоро фароҳам меорад, ки фард дар оянда ҳамчун шахс ташаккул ёбад. Илми сотсиология нишон медиҳад, ки ташаккули ҳар як узви ҷомеа аз муҳити атроф вобастагии зич дорад. Қайд мекунем, ки асоси консепсияи Дюркгейм дар бораи иҷтимоикунонии шахс хислатҳои ахлоқии шахсро чун замина фаҳмида, ҳамчун як занҷираи қоидаҳои объективии рафтор баромад мекунад. Вазифаҳои иҷтимоии ахлоқро мутафакир бо тарбия алоқаманд карда, зарурияти парваридани он хислатҳою сифатҳое, ки ба кӯдак ҳангоми тарбия ва инкишоф ёфтанаш зарур аст, барои ҷамъият лозим медонист. Вай тарбияро як падидаи иҷтимоӣ медонист, ки он аз иҷтимоишавии методии насли наврас иборат мебошад [3, с.88].

Г.Тард «принсипи тақлид ва муносибати «муаллим-донишомӯз»-ро, дар ҳама гуна муносибатҳои иҷтимоӣ хос эълон намудааст. Вай аввалин шуда кӯшиш намуд, ки “раванди дохилкунонии меъёрҳоро тавассути ҳамкории иҷтимоӣ тавсиф кунад [3,с.28]. Дар баробари тафсири «иҷтимоӣ» ҳамчун тақлид, ки аз нуқтаи назари ӯ, зуҳуроти қонуни асосии ҳама чиз- такрори умумӣ мебошад, ба ибораи дигар вай имкони таҳаввулоти иҷтимоиро бо навоварӣ (инноватсия)- ҳамчун дуршавӣ аз такрори қатъӣ алоқаманд карда, тавассути навоварӣ пешгирӣ кардани патологияро мумкин мешуморид. Вобаста ба ин қайд мекунем, ки нақши асосиро дар давраи дигаргунсозии ҷомеаи тоҷик дар раванди иҷтимоишавии шахс бояд навоварӣ, махсус тавассути амалияи гурӯҳӣ иҷро карда мешавад.

Назарияи Ф. Гиддингс дар бораи нақши муайянкунандаи иҷтимоишавӣ ба маҷбуркунии иҷтимоӣ асос ёфта, ӯ чунин меҳисобад, ки «барои ба як шакли якхела пайвастан унсурҳои гуногуни аҳолиро таҳлил кардан лозим аст» [4, с.38]. Аз нигоҳи ӯ ба ҷомеа ду навъи асосии нерӯ таъсир мерасонад, ки онҳоро «раванди ихтиёрӣ» ва қувваҳои «интихоби сунъӣ барои интихоби бошуурона» меномад. Ба андешаи Ф.Гиддингс, «Шахс бо худии худ наметавонад зиндагӣ кунад, то ки дар ҳаёти шахсии худ нобуд шавад».[4, с.39]. Вобаста ба ин бояд зикр кард, ки ҷомеае ки инсон офаридааст дар натиҷаи фаъолияти дастаҷаъмии шахсҳо, муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва алоқамадии байни инсонҳо тағйир ва такмил ёфта иҷтимоишавии табақаҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд.

У.Ҷеймс ба проблемаҳои иҷтимоишавӣ аҳамият дода, қайд кардааст, ки «даъвоҳои фард оид ба мушаххаснамоии мувозинат байни дастовардҳои инсон бо талошҳои ӯ ба вуҷуд омада, он ба худбаҳодиҳии фард вобаста аст, ки ё ба рушди бомуваффақияти фард ва ё ба бегонашавии он ба назар мерасад, ки ба рақобати байни паҳлӯҳои алоҳидаи он оварда мерасонад» [4, с.34].

Мувофиқи ақидаи Т. Парсонс, «раванди иҷтимоишавӣ» воситаи аввалияи нигаҳдории мувозинати иҷтимоӣ мебошад. Воситаи дуюм- назорати иҷтимоӣ ҳамчун роҳи нигоҳ доштани тартиботи байни одамон мебошад. Раванди ҳамгироии фард бо системаи иҷтимоӣ, тавассути дохиликунонии меъёрҳои умумӣ он вақте амалӣ мешавад, ки фард «нисбат ба худ» арзишҳои ба «дигарон муҳим»-ро эътироф менамояд [4,с.46].

Парсонс мутобиқшавии фардҳоро ба муҳити иҷтимоӣ чун яке аз шартҳои муҳимтарини иҷтимоишавӣ медонад, ки он: «бо шаффофии нақшҳои муҳимтарини фарқкунанда дар худи шахс мегардад. Вай дар иҷтимоишавӣ нақши калонро ба мактаб дода, онро пайванди нармкунандаи зиддиятҳои

байни оила ва истеҳсолот меномад. Низоми маориф метавонад хонандагонро барои иҷрои нақшҳои муайяни иҷтимоӣ дар оянда интихоб намуда, одамонро ба он омода созад» [5,с.45].

Ю. Хабермас асосгузори «назарияи интиқодии иҷтимоишавӣ» мебошад. Мувофиқи ин назария «раванди иҷтимоишавӣ на тамоми одамонро, балки танҳо «як қисми» шахсҳоро фаро мегирад, ки моҳияти иҷтимоии фард, хислати иҷтимоии онро ифода мекунанд, яъне онҳое, ки фаъолияти ҷамъиятро таъмин менамоянд. Қисмати дигар дар он ақидаанд, ки нисбат ба низоми бартаридошта дар ҷомеа, идоракунандаҳо оид ба иҷроиши нақшҳо, меъёрҳо, арзишҳо дар ҷомеа фосилаи муайянро нисбатан нигоҳ доранд, яъне ба унсурҳои муҳити иҷтимоӣ танқидона рафтор кардан имкон дода ва ба шахс имконияти худтасдиқнамоӣ диҳанд» [5, с.86].

Ба ақидаи ҷомеашиноси амрикоӣ Н.Смелзер, иҷтимоишавӣ ду ҳадаф дорад: ба ҳамкории одамон дар асоси нақшҳои иҷтимоӣ ва таъмини нигоҳдории ҷомеа аз ҳисоби азхудкунии аъзоёни нави он мусоидат намуда, бо нигоҳдошти эътиқод ва намунаҳои рафтор онро инкишоф медиҳад. Иҷтимоишавии бомуваффақ ба ақидаи Смелзер, бо се омил сабабнок шудааст: «интизориҳо, тағйирёбии рафтор ва майли конформизм» [5, с.58]. Э. Эриксон барои тавсифи инкишофи шахс ҳашт марҳилаи пайдарпайи ташаккули психологию иҷтимоии шахсро муайян намуд. Ҳар як марҳила аз давраҳои ҳаёти шахс бо вазифаи мушаххас тавсиф карда мешавад. Давраи наврасӣ ё давраи аввали наврасӣ (марҳилаи 5-ум)-ро Эриксон «марҳилаи калидии ба даст овардани ҳисси шахси, вақте ки аввалин бор огоҳии якҷоя намудан дар бораи худ ва мавқеи худ дар дунё ба амал меояд, ки бо худсанҷии тӯлонӣ худ дар соҳаҳои гуногун ба анҷом мерасад ва нақшу таҷрибаҳо дар муносибат бо дигарон озмуда мешаванд. Анҷоми наврасӣ ва оғози давраи камолот (марҳилаи 6) гузариш ба ҳалли мушкилоти воқеии калонсолӣ, ҷустуҷӯи шарики ҳаёт ва муносибатҳо бо дӯстони наздик, бартараф кардани эҳсоси танҳоӣ мебошад [6, с.34].

Коркарди масъалаҳои ташаккул ва инкишофи шахс дар афкори сотсиологии рус аз охири асри XIX оғоз ёфт. Ин проблема барои илми сотсиология ва психология муҳим ба шумор меравад. Дар афкори ҷамъиятӣ ва илмии рус доир ба ҷараёни иҷтимоишавӣ, ақидаю муқаррароти самарабахш ба миён гузошта шудаанд. Дар ин самт консепсияи тарбияи иҷтимоӣ аз ҷониби К.Д.Ушинский, ақидаи М.М.Бахтин дар бораи муколама ҳамчун шакли ҳамзистии шахс, консепсияи Л.С.Виготский оид ба муносибати шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар шуури фард, андешаҳои равоншиносони шуравӣ дар бораи имкони ислоҳи инкишофи инфиродии бачаҳо, назарияи коллективии бачагонаи А.С. Макаренко ва дигарон дар назарияи иҷтимоишавии шахс мавқеи махсусро ишғол менамоянд.

Ба консепсияҳои дар боло зикргардида оид ба иҷтимоишавии шахс такя намуда, қайд мекунем, ки яке аз меъёрҳои асосии мувозинати устувор дар ҷомеа нигоҳ доштани нерӯи инсонӣ мебошад, ки он ташкилдиҳандаи низоми иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Дар назар на танҳо таъмини такрористеҳсолкунии аҳолӣ, эминдории зиндагӣ, ҳадди ақали музди меҳнат, тандурустии одамон аст, балки фароҳам овардани шароит барои рушди шахсии онҳо, махсусан барои ҷавонон, ин маънои фароҳам овардани имкониятҳои бомуваффақияти иҷтимоишавие, ки ҳамчун омили муҳимтарини фаъолияти муътадили ҷамъият, устуворӣ, инчунин рушди муттасили он мебошад.

Мушкилоти иҷтимоишавии шахс яке аз масъалаҳои мубрам дар илми сотсиология буда, механизмҳои аз насл ба насл интиқолдиҳии таҷрибаи муқарраргардида ва таъсиррасонандаи ҷомеаро таносуби равандҳо ва институтҳои иҷтимоии вуҷуддошта меомӯзад. Хусусияти хоси таҳлили сотсиологии иҷтимоишавӣ аз муайян кардани хусусиятҳои иҷтимоӣ дар равандҳои мухталифи ҳамгироии шахсӣ ва умумӣ дар ҷамъият иборат мебошад. Хусусияти таҳқиқоти сотсиоло-

гии иҷтимоикунонии шахс бо дугонагии объекти таҳқиқот «шахс-ҷомеа» алоқаманд аст. Қайд кардан зарур аст, ки дар илми сотсиология бисёр назарияҳои иҷтимоишавӣ коркард шудаанд. Онҳо чун таркиби мантиқӣ дар асоси хусусиятҳои ошкоршудаи ин ҷараёни ҷамъиятӣ сохта шуда, барои таҳлили он пешбинӣ ва тасвир шудаанд. Онҳо самтҳои гуногуни илмиро, дар заминаи баррасиҳои мухталиф ва шарҳи воқеияти иҷтимоӣ сохташударо инъикос мекунанд. Вобаста аз он, ки дар кадом назарияи мушаххаси иҷтимоишавии ин ё он раванд эҷод карда шудааст, модели назариявии муайян сохта шуда, ҳамчун модели боэътимод ва асосноки иҷтимоишавӣ пешниҳод карда мешаванд. Таҳқиқотҳои пурсамартарини иҷтимоишавӣ дар доираи чунин соҳаҳои илмӣ, аз қабили таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, сотсиологияи фаҳмиш, анъанаҳои психоаналитикӣ ва психологияи иҷтимоӣ, мактаби ахлоқӣ-субъективӣ, бихевиоризм, интераксионизми рамзӣ, ҷомеашиносии падидавӣ ташаккул меёбанд.

Инкишофи минбаъдаи назария шояд на дар самти ба вуҷуд овардани парадигмаи ягона, балки дар маҷрои асосии ҷустуҷӯи тафсирҳои нави иҷтимоишавӣ равона бошад. Коркардҳои нави таҳқиқот тавассути омӯзиши равишҳои назариявию эмпирикӣ ва таҳияи онҳо, на барои аз байн бурдани гуногунии консептуалӣ, балки барои таҳияи амалии он мебошад.

Дар илми сотсиологияи шӯравӣ муддати тулони муносибати танқидӣ нисбат ба таҳлили ташаккул ва инкишофи шахс, аз нуқтаи назари иҷтимоишавӣ ҳукмфармо буд. Дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои «ташаккули шахс», «тарбияи коммунистӣ», «ташаккули ҳаматарафа ва мутаносибии шахс» васеъ истифода мешуданд.

Бидуни ин, олимон Г.М. Андреева, И.С. Кон ва дигар мутахассисони рус дар соҳаи психологияи иҷтимоӣ дар таҳияи равишҳои консептуалии омӯзиши иҷтимоӣ саҳм гузоштанд. Г.М. Андреева се самти асосии иҷтимоишавро нишон додааст: «фаъолият, муошират ва худшиносӣ» [8,с.63]. Бояд зикр кард, ки дар раванди иҷтимоишавӣ натанҳо азхуд кардану такрористеҳсолнамоии таҷрибаи ҷамъиятӣ, балки тағйир додани он ва ба зинаҳои навин густариш ёфтани он низ ба амал меояд. Дар асоси гуфтаҳои боло давраҳои иҷтимоишавии шахсро муайян мекунем: пеш аз меҳнатӣ (давраи аввал ва давраи таълимӣ), меҳнатӣ ва баъди меҳнатӣ.

Вақтҳои охир аксарияти сотсиологҳо баҳри даврабандии ин ҷараён дигар омилҳоро истифода мебаранд, ки имконияти таҳлили ба назар гирифтани хусусияти иҷтимоишавии кӯдакон ва калонсолонро медиҳад. Шабеҳият ба ҷомеашиносии Ғарб дар ду давраи асосӣ, вале сифатан гуногун ифода мешаванд. Якум, «иҷтимоишавии ибтидоӣ» аз лаҳзаи таваллуди одам то ташаккулёбии шахси баркамол. Вобаста ба он, агентҳои иҷтимоии ибтидоӣ - волидайн, бародарон, хоҳарон, бибиҳо, бобоҳо, хешовандони наздик ва дур, дӯстони оилавӣ, ҳамсолон, оила, омӯзгорон ва гурӯҳҳои ҷавононро фарқ мекунанд. Истилоҳи «иҷтимоишавии ибтидоӣ» дар сотсиология ба ҳама чизе, ки муҳити бевоситаи шахсро ташкил медиҳад ва ба ҳамин маъно ҷомеашиносон онро чун як гурӯҳи хурди иҷтимоӣ тасвир менамоянд. Бинобар ин муҳити ибтидоӣ таҳкурсии иҷтимоии шахс маҳсуб меёбад. Агентҳои баъдина намояндагони маъмурияти мактаб, донишгоҳ, корхона, масҷид, радио, матбуот, ҳукумат ва ғайраҳо мебошанд. Истилоҳи «дуюм» ба он гурӯҳҳое дахл дорад, ки ба шахс таъсири камтар доранд. Истилоҳи дуюмдараҷаро дар сотсиология ба он гурӯҳҳо шабоҳат медиҳанд, ки аҳамияташон дар ташаккулёбии иҷтимоӣ на он қадар муҳим мебошад, ба монанди ташкилотҳои ғайрирасмӣ, муассисаҳои расмӣ ва ғ. Бинобар ин, давраи ҳаёти инсон ботағйирёбии нақшҳои иҷтимоӣ, ба даст овардани мақоми нав, даст кашидан аз одатҳои қаблӣ, муҳити зист, робитаҳои дӯстона, тағйир додани тарзи муқаррарии зиндагӣ ё ғайрииҷтимоикунонӣ алоқаманд аст, ки ҳамчун навъи дигаргунсозии шахс

аллакай дар давраи камолоти ҷамъиятии худ вобаста дониста мешавад. Бинобар ин иҷтимоишавӣ на танҳо рафтори бошуурона, идорашаванда, мақсаднок (тарбия ба маънои васеъ), балки равандҳои табиӣ, ғайримуташаккилро дар бар мегирад, ки бо ин ё он намуд ба ташаккули шахс таъсир мерасонад.

Муҳаққиқон ду марҳилаи иҷтимоиро ҷудо мекунанд: мутобиқшавии иҷтимоӣ ва интериоризатсия. Мутобиқшавии иҷтимоӣ маънои ҳамоҳангии ҳаёти фард ба шароити иҷтимоию иқтисодӣ, вазифаи нақшҳо, меъёрҳои иҷтимоӣ ва муҳити зиндагиро дорад.

Интериоризатсия раванди ворид кардани меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ ба ҷаҳони ботинии шахс мебошад. Хусусияти таҳқиқоти сотсиологии иҷтимоишавӣ бо духурагии объекти таҳқиқот «шахсият- ҷомеа» алоқаманд аст. Яке аз роҳҳо созиши канорагирӣ аз равишҳои қутбӣ (танҳо усули объективӣ ё танҳо субъективӣ) мебошад. Хусусияти таҳлили сотсиологии иҷтимоишавӣ дар муайяннамоии самтҳои гуногуни иҷтимоӣ-типикӣ, ҳамчун маҷмӯи афзалиятнок ва хусусиятҳои равандҳои ҳамгироии шахсҳо дар ҷомеа сурат мегирад.

Ҳаминтавр, раванди иҷтимоишавии шахс ба фазои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷомеа, ки бевосита ба муҳити оила, интихоби тахасуси касбӣ, даромади оила ва ба шуғл таъсиррасон буда, мавқеи гурӯҳҳои иҷтимоиро дар ҷамъият муайян менамояд.

**Адабиёт**


1. Ананьев Б. Г. О проблемах современного человекознания. - М.: Наука, 2011, 586 с.
2. Ананьев Б. Г. Человек как предмет познания. – Спб.: Питер, 2010,288 с.
3. Андреева Г. М. Социальная психология. - М.: Аспект-пресс, 2010, 363 с.
4. Дюркгейм Э. Социология образования. М., 1996, 80 с.
5. Иваненков С. П. Проблемы социализации современной молодежи. — СПб.: 2003,390 с.
6. Маркс К. Процесс труда и процесс увеличения стоимости // Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т. 23, М.: 1960, 905 с.
7. Смелзер Н. Социология. М., 1994. 688 с.
8. Тавакалова М. К. Образование как социокультурный фактор формирования ценностных ориентаций молодежи: социально-философский анализ диссертация кандидата философских наук.- Душанбе, 2016, 146 с.
9. Тард Г. Законы подражания. СПб.,1998, 362 с.
10. Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис. М., 1996, 344 с.


## ПРОЦЕСС СОЦИАЛИЗАЦИИ ЛИЧНОСТИ В УСЛОВИЯХ ИЗМЕНЕНИЙ СИСТЕМЫ ОБЩЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ


**Каҳоров Г. Г., Солихов С. Т.**



*В статье автор на основе изучения концепции социализация личности, анализирует процесс социализации и влияние социальной среды в модифицирующемся обществе. Социализация личности зависит от социальной среды и способности социальных групп и слоев населения приспосабливаться к общественной жизни и трудовым коллективам. Именно в процессе социализации человек в обществе определяет свой цель и образ жизни. Также он учится пользоваться уважением среди других, и в то же время он обретает уважение. Автор на основе изучения научной литературы отмечает, что в социологической научной мысли всегда особое внимание уделяется проблеме социализации личности. Поэтому среди социологов существуют разные точки зрения на проблему социализации личности, о которых идет речь в статье.*



***Ключевые слова:*** *социальный, экономика, выбор профессии, качествнное образования, рыночная экономика, процесс социализации, трансформирующая общества, социальная среда, общественные отношения, формирование личности,*

*социальные ценности, социальные качества личносты.*

## THE PROCESS OF SOCIALIZATION OF THE INDIVIDUAL IN THE CONTEXT OF CHANGES IN THE SYSTEM OF SOCIAL RELATIONS

**Kahorov G. G., Solikhov S. T.**

*In the article, the author, based on the study of the concept of socialization of the individual, analyzes the process of socialization and the influence of the social environment in a modifying society. The socialization of an individual depends on the social environment and the ability of social groups and strata of the population to adapt to social life and work collectives. It is in the process of socialization that a person in society determines his goal and way of life. He also learns to be respected by others, and at the same time he gains respect. Based on the study of scientific literature, the author notes that in sociological scientific thought, special attention is always paid to the problem of personality socialization. Therefore, among sociologists, there are different points of view on the problem of socialization of the individual, which are discussed in the article.*

***Key words:*** *social, economics, choice of profession, quality education, market economy, socialization process, transforming societies, social environment, social relations, personality formation, social values, social qualities of a personality.*

# ФИЛОСОФИЯ ПОЛИЛОГА И РЕГИОНАЛЬНАЯ ФИЛОСОФИЯ КАК АЛЬТЕРНАТИВА СРАВНИТЕЛЬНОЙ ФИЛОСОФИИ

**Диноршоева З. М.** – доктор философских наук, главный научный сотрудник Отдела истории философии Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова НАНТ
Тел: 902222886

*В статье автор рассуждает о региональной философии и философии полилога, сформировавшейся в конце 20 и начале 21 века как альтернатива сравнительной философии, оформившейся во второй половине 20 века в Европе. Указывается, что теоретики философии полилога концептуально разработали ее основные принципы и положения, представив философию полилога в качестве новой парадигмы в историко-философских исследованиях. Соглашаясь и признавая явные преимущества философии полилога, автор говорит и о возможных проблемах, которые могут возникнуть в процессе выявления «общего и частного» в достижениях тех или иных философских традиций, в частности региональных и национальных. При этом автор указывает, что трансформация диалога в полилог является отражением тенденций современного мира, а именно процесса деглобализации, и в будущем в связи с дальнейшими изменениями в историческом процессе неминуемо сформируются иные историко-философские модели и парадигмы.*

***Ключевые слова:*** *философия полилога, региональная философия, интеркультурная методология, парадигма, история философии, сравнительная философия, диалог, культура, глобализация, деглобализация.*

В рамках исследования вопросов о новых и актуальных методах и подходах к историко-философским исследованиям, которые предоставляют более широкие возможности прочтения, толкования, интерпретации, понимания и осмысления историко-философских текстов следует назвать интеркультурный метод и региональный подход, которые активно проявляют себя в пространстве «философии полилога», «национальной философии», «региональной философии», являющиеся в настоящий момент некой альтернативой европейской парадигме, отрицающей научный статус истории философии и предлагающей в качестве альтернативы истории философии сравнительную философию. Хотя, как указывает Волобуева Л.Н. «в истории философии есть опыт сравнительной философии, которая пытаясь корректировать традиционные миропредставления, тем не менее, незападные традиции мыслительной деятельности рассматривала, как вторичные… Отечественная традиция диалога подразумевает непосредственный обмен между культурными универсалиями, что фактически соответствует современному представлению о полилоге. Синергетическое миропонимание, актуальное сегодня, подразумевает взаимное проникновение, взаимодействие, формирование инновационных культурных универсалий, что возможно только в полилогическом, находящемся в состоянии постоянного формирования, по сути творческом пространстве» (1,1).

Известно, что глобализация культивировала идею диалога культур, но, опять-таки, с явным акцентом на доминирование в качестве идеала для прогрессивного развития человечества западноевропейской культуры как парадигмы. На мой взгляд, философия диалога культур не оправдала себя, и одной из причин были претензии, естественно, хорошо скрываемые и замаскированные, на ведущую роль в мировом развитии европейской культуры в целом, философии в частности. При этом умалчивался факт

того, что именно процесс колониализации европейцами восточных, в широком смысле, и африканских стран и земель, стало фактором их духовного обогащения, впрочем, как и экономического, и религиозно-философские учения востока обогатили европейский рационализм, придав ему одухотворенность и интеллектуальное благородство. Более того, диалог культур предполагал диалог между Западом и Востоком, имея ввиду диалог между религиями (в основном, христианства и ислама, хотя христианство зародилось тоже на Востоке); диалог между восточным и западным типом мышления, следовательно, философствования – иррационализма и мистицизма с одной стороны, и рационализма и эмпиризма, с другой (хотя элементы того и другого существуют в обеих философских традициях). Но Восток настолько неоднороден, что между самими разнообразными восточными традициями необходим диалог. В итоге, идея диалога культур еще более акцентировала внимание на различиях, чем общечеловеческих ценностях. Конечно, сама идея диалога не потеряла значения в деглобализирующемся мире, но фундаментальные ее принципы должны пересмотреться, тем более, что необходимо говорить о различных видах и уровнях диалога: межнациональном, межэтнический, межкоммуникационном и т.д.

Если в настоящее время в связи с мировыми политическими и экономическими изменениями налицо нарастание деглобализационных процессов, то и сформировавшаяся концепция полилога в философии является отражением и следствием этого процесса. Волобуева Л. Н. пишет: «кризисные тенденции в мировой культуре связаны с исчерпыванием западноевропейской модели миропонимания. Как следствие необходимо обратиться к архаичным, в европейской классификации, традициям философствования. Для этого необходимо переструктурировать историю философии, отказаться от приоритета европейской модели мыслительной деятельности посредством полилога» (1,3).

Особенностью полилога является то, что он как способ формирования принципиально новой философской парадигмы, отказывается и от культурного слияния и от культурного конфликта. Но как провести линию демаркации и определить критерии слияния и конфликта? Согласно Валобуевой Л.Н. «полилог культур характеризует взаимное проникновение индивидуальных, ареальных, исторических, религиозных культур, их взаимопроникновение, взаимодействие, нахождение точек соприкосновения, формирование инновационных культурных универсалий»(1,5).

Проблема теоретического основания и механизмов трансформации диалога в полилог является важной проблемой и исследуется в диссертационной работе Ивановой Е.М. «Полилог как трансформация диалога в современном обществе» (2). Естественно, идея полилога, в частности, философского, и трансформации диалога в полилог не нова и, как указывает Иванова Е.М. ею занимались М.М.Бахтин, В.С.Библер, Ю.М.Лотман, М.Бубер, Г.П.Щедровицкий, П.Бергер, Е.А.Сайко и др (2,3).

Работы А.В.Малинина, в частности его статьи «О «новых» методах изучения истории русской философии»(3) и «Философия полилога», также посвящены этой проблеме, и которая определила структуру и содержание статьи Ольги Пчелиной «Полилог религии, культуры и философии: интерпретация Д.С. Мережковского»(4), которая была издана в 2021 г. в журнале «Философский полилог».

Так, в рамках философии полилога сформировалась интеркультурная методология, которая согласно А.В.Малинину «исходит из представления о равноправии и дополнительности различных философских традиций, школ, направлений, признает разнообразие путей достижения истины, полагает тесную связь философского мышления с тем типом культуры, общества и мировоззрения, которые его инициируют и в нем находят свое смысловое осуществление»(3,4). Философия полилога постепенно обретает признание и свое место в современной философии. Считаю важным и актуальным для отечественной историко-философской науки

более глубокое изучение теоретических основ философии полилога, интеркультурной методологии, применение которых позволит вывести историю таджикской философии на иной уровень, продемонстрировав особенности национально-самобытного мышления и мировоззрения, доказав ее оригинальность, а не как на прямую рецепцию и повторение чужих идей. В связи с тем, что познавательному процессу присуща преемственность и взаимовлияние идей, становится возможным более смело и четко определить каким образом они осуществлялись, как заимствованные идеи адаптировались, трансформировались, получили дальнейшее развитие исходя из новых социо-культурных условий и оказали, в свою очередь, влияние на дальнейший процесс познания. Кроме того, в рамках философии полилога можно определить в какой исторический момент та или иная философская школа имела наибольший успех в плане разработки оригинальных идей, а в какой исторический период больше наблюдаются рецепции, комментаторство и т.д. Также можно задуматься над вопросом о том, всегда ли период рецепций и комментаторства можно однозначно обозначить к спад и упадок в мыслительном процессе? Ведь развитие, характеризующееся новыми открытиями и идеями, может смениться периодом осмысления, проникновения в идею, что часто осуществляется посредством комментаторства и интерпретации.

Я согласна с А.В.Малиновым, утверждающим, что в полилоге «философия понимается как *самостоятельное промысливание* исторических идей философии и выработка новых стратегий интеллектуального поиска. Методология интеркультурности, с одной стороны, исходит из убеждения в принципиальной универсальности философского мышления и его конвертируемости в различные национальные традиции, школы и направления, а с другой стороны, видит исток различий национальных философий в культурной, социальной и религиозной обусловленности мышления(3,6).

Исходя из вышесказанного, считаю, что философия полилога как относительно новое направление историко-философских исследований, признающее «равноправие философских традиций, школ и направлений, а главное – признающее тесную связь философского мышления с тем типом культуры, общества и мировоззрения, которые его порождают», может решить вопрос о том, существовала ли философия на Древнем Востоке, является ли мусульманская философия оригинальным духовным феноменом или нет, наблюдаются ли в средневековой западной философии критерии самой философии, какова смысловая нагрузка понятия «религиозно-философское учение», в конце концов, является ли экзистенциализм и другие направления западноевропейской философии 19-20веков философией, существуют ли единые критерии философии и философствования и т.д.

Следовательно, на данном историческом этапе ответы на данные вопросы могут быть найдены в рамках философии полилога и интеркультурной методологии посредством концептуализации идеи о пересмотре истории философии с позиций признания всего многообразия исторических философских традиций равноправными и одинаково влияющими на культурное развитие человечества.

Помимо этого, важным считаю для развития таджикской историко-философской науки, ознакомление и с региональным подходом к истории философии, который весьма четко обозначен в учебном пособии Черепановой Е.С. «Методология историко-философского исследования региональной философии» (5). Данное учебное пособие представляет собой курс лекций спецкурса для студентов философского факультета, которые специализируются по истории философии. На мой взгляд, в перспективе, необходимо такой спецкурс ввести и в учебный план философского факультета ТНУ.

Понимание регионального подхода в истории философии предполагает для начала осмысление понятия «регион», «культурный регион», «национальная философия», соотношение региональной

культуры и национальной культуры и их интерпретацию в современных гуманитарных науках. Автор пишет, что «методология историко-философских исследований формировалась для изучения таких философий, которые были «классическими» то есть складывались в период становления наций и выражали их самосознание. Затем она развивалась от представлений об общенациональной философии: этой методологии противопоставлялся индивидуализирующий подход к пониманию философов, компаративистский подход и т.д. …Однако наиболее широкое проблемное поле в вопросе о типологии истории философии открывается по поводу национальной особенности той или иной философской традиции. В данном случае методологией оказывается инструментарий теории культуры в том ее разделе, где обсуждается история формирования национальных культур, т.е., когда феномен национальной природы понимается через исторический анализ языка, мифа, ритуала и т.п. В самом общем виде методология определения национального своеобразия предполагает следующие параметры, принятые на сегодняшний день большинством исследователей: язык, культура (в историческом аспекте), религия, этно-географическая среда (5,41-42).

В связи с этим огромное значение в региональном подходе имеет феномен национальной психологии, так как «национальная психика подвергается при этом психоаналитическому исследованию на предмет наличия комплексов, кризисов идентичности, что дает возможность обосновать национальный характер, который соответственно, проявляется в философском языке; истории данной национальной философской культуры; связи религии и философии; приоритете тех или иных философских конструкций и схем»(5,41-42).

Далее Черепанова Е.С. говорит о том, что выделяют три, спорящие друг с другом типовые модели исследования:

- первая модель определяет философию как всемирную историю человеческой цивилизации, предполагая, что развитие духа прогрессивно, а философия – вершина этого прогресса

- вторая модель «с фактами» в руках настаивает на разном прочтении философии, видя в позитивистской, социально-политической истории методологическое основание

- третья модель апеллирует к поиску живого начала в развитии мировоззрения и философия оказывается воплощением национальной воли, души. Методологией интерпретации становится психоаналитическая и экзистенциальная культурология

«Чтобы определить место и роль регионального подхода в истории философии, - согласно Черепановой Е.С, - нам нужно понять почему всемирная история не совпадает с позитивистской и социально-политической и почему в последнее время остаются актуальными поиски национального духа философии» (5,47).

Конечно, мы согласны с утверждениями автора о том, что развитие философии в рамках модели «всемирной философии» поглощает, нивелирует и принижает национальную философию, что новый стиль мышления – интегральный, позволяет человеку мыслить себя и как часть человечества, и как представителя региона и как представителя своего уникального народа, этноса, отдельной культурной общности и т.д. Но, ведь всегда существует оборотная сторона медали. Не превратится ли со временем философия полилога в спор? Смогут ли философы в процессе выявления оригинальных и самобытных идей той или иной философской традиции сохранить принцип объективности и непредвзятости? Не приведет ли философия полилога к уравниловке в худшем смысле этого слова, а именно к нарушению принципа объективности субъектами, то есть представителями той или иной национальной историко-философской науки? Более того, понятно, что при дальнейшем развитии исторического процесса, формированием новых частных и глобальных процессов во всех сферах общественного бытия, появятся новые модели философствования, которые смогут отразить и удовлетворить новые запросы человечества.

Хочу напомнить, что региональный подход сформировался под влиянием произведения Рэндалла Коллинза «Социология философий: глобальная теория интеллектуального изменения», которое оценивается учеными как «новый этап самосознания интеллектуалов в мировой истории….является без преувеличения крупнейшим событием философской и научной жизни на рубеже 20-21 веков…главную ценность книги представляет не экстраординарная широта охвата (анализ философских традиций на протяжении 25 столетий), но целостность и глубина теоретического видения, социологическая проницательность, обилие новых нетривиальных концептуальных моделей, подкрепленных детальным сравнительно-историческим анализом» (6).

На данный момент региональный подход в историко-философских исследованиях весьма перспективен, способствует выявлению характерных черт и особенностей региональной и национальной философии; демонстрированию их самобытности и независимости; обоснованию их права на равное существование с стереотипно считающимися «классическими, эталонными» философскими традициями.

Думается, что вопрос о региональном подходе к историко-философским исследованиям определенным образом касается вопроса о философском плюрализме и здесь в качестве приложения к данной статье хочу привести рассуждения Ойзермана Т.И., которое он высказал на одном из круглых столов, посвященном проблеме «Что такое философия?»: «Философия, в отличие от любой науки, каков бы ни был исторический уровень ее развития, существует как неопределенное множество философских учений, которые противостоят друг другу, отрицают друг друга и вместе с тем дополняют друг друга. Таков modus essendi философии, такой она была уже в первое столетие своего исторического бытия, такой она осталась и в наше время. И нет никаких снований полагать, что когда-нибудь в будущем философия утратит свою многоликость, которая является ее особенностью, специфической формой познания. Было поэтому заблуждением полагать, что философский плюрализм существует только до тех пор, пока не создана такая система, которая решила вопросы, которые не были решены. Он существует, потому что существует философия, и будет существовать до тех пор, пока существует философия».

И академик Гусейнов в своей статье «Назначение философии» говорит, что идея принципиальной множественности философии имеет фундаментальное значение. Признаюсь, сам-то я к этому выводу пришел не так давно, лет десять тому назад. А лет двадцать тому назад в одном сборнике, вышедшем в Швейцарии, я писал о том, что плюрализм философских учений – это исторически преходящее явление. Вероятно, тогда я был убежден, что диалектический материализм должен завершить историю философии. Ведь и Гегель говорил, что история имеет не только свое начало, но и конец. Слава Богу, что мне удалось исправить это свое заблуждение.

Что хорошего в том, что философия многолика? А именно то, что существуют разные философии. Спиноза говорил, что, может быть, моя философия не самая лучшая, но она истинная. Это была догматическая иллюзия Спинозы, да и любой философ, строящий свою систему, также не свободен от этой иллюзии. Эти иллюзии разрушаются другими системами. И тем самым обогащается океан философского мышления, тем самым возникают новые проблемы, новые идеи, понятия. И постмодернизм в лице Деррида или Лиотара, людей, готовых к отрицанию, следуя примеру Ницше, отчасти Хайдеггера, также обогащают понятие философии своим отрицанием. Ибо всякое квалифицированное отрицание философии есть тоже философия. Да ведь весьма часто философия выступала не только как критика другой философии, но и как отрицание философии вообще. Помните, как у Фейербаха: «Meine Philosophie – keine Philosophie», моя философия – уже не философия. Но кому в голову приходило не считать Фейербаха философом? Маркс и Эн-

гельс тоже считали, что их философия – это не философия.

Значит, плюрализм философских учений – это реальное богатство философии. И чем больше плюрализируется философия, тем увеличивается ее богатство. Будем же плюралистами»(7).

**Литература**


1. Волобуева Л.Н. Межкультурная философия: диалог или полилог.//Вопросы философии и политологии. Adi-madi.ru
2. Иванова Е.М.Полилог как трансформация диалога в современом обществе. Автореф. На соискание уч.степени канд.филос.наук.Томск 2009. // Sun.tsu.ru
3. Малинов А.В. О «новых методах» изучения истории русской философии. // Philosophyjournal.spbu.ru
4. Пчелина О. Полилог религии, культуры и философии: интерпретация Д.С. Мережковского. // Cyperleninka.ru
5. Черепанова Е.С. Методология историко-философского исследования. Екатеринбург, 2004. Elar.urfu.ru
6. Коллинз Р. Социология философий. Nrozov.nsu.ru
7. Ойзерман Т.И. Что такое философия? // Phantastike.com


## ФАЛСАФАИ ПОЛИЛОГ ВА ФАЛСАФАИ МАНОТИҚӢ ҲАМЧУН АЛТЕРНАТИВАИ ФАЛСАФАИ МУҚОИСАВӢ


**Диноршоева З. М.**



*Дар мақола муаллиф роҷеъ ба фалсафаи полилог (андешаи гуруҳӣ) ва фалсафаи минтақавӣ, ки дар охири асри 20 ва аввали асри 21 дар муқобили фалсафаи муқоисавӣ, ки дар Аврупо мустақарр гаштааст, ба вуҷуд омадааст, сухан меронад. Муҳаққиқони ин модели фалсафа принсипҳои асосии онро коркард намуда, фалсафаи полилогро чун намунаи нав ва тозаи андешаронии таърихӣ-фалсафӣ пешкаш намуданд. Муаллиф бо бартариятҳои ин фалсафа ҳамфикрии худро иброз намуда, дар айни замон таъкид мекунад, ки фалсафаи полилог метавонад бо мушкилиҳо низ дучор шавад, аз ҷумла ҳангоми муайян намудани таносуби байни дастовардҳои умумӣ ва ҷузъӣ дар рушди фалсафа ва осори таърихӣ-фалсафӣ. Ҳамзамон муаллиф таъкид менамояд, ки ҳангоми рушди минбаъдаи ҳаводиси таърихӣ моделҳои дигари фалсафагӯйӣ, ки ба замони худ мутобиқ буда, ҷавобгӯи талаботи он давраи таърихӣ мебошанд, ба вуҷуд хоҳанд омад.*



***Калидвожаҳо:*** *фалсафаи полилог, фалсафаи минтақавӣ, парадигма, диалог, таърихи фалсафа, фалсафаи муқоисавӣ, фарҳанг, глобализатсия, деглобализатсия.*


## PHILOSOPHY OF POLYLOGUE AND REGIONAL PHILOSOPHY AS AN ALTERNATIVE TO COMPARATIVE PHILOSOPHY


**Dinorshoeva Z. M.**



*In the article, the author discusses regional philosophy and the philosophy of polylogue, which was formed in the late 20th and early 21st centuries as an alternative to comparative philosophy, which took shape in the second half of the 20th century in Europe. It is pointed out that theorists of the philosophy of polylogue conceptually developed its basic principles and provisions, presenting the philosophy of polylogue as a new paradigm in historical and philosophical research. While agreeing and recognizing the obvious advantages of the polylogue philosophy, the author also talks about possible problems that may arise in the process of identifying the «general and particular» in the achievements of certain philosophical traditions, in particular regional and national ones. At the same time, the author points out that the transformation of dialogue into a polylogue is a reflection of the trends of the modern world, namely the process of deglobalization, and in the future, due to further changes in the historical process, other historical and philosophical models and paradigms will inevitably form.*



***Key words:*** *polylogue philosophy, regional philosophy, intercultural methodology, paradigm, history of philosophy, comparative philosophy, dialogue, culture, globalization, deglobalization.*

№1
2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# АНДЕШАҲОИ ДИНӢ ВА ДУНЯВӢ ДАР МАСИРИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ НАВИ ҶАМЪИЯТӢ

**Орифҷонова Н. Р. -** н.и.ф.,дотсент, ходими калони илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии ИФСҲ АМИТ (e-mail: nur@bk.ru; тел.: 915 27 08 35)

*Дар мақола хусусиятҳои хоси андешаҳои динӣ ва дунявӣ чун ҷаҳонбинӣ ва самтгирии арзишҳои гуногун, роҳу имкониятҳои ҳамоҳангсозии онҳо дар ҷомеаи муосири тоҷик баррасӣ мешаванд. Яке аз мушкилоти ҷиддии замони муосир, ки диққати аҳли ҷомеаи Тоҷикистонро ба ташвиш овардааст, ин тағийрёбии муносибатҳои ҷамъиятии иҷтимоӣ мебошанд, ки он дар сатҳи давлатӣ ҳаллу фасл намудани мушкилоти мафкуравиро тақозо мекунад. Ҳар андеша – як фикри мукаммалшудаест, ки аз талаботҳои ҳаётии инсон рӯида, ниёзи моддӣ ва маънавии ӯро дар масири ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ инъикос менамояд. Шаклгирии ду навъи андешаҳо – динӣ ва дунявӣ, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири муайян доранд, дар замони муосир мубрам шуда истодаанд. Ҳаллу фасли ин масъалаи мубрам бо дарки амиқи мавзуъ аз назари фалсафию фарҳангӣ дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ нисбати муқаддасоти маънавии мардум, танзими муносибатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳанги маънавӣ, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ, маърифатнокӣ ва некӯаҳволии мардум – чун омили бартарафсозандаи ҳама гуна кӯшишҳои ҷудоиандозӣ миёни мардум ва ноороmсозии ҷомеа мебошанд, арзёбӣ мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *маънавиёт, мафкура, андешаҳои дунявӣ, андешаҳои динӣ, низоми ҳаёти ҷамъиятӣ, фарҳанги миллӣ, тафаккури миллӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ, маърифати олам, озодии виҷдон, муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, неъматҳои моддӣ ва маънавӣ.*

Тафовути куллии ҷомеа аз дигар низомҳои ҷамъиятӣ дар он аст, ки воқеияти иҷтимоии он на танҳо ҷузъҳои моддӣ, балки ҷузъҳои маънавиро низ дар бар мегирад. Робитаи неъматҳои моддӣ ва маънавӣ дар ҷомеа як масъалаи муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳаллу фасли он масъалаи мушаххаси фалсафаи иҷтимоӣ мебошад. Чунин самтгирӣ ҳанӯз дар даҳсолаи аввали эъломи соҳибистиқлолӣ ва сохторёбии муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар баромадҳои Президенти Тоҷикистон чун асоси бунёдии ҷомеаи ҷадиди дунявӣ ва талаботи маънавии созандаи ҷомеаи тоҷикистонӣ қайд шуда буд: «Мо бояд ҳадафу мақсадҳои рушди маънавии Тоҷикистонро дар шароити нав муайян сохта, дар ин ҷода барномаи мушаххас дошта бошем» [ 8, 21].

Соҳибистиқлолӣ хусусияти давлат ва шарти асосии субъекти ҳуқуқии байналмилалӣ будани он мебошад. Дар солҳое, ки Тоҷикистон соҳиби истиқлолияти давлатӣ гардид, кишвар ба пояҳои давлатдории худ ва, пеш аз ҳама, ба пешбурди сиёсати берунӣ рӯ овард, ки мувофиқи он сиёсати ҷаҳонии муносибатҳои байни кишварҳо дар пояи риояи ҳуқуқи башар сохторёбӣ шуда, ба ҳар кас ҳуқуқи озодии виҷдон ва ақидаро кафолат медиҳад.

Машҳуртарин санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии дорои хусусияти умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро муайян мекунанд, «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар» (1948), «Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ» (1966), «Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ» (1966), инчунин, «Ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии инсон» (1950), «Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон» (1995) мебошанд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо, инчунин, ҳуқуқи ҳар касро ба озодии виҷдон ва дин эълон мекунанд.

Хусусиятҳои асосии конститутсионии кишвар дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, ба расмият ва ҳукми қонун дароварда шудаанд, ки тибқи ин муқаррароти конститутсионӣ «Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълом шудааст» [4, 1]. Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ такмилу танзими ҳуқуқии ташкилии низоми ҳаёти ҷамъиятиро дар шароити тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо истифодаи васеи арзишҳои фарҳанги ҳуқуқии миллӣ муқаррар намуд. Ба ин мақсад Консепсияҳои сиёсати давлатии ҷумҳурӣ дар соҳаи дин [1] ва сиёсати ҳуқуқӣ [4] кор карда шуда, муқаррароти онҳо, тадриҷан, бо риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва озодиҳои шаҳрвандон дар қаламрави кишвар густариш мегардад.

Шинохти дунявият дар сатҳи сиёсии давлатӣ дар қатори хусусияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва ягонагӣ – яке аз вижагии расмии давлати миллии соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ аст, ки яке аз нишонаҳои муҳимми он риояи ҳуқуқи башар ва озодии виҷдон дар қаламрави кишвар мебошад. Яъне, шаҳрвандон метавонанд озодона ба дину мазҳаб пайравӣ намоянд ва ё баръакс ба он пайравӣ накунанд. Тибқи ин муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии давлат ва сиёсати он ҳеҷ як идеологияи динӣ давлатӣ ва ҳатмӣ эътироф карда намешавад. Принсипи ҷудо кардани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат афзалияти муҳими давлати дунявӣ мебошад, ки мувофиқи он иттиҳодияҳои динӣ субъектҳои фаъолияти сиёсӣ нестанд ва, зимнан, дар идоракунии давлатӣ ва ташкили мақомоти давлатӣ иштирок намекунанд. Хуруҷи давлат аз таҳти таъсиру назорати дин ва калисо дар пайгирии дунявият ҳамчун омили пешрафти ҷомеаи муосир ба амал омад. Баррасии дунявият дар арсаи сиёсӣ-иҷтимоӣ аз мавқеъҳои мухталифи ғоявию методологӣ боиси дарки моҳият ва мавқеи андешаҳои дунявӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ гардид.

Дунявият ба истилоҳи илмӣ - «секуляризм» - маънои дунявӣ - инҷаҳониро дошта, ба дунёи воқеӣ ва олами моддӣ мансуб будани чизеро ифода мекунад. Дар фалсафа он маънои аз таҳти таъсири дин ва ҷаҳонбинии динӣ озод будани шуури ҷамъиятӣ ва фардии шаҳрвандони кишвар мебошад. Он, маъмулан, дар муқобилгузорӣ ба «клерикализм» - диният (динӣ будан) истифода карда мешавад. Клерикализм як равияи сиёсиест, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа нақши пешбарии калисо ва руҳониёнро меҷӯяд.

Дунявият аз фаҳмиши материалистии таърих ба сифату хусусияти зеҳнию тафаккури инсон низ ишора мекунад. Одами дунявӣ шахси равшанфикр ва озодандеш аст. Шуури вай аз хурофоту таассуби динӣ озод асту мароми вай бештар ба зиндагии воқеӣ равона мегардад. Хусусияти аслии андешаҳои дунявӣ на фақат озодандешӣ ва истиқлолияти фикрӣ доштан, балки мутлақ надонистани назарияи илоҳӣ мебошад. Дунявият ба маънои аслиаш шинохти дунёи воқеӣ, ки дар он ҳуқуқи башар ва он ғояҳое, ки ба рушди ҷомеаи инсонӣ мусоидат мекунанд, арзёбӣ мешаванд. Давлати дунявӣ давлатест, дар он дин аз ҳокимияти давлатӣ ҷудо буда, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳаёти воқеии мардум дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ, ки дар заминаи талаботҳои иҷтимоии инсон ва манфиатҳои умумибашарӣ ба танзим дароварда шудааст, ҷараён мегиранд. Дунявият дар фарҳанги миллии мо мафҳуми навэҷоди имрӯза нест. Истифодаи ин вожа ба ҳамин маъно ҳанӯз дар адабиёти классикии асримиёнагии форсу тоҷик, ки яке аз тӯлонитарин замонҳо дар ташаккули тафаккури таърихии инсоният ба ҳисоб меравад, мушоҳида мешавад.

«Маънии аслии вожаҳои «Дунёӣ \\ Дунявӣ» дар китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо намунаҳои равшан чунин шарҳ дода шудааст: «Дунёӣ \\ Дунявӣ – *мансуб ба дунё, ҷаҳонӣ, моддӣ будан аст:*

Матлубе, ки ба даст афтад, хоҳ аз матои дунявӣ, хоҳ аз ёрони маънавӣ..., ҳар он чи аз аз даст биравад, ба таманно боз наёяд. *Анвари Суҳайлӣ.* Агар ҳама аҳли ҳақ бошанд ва аҳли охират, кори дунявӣ ба таъхир ва таъвиқ уфтад. *Аҳмади Дониш*» [10,400].

Аз намунаҳои боло чунин бармеояд, ки вожаи «дунёӣ» - калимаи маъмулии забони адабии форсу тоҷик буда, ҳанӯз дар давраи асримиёнагӣ хеле васеъ истифода мешуд. Вожаи мазкур, мазмунан, дар муқоиса бо дину мазҳабу кеш истифода шуда, дар зимн, он хусусияти фитрии ашхосро инъикос менамуд. Зоҳиршавии ин вижагӣ ҳангоми интихоби роҳу тариқати зиндагии афроди ҷомеа дар муносибатҳои ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад.

Динният ва дунявият чун ду падидаи фитрӣ, воқеан, ду тарзи ҳаёт ва ду навъи муносибати ҷамъиятии одамонро, ки мувофиқи ҷаҳонбинӣ ва сатҳи шуури ҷамъиятии афрод ташаккул мeёбанд, ифода намуда, дар асрҳои миёна роҳу тариқати зиндагии онҳоро мушаххас таъин месозад.

Маълум аст, ки зиндагӣ ҳамеша, қонеъгардонии талаботҳои моддӣ ва маънавиро тақозо мекунад, аммо мавҷудияти инсон, пеш аз ҳама, ба қонеъ гардидани талаботҳои моддӣ вобаста аст. Ҳастӣ – шуурро муайян мекунад. Бинобар ин ҳаёт ҳамеша, иҷборан, инсонро барои ба даст овардани василаи рӯзгору мояи зиндагӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб мекунад, ки дар ин ҷода вай беихтиёр ба моддиёт рӯ меоварад. Моддиёт асосбунёди маънавиёт мебошад ва он амнияту ҳастии ҷамъиятии одамонро дар зиндагӣ, воқеан, таъмин мекунад. Бе ташкили фаъолияти истеҳсолоти моддӣ ва қонеъ гардондани талаботи моддӣ, ки ғизову пӯшоку манзил унсурҳои ҳатмии он мебошанд, мавҷудияти инсон имконнопазир аст.

Андешаҳои дунявӣ чун дастоварди маънавии инсоният шинохта шудаанд, ки ҳар яке аз онҳо дар мавриди рушди ҷомеаҳо мақому манзалати худро пайдо намуда, афродро ба роҳи ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва арзёбии арзишҳои волои маънавии умумибашарӣ ҳидоят мекунанд. Маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш низ дар намунаи боло маҳз ба ҳамин хусусияти андешаҳои дунявӣ ишора карда, таъкид мекунад, ки агар ҳама фақат ба кори дину фикри охират машғул бошанд, кори дунё ба таъхиру таъвиқ афтода, ҳаёти воқеии ҷомеа пешрафт намекунад.

Мафкураи динӣ-мазҳабӣ ва шариату тариқати исломӣ, ки аз аввали асри VII вориди зиндагии мардуми Шарқ гаштааст, дар тӯли чандин асрҳо низоми ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии давлат ва ҷомеаро идора мекард. Дин маънавиятро ҳамчун талош барои камолоти шахс, ки ҳудуди он Худост, ташаккул медиҳад. Ихлос ва умед ба Худованд ва раҳмати Ӯ, дар муносибатҳои ҷамъиятии давлату ҷомеа, аз он ҷумла, дар рафторҳои иҷтимоии мардум ба хотири адолату ҳақиқати пойдор ва подоши он сабру таҳаммулпазирӣ, беparвоиро нисбат ба моли дунё талқин намуда, бар зидди ангезаҳои нафс мубориза бурданро тарбия мекарданд. Чунин навъ эътиқодоту қарордодҳои намунавии исломӣ бо мурури замон ба фарҳанги миллии мардумони Шарқ, аз он ҷумла, тоҷикон, дохил шуда, ба ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги миллии онҳо хусусият бахшиданд.

Ислом чун динҳои дигари ҷаҳонӣ як навъ масъулияти иҷтимоӣ буд, на имтиёзе. Мусулмонон дар партави дину оини исломӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ бо ҳам баробар буда, дар мавриди риояи равобити дунявӣ, афродро на фақат аз рӯи динашон, балки аз рӯи амалҳои иҷтимоии воқеияшон баҳо медоданд.

Чуноне ки олимон қайд мекунанд, «ҷавҳари тамоми динҳои ҷаҳон он чизест, ки дар тӯли қарнҳо онҳо арзишоти бузурги маданӣ-ахлоқӣ, беҳдошти эстетикиро на барои шоҳон, балки барои мардуми оддӣ, нодору бепаноҳ чун такягоҳи маънавӣ, воситаи таскину тасалло ва ҳимоягари беғаразу одил ба вуҷуд оварданд, ки ба он ҳам беморон ва ҳам одамони тансиҳат ҳини ғаму шодӣ, ҳини камбағалию сарватмандӣ муроҷиат карда метавонанд» [7,3-4].

Воқеан, дин ва андешаҳои динӣ дар асрҳои миёна на фақат дар арсаи сиёсӣ ҷавҳари мафкураи давлатиро ифода мекард, балки он ҷанбаи маънавии ҳаёти ҷамъиятиро низ забт карда, дар муқобили дунявият ва андешаҳои дунявӣ мустаҳкам қарор гирифт. Дин ба таври мушаххас шуури маърифатнокии аҳли ҷомеаро фаро гирифта, тамоми анъанаҳои фарҳанги миллиро ба оини исломӣ аз нав кор карда, мақоми худро дар зиндагии мардум мустаҳкамтар сохт.

Мувофиқи далелу хусусиятҳои дар боло зикршуда, омили калидии устувор будан ва аз байн нарафтани дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ, ба ақидаи мо, ин, пеш аз ҳама, мавҷудияти халои маънавии илмӣ, яъне, набудани ҷаҳонбинӣ ва дониши кофии илмӣ мебошад, ки ташаккули он ба сатҳи рушди илмҳои дунявӣ марбут буда, барои ҳаллу фасли мушкилоти моддии ҳаёти воқеӣ, чун зербинои ҳаёти маънавӣ хизмат мекарданд. Азбаски дин дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёту фаъолияти ҷамъиятӣ афзалият дошта буд, андешаҳои динӣ ҷойгузини ҳамагуна андешаҳои иҷтимоӣ шуда, тамоми фаъолиятҳои аҳли ҷомеаро саросар роҳандозӣ менамуданд. Андешаҳои динӣ маънавиётро пахш намуда, яке аз муасиртарин ҷузъи таркибии фарҳанги маънавӣ гардиданд. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, маънавиёт, дар асрҳои миёна, ба ҳайси як суннат ба динният нисбат дода мешуд.

Дар шароити сиёсӣ-иҷтимоии асримиёнагӣ, ки ҳанӯз илмҳои дунявӣ ба таври кофӣ рушд наёфта буданд, зеҳну шуури мардумон таҳти таъсири назарияҳои илоҳӣ дар зери таассуби дин қарор доштанд. Андешаҳои динӣ ҳамчун як абзори сиёсӣ барои мавқеи мустаҳкам пайдо кардани дин дар ҷанбаи сиёсат идоракунии давлат ва раванди ҳаёти ҷамъиятии афроди ҷомеаро, куллан, «аз гаҳвора то ба гӯр» таъин менамуданд. Уламо ва рӯҳониён дар сатҳи сиёсию фарҳангӣ муқаррароту риояи расму оинҳои диниро тавассути густариш додани андешаҳои динӣ ҷорӣ намуда, афкору ақидаҳо, рафтору амалҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии мардумро сахт назорат менамуданд.

Ҷаҳонбинии динӣ муносибати инсонро нисбат ба олами ашё ва зуҳуроти олам чунон ташаккул додааст, ки мӯътақидони дин эътимоднокӣ ва ҳақиқати офариниши оламу одамро аз тарафи қувваи илоҳӣ бешакку шубҳа, бе чуну чаро ва бе далелҳои назариявию амалӣ қабул месозанд. Яке аз вазифаҳо ва масъалаи асосии дин - таъмини ғизои маънавӣ ва дар сатҳи эҳсосоту тафаккур аз авзои ногувор наҷот бахшидани мӯътақидонаш мебошад. Зимни ин ақида, назари олими муосири Ғарб Эрих Фромм хеле ҷолиб аст. Вай табиати шахси мутаассиброн таҳқиқ намуда,муайян мекунад, ки «ӯ як шахси худшефтаи наздик ба равонранҷурӣ мебошад, ки мисли ҳар шахсияти равонӣ, аз ҷаҳони беруна барканор асту бо он комилан робита надорад. Аммо шахси мутаассиб дар ин робита барои худ илоҷеро меҷӯяд, то ки худро аз равонранҷурии ошкоро наҷот диҳад. Бинобар ин вай дар ин ҷода барои худ сабаберо меҷӯяд, хоҳ он сабаби сиёсӣ, хоҳ динӣ ва ё чизи дигар бошад. Сабаберо дарёфта, онро муқаддас дониста, асбоби парастиши худ мекунад. Вай ин асбоби парастишро ба бути худ табдил медиҳад, зеро онро ба хеш монанд мекунад ва бо таслим шудан ба он бут вай худро мешиносад. Ин бут ҳаёти ӯро шавқовару ҷолиб намуда, ба он маънӣ мебахшад. Рамзи шахси мутаассиб мисли «яхи сӯзон» аст. Вай чун оташи сӯзон пуршӯр асту ҳам мисли ях сард. Ӯ аз олами воқеӣ барканор асту дар айни ҳол бо шӯру шавқ ба Мутлақ итоат мекунад» [12,29].

К. Маркс динро як рӯбинои он заминаи иқтисодие мешуморад, ки бо ташаккули муносибатҳои хоси истеҳсолиаш онро ба вуҷуд овардааст. Вай пайдоиши динро ба ташаккули муносибатҳои таърихӣ-иҷтимоие, ки ҷамъияти синфиро ба вуҷуд оварда, истисмори одамро аз тарафи одам ҷорӣ намуданд, марбут мешуморад. Ба ин васила вазифаи иҷтимоии дин аз он иборат аст, ки вай муносибатҳои мавҷударо ба тарзи муайян тафсир медиҳад, аммо онҳоро истеҳсолу

истеҳком намекунад. Дин як мазҳари худшиносӣ ва эҳсоси шахс ё гурӯҳҳоест, ки то ҳол хешро пайдо накардаанд, ё қаблан онро дубора аз даст дода, асолати худро гум кардаанд. Дар асл, ба ақидаи К.Маркс, «дин – ҳавои мавҷуди мазлум ва қалби дунёи беотифа, рӯҳи низоми берӯҳ ва тарёки мардум мебошад. Дин - ин «бегонагии шуур» аст, ки дар заминаи бегонашавии иқтисодии шахс ба вуҷуд омадааст». [5,8]

Андешаҳои динӣ, ки сирф ирфонианд, бо таассубу фишороварӣ ба зеҳну шуури мардум ба пешрафти ҷамъиятӣ монеаи бузургеро эҷод мекунанд. Ақоиди таассубомезу андешаҳои динӣ оиди офариниши оламу одам, ки ба имкониятҳои нерӯии инсон ва рушди маънавии вай маҳдудиятҳо меофаранд, воқеан, шуури одамонро дар ҳолати рукуду тобеият нигоҳ медоранд.

Дунявият ва андешаҳои созандаи дунявӣ дар шароити асримиёнагии таассуби динӣ бештар на дар ҷанбаи сиёсӣ, балки дар ҷанбаи фарҳангӣ муқаррар ва муназзам гашта, дар омӯзиши илмҳои дақиқу табиӣ ва табиатшиносӣ чун абзори маърифатӣ амиқ густариш ёфта, ба фарҳанги исломии асримиёнагии мардумони Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла тоҷикон, симои тозаи маънавӣ бахшиданд. Маҳз ҳамин падида омили пешрафту шукуфоии илмҳои дақиқу табиӣ, табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ дар Шарқ гардид. Гарчанде ки тамоюлҳои маънавӣ ба сӯи дунявият ва арсаи сиёсӣ барои андешаҳои дунявӣ танг буд, ин андешаҳо мавқеи худро бештар дар сатҳи фарҳангӣ дарёфта, дар осори адибону мутафаккирони равшанфикри Шарқ арзёбӣ мешуданд.

Аз ин рӯ, ҳанӯз дар асрҳои миёна мутафаккирони шарқӣ тавонистанд, ки бархе аз кашфиётҳои оламшумули илмиро пешбинӣ намуда, бозёфтҳои барҷастаи илмии хешро ба ҷаҳониён ҷилвагар созанд. Илм дар асри тиллоии ислом (750-1258) ба дараҷаи баланди тараққиёт расид. Ҷунбиши тарҷумонӣ, ки дар Маркази «Байтулҳикмат»-и Бағдод қарор дошт, осори илмии ҳиндӣ, эронӣ ва юнониро ба арабӣ тарҷума мекард. Ин тарҷумаҳо ба рушду инкишофи илмҳо ва андешаҳои дунявӣ такони бузурге бахшиданд. Дарвоқеъ, дар ҳамон шароити асримиёнагии ҳукумати дин андешаҳои дунявӣ, дар қолаби ақидаҳои бебоконаи озодандешӣ, ба ҳайси як майлон ва тамоюли фикриву ғоявӣ (риндӣ, бидъат, ақлгароӣ, шуубия) ва тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи табиатшиносӣ, тиб, фалсафа, ҷомеашиносӣ, илми ахлоқ, сиёсат, мантиқ ва илмҳои дақиқ, на фақат аз ҷиҳати назарӣ, балки амалан таҷриба шуда, «ҳамчун мухолифат бо ҳаргуна афкори иҷтимоии шахшудамонда-догматикии ҳоким ва консервативӣ меъёри арзёбии онро низ гуманизм, ақлгароӣ ва мусоидат ба рушди ҷомеаи инсонӣ бояд фаҳмид», дар осорҳои мутафаккирони классикии форсу тоҷик густариш меёфтанд.

Дар замони муосир, ғояи дунявият ба сатҳи сиёсӣ расида, дар зимн, коркарди сохторёбии давлати дунявӣ дар пояи ҳуқуқӣ ва риояи ҳуқуқҳои сиёсӣ-иҷтимоии умумибашарии инсон густариш меёбад. Ҳоло, тавсифи илмию моҳияти ғояи андешаҳои дунявӣ ва мафҳуми «дунявият» васеъ густариш ёфта, дар арсаи сиёсии ҷаҳон ҷабҳаи ҳуқуқиро истеҳком мебахшад. Дарку эҳсоси ватанпарастӣ ва давлатдорӣ ва соҳибистиқлолӣ моро ба донистани эътиқодоте, ки рӯҳия, талаботи моддӣ ва маънавии мардум моро дар раванди сохторёбии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ бо густариши васеи андешаҳои дунявӣ муайян месозанд, хеле зарур аст.

Дунявият ҳамчун принсипи сохтори сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии давлат, имрӯзҳо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар марҳилаи ташаккулёбии давлати дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар раванди мутобиқшавӣ ба воқеияти муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Ҷумҳурӣ дар марҳилаи таърихи навтарин дар партави андешаҳои дунявӣ дар ҳаёти ҷамъиятии мардуми кишвар басе муносибатҳои ҷамъиятиро ба таҷриба расонд.

Аз қабили андешаҳои дунявӣ, ки имрӯзҳо дар фазои пасошӯравӣ ва соҳибистиқлолӣ густариш меёбанд, - ин

давлати миллӣ, идеяи миллӣ, демократия, истиқлолияти миллӣ, давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, худшиносии миллӣ, маърифати илмӣ, озодии виҷдон, бисёрандешӣ, муносибатҳои бозорӣ, иқтисоди бозорӣ, ҷаҳонишавӣ, фарҳанги ҷаҳонбинӣ ва ғайра мебошанд, ки дарки амиқу илмии моҳияти ин андешаҳоро дар равобит бо андешаҳои динӣ тақозо менамоянд. Чунки ин ду навъи андешаҳо дар масири таърих ҳамеша, гоҳ бо ҳам печида, гоҳ дар бархӯрд бо ҳамдигар дар амалу рафторҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ бо шаклгириҳои нав ба нав тазоҳур ёфта, мутаносибан, дар ҷомеа боиси ҷоннок гардидани падидаҳои мақбул ё номатлуби иҷтимоӣ мешаванд. Ҳам худи ин ду вожа ва ҳам дарки пайгиронаи он дар даврони пасошӯравӣ, дар шароити халои мафкуравии ғайримарксистӣ, дарвоқеъ, як масъалаи мураккаби марбут ба якдигарфаҳмӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии одамон ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ бо ҳамдигар дар баробари мутобиқшавӣ ба тағйироти нави сиёсӣ-иҷтимоӣ хеле мушкилафзо буд.

Адиб Халид дар он ақида аст, ки «Ҳокимияти Шӯравӣ дар давоми мавҷудияти худ оиди сохтори ҷомеаи коммунистӣ ба ҳамаи ҳадафҳояш нарасида бошад ҳам, аммо ба ҳар ҳол, он тарзи ҳаёти иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёнаро, ки асрҳои тӯлонӣ ба дину оини ислом такя менамуданд, нисбатан тағйир дод» [13,34 ]. Пас аз пош хӯрдани Давлати Шӯравӣ якбора ивазшавии сохтори сиёсии давлатӣ дар шароити халои бузурги мафкуравӣ дар фазои пасошӯравӣ дини ислом ва андешаҳои динӣ ҷоннок шуда, вазъи сиёсӣ-иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлолро муташанниҷ ва нооором сохта, дар муқовимат бо андешаҳои дунявӣ бархӯрд намуда, даъвои қудрати сиёсӣ кард.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ мардуми Тоҷикистон аз чорчӯбаи мафкураи расмии коммунистӣ раҳоӣ ёфта, зиндагии худро дар маҷрои нав дарёфта бошанд ҳам, воқеан, ба бӯҳрони бузурги иҷтимоӣ ва маънавӣ гирифтор шуданд. Ҳаёт як мазраест, ки дар он робитаҳои моддию маънавии фард ва ҷомеа ба ҳам печида, пайвандҳои ногусастанӣ пайдо мекунанд, ки боиси ҳаракатҳои мухталифи иҷтимоӣ ва бархӯрди афкору ақидаҳои гуногун мардум гардида, ҷомеаро ба ҷараёни ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ мекашад.

Мардуми Тоҷикистон дар даврони соҳибистқлолӣ як қадами бузург ба пеш гузошта бошанд ҳам, ду қадами дигар ба ақиб ниҳодаанд. Ҳомилони ду навъи андешаҳои иҷтимоӣ – динӣ ва дунявӣ дар набарди густаришёбӣ дучори муқовимати маънавӣ гашта, давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистони навтаъсису соҳибистиқлолро ба коми ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ кашида, қариб буд, ки ба нобудӣ баранд. Ақидаҳои аз ҷониби ташкилотҳои ифротгаро паҳншаванда ба шуури афроди алоҳида таъсир расонида, ҳисси муҳаббат ба Ватан, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ ва фарҳангию маънавиро дар замири онҳо коҳиш дод. Таҷриба нишон дод, ки зоҳиршавии падидаҳои номатлуб дар ҷомеа ба сабаби набудани захираҳои муайяни сармояи иҷтимоӣ ва нерӯи инсонӣ, ки аз рӯи ҷаҳолат ва паст будани сатҳи маърифатӣ, шуурнокӣ ва худшиносии мардум сар мезананд, ба вуқӯъ меоянд.

Падидаҳои номатлуб, инчунин, на фақат тангии маишӣ ва вобастагии иқтисодӣ аз неъматҳои моддӣ мебошад, балки онҳо аз ҷаҳонбинии хурофотӣ ва таассуби динӣ, суст будани низоми тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, ҳамраъйӣ, ҳуввияти миллӣ ва шаҳрвандӣ, дарки масъулиятшиносӣ ба вуқӯъ меоянд. Ҷоннокшавии ин тамоюлҳои номатлуби зеҳнию равонӣ инчунин аз камфурсатӣ ва таъсири шиддатгирии муносибатҳо ва равобитҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ миёни кишварҳои абарқудрат ва мутараққӣ дар миқёси ҷаҳон, ки бештар аз каҷравиҳо дар фарҳангу ахлоқи баъзе сарварони кишварҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз коҳиш ёфтани маънавиёт низ ба ҷараён мегирад. Аз чунин вазъи нобаҳангом ва муташанниҷ фақат ақли солим, маърифатнокии мардум ва диди

дунявӣ нисбати воқеият аҳли башарро наҷот мебахшад.

Робитаи иҷтимоӣ ва алоқамандии шахс ва аҳли ҷомеа бо муҳити иҷтимоии беруна яке аз муҳимтарин василаест барои хештаншиносӣ, худнигаҳдории шахсият ва фаъолшавии мардум дар роҳи бозсозиҳо – гузариш аз андешаҳои пуртаассуби динӣ ба андешаҳои созандаи дунявӣ мебошад. Чи тавре ки таҷрибаи таърихӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, мушкилоти солимии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеа бар асари тағйиротҳои нави иҷтимоӣ дар теъдоди афроди “мутобиқнашуда” ва ноомадагии онҳо ба дигаргуниҳои тавҳиномез маҳфуз аст, на дар “ноустувории” эҳтимолии худи ҷомеа.

Бар асари ин омилҳо бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 тасдиқ карда шуд. Стратегияи мазкур тадбирҳои дар доираи амалисозии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 андешидашударо натиҷагирӣ намуда, самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оиди ин масъала барои давраи нав муайян намуд. Дар он ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ оид ба иҷрои Стратегияи мазкур пешбинӣ шуданд [3,8].

Бинобар ин дар Стратегияи мазкур тадбирҳои иловагӣ доир ба баланд бардоштани фарҳанг ва саводнокии динии аҳолӣ, таҳкими фазои таҳаммулгароӣ дар муҳити иҷтимоӣ, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон дар ҷомеа як силсила маводи иттилоотию роҳнамоикунанда дар ин соҳа ба табъ расонида шуданд. Ҳанӯз ҳам кам будани таҷрибаи кофии иҷтимоӣ дар соҳаи рушди иқтисодии кишвар, ки он зербинои маънавиёт мебошанд, сари вақт ташхису бартараф шудани тамоюлҳо ва падидаҳои номатлуби иҷтимоиро мушкил месозанд.

Оиди ин вазъият дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (23.12.2022) қайд мекунанд, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Ин мушкилот бо роҳи «дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.... бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад» [2,4]. Дар ин бобат «сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ» яке аз роҳҳои мушаххаси ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта мебошад.

Рушди устувори сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад. Бо мақсади танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «6» феврали соли 2018, №1005 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ сс. 2018-2028 тасдиқ шудааст, ки тибқи он «бо истифода аз чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ роҳандозӣ мешавад» [4,4].

Самаранокии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз амалисозӣ ва татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар амал вобастагӣ дорад. Тамоил ба бозсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо кӯмаки омӯзишу баррасии моҳияти андешаҳои дунявӣ ва меъёру ҷойгоҳи андешаҳои динӣ дар ҷанбаи фарҳангии аҳли ҷомеаи тоҷикистонӣ тавассути маҳви ҷаҳолату бесаводӣ, бартарафсозии хурофотпарастӣ, дастрас намудани иттолооти амиқумуфид, ки моҳияту зарари инфиродӣ ва иҷтимоии ифротгароӣ, тундравиҳо ва даҳшатофариҳоро бар аҳли ҷомеа, хусусун, наврасону ҷавонон, муяссар мегардад, ки ин иқдомҳои дастҷамъона маҳаки густариши дунявият ва сиёсати

солеҳи замони муосир дар тамоми ҷаҳон ба шумор меравад.

Расидан ба ин ҳадафҳо тавассути фаъолияти дастҷамъонаи ниҳодҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳои хурди хусусӣ ва давлатӣ, соҳибкорон дар ташкили шуғли аҳолӣ ва ҷалб кардани кулли мардум ба кору фаъолияти пурмаҳсули фардӣ ва ҷамъиятӣ, таъмини онҳо ҷойҳои нави корӣ дар ҷомеа муяссар мегардад. Танҳо шуғли пурмаҳсулу муфид ва бомаърифат, ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ва робитаҳои бисёрҷанбаи иҷтимоии шахсро бо ҷомеа мустаҳкам намуда, афкори аҳли ҷомеаро ба беҳдошти рӯзгору зиндагии кулли мардум ва ҷомеа равона сохта онҳоро аз побанди мустаҳками хурофотҳо ва таассуби динӣ наҷот бахшад.

**Адабиёт**


1. Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2018, №1042.
2. Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 23.12.2022, ш. Душанбе.
3. Дар бораи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187.
4. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ. солҳои 2018-2028. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «6» феврали соли 2018, №1005.
5. Маркс К., Энгельс Ф., Ленин В. И. О религии. - 2-е изд., доп.-М.: Политиздат, 1983. -368с.
6. Мирча Элиаде. Священное и мирское/ Пер. с фр., предисл. и коммент. Н.К.Гарбовского. -М.: Изд-во МГУ, 1994. - 144 с.
7. Одинаев Ё. Қуръон: таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ ва эстетикии он. - Душанбе: Маориф, 1992.- С.3-4.
8. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва миллат: Фарҳанг ҳастии миллат. \Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни миллат. 20 марти 2001.Душанбе: Ирфон, 2002.
9. Токвил А. Демократия в Америке: Пер. с фр. / Алексис де Токвиль; Предисл. Г. Дж. Ласки [с. 5-22; Коммент. В. Т. Олейника]. - Москва: Прогресс, 1992. – 559.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. М: Советская энциклопедия. 1969. Ҷ1.- С.400
11. Фромм Э. Здоровое общество. М: АСТ: Транзиткнига, 2005. -456 с.
12. Фромм Э. Бегство от свободы.М: АСТ: Транзиткнига, 2016.-398 с.
13. Халид А. Ислам после коммунизма: Религия и политика в Центральной Азии / Пер. с англ. А.Б. Богдановой. М.: Новое литературное обозрение, 2010. — 304 с.


## СВЕТСКИЕ И РЕЛИГИОЗНЫЕ ИДЕИ В УСЛОВИЯХ ФОРМИРОВАНИЯ НОВЫХ ОБЩЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ


**Арифджанова Н. Р.**



*В статье рассматриваются специфические черты религиозных и светских представлений, мировоззренческая направленность, различные ценности, пути и возможности их согласования в современном таджикском обществе. Одной из серьезных проблем современности, которая волнует таджикское общество, является смена идеологий и изменение общественных отношений, что требует решения идеологических проблем на государственном уровне. Всякая идея есть совершенная мысль, возникающая из жизненных потребностей человека, отражающая его материальные и духовные потребности на пути к формированию новых общественных отношений. Автор статьи констатирует, что ныне активизируются формирование два типа идей - религиозных и светских, которые определяют новые общественные отношения. Решение этого важнейшего вопроса оценивается с глубоким осмыслением темы относительно духовности с точки зрения социальной философии на уровне общественного сознания, что обуславливает необходимость повышения уровня грамотности, просвещения и благосостояние народа - как фактора регулирования со-*

*циальных отношений, что исключает любые попытки размежевание народа и дестабилизировать общество.*

***Ключевые слова:*** *духовность, идеология, светские идеи, религиозные идеи, система общественной жизни, национальная культура, национальное мышление, социальный опыт, свобода совести, новые общественные отношения, соотношение материальных и духовных благ.*

## RELIGIOUS AND SECULAR IDEAS IN THE COURSE OF FORMING NEW PUBLIC RELATIONS

**Arifjonova N. R.**

*The article discusses about the specific features of religious and secular ideas, such as worldview and orientation of different values, ways and possibilities of their coordination in modern Tajik society. One of the serious problems of our time that worries the Tajik society is the change of ideologies and changes in public relations, which requires the solution of ideological problems at the state level.*

*Every idea is a perfected idea that arises from the life requirements of a person and reflects his material and spiritual needs on the way to the formation of new social relations.*

*The author of the article states that the formation of two types of ideas is now being activated - religious and secular, which determine new social relations. The solution of this most important issue is assessed with a deep understanding of the topic of spirituality from the point of view of social philosophy at the level of public consciousness, necessitates raising the level of literacy, education and the well-being of the people as a factor in regulating social relations, which excludes any attempts to delimit the people and destabilize society.*

***Keywords:*** *spirituality, ideology, worldly thoughts, religious thoughts, public life system, national culture, national thinking, social experience, world knowledge, freedom of conscience, new public relations, relationship between material and spiritual benefits.*

# МАСЪАЛАҲОИ БО КОР ТАЪМИНКУНИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ ТОҶИКИСТОН

**Қаҳоров Ғ. Ғ. -** д.и.ф., сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи ИФСҲ АМИТ
**Гулов Р. -** докторанти (Ph.D-и) Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(тел:939.29.10.35. E-mail: rahmonaligulov1@gmail.com)

*Мақолаи мазкур ба баррасии масъалаҳои бо кор таъминкунии хатмкунандагони таҳсилоти касбӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ ва мубрам ин бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии касбӣ ба шумор рафта, ин вазъ рӯз аз рӯз мушкил шуда истодааст. Дар шароити имрӯза коркарди лоиҳаи бо кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон мубрам шудааст. Ин омил бевосита ба сатҳу сифати зиндагии инсон ва фаъолияти меҳнатии ҳар як шаҳрванди кишвар таъсири худро мерасонад. Аҳамияти ҳалли мушкилоти таъмини шуғли истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ ва афзоиши самаранокии меҳнат бо таҳия ва татбиқи чораҳои фаъол ва ғайрифаъол оид ба танзими бозори меҳнат алоқаманд аст.*

***Калидвожаҳо:*** *хатмкунандагони зинаи таҳсилоти касбӣ, таҳсилоти касбӣ,* *бо кор таъминкунӣ, шуғлмандӣ, иқтисоди бозоргонӣ, шуғли аҳолӣ, сатҳи некӯаҳволӣ, ҷойҳои корӣ.*

Солҳои охир бо афзудани шумораи аҳолӣ дар рӯйи замин талабот ба шуғлмандӣ зиёд гардид. Аксарияти аҳолии ҷаҳонро аҳолии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ташкил медиҳад. Афзун шудани шумораи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ сабаби ҳалли масъалаҳои нави иҷтимоӣ ва боиси ба миён омадани ҷойҳои нави корӣ хоҳад гардид. Шуғлмандӣ на танҳо як падидаи иҷтимоию иқтисодист, балки он нишондиҳандаи асосӣ дар таъмини сатҳи зиндагии шоистаи аҳолӣ бо назардошти тахассуси касбии имкониятҳои шахсии инсон мебошад.

Яке аз нишондиҳандаҳои истифодаи қувваи корӣ ҳиссаи бо кор таъмин будани қисмати умумии аҳолӣ ба шумор меравад. Агарчанде шумораи шахсони бо кор таъминшуда дар ҷаҳони муосир зиёд шуда бошад ҳам, аммо ҳиссаи бо кор таъмин будани қувваи корӣ кам гардидааст ва аз ин сабаб миқдори бекорон зиёд гашта, ҳоло бекорӣ ба мушкилоти глобалӣ (умумиҷаҳонӣ) табдил ёфтааст [3, 50-51]. Дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон бекорӣ нисбат ба мамлакатҳои рӯ ба рушд кам ба назар мерасад. Бекорӣ ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ дар ҳама ҷомеа вуҷуд дорад, лекин дар давлатҳои сатҳи зиндагиашон паст буда, хеле зиёд ба чашм мерасад. Сабаб дар он аст, ки ин кишварҳо аз қувваи корӣ ба таври самаранок истифода намебаранд.

Аҳолии синну соли қобили меҳнат иқтидори асосии иқтисодиёти мамлакатро ташкил дода, пешниҳод намудани қувваҳои корӣ бояд ба талаботи хоҷагии халқ мувофиқат намояд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ба таври самаранок истифода кардани аҳолии синни қобили меҳнат омили асосии рушди истеҳсолоти миллӣ маҳсуб ёфта, комилан ба сатҳи касбияти гурӯҳҳои иҷтимоӣ вобаста мебошад. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, категорияҳои гуногуни аҳолӣ, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ташкил медиҳанд ва қонеъгардонии талаботҳои моддӣ ва маънавии онҳо дар шароити муосир ба фарогирии шуғлмандӣ аҳолӣ марбут мебошад.

Шуғлмандӣ танҳо тавсифдиҳандаи муҳимтарини вазъияти иқтисодии некӯаҳволии аҳолӣ набуда, балки нишондиҳандаи муҳими микроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Шуғлмандӣ – як падидаи иқтисодиест, ки вобаста аз ҷараёнҳои демографӣ, аз таркиби

сиёсати иҷтимоӣ бармеояд, инчунин мазмуни иҷтимоӣ ва демографӣ дорад [5, 5].

Давлат ҳамчун институти иҷтимоӣ бояд таъмини ҷойҳои кориро барои тамоми шаҳрвандон кафолат диҳад ва заминаи хуби шароити меҳнатиро фароҳам созад. Дар баробари ин шуғлмандӣ як воситаи ба ҳам овардани одамон дар муносибатҳои истеҳсолӣ ва иштироки онҳо дар фаъолияти меҳнатӣ баҳри қонеъ кардани талаботҳои моддӣ ва ҷамъиятӣ мебошад.

Яке аз омилҳои муҳим ва устувори инкишофи иқтисодӣ мамлакатро истифодаи пурраи захираҳои истеҳсолӣ, фаъолияти меҳнатии инсон ташкил намуда, дар паст кардани дараҷаи бекорӣ дар сатҳи ҷомеа замина мегузорад. Барои ҳалли ин пададаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ зарур аст, ки фаъолияти ниҳоди иҷтимоӣ-давлат ва таҳсилот барои беҳтар намудани ҳавасмандии иқтисодӣ, ҷойҳои нави корӣ барои аъзоёни ҷомеа, аз ҷумла мутахассисони ҷавон равона шавад. Аз тарафи дигар ташкилотҳои дар ин самт ташкил шуда, барои омодагии шаҳрвандон ба фаъолияти меҳнатӣ вобаста бо тағйир ёфтани шароити нави истеҳсолӣ, донишҳои базавиро инкишоф диҳанд, то ин ки онҳо ба фаъолияти комёби меҳнатӣ дар истеҳсолот ноил гарданд.

Ҳамин тавр, омодагии насли ҷавон ба фаъолияти меҳнатӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки инсоният дар давраҳои гуногуни таърихӣ худ иҷро менамояд. Бо инкишофи муносибатҳои истеҳсолӣ, пешрафти илму техника майлу рағбат ба масъалаи таълими касбӣ зиёд мешавад [4, 229].

Дар баробари пешрафти муносибатҳои истеҳсолӣ, майлу рағбат ва сатҳи касбомӯзии ҷавонону наврасон зиёд мегардад. Мусоидат ба шуғли донишҷӯён ва хатмкунандагон вазифаи аввалиндараҷаи тамоми муасссисаҳои таҳсилоти касбӣ ба шумор меравад. Самти фаъолияти ин муассисаҳо огоҳонидани донишҷӯён дар бораи ҷойҳои корӣ холӣ, иттилоот аз вазъи бозори меҳнат дар кишвар, муроҷиати корфармоён ба масъалаҳои ҷалби мутахассисони нав ба корхона ва ғайра мебошад. Бояд муассисаҳои миёнаи касбӣ дар шабакаи Интрнет сайти махсус барои мусоидат ба шуғли ҷавонон дошта бошанд, то инки донишҷӯёну муҳасиллин аз вазъи бозори меҳнат бохабар бошанд.

Дар солҳои охир бо инкишофи соҳаи иҷтимоӣ - иқтисодӣ ба корҳои истеҳсолӣ ҷалб намудани ҷавонон, бо кор таъмин намудани онҳо, мутобиқ сохтани шароити кор барои самаранокии фаъолият масъалаи муҳимро пеш овардааст. Барои баромадан аз чунин вазъият лозим аст, ки тамоми чораҳоро баҳри истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи нерӯҳои ақлонӣ ва зеҳнии ҷавонону мутахассисон замони муосир истифода намуд.

Истифодаи комили иқтидори ҷавонон шарти зарурӣ барои инкишофи ояндаи иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ дар кишвар маҳсуб ёфта, метавонад дар паст кардани сатҳи камбизоати замина гузорад [2, 79].

Масъалаи бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи иқтисодиро ташкил намуда, дар ҳаёти ҷавонон зинаи муҳим барои дарёфти мавқеи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Яке аз марҳилаҳои муҳими рушди ҳар як шахс ин гузариш аз зинаи таълимӣ ба зинаи меҳнатӣ мебошад. Гузариш аз фаъолияти таълимӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ҳамон вақт бобарор хоҳад буд, ки агар ҷавонон ҷойи кори муносиб, шароити созгор, маоши хуб ва имконияти худташаккулдиҳиву худвоқеъгардонӣ дар ҳаёт пайдо кунанд. Ин омилҳо натанҳо ба худи мутахассиси ҷавон, балки барои ҷомеа натиҷаи мусбат хоҳад дошт.

Дар ҷомеаи муосир барои ҷойи кори муносиб ёфтан мушкилиҳо вуҷуд доранд, хусусан сатҳи омодагии тахассусии ҷавонон ба он мутобиқ наменамояд. Аз ҳама омили муҳим ва калидии фаъолияти меҳнатӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ин музди маош ба

ҳисоб рафта, ишғолкунии ҷойҳои корӣ ба он вобаста аст. Ҷойи муносиби корӣ барои хатмкунанда – ифодакунандаи муҳими муваффақияти фаъолияти таълимии ӯ ҳисоб меёбад.

Тадқиқоти сотсиологӣ нишон дод, ки аз се як ҳиссаи мусоҳибон – 31,8% дар вақти интихоб ва ҷустуҷӯи ҷои кор бештар ба дараҷаи музди меҳнат диққат медиҳанд. Аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон – 20,3%, ки онҳо ҷавонон мебошанд, гирифтани таҷриба дар корхонаро талаботи асосӣ мешуморанд. Инчунин, 18,0%-и онҳо қайд намуданд, ки ҳангоми ҷустуҷӯйи ҷои кор ба намуди кор ва фаъолият таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, яъне мувофиқи касбу ҳунар ва ихтисоси худ кор ёфтан мехоҳанд. Имконияти рушди касбӣ ба 15,7% мусоҳибон муҳим буда, 14,0% дар интихоби кор бартариро дар нуфузи корхона мебинанд.

Умуман, ҳангоми ҷустуҷӯйи кор мусоҳибон ба музди меҳнат диққат медиҳанд, зеро аксарияти донишҷӯён имконияти кор пайдо кардан дар дохили ҷумҳурӣ доранд, аммо бо сабаби маоши кам муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро интихоб менамоянд.

Имрӯзҳо тақсимоти дурусти хатмкунандагони зинаҳои таҳсилоти касбӣ дар сатҳи хуб қарор надорад. Ин аз як тараф, ба онҳо имконият намедиҳад, ки дар оянда ҳаёти мустақилона пайдо кунанд, аз тарафи дигар худи ҷавон маҷбур мегардад, то ба ягон ҷойи муайян дар мавриди набудани ҷойҳои кори холӣ ба кор оғоз намояд. Аз ин рӯ, мутахассисони ҷавон пеш аз он ки ба бозори меҳнати дохил гарданд, бояд пешакӣ омодагии ҷиддиро гузашта, бо муҳити ивазшавнда мутобиқ шуда тавонанд. Ҳамчунин донистани забонҳои хориҷӣ ва муоширaт карда тавонистан муҳим аст.

Омода намудани мутахассисони баландихтисос, мутобиқ намудани онҳо ба меъёрҳову шароитҳои бозори меҳнат, рақобатпазирии онон дар соҳаи бозори иқтисодӣ аз технологияҳои нави ташкили системаи таълимот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва ҷараёни бокортаъминкунии хатмкунандагони мактабҳои миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ вабаста аст. Махсусан рақобатпазирии мутахассис дар ҷойи аввал меистад.

Шахси рақобатпазир онест, ки дар ҳолати мусобиқа, муқобила бо рақибони худ қарор дорад ва саъйю талош мекунад то фаъолияти пурсамару корсоз дошта бошад [4, 141].

Мутахассисони ҷавонро лозим аст, аз нозукиҳои касби интихобкардаи хеш бархӯрдор бошанд, то инки истифодаи самараноки воситаҳои истеҳсолотро ба роҳ монанд. Корхонаву муассисаҳои истеҳсолӣ талаботҳоро барои хатмкунандагон дар шакли донандаи хуби технологияҳои навин, забонҳои хориҷӣ, инкишоф дода тавонистани донишу таҷрибаи худ дар давоми фаъолияти меҳнатӣ, бо ҳолатҳои бавуҷудомада омода будан ва аз он баромада тавонистанро мегузорад.

Инчунин як қатор омилҳоро метавон зикр кард, ки боиси бо кор таъмин шудани хатмкунадагони муассисаҳои миёнаи касбӣ дар бозори меҳнат хоҳад гардид:

- мутобиқати пурраи ҳаҷми муайяни дониш нисбат ба ихитисоси азхудкарда ва омодагии мутахассиси ҷавон дар бозори меҳнат;
- маҳорати хуби алоқаманд карда тавонистани донишҳои назариявӣ бо донишҳои амалӣ;
- мавҷуд будани малакаҳои мустақилона, ҷустуҷӯи донишҳои амиқ ва зарурӣ нисбати касби хеш;
- дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ сарчашмаҳои мушаххаси иттилоотӣ барои ҷавонон оид ба ҷойҳои холии корӣ, шароити кор, ҳифзи иҷимоӣ ва ғайра таҳия карда шавад;
- маълумотро оиди ба шуғл дар ҷойҳое, ки ҷавонон бештари вақти худро сарф мекунанд, ба монанди мактабҳо, донишгоҳҳо, агентиҳои шуғли аҳолӣ, клубҳо, марказҳои ҷавонон ва ғайра паҳн кардан лозим аст;
- дар доираи ҷойҳои кории мавҷуда системаи мушаххасси блокҳои иттилоотиро барои ҷавонон бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ ва нақшаҳои мушаххаси амалиёти шахсӣ таҳия намудан [2, 109].

Технологияҳое, ки дар боло ба хотирии ба шуғл фаро гирифтани

мутахассисони таҳсилоти касбӣ пешниҳод гардиданд, усулҳои муосирест, ки дар адабиёти бозори меҳнати ҷавонон дар мамлакатҳои ҷаҳон барои мутахассисон ин зинаи таҳсилот пешкаш гардидаанд.Бозори меҳнат ҳамеша дар тағйирот аст, аъзоёни ҷомеа ҳамеша ба дигаргуниҳои нав ба нав рӯ ба рӯ мешаванд. Инчунин бозори меҳнат шиддатнокии баланди рақобатпазириро талаб мекунад. Системаи маориф бояд дар омода намудани тахассусҳои касбӣ талаботи бозори меҳнатро дар назар дошта бошад, то инки ҷавонон барои дуруст интихоб кардани касбу ихтисоси муносиби ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯро азхуд кунанд. Яке аз мушкилоте, ки дар назди хатмкунадагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ дар бозори меҳнат меистад, ин ба ҳисоб нагирифтани талаботи муосири бозори меҳнати ҷавонон мебошад. Ҷавонон дар асоси интихоби касби худ дар ин ё он соҳа аз рӯи ҳавою ҳавас ояндаи худро ҷиддӣ ба назар намегиранд.

Таҳқиқоти сотсиологӣ нишон дод, ки аз се як ҳиссаи мусоҳибон (30,1%) ба он андешаанд, ки касби табиб дар бозори ҳозираи меҳнат талабгорӣ зиёд дорад. Мувофиқи баҳодиҳии мусоҳибон ҷомеа ба касбҳои ҳуқуқшинос (12,9%), омӯзгор (12,4%) ва барномасоз (программист) – 12,0% низ ниёзманд аст. Аз шумораи ихтисосҳои ба мусоҳибон пешниҳодгардида, аз ҳама касби камнуфуз ронандагӣ мебошад, ки танҳо 5,0%-и мусоҳибон онро интихоб намуданд *(нигаред ба диаграммаи 2)*.

**Диаграммаи 2. Ба фикри шумо имрӯз кадом касбу ихтисосҳо талабгори зиёд доранд?** *(n=300)*




Дар замони муосир ҷавонон кӯшиш мекунанд ихтисосҳои бонуфуз ва калонмуздро интихоб намоянд, аммо баъди хатми донишгоҳ ба мушкилот ҳангоми пайдо кардани ҷойи кор мегарданд. Бояд зикр кард, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат дар раванди гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд, ки сатҳи шуғлмандӣ ва зиндагии мардуми кишвар мо ба марҳилаи сифатан нав қадам ниҳод.

Ба хотири бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бояд аз чунин методҳои кории истифода бурд.

1. Мустаҳкам намудани муносибатҳои ҳамкорӣ бо ташкилоту корхонаҳое, ки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар он таҷрибаи истеҳсолӣ мегузаронанд ва баъди хатм кардан ин корхонаҳо мутахассисони ҷавонро бо кор таъмин карда тавонанд;
2. Кӯмаку ёрӣ расонидан ба мутахассиси ҷавон ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ дар корхона, ба хотири рақобатпазирии коргари худ дар бозори меҳнат;
3. Бояд тамоми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҳангоми ташкили конференсияҳо, ярмаркаҳои ҷойҳои нави корӣ, ҷамъомадҳо, семинарҳои илмию амалӣ дар ҳалли проблемаҳои шуғлмандии ҷавонон ва аъзоёни ҷамъият фаъолона иштрок намоянд.

Аз усулҳои номбурда дар кишварҳои хориҷа васеъ истифода мебаранд. Сомонаҳои махсуси интернетӣ амал мекунанд, ки онҳо ҳар лаҳза аз ҳолати бозори меҳнати ҷавонон ба муҳассилин иттилоот медиҳанд. Вазифаи марказҳо аз инҳо иборат мебошад:

- дастгирии иттилоотии донишҷӯён ва хатмкунандагони коллеҷҳо дар соҳаҳои шуғл ва бо кор таъминкунӣ;
- корбарии инфиродӣ бо донишҷӯён ва хатмкунандагон оид ба масъалаҳои роҳнамоии касбӣ, шуғл ва кори муваққатӣ;
- таҳлили бозори меҳнат ва ҳамкорӣ бо корфармоён;

- таъсис, нигоҳдорӣ ва навсозии бонки компютерҳои ҷойҳои холии кори хатмкунадагон;

- сари вақт таъмин намудани хатмкунандагон бо маълумот дар бораи ҷойҳои кории холии мавҷудбуда;

- ташкил ва ворид намудани базаи маълумотҳо дар бораи донишҷӯёни курсҳои болоӣ - хатмкунандагон;

- ҷамъоварии маълумот дар бораи натиҷаҳои кор оид ба шуғли хатмкунандагон;

-ташкили вохӯриҳо барои хатмкунандагон бо корфармоён;

-гузаронидани пурсиш дар байни донишҷӯён ва хатмкунандагон [6, 13-14].

Маҳз чунин марказҳои муосир дар кишварҳои пешрафта, барои мусоидат бо шуғли ҷавонон таъсис дода шудааст, ки сатҳи некӯаҳволӣ ва шуғлмандӣ дар ин кишварҳо дар сатҳи баланд ба назар мерасад, бинобар ин бозори меҳнати ин кишварҳо аз мутахассисони ҷавон таъмин мебошанд.

Мушкилоти бозори меҳнат, шуғлмандӣ ва бекорӣ яке аз масъалаҳои иқтисодӣ - иҷтимоии замони муосир маҳсуб меёбад. Дар гузаштаи начандон дур чунин мешумориданд, ки ҳуқуқи умумӣ ба меҳнат ва солҳои зиёд масъалаи шуғлмандӣ ва бекорӣ дар иқтисодиёт ва ҳам дар соҳаи ҳуқуқ дар назар гирифта намешуд. Дар чунин лаҳзаи мураккаб, ки аксарияти мамлакатҳо алаккай бозори меҳнати худро ташкил карда буданд, таҷрибаи ҳалли масъалаи шуғлмандиро омӯхтанд ва паёмадҳои манфии онро бартараф карданд [8, 31].

Дар баробари омӯзиши чораҳои шуғлмандӣ ва бартараф намудани оқибатҳои манфии бекорӣ дар замони муосир ин масъала ҳамеша дар зери таҳлилу барррасии муҳаққиқони соҳаи илмҳои иқтисодӣ ва сотсиология боқӣ хоҳад монд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд на ҳамаи хатмкунандагони муассиаҳои миёна ва олии касбӣ аз рӯи ихтисоси гирифтаи хеш дар бозори меҳнат ба кор таъмин мешаванд.

Боз дар ин маврид низ масъалаи тақсимкунии захираҳои меҳнатӣ ва ҷобаҷогузории онҳо дар соҳаҳои меҳнат ба миён меояд. Инчунин саҳми дигарро дар ҳалли масъалаи сиёсат дар бозори меҳнат ва тақсимоти захираҳои меҳнатӣ хадамотҳо ва агентиҳои шуғли аҳолӣ меузоранд.

Дар бозори меҳнат, сарфи назар аз мавҷудияти қувваи кории машғулнабуда, ки дорои тахассуси зарурӣ намебошад, ҳоло норасогии кадрҳои баландихтисос, махсусан ихтисосҳои муҳандисиву техникӣ, коргарони баландихтисоси касбҳои саноатӣ эҳсос мешавад. Тайёр намудани категорияҳои алоҳидаи мутахассисон барои соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғайра ба миқдори нокифоя таъмин карда мешавад. Тибқи арзёбии коршиносон талабот ба кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои пешбарандаи иқтисодиёт ва соҳибкории хурд дар оянда афзоиш хоҳад ёфт. Ин тағйироти ҷиддиро дар самти ташкили тайёрии касбии мутахассисон, таҳияи барномаҳои махсус оид ба бозомӯзии бекорон ва такмили ихтисоси шахсони машғули кор дар истеҳсолот буда, талаб менамояд [1, 68].

Ихтисосҳое, ки имрӯз талабот нисбат ба онҳо дар бозори меҳнат зиёд ва метавонанд баъди чанде маъруфияти худро аз даст диҳанд. Аз ин рӯ системаи маориф наметавонад бо дараҷаи баланд мутахассисони соҳибкасбро бо шароити бозор мутобиқ сохта пешниҳод намояд. Тамоми ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ҷараёни тайёр кардан ва тарбия намудани мутахассисони ҷавон бояд талаботҳои корфармоён ва бозори меҳнатро нисбат ба мутахасисони ҷавон ба эътибор гиранд. Чунки корфармоён мутахассисонеро меҷӯянд, ки онҳо дорои маҳорат ва малакаҳои хуби корӣ ҳастанд. Вақте ки, хатмкунандагон аз рӯи ихтисоси гирифтаашон ба фаъолияти меҳнатӣ дар бозори меҳнат машғул намегарданд, зарур мешавад бо маблағҳои каму ночиз дар дилхоҳ корхона ва ё зери дасти корфармо ба кор шурӯъ намоянд. Сабаби ин гуна амали хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи касбӣ дар он аст, ки оилаҳои онҳо дараҷаи пасти даромад доранд. Дар баробари ин бисёре аз донишҷӯёни муассисаҳои миёнаи касбӣ таҳсилро бо кор якҷоя ба охир мерасонанд. Вазъияти моддии ҳар як донишҷӯ дар давоми таҳсил ба инкишофи таълим дар муассиссаи таъилмии касбӣ ва бо кор таъмин шудани ӯ таъсири мусбат

мерасонад. Яке аз воситаҳои баланд бардоштани ҳавасмандии коргарон ба кор ин аз тарафи корхона пешниҳод намудани имтиёзҳо нисбати манзили зист, реҷаи кории муайян, давомнокии муайяни рухсати меҳнатӣ, илова намудани ҳаҷми муайяни маош мебошад.

Шароити дигаргуншудаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳақиқат талаб мекунад, ки масъалаҳои шуғлмандӣ ҳаматарфа ҳалли худро ёбанд. Дар шароити имрӯза бояд алоқамандӣ байни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва корхонву корфармоҳо мустаҳкам гардад. Бояд зикр кард, ки корфармоён ба хотири иштироки пурраи фаъолияти меҳнатии хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи касбӣ ба онҳо имконияти васеъ ва дастгирии худро дареғ надоранд, аз ҷумла:

- имконият додани ҷой барои гузаронидани таҷрибаи таълимӣ, таҷрибаи малакаҳои касбӣ, таҷрибаи пеш аз дипломӣ;
- имконияти таҷҳизонидан барои гузаронидани корҳои лабораторӣ;
- мусоидат кардан ба шуғлмандӣ ва ғайра [5, 9].

Тамоми корхонаву муассисаҳои корфармо бояд дар алоқаи зич миёни муассисаҳои таълимии касбӣ дошта бошанд. Инчунин аз тарафи ҳайати муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба хотири мусоидат дар раванди шуғлмандии хамткунандагон шартномаҳо миёни муассисаи таълимӣ ва ташкилотҳои хориҷиву ватанӣ баста шавад.

Хулоса, масъалаҳои шуғл ва бо кор таъмин намудани ҷавонон, аз ҷумла хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити нави инкишофи ҷомеаи мо масъалаи мубрам ва ҳалталаб мебошад. Шуғлмандӣ проблемаи иқтисодию иҷтимоӣ буда, он иҷрокунандаи таъмини сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Омода намудани насли ҷавон ба фаъолияти минбаъдаи меҳнатӣ вазифаи муҳими ниҳодҳои ҷомеа, хусусан ниҳоди системаи маориф маҳсуб меёбад. Дар замони муосир бо тараққӣ ёфтани муносибатҳои истеҳсолӣ системаи таъмини шуғли хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи касбӣ дигаргун шудааст. Бозори меҳнати ҷавонон тағйиротҳои кулиро ба худ касб карда истодааст. Рақобатпазириро аз ҷавонон дар ин миён талаб карда, онҳоро маҷбур месозад, ки роҳи ояндаи худро муайян намоянд. Барои он ки ҷавонони мо дуруст роҳнамоӣ карда шаванд лозим аст, ки муассисаҳои таҳсилоти касбии мо роҳу воситаҳои муосири кишварҳои хориҷиро барои ба шуғл фаро гирифтан дарёфт карда, аз он истифода баранд.

Аз тадбирҳои дар ин самт ҷоригардида, метавон хулоса кард, ки бояд тамоми муассисаҳои таҳсилоти касбии мо дар расидани муваффаққият дар фаъолияти меҳнатӣ бо корхонаҳои ватанӣ алоқаи мустаҳкам дошта бошанд, инчунин муассисони корхонаҳо рафти фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбиро ба таври ҷиддӣ назорат кунанд. Муассисаҳои таҳсилоти касбии моро зарур аст, ки миқдори муайяни донишҷӯёнро ба ҳама ихтисосҳои дар муассиса мавҷудбуда, ба назар гирифта мувозинатро дар ҳама вазъият ба нигоҳ доранд.

**Адабиёт**


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020:. 202 с.
2. Василенко В.А., Европейский опыт содействия трудоустройству студентов (проблемы, подходы, организация) ://Василенко В.А., Карпукова А.Л. монография / – Иркутск, Изд-во ИГУ, 2014.122 с.
3. Иқтисодиёти ҷаҳон. Дастури таълимӣ-методӣ. //Душанбе, «Эр-граф», 2012. С-50-51.288 с.
4. Лутфуллоев М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ // Зери назари академик М.Лутфуллоев; Душанбе: Ирфон, 2012.427 с.
5. Руденко Л. Д. Проблемы занятости в крупном региональном центре: текст лекций // Л. Д. Руденко, А. Г. Смирнова; Яросл. гос. ун-т им. П. Г. Демидова. – Ярославль : ЯрГУ, 2013.64 с.
6. Содействие трудоустройству и адаптации к рынку труда студентов и выпускников учреждений

профессионального образования Тульской области: // сборник материалов II Региональной научно-практической конференции со всероссийским участием. Тула: Изд-во ТулГУ, 2015.136 с.
7. Суровцевой В.А. Современные социально-экономические проблемы развития регионов, преодоление бедности и обеспечение занятости населения: сборник трудов Международной научно-практической конференции 10 апреля 2017 г. // [под ред. В.А. Суровцевой, Н.В. Беликовой]; Частное образовательное учреждение высшего образования Центросоюза Российской Федерации «Сибирский университет потребительской кооперации». – Новосибирск: СибУПК, 2017. 316 с.
8. Шалаева Н.В. Адаптация выпускников на рынке труда: краткий курс лекций для студентов 4 курса всех направлений подготовки бакалавриата / Сост.: // Н.В. Шалаева, С.С. Шалаева, И.А. Ножкина и др. // ФГБОУ ВО «Саратовский ГАУ». – Саратов, 2016. 77 с.

## ПРОБЛЕМЫ ТРУДОУСТРОЙСТВО ВЫПУСКНИКОВ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА

**Кахоров Г.Г., Гулов Р.**

*В статье рассматриваются вопросы трудоустройства выпускников профессионального образования в народном хозяйстве Республики Таджикистан. Изменения в современном мире, как в политической, экономической, социальной и других сферах, затронули все сферы жизни человека. В рыночной экономике одним из наиболее актуальных вопросов является трудоустройство выпускников профессиональных учебных заведений, и эта ситуация становится все более сложной. В сегодняшних условиях назрела острая необходимость в разработке проекта по трудоустройству молодых специалистов.*

*Этот фактор напрямую влияет на уровень и качество человеческой жизни и трудовой активности каждого гражданина страны. Важность решения проблемы обеспечения производительной занятости в стране и повышения производительности труда связана с разработкой и реализацией активных и пассивных мер регулирования рынка труда.*

***Ключевые слова:*** *выпускники профессионального образования, профессиональное образование, занятость, рыночная экономика, уровень жизни, рабочие места.*

## PROBLEMS OF EMPLOYMENT OF GRADUATES OF PROFESSIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN TAJIKISTAN

**Kahorov G.G., Gulov R.**

*The article deals with the issues of employment of graduates of vocational education in the national economy of the Republic of Tajikistan. Changes in the modern world, both in political, economic, social and other spheres, have affected all spheres of human life. In a market economy, one of the most pressing issues is the employment of graduates of vocational educational institutions, and this situation is becoming more and more difficult. In today's conditions, there is an urgent need to develop a project for the employment of young specialists.*

*This factor directly affects the level and quality of human life and labor activity of every citizen of the country. The importance of solving the problem of ensuring productive employment in the country and increasing labor productivity is associated with the development and implementation of active and passive measures to regulate the labor market.*

***Key words****: graduates of vocational education, vocational education, employment, employment, market economy, employment, standard of living, jobs.*

№1 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# АРЗИШҲОИ ОРИЁНӢ-ТОҶИКӢ ДАР ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

**Раҳматуллоев Н.** – н.и.ф., ходими пешбари илмии Шуъбаи фалсафаи фарҳанги Института фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
E-mail: nyazdoni@mail.ruф ; тел.: 985 56 04 18

*Дар мақола идеяҳои давлатсозӣ, давлатдорӣ, экологияи табиӣ, экологияи маънавӣ, тафсилоти онҳо дар адабиёти тоисломӣ баррасӣ мешавад. Таҳқиқоти ин қисмат дар заминаи сарчашмаи тоисломӣ «Динкард» сурат гирифтааст. Манбаҳои мазкур, хусусан «Динкард» дар адабиёти танқидии фалсафӣ аслан аввалин дафъа ба таҳлили илмӣ гирифта шудаанд. Мавзӯе, ки мавриди баррасӣ ҳаст, аслан кор нашудааст. Авастошиносон ва мутахассисони фарҳангу ҷаҳонбинии Ориёни бостон заҳматҳои зиёде карданд, то ин пораҳову парокандаҳоро аз варақҳои чармину когазин, катибаҳои сангҳо, тоқҳо, деворҳо, сиккаҳо, катибаҳои зарфҳову силоҳҳо бо заҳмати зиёд, солиёни зиёд ҷамъ оваранд.*

***Калидвожаҳо:*** *«Динкард», Ориёно, Анэрон, «Шаҳриёр», покизагӣ, беолоишӣ, арзишҳои ориёнӣ, хешкорӣ, экология, Сомониён.*

Идеяи давлатсозӣ ва давлатдорӣ дар ҷаҳонбинии тоисломӣ аз андешаҳои муҳими ҷаҳоншиносӣ аст. Дар кардаи 46 «Динкард» вазифаи асосии шахси аввали давлат – подшоҳ, султон, ки дар «Динкард» ба шакли «Шаҳриёр» меояд, матраҳ мешавад. Зимнан бояд дар назар дошт, ки дар матҳнои то исломӣ ҷолибан вожаи «Шаҳриёр» ба маънои «Султон», «Подшоҳ», хулоса мақоми авали давлатдорӣ меояд. Калимаи «Шаҳрдор» ба маънои роҳбари як шаҳр меояд. Кардаи 46 чунин унвон дорад: «…дар бораи хешкориҳои шаҳриёрон, дар зудудаи бадбахтӣ ва ниёзу тангӣ ва бемориву нохушӣ аз мардумон, то он ки шуданист, баробари омузаи дини деҳӣ».

Аз унвони ин боб маълум аст, ки дар он масъулияи роҳбари давлат дар матни дин баррасӣ шудааст. Инҷо калимаи «хешкорӣ» ба маънои масъулият, вазифа истифода шудааст.

Дар муқаддимаи ин боб вазифаҳои асосии роҳбари давлат ёдрас мешавад, яъне шоҳи давлати Ориёнӣ дар навбати аввал бояд устувор ва аз тохту този Анэрон (яъне на Ориёнӣ, давлатҳову қавмҳое, ки берун аз марзҳои Ориёно зиндагӣ мекунанд) омода бошад. Шаҳриёр бояд бар зидди бадкориҳои дуздон ва ситакомагон (ба истилоҳи имрӯза рекет аст) истодагарӣ кунад, бояд ҳамеша омодаи зудудани тиҳидастӣ, тангӣ, нохушӣ, бемории онҳое бошад, ки дар қаламраваш ба сар мебаранд.

Алоҳида қайд карда мешавад, ки «аз Шаҳриёрон он касе барин шоиста аст ки бадбахтӣ ва бемориро то он ҷое, ки чорапазир аст зуд ояд...». Баъдан меояд: «акнун дар бораи вазоифи барҷастаи Шаҳриёрон дар баробари мардум», яъне вазифаҳои дараҷаи аввали шаҳриёр дар назди раъияташ инҳо ҳастанд:

1. (Матни моддаи 1-ум пурра нест, ки ба ин сабаб нақли маъно зарур дониста шуд): вазифаи Шаҳриёр дар баробари касоне, ки мубталои беморие шудаанад, дармони онро ёфтан ва кӯмак расонидан аст.

2. Маънои моддаи 2-ум ин аст, ки султони давлат бояд дар муқобили қобилӣ ва танбалӣ чораҳо судманд пиёда кунад. Мардумро водор кунад, ки «чораҳои ба кор бурданӣ ва зоё (яъне судманд, босамар), онотро барои анҷоми хешкорӣ барангезанд, то аз роҳи ин ангезиш водор ба кору кӯшиш шаванд».

3. Моддаи 3-уми ин масъулиятномаи Шаҳриёр бисёр ҷолиби диққат аст, аз он нуктаи назар, ки дар фарогирии иҷтимоӣ гирифтани раъият ин тадбир ҳанӯз ҳам ҷолиби диққат аст, манфиатовар аст. Дар ин модда гуфта мешавад, ки

агар касе хешкориро(хешкорӣ – олоти меҳнат, воситаи истеҳсолот) аз даст дода бошад, масалан гови ҷуфтгараш ё силоҳи ҷуфтгариашро (юғу сипор) ё ҳар касби дигаре дошта бошад ва дукону дастгоҳашро аз даст дода бошад, ин абзори истеҳсолиашро барқарор карда диҳад «то битавонад корҳояшро бе айб ба анҷом бирасонад».

4. Комилан вазифаҳои иҷтимоиро ба зиммаи Шаҳриёр мегузорад, «касоне, ки пир ё нотавон шудаанд, бояд сарпарастӣ кунад».

5. Ба истилоҳи имрӯза давлати иҷтимоӣ идомаи моддаи 4 аст, аммо махсус ба «занони аз кор афтода ва ҳамаи кӯдакони нотавон аз кор». Шаҳриёр масъулият дорад, ки онҳо «аз нодорӣ боздошта шавад».

6. Дар ин модда ҳам масъулияти иҷтимоии Шаҳриёр нисбат ба «мардуми нотавон» қайд мешавад. «Ошкор аст, ки баҳра гирифтан аз буҷаи ихтисосӣ (дар матн кордор, ҳандоз) мешояд тиҳидастиро аз онон зудуд».

7. Шаҳриёр бояд барои густариш ва равнақу ривоҷи дин саҳм бигирад.

8. Моддаи 8 комилан ба сиҳати омма равона шудааст.Он Шаҳриёрро вазифадор мекунад, ки дар ҳамами рустоҳо бемористони беайб (шояд ба маънои бемористони комил бошад) барпо кунад ва бо баҳра гирифтан аз пизишки равондусти коршинос, ки барои ҳамагон дастрас бошад, ба дору ва дармон фароҳам кунад.

9. Дар моддаи 9 дигар вазифаҳои Шаҳриёр номбар мешаванд, ки ба ин гуна метавон тасниф кард:

а)назорат кунад, ки корҳо бе айб ба дурустӣ анҷом шавад;

б) муҳимтар аз ҳама ин ки дод (адолат) дар шаҳрҳо густурда гарадад, ки адолат кишварро ба ободонӣ мерасонад;

в) тадбири хушксолӣ, қашшоқӣ ва бемориҳои ҳамагониро (эпидемия) пайдо кунад.

Ин боб яъне кардаи 46-ум бо хулосае ҷамъбаст мешавад, ки то имрӯз аҳамияти экологии худро аз даст надодааст: хешкориҳои (масъулият, силоҳ) Шаҳриёрон ин аст, ки бо парокандани буйи хуш бар оташу об ва замин барои поиши ҳавои атроф, ки фасод ва табоҳӣ аз он... бемориҳио чиркину хушкӣ... то мабодо бунангезаи беморӣ ва он хушии мардум гардад, решакан кунад.

Ва ин боб бо пораи шеърие аз осори паҳлавии бостон ҷамъбаст мешавад.

*Аз фармонҳои Шаҳриёрон,*
*Устувориҳо андар геҳон.* [2, 45-26]

Ба таъкид ба масъалаи экология баргаштан зарур аст, ки дар матнҳои то исломии аҷдоди мо ин истилоҳ ҳам маҳдудаи моддиро фаро мегирад ва ҳам маънавии инсонро, масалан, истилоҳҳои «покизагӣ», «беолоишӣ» ва монанди инҳо. Истилоҳоти бунёдии таълимоти экологии моддии имрӯза ҳам вомехуранд, ки дар осори бостонӣ ҷойе маҳдудаи маънавиро фаро мегиранд ва ҷое муҳити моддиро. Табиист, ки дар марҳалаи рушди тафаккури илмӣ ва фалсафӣ, асрҳои III-и пеш аз мелод то VIII-и баъд аз мелод, мушаххас кардани мақулоти (категорияҳои) фалсафӣ ва илмӣ, ба ҳадди асрҳои XVII-XVIII ва рӯзгори мо дақиқу сареҳ набуданд. Дар ҳар сурат андешаҳое, ки дар ин осор ироа шудаанд, аз назари экологияи муосир низ арзишу аҳамияти муҳим доранд.

Аз ҷумла, дар кардаи 36-ум, ки ҳатто унвонаш аз аҳамияти экологияи маънавӣ ҳушдор медиҳад, мушоҳида бигирем: «Дар бораи дурӣ гузидани маздониён аз дорандагони хим <-у хӯйӣ> девпарастӣ ва Анэрон ва фирефторон ва ошмуғон, баробари омӯзаҳои дини беҳӣ».[2, 36]

Дар таҳқиқи ин пора чунин нуктаҳо муҳиманд:

а) калимаи «Анэрон» дар ин пора ва ҷоҳои дигар комилан маънии маънавӣ дорад на ҷуғрофӣ. Маъмулан Анэрон ба маънии ҷуғрофии ҳар муҳите ғайри Эрон фаҳмида мешавад. Префикси «А» дар адабиёти паҳлавӣ маънии манфӣ дорад. Агар чун Эрон бигӯем, муҳити ҷуғрофияи сиёсии Эрони давраи мушаххас дар назар дошта мешавад ва "Анэрон", яъне ҷуғрофияи берун аз ҳудуди Эрон, равшантар бигӯем – давлату муҳити ғайри Эронӣ;

б) дар ин порае, ки таҳқиқ мекунем ва дар пораҳои дигари муҳтавои маънавӣ дошта истилоҳи «Анэрон» чунин маъниҳо медиҳад:

- як нафаре, ки ба ҷаҳонбинии Ориёнӣ тааллуқ надорад;

- як нафаре, ки экологияи маънавиро намедонад;

- як нафаре, ки хӯйи ремангу фосид дорад, ин реманӣ беш аз ҳар чиз дар равони ӯ ҷой дорад ;

- ин фасоду хуйи бад, то зинда ҳаст ҳамроҳи равони (характери) ӯст, то замоне, ки ба дузах нагусор мешавад.

Бадбахтиву фасоду бадии Анэрон, фирефторон, ошмуғон дар ин аст, ки чун ориёнии беолоиш бо инҳо «ҳамҷом ва ҳамкоса ва дустӣ кунад» ин фасоду табоҳӣ ба ориёнӣ мегузарад, сироят мекунад ва ҳатто дар ҳамин пора таъкид мешавад: зарур аст, на танҳо аз ин фосидон, балки аз касоне, ки ҳамнишини ин фосидонанд дурӣ биҷуем.

Сифатҳое, ки фосидони маънавӣ дар истилоҳи «Динкард», «Анэрон», «фирефторон», «ошмуғон», таъриф дода мешаванд, ба дараҷае ҳайратовар аст, ки чун ин ҳақиқатро бо набардҳои ғоявиу сиёсии замони мо татбиқу муқоиса кунем, ошкоро ба назар мерасад, ки гуё ин ҳамон фосидоне ҳастанд, ки имрӯз ҷаҳонро ноором мекунад.

Аз ҷумла «хӯйи ошмуғон, яке ин аст, ки басе гуногунбадӣ ва заҳрро фирефкорона дар пайкари сухани зебо баранд ва диҳиши урмуздӣ бар геҳон бирезанд. Ва аз ин роҳ ҷаҳони некугуҳар (порсогуҳар)-ро бемору нобуд кунад».[2,18]

Сифати дигари ин фосидонро чунин ошкор мекунанд: «ва хуи бади ошмуғон яке ҳам ин аст, ки бо тарфандҳои (макру ҳилла) бад суханони касонро воруна намоиш медиҳанд ва дар он танҳо назар ба айб кунанд».

Аз натиҷагирии ин ҳикамат чунин ба назар мерасад, ки ҳамин методи яктарафа, муғризона баҳо додан ба як падида ё ақида, аз ин падида ё ақида равшану барҷаста ба манфиати фасод намоиш додани нуқсони ин ақида методи бисёр қадим аст, ки ҳанӯз дар истифода ҳаст ва ин истифода самар медиҳад, вале самарҳои баду вайронкор. Ба назар мерасад, ки хоҷа Ҳофизи Шерозӣ бо ҳамин матн ошно будааст, ки гуфтааст:

*Айби май ҷумла бигуфтӣ, ҳунараш низ бигу,*
*Нафйи ҳикмат накун, аз баҳри дили оме чанд.*

Ҳақиқатан ҳам дар ҳамин порае, ки иқтибос шуд (кардаи 9-ум. 11-умин пурсиш), омадааст: ошмуғ аз маздоӣ даъво мекунад, ки ҷаро майхорагиро ҳаром намедонед, аммо майхораги беандозаро гуноҳ медонед. Ҷавоби маздоӣ ҳам бисёр содда аст. Ба андозаи содда ва ҳақиқист ки ҳамоно пойбарҷост, яъне май то он даме ҳалол аст, ки бо андоза нушида шавад андозаро дар истилоҳи маздоиён «хурдодсур» меноманд, (яъне андозае, ки ҳуши инсон халал пайдо накунад)...

Масъалаи мероси ориёӣ ва нақши он дар тамаддуни исломӣ, хусусан дар тамаддуни даврони исломии қавмҳои ориёнӣ дар тӯли таърих чандин даъфа печидаву пурмоҷаро, мубҳаму ҷанҷолбарангез шудааст. Тамоми ин мушкилот дар соле, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Соли тамаддуни ориёӣ» эълон кард, ин сол пурсамар, бошаҳомат бо акси садое равшан дар саросари ҷаҳон аз шаъну шаҳомати ориёнитоҷикӣ ғулғула андохт, боз як даъфаи дигар мавриди баҳсу талошҳои зиёд шуд.

Решаи ин баҳсҳо:

а) бебунёд аст;

б) ғаразҳои миллатгароӣ дорад (хусусан аз ҷониби боқимондагони пантуркистон ва ҷонибдоронашон);

в) аслан мавриди таҳқиқу натиҷагирии бунёдӣ нашудааст.

Он чи ки дар пайвастагӣ бо соли тамаддуни ориёнӣ равшан баҳс шуд аслан, аксаран дар сайти WWW.RU «Центральная Азия» матраҳ шуданд, ки ғолибан ғаразноку бебунёд буданд. Таҷассуми даъвоҳои баҳсгаронро дар мақолаҳои А. Гершензон «Арийская мифология» дар ҳамин сайт 17.09.2003., 20.09.2003 ёфтан мумкин аст.

Ба ин мақола донишманди зиндаёд академики ватандӯст Н.Н. Неъматов як ҷавоби муфассал ҳам навиштанд. Нуктаҳое, ки дар ин ҷавоб ҷолиби диққат ҳастанд, чунинанд: Н.Н.Неъматов масъаларо бисёр фаҳмо матраҳ мекунад, яъне «Мо мехоҳем, ки охируламр сиёсат, идеология, таърих фактҳои объективӣ ҳақиқати таърихӣ, ғаразҳои миллӣ як сӯ

гузошта шаванд. Ба ин мақсад мо даъват мекунем, ки охируламр мафҳуми «ориёӣ»-ро аз мафҳуми «фашист» ҷудо кунанд» ва «...ин ривояти бебунёд, ки онро Я. Гримм, М.Мюллер, Ф. Шлегел ва дигар олимони Аврупои асри 19 ва баъдан идеяҳои Ф. Нитсше ва фашистони Германия онро бофтаанд, ошкор кунем. Зери мафҳуми ориёӣ онҳо маънихои ҷангҷӯй, нажодпараст, ҳаракати тоталитарии милитаристӣ, идеологияи генотсиди миллатҳои ғайриориёӣ ва аз байн бурдани арзишҳое, ки ин миллатҳо эҷод кардаанд...».[1,536]

Нақши тамаддуни ориёӣ дар осори фарҳангии минбаъдаи қавмҳои ориёӣ (имрӯза тоҷикзабонони Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон) албатта ногустурданӣ ва барҷаста аст. Арзишҳои бунёдие, ки тамаддуни ориёӣ барои ҷаҳон ироа кардааст ва барои ҷаҳониён мусаллам ҳастанд, инҳоанд:

- идеяи хайр – яъне хайр ва ҳақиқат, ҳамчун намоди фарҳанг, ки дар ниҳоят бояд хайр бар шарр (нур бар зулмат) ғалаба кунад;
- ҳукумати ҷовидонии нур, ҳақиқат, ақл ва хайр дар ҷаҳон;
- идеяи дуализм ба маънии мубориза ҷовидонаи қонунманди таззодҳо, ки бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд;
- дар ин мубориза дар ниҳоят Одам, ки бо сегонаи муқаддас, яъне пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек мусаллаҳ шудааст ғолиб меояд.

Он гуна ки барҳак академик Н. Неъматов қайд кардааст, мақсади Президенти Тоҷикистон аз баргузории «Соли тамаддуни ориёӣ» ҳамин ғояҳо ҳастанд.

Чашмрастарин осори арзишҳои ориёӣ, ки дар тамаддуни исломӣ мавқеи мустаҳкам пайдо кардаанд ғолибан дар осори шоирони бузург, хусусан Ҳофизи Шерозӣ, Хоқонии Шервонӣ, Фариддадини Аттор, Носири Хусрав ва зумраи зиёди дигар равшан мушоҳида мешавад, ки дар ин боб сухани алоҳида гуфта хоҳад шуд.

Дар баробари ин накши тамаддуни ориёӣ дар осори меъморӣ, ҳунарҳои дастӣ ва чандин шуъбаҳои маданияти моддӣ мушоҳида мешавад.

Қисмати бисёр муҳиме, ки аз осори ориёӣ тамаддуни исломиро ғаниву арзишмандтар кардааст, ба насри тоисломии аҷдоди мо тааллуқ дорад, ки ин бахш ҳам кам таҳқиқ шудааст. Он чи ки феълан бояд қайд карда шавад, мақолаи академик Носирҷон Салимов бо унвони «Пайванди насри тоҷикӣ-форсӣ ва эҳёи он дар даврони Сомониён» аст. Дар ин мақола, аз ҷумла, сифатҳои барҷастаи осори ориёӣ ба монанди «Ҳазор афсонак», «Фарас симас», «Тоҷномак», «Корномак» ва дигар осор аст. Дар даврони Сомониён осори бисёр муҳими ориёӣ ба забони арабӣ баргардон шуданд, ки дар ин бахш хизматҳои ибни Муқафаъ (727-763), Табарӣ (818-923), ибни Хурдодбеҳ (820-912) бузург аст. Ҳамин нуктаро ҳам аз мақолаи Н. Салимов ба иқтибос гирифтан зарур менамояд, ки дар ду асре ки дар муҳити осоршиносон «ду асри сукути тамаддуни ориёӣ» номида мешавад, маънавиёти мо ба чанд пешомади ғайричашмдошт рӯ ба рӯ шудааст, ки аз ҷумла истифодаи алифбоҳои ибрӣ, монавӣ ва суриёнӣ мебошад. Яке аз чунин ёфтаҳои муҳими таърихӣ бозёфти олими англис А. Стоун дар соли 1901 аз биёбони Туркистони Чин аст, ки осори насрии форсӣ ба алифбоӣ ибрӣ навишта шудааст. Дар он замон мусаллам аст, ки комилан дафтаргузорӣ ва девондории халифаҳои ҷаҳони ислом ба забони форсӣ будааст ва ин коргузорон ҳам ғолибан зардуштиёни Хуросон будаанд[3, 484-485].

Мавзӯе, ки мавриди баррасӣ ҳаст, аслан кор нашудааст. Авастошиносон ва мутахассисони фарҳангу чаҳонбинии Ориёни бостон заҳматҳои зиёде кардаанд, то ин пораҳову парокандаҳоро аз варақҳои чармину коғазин, катибаҳои сангҳо, тоқҳо, деворҳо, сиккаҳо, катибаҳои зарфҳову силоҳҳо бо заҳмати зиёд, солиёни зиёд ҷамъ овардаанд. Дар самти ҷамъоварии ин мероси ориёӣ, ки бе шаку шубҳа аҳамияти умумибашарӣ дорад, бо тамоми хоксорӣ бояд гуфт, ки дар шакли ҷамъу комил дар силсилаи «Тоҷнома», ки бо ҳидояту дастгирии Президенти муҳтарами Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба нашр расид, кори бузург аст. Ин нашр бо мурури пайдо

шудани санаду бозёфтҳои нав идома хоҳад ёфт.

Хушбахтона, то имрӯз ҳама чизи дастрас дар китобҳои зерин зери унвони «Тоҷнома» (Тоҷикон дар масири тамаддун) дар ҷилдҳои зерин ба нашр расиданд: «Авасто» 838 саҳифа, Душанбе 2014, «Мероси хатии бостон», ҷилди I, 437 саҳифа, Душанбе 2014, «Мероси хатии бостон», ҷилдиII, 301 саҳифа, Душанбе 2018, «Динкард», китобҳои 3,5,7. Душанбе 2018. 323 саҳифа Бохтар (дар ду ҷилд, Душанбе 2020) ва чандин сарчашмаҳои дигар, маҷмӯан то ин марҳала 16 ҷилд.

Ҳамаи ин ҷилдҳо бо харитаҳо ва тасвирҳои таърихӣ, вобаста ба давру замонҳо, сулолаҳои ҳукмрон, ҳодисаҳои муҳими таърихӣ, такмил шудааст.

Пажӯҳишҳо ва шарҳу тавсирҳои хуб ҳам анҷом шудаанд, ки муҳимтарини онҳо ба Пури Довуд, Ҷалили Дӯстхоҳ, Ҳошими Разӣ, Меҳрдоди Баҳор, Ҷалолиддини Оштиёнӣ таaллуқ доранд.

**Адабиёт**


1. Арианаи и арйанвежда. – Хуҷанд, 2006.
2. Динкард. - Душанбе, 2018 – 327 с.
3. Салимов Н. Преемствнееость таджикско-персидской прозы ее возрождение в эпохе саманидов. // Традиции и преемственность в таджикскоой культуре. – Душанбе, 2013 – 560 с.


## АРИЙСКО-ТАДЖИКСКИЕ ЦЕННОСТИ В ИСЛАМСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ


**Рахматуллоев Н.**



*В статье рассматривается базовые представления о путях государственного строительства, государственного управления, экологии и природы, экологии и духовности и ее аспекты вплоть до исламской литературы. Исследование этой части проводилось на основе доисламского источника «Динкард». Эти источники, особенно «Динкард» в философско-критической литературе, фактически впервые подвергались научному анализу.*

*Рассматриваемая тема прежде не была проработана. Астрологи, специалисты по культуре и мировоззрение древних ариев с большим трудом и долгими годами собирали эти кусочки и фрагменты кожи и бумаги, надписи на камнях, стенах, монетах, надписи на сосудах и оружии.*



***Ключевые слова:*** *«Динкард», Орияно, Анерон, «Шахрияр», чистота, чистота, арийские ценности, сотрудничество, экология, саманиды.*


## ARYAN-TAJIK VALUES IN ISLAMIC CIVILIZATION


**Rakhmatulloev N.**



*The article deals with the ideas of statehood, statehood, natural ecology, spiritual ecology, their details in pre-Islamic literature. The study of this part was carried out on the basis of the pre-Islamic source "Dincard". These sources, especially "Dincard" in the philosophical and critical literature, were in fact subjected to scientific analysis for the first time.*

*The topic under consideration has not been worked out. Astrologers and experts in the culture and worldview of the ancient Orians with great difficulty and for many years collected these pieces and fragments of skin and paper, inscriptions on stones, walls, coins, inscriptions on vessels and weapons.*



***Keywords:*** *"Dinkard", Oriyano, Aneron, "Shahriyar", purity, purity, Aryan values, cooperation, ecology, Somonians.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# КОНСЕПСИЯИ ОФАРИНИШИ ИНСОН ВА КАЙҲОН ДАР ФАЛСАФАИ БОСТОНИИ ТОҶИКУ ФОРС

(Қисми якум)

**Муродова Т.** – н. и. ф., ходими пешбари илмии ИФСҲ АМИТ

*Проблемаи инсону кайҳон, пайдоишу оқибатҳои он, аз куҷову кай ва чигуна ба вуҷудоии ин ду мафҳуми асосии фалсафаи ҳастӣ аз қадим диққати аҳли башарро ҷалб намуда буд ва то имрӯз идома дорад. Мардум дар атрофи ин асрор фикр мекарданд ва андешаҳои хешро тавассути афсонаву ривоятҳо дар шакли асотир баён менамуданд. Ҳамин тариқ, рӯи ин масъала дар давру замонҳо мардуми фарҳангу тамаддунҳои мухталиф бар асоси ҷаҳонбиниву шароит ва муҳити зисти хеш нигоҳи гуногун доштанд. Онҳо саъю талош намудаанд, ки нисбати хилқати инсону мавқеияти кайҳон ва иллати пайдоиши олами мавҷудот, аз он ҷумла нуру зулмот ва мубориза онҳоро дар рӯи замин бо фикру бинишҳои худ ба башарият арзёбӣ кунанд. Ба ҳар ҳол онҳо хишти аввалинро барои тафаккуроти инсонияти баъдина рӯи ин масъалаи муҳими ҷаҳони ҳастӣ, яъне таносуби инсону кайҳон ва пайдоиши онҳо гузоштанд, ки дар ин мақола таҳқиқу баррасӣ хоҳад шуд.*

***Калидвожаҳо:*** *инсон, кайҳон, устура, ҷаҳонбинӣ, хилқат, дунё, офариниш, адён, бостон, ростӣ, нур, зулмот, шар(р), покӣ, усул.*

Консепсияи офариниши инсон ва кайҳон ва таносуби онҳо яке аз масоили марказӣ ва мубрами таърихи фалсафа ба шумор меравад. Донишмандони илму фарҳанг ва тамаддуни башарӣ аз замонҳои хеле қадим саъю талош намуданд, ки офариниши инсону кайҳон ва равобити онҳоро шарҳу эзоҳ диҳанд ва асрори онро дарёбанд. Инсон ин як шакли махсус, ва ё як ҷузъи олами ҳастӣ буда, дар баробари табиату кайҳон ва Офаридагор як бахши комили дунёи моддӣ мебошад. Аз ин рӯ, таносуби Офаридгору табиат ва инсон аз масоили асосии фалсафа аст, ки дар давраҳои таърихии ташаккули он дар шаклҳои мухталиф таъбиру таҳлил шудааст. Аз ин ҷо, рӯи офариниши инсону кайҳон, яъне олами ҳастӣ фикру андешаҳо аз рӯи ҷаҳонбиниҳо ва равишу усулҳои гуногунҷанба баён мешуд. Бинобар ин барои кашфи ин асрори дунёи ҳастӣ донишмандону пешвоёни тамаддуни давра ва кишварҳои гуногун саъй намудаанд, ки мавқеияти худро бо ҳар гуна ҷаҳонбинӣ ва диди ба сатҳи зиндагии ба худ хос дар бораи офриниши инсону кайҳон ва таносубу иртиботи онҳо муайян намоянд.

Тафаккури фалсафӣ дар бораи пайдоиши инсон, мақоми вай дар олами ҳастӣ ва иртиботи ӯ ба табиату кайҳон ҳамеша аз проблемаҳои муҳими ҳаёти инсонӣ ба шумор меравад. Дар ин хусус донишманду мутафаккирони шарқу ғарб ва ҳамчунин аҳли илму фарҳанги форсу тоҷик барои ҳалли ин масъала роҳу равиш ва усулҳои гуногунро ҷустуҷу намуда, дар таҳқиқу баррасии он саҳмгузорӣ намудаанд.

Дар байни устураҳои мухталифи дунё дар бораи пайдоиши инсон ва чигунагии вай ва иртиботи ӯ ба табиат таъбиру тафсирҳои гуногун вуҷуд дорад. Бинобар ин дар асоси омӯзишу таҳқиқи сарчашмаву адабиёти хориҷиву ватанӣ ва китобҳои таърихии бостонии мардуми тоҷику форс баъзе фаҳмишу дидҳои худро нисбати ин масъалаи мубрами замон рӯи қоғаз ҳоҳем овард. Асоси ин сарчашмаҳои муҳими мардуми тоҷику форси бостонро пеш аз ҳама «Авесто», «Динкард», «Бундаҳишн», «Минуи хирад», «Ҷовидонхирад», «Дарахти Асурик», «Таърихи Ғурур ус-сияр» (маъруф ба «Шоҳномаи Соалибӣ)[4] ва ғайра ташкил медиҳанд, ки бо дастгириву кумаки Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи

олимону донишмандони тоҷик таҳия ва ба чоп тайёр карда шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ онҳоро ҳамчун сарчашмаи асосӣ мавриди истифода қарор хоҳем дод.

Дар давраҳои гуногун мардуми ҳар тамаддуну фарҳанг бар асоси мавқеияту дид ва вазъу шароити муҳити зисти хеш нигоҳи мухталиф ба масъалаи пайдоиши инсон дар рӯи замин доштанд.

Устура ва ё достонофариниишу афсонагӯӣ, ривояту қиссагӯӣ қисмате аз фарҳанги башарият буда, дар миёни мардум аз қадимулайём ҷорӣ аст, ки дар бораи оғози ҷаҳон ва чигунагии пайдоиши инсон сухан меравад. Ба гуфти муҳаққиқи Эрон Ҳамиди Ковиёнипуё «бархе вижагиҳо дар миёни устураҳои офариниш муштараканд. Дар ҳамагии ин достонҳо тарҳи куллӣ ва шахсиятҳои таъсиргузор вуҷуд доранд, ки наҳваи пайдоиш ва амалкарди онҳо сабаби таҳавулоти умда ва мондагор дар ҷаҳон мешавад».[46,4] Устура таҷассуми орзую омол ва афкори мардуми бостон дар бораи дунё мебошад ва ба таври куллӣ дар асотир саъй бар он аст, ки то ба суолҳои амиқе ҷавоб дода ва ё пайдо карда шавад. Дар асоси ин тафаккурот эътиқоду бовариҳое шакл мегирад, гоҳ ба дин ва гоҳе ба дунё, зиндагиву марг ва оқибат ба хайрии дунёи ҳастӣ тамоил мепазирад. Дар ин андешаҳои мухталифу бо ҳам зидди ибтидоӣ масоили нигариш ба офариниш ва пайдоишу ташаккулёбии худи инсон тавассути чӣ ва ё кӣ, барои чӣ ва ба хотири кӣ ва ё чӣ низ падид омада, боиси ташаккул ёфтани шуур мегардад.

Ҳамин тариқ, дар бораи офариниши олами моддӣ ва чигунагии пайдоиши инсону иҷтимои инсонҳо одамони ибтидоӣ меандешиданд ва аввалин тафаккуроти фалсафӣ низ рӯи хилқати инсон ва олами ҳастӣ падид меомад. Ин баррасиҳои тафаккуроти инсонӣ дорои аҳамияти муҳим буда, барои пешрафти маърифат ва дидҳо дар бораи тафаккуроти пешиниён ва орзую омоли онҳо нисбати инсону дунё ба асотиршиносии офариниш кумак мекунад. Асотир ва фикру андешаҳои асотирии инсонҳо боиси пешрафт ва камолоти илму маърифати инсон дар бораи пайдоиши инсон ва дунёи моддӣ гардида, нахустин дурахшҳои ҷаҳонбиниро ба миён оварда, барои ҷаҳонбиниҳои дигар заминагузорӣ мекунад. Қайд намудан зарур аст, устура на танҳо фақат ҷаҳонбинии асотирӣ, балки ҷаҳонбинии динӣ ва фалсафии башариятро дар шакли ибтидоӣ дар бораи офариниши оламу инсон ва офаридагори онҳо низ дар бар мегирад. Дар ҷараёни пешрафти улум ва боло гирифтани маърифати инсонӣ, баррасии ихтилоф ва шабоҳати орзую омолҳои ҳар як аз адёну падидаҳои madди назар, таҷрибаю баррасии тафаккури миллату нажодҳои гуногун бар асоси таҳлилу таҳқиқ бо роҳу равишҳои илмӣ-мантиқӣ ва муқоисавӣ мушаххас мегарданд. Омӯзишу таҳқиқотҳои ба вуҷуд омада дар бораи асотир ва динҳои қадима аз дер боз «мустақилан ва ё ба гунае таркибӣ дар бораи асотир ва адёни бархе милал бо ановини чун асотири тоҷику форс (Эрон), асотири Байнаннаҳрайн, торихи адёни осиёӣ сухан ба миён омадааст».[16,5] Илова бар ин дар қисме аз омӯзишу таҳқиқотҳо масъалаи пешрафти моддӣ-иҷтимоӣ ва ахлоқӣ низ матраҳу баррасӣ шудааст. Монанди китобҳои «Устураи офариниш дар оини Монӣ».[2] (Ин асар нигоҳи ирфонии мардуми форсу тоҷикро дар давраҳои пеш аз исломӣ дар бар гирифта, муаллифи вай нишон медиҳад, ки омӯзаҳои ирфонии Монӣ бар фарҳанг ва тамаддуни тоҷику форс таъсири зиёд доштааст ва яке аз мавзӯҳои печида ва мураккаби ин оин устураи офариниш аст), «Намунаҳои нахустин инсон ва нахустин Шахриёр дар торихи афсонаи эрониён» (асари Артур Кристенсен (1875-1945.-Дания)-шарқшинос, муҳаққиқи таъриху адабиёти бостони тоҷику форси асрҳои миёна ва ҳамчунин устурашиноси Шарқи қадим), «Офариниш дар адён» (Саид Маҳдии Ризоӣ), «Офариниш ва марг»,[10] «Инсон ва кайҳон дар Эрони бостон»,[15] «Инсон ва кайҳон»[9] ва ҳамчунин мақолаҳои зиёде дар бораи офариниши инсон дар устураи қадим аз тарафи муҳаққиқони эронӣ ва хориҷӣ навишта шудааст, ки дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқ, бо мавқеъ аз онҳо ёдоварӣ хоҳем намуд. Ва ҳоло ба таври мухтасар масъалаи чигунагии офарини-

ши инсон ва ҳадафи офариниш аз инсонро дар адёну асотири мардуми тоҷику форси бостон дида мебароем: а) Ҳадаф аз афариниши инсон ва чигунагии он дар таълимоти Маздак ва маздоясно; б) Асотири Монавӣ дар бораи офариниш; в) Офариниши инсон дар Миёнрудон (Байнаннаҳрайн – арабӣ – байни ду наҳр ва ё ду дарё) кишварест дар миёни ду дарё – Даҷлаву Фурот ва Корун дар ғарбии Осиё, ки аз халиҷи Форс то ҷануби қаторкуҳҳои шимоли Арманистонро дар бар мегирад) ва Бобулиён (асотири Сумарӣ); г) Ҳолати кайҳон қабл аз офариниши инсон; д) Нигоҳи мухталифи ҷаҳонбинии фалсафӣ нисбати ҷавҳари вуҷуди инсон.

Дар асотири Маздоясно умри олам дувоздаҳ ҳазорсола аст, ки ба чаҳор давраи се ҳазорсола тақсим мешавад ва дар сеҳазораи сеюм, ки даврони омехтагии хайру шар(р) аст. Чунонки дар «Фаргарди» XX11-и Авесто омадааст: «Нахустин замони бекарона буд, ки азалиёту абадӣ ва ду ҷаҳон – равшаниву торикӣ, ки бар ҷаҳони равшанӣ Ҳурмузд ва бар дигаре Аҳриман фармонраво буд. Ҳурмуз чун зоти муҳоҷими Аҳриманро мешинохт, тасмим гирифт, ки равшании хешро дар баробари тозиши Аҳриман ҳифз кунад. Ва бад-ин рӯй аз замони бекарона замони каронаманди дувоздаҳ ҳазорсоларо офарид. Чун ҳеҷ хилқате бидуни замон мумкин набуд, бо халқи замони каронаманд тавассути Ҳурмузд, Аҳриман низ қодир ба офариниш шуд».[1,701] Дар даврони минуӣ ҷаҳони моддӣ комилан дар олами рӯҳониёт вуҷуд доштааст ва миёни ин ду –олами рӯҳониёт ва моддиёт фазои холӣ буда, дар ҷаҳон иродаи мутлақи Аҳуромаздо ҳоким будааст. Мувофиқи навиштаи муҳаққиқ М. Рашшод Ҳурмуз ҳамчун манбаъ ва холиқи хайр ҷилвагар шуда, ӯро ҳамчун офарандаи замину инсоният ва покию ҳақиқат ситоиш намуданд. Муҳаққиқ фармудааст: «Дар катибае омадааст: «Заминро Аҳуромаздо офарид ва ҳам ӯст, ки башарро халқ карда, худи ӯ худованди зиндагӣ, покиву озодагӣ ва ҳақиқату адолат аст».[13,74] Аммо баъдан даврони омехтагӣ шуруъ мешавад, ки дар ин марҳила офариниши моддӣ анҷом меёбад.[9] Ҳамин тавр дар ин даврон офариниши минуи (مینوی) шакли моддӣ гирифта, ба тартиб осмон, замин, об, гиёҳ, ҳайвон ва сипас нахустин инсон Каюмарс (Гайумартан ва ё Гаёмард) падид омад. Дар «Динкард» омадааст, ки «офаридаҳои гетиёӣ рӯйи ҳам рафта, болиғ бар шаштоанд: осмону обу замину гиёҳу ҷонвару мардум.»[8,119] Яъне системаи эманатсияи офариниши олами ҳастӣ чунин аст: «Эзад осмонро пеш аз ҳамаи дигар ҳастумандон офарид, пас аз он обу бодро офарид. … Бод минуи ҳаво (ҷавв) атмосфера аст, яъне гавҳари осмон. Пас аз он заминро офарид, пас аз замин гиёҳ ва сипас ҷонвар ва дар поён мардум офарид». [8,119]

Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки Аҳуромаздо мегӯяд: «Ман нахустин мард, Каюмарси равшану сапедачашмро офаридам. Ӯ бузургтари мардумон аст, аммо ӯ сарвари эшон нест, зеро Зартушт сарвар аст…».[7,140] Чунон ки мебинем дар устураҳои бостони тоҷику форс образи Зардушт нисбати дигар нахустинсонҳо афзалтар аст, зеро ки маънавиёт ва кодекси ахлоқии ӯ дар ривоятҳо мақоми воло дорад. Дар китоби панҷуми «Динкард» дар фасли дуюм дар бораи таърихи зиндагии Зардушт ва дини Маздоясно чунин омадааст: «Зардушт дар он рушании пок…аз ҳамон оғози ба сурати мену (он ҷаҳонӣ) офарида ва пардохта шуд, то динро ҳам бе нуқс ҳам ба тафзил ва ба камол ва бе он ки чизе аз он фуру гузарад, бипазирад ва дар ҷаҳон ривоҷ диҳад».[8,209] Ҳангоме ки фиристода шуд то дар ҷомаи хокӣ (ба сурати инсон) ва вуҷуди гетӣ (ин ҷаҳонӣ) мутаҷаллӣ шавад, фазаҳи (симу нуқра) бузург ва рушане дар ӯ чунон намоён буд».[8,210] Мувофиқи матни «Динкард» пас аз Каюмарс замон то замон то он вақт, ки «Зардушти сутудафраваҳар» омад қисмате аз он «гуфтори нек» ба фарохури дониш, огаҳӣ, куниш ва наҷоти мардуми он замон буд.[8,239] Бахман аз Зардушт суол мекунад, ки «Эй Зардушти Спитамон ба чи сабаб ту ранҷаӣ (ранҷ мебарӣ? Ба чи чиз фарозкушӣ (кушиш мекунӣ)?- Ҷавоб медиҳад, ки «барои парҳезгорӣ ранҷаам ва барои парҳезгорӣ кушоям ва комдеҳии ман дар парҳезгорӣ аст».[9,258]

Чунон ки аз намунаи ин суолу ҷавоб мебинем ривоятҳои ин устураҳои мухталифи кишварҳои бостон бе ҳикмат набуд, зеро ки пайдоиши Аҳуромаздою Аҳриман, яъне хайру шар(р) ва зиддияти байни онҳо тоқазо мекард, ки як ҷонишине барои Офаридагор зарур буд, ки дар муқобили қудратҳои аҳриманӣ истодагарӣ кунад ва нагузорад, дунё ба касод кашида шавад.

Масъалаи хайру шар(р) аз масоили муҳими мазҳабу масолики адёни бостони тоҷику форс, ба монанди зардуштия, меҳрпарастӣ, монавияву зарвония, маздакия буд, ки ин ду қувва аз азал вуҷуд доштааст. Хайру шар(р) дар ҷаҳони маънавӣ, яъне дунёи ғайри моддӣ, бо ҳам мусовианд, чунки ҳар як қодир бар хилқати худ аст, аммо шар(р) сифран метавонад худро бар ҷаҳони моддӣ ориз кунад, онро биполояд ва бипошад. Дар олами ҳастӣ ҳадафи шар(р) худро вориди гетӣ намудан ва онро бо разолати худ олудаву ошуфта гардонидан аст. Дар муқобили ин разолатҳои шар(р) неруҳои хайр омили шукуфоӣ ва ҳомии зиндагию воситаи заиф гардонидани неруҳои он дар дунёи моддӣ аст.[5] Дунёи шар(р) шомили девону Ангра мену ва дигар неруҳои торику бад аст, ки дар зулмоту палидӣ зиндагӣ мекунанд. Дар «Бундаҳишн» дар бораи чигунагии ба вуҷудоии бод, абру борон ва иртиботи онҳо ҳамчун унсурҳои олами афлоку замин ва инчунин оиди палидиҳову бадҷинсии Аҳриман чунин омадааст: «…Аҳриман ба девон гуфт, ки: «Ин бодро бимиронед…, зеро агар шумо бимиронед, он гоҳ ҳамаи офаридагонро миронида бошед».[5] Шар(р) дар шаклҳои мухталифи худ машғули зеҳнии доимӣ дар оини зардуштӣ, меҳрпарастӣ, зарвония, маздакия ва амсоли инҳо буда, боиси халалпазирии роҳу равиши дурустӣ онҳо мегардад ва таъсири бади худро ба онҳо мегузорад. Дар таърихи дунёи бостон Зардушт аз қудратҳое буд, ки барои адолату ростиву ростгӯӣ, ростгорӣ бар зидди дуруғҳои «асосгузори дуруғгӯён» Аҳриман ва нажоди ӯ мубориза кунад ва дунёро аз торикӣ ба рушноӣ бикашад.

Дар банди ҳаштум ва нуҳуми яснаи 30-и «Авесто» омадааст, ки «…ай Аҳуромаздо, он замон, ки Туро ҳамчун падари пиндори биҳ, офарандаи воқиии Аша ва Аҳураи ҳастӣ, бо кирдорҳоят дарёфтам. Табиати туст ормаити (рӯҳонӣ, лоҳутӣ) будан, они туст (ҳунари) офаридани гов, мар ҳамон рӯҳи хиради бузург, вақте ки Ту ба ӯ (нивандираи рушан) роҳеро медиҳӣ (раҳнамоӣ мекунӣ), ки назди касе биравад, ки ҳамчун кишиш амал кунад». Муҳаққиқи номаълуме дар тафсири ин ҷумлаҳо навиштааст, ки « ба назар мерасад, ки зоре равони гов, ки шояд дорои маънои истиорӣ буда ва ба шеваҳои мухталиф низ тафсир шуда, тамсиле буда, ки дар он мавҷуди зинда барои наҷот аз дарду хашми мавҷуде шарир аз як шубони меҳрубон, ки қодир ба ҳимояти ӯст, ёрӣ металабад».[5] Дар «Йаснаи 30» дар банди чаҳорум омадааст, ки «вақте ки ду рӯҳ нахустин бор ба ҳам омаданд, онҳо зиндагӣ ва маргро офариданд ва дар фарҷом (он чизеро офариданд, ки туфайли ӯ метавон) мукаррар кард, чи сон бадтарин ҳастӣ барои дуруғ хоҳад буд ва чи сон пиндорӣ биҳин бахри марди рост (порсо).[1,105] Ин андешаҳо албатта гуфтаҳою хостаҳои Зардушт аст, ки хонанда метавонад аз сарчашмаҳои таърихию бостонӣ, махсусан «Авесто» онҳоро пайгирӣ кунад. Масоили офариниши хайру шар(р) – ин диалектикаи зиндагӣ дар рӯи замин аст ва ин ду неру восита мешаванд, ки зиндагӣ якнавохт набошад ва қудратҳои нек барои зебоии дунё ва пешрафти он, чи аз лиҳози ахлоқӣ-эстетикӣ, чи аз ҷиҳати иқтисодӣ-иҷтимоӣ, чи аз лиҳози илмӣ-техникӣ ва маънавиёту фарҳангӣ мубориза кунанд. Бинобар ин баробару мусовӣ ба вуҷуд омадани хайру шар(р) ва ё Аҳриману Аҳуромаздо низ як рамзи қонуни ҳаёт дар олами вуҷуд буда, ҳикмате дошт, ки ин ду неру дар муқобили якдигар бошанд.

Дар достони «Устураи офариниши инсон ба ривоёти Эрони бостон» доир ба ҳадаф аз хилқати инсон ин мубориза бо бадиҳо ва ҳифзи рушноиҳову ростиҳо ва покиву озодагӣ баҳс шудааст. Ин офариниш пас аз гузаронидани давраҳои замонӣ мушаххас такмил меёбад. Дар ин бора муҳаққиқ Ковиёнипӯё қайд мекунад, ки «бо таваҷуҳ ба ин ки офариниши моддӣ ва ба вижа Каюмарс

(инсон) аз замоне оғоз мешавад, ки бархурде байни Аҳуромаздо ва Аҳриман падид меояд ва душмании онҳо ошкор мешавад...». Дар «Бундаҳишн» чунин унвон мешавад, ки «...шашум марди парҳезкорро офарид барои аз миён бурдан ва аз кор афкандани Аҳриман ва ҳамаи девон».[7,129] Офариниши олами моддӣ, яъне кайҳон ва хилқати инсон ин рамзи зиндагӣ дар замин ва муборизаи қувваи некӣ бар бадӣ ва боло гирифтани нур бар зулмотро нишон медиҳад.

Аз баррасии сарчашмаҳо бармеояд, ки баландии қади Каюмарс ва паҳноияш баробар андоза аст. Дар асотири паҳлавӣ Каюмарс мавҷуде гирд аст, ки дарозой ва паҳноияш мусовӣ аст ва аслан шакли инсон надорад...баъдҳо шакли физикӣ ва моддӣ гирифтааст ва дар шакли моддӣ низ мафҳуми шахсиятёфтаи комиле нест. Аммо дар ривоятҳои Зардуштӣ ба шаклҳои мухталиф васф шудааст.... Каюмарс дар тавсифи зардуштӣ шакли як нутфаи инсониро дорад.[16,6] Бинобар ин Каюмарсро бояд нахустин ва ибтидоӣ аз одамӣ бидонем, ки пас аз ӯ хилқати инсон комил мешавад ва инсони гилӣ нахустин оғозе аз ин нуқтаи такомул аст.

Марҳалаи дуюми офариниш дар асотири **Маздоясно** пас аз офариниши моддӣ Аҳриман ва дигар девон ба гетӣ ва офариниши Аҳуроӣ ҳуҷум мебаранд. Дар офариниши Маздоясно шаклгирии ҷисм ва равони одамӣ ба ду шакл дида мешавад: Офаридани дунё бо тамоми мавҷудоташ ба сурати минуӣ (рӯҳонӣ ва маънавӣ) ва ҳамон тавре ки дар бахши марбут ба устураи Машӣ ва Машиёна омадааст. Аввалан ҷисм барои рӯҳ офарида шудааст, на рӯҳ барои ҷисм; дуюм дохил шудани равон ба колбади гиёҳии Машӣ ва Машиёна аст, ки пас аз он ба сурати инсонӣ даромаданд.[1,700] Машӣ ва Машиёна номи нахустин марду зан дар асотири форсу тоҷик аст, ки аз тухми бозмондаи Гайумарт (Каюмарс) дар замин дар гунаи ду шохаи рибос (ривос) мерӯянд ва сипас ба пайкари одамӣ дармеоянд ва ҳамаи одамиён дар ҷаҳон аз табори эшонанд.Ва миёни онҳо равон ба минуӣ дохил шуд ва аз гиёҳпайкарӣ ба мардумпайкарӣ тағйир ёфтанд. [7,130] Дар «Авесто» ва дигар матнҳои бостонии Маздоясно аз ҷаҳони минуӣ, яъне дунёи рӯҳониву моддӣ ва гетиёна сухан рафтааст. Ҷаҳони менуӣ, яъне рӯҳонӣ ҷаҳоне мебошад, ки қабл аз офариниш дунёи моддӣ будааст ва пас аз поёни он ва барпоии растохез низ ҳамчунон хоҳад буд.[12] Тамоми мавҷудот – ҷондору беҷон ва сириштҳову хислатҳо ҳаёти ғайри ҷисмонӣ дар ҷаҳон минуӣ доранд. Сипандминуӣ ва Ангра минуӣ ҳар як ботини бахше аз офариниш ҳастанд ва аз ин рӯ, ба унвони думинуии оғозини ҳамзод ном бурда мешаванд.

Умуман дар бораи офариниши инсон ва кайҳон ва таносубу иртиботи онҳо ва қадимияти яке нисбат ба дигаре ва ё баробариву пасу пешоии онҳо андеша ва дидҳои мухталиф вуҷуд дорад. Яке аз ин нигаришҳо ин аст, ки Аҳуромаздо, одамӣ-шашумин махлуқро дар қатори дигар офаридаҳо падидор мекунад, ки монанди хуршед сафеду дурахшон аст ва сиришти оташин дорад. Бинобар ривояти паҳлавӣ «офаридагон ба минуӣ аз ахгари оташ офарида шудаанд, ки дар рӯшнои пайкарона ҷаҳони некӣ бувад».[16,7] Аммо боз ривояти дигаре вуҷуд дорад, ки инсон аз оби сиришке падид омадааст: «Тани мардумон ба сони гетӣ аст, зеро гетӣ аз оби сиришке сохта шудааст. Чунин гӯяд, ки ин офариниш, нахуст ҳама оби сиришке бувад, мардумон низ аз оби сиришке ҳастанд»[16,7] Аммо дар ривояти Паҳлавӣ ишора шудааст: «Мардум аз он гиланд, ки Каюмарсро аз он кард».[16,7] Боз дигар дидгоҳ низ ҳаст, маншаи одамӣ, яъне зуҷи нахустинро чизе ғайр аз хок муаррифӣ ва тасаввур мекунад. Ин ду мавҷуд – Машӣ ва Машиёна, ки волидайни инсонҳо ба шумор меравнд дар ҳақиқат инсонҳо аз онҳо дар натиҷаи омезиш ва зиндагии онҳо падид меоянд, сириште гиёҳӣ доштанд ва аз наботот ба амал омадаанд...».[1,700] Ҳамин тариқ, пас аз пайдоиши инсони нахустин ва зувҷи одамӣ маншаи пайдоиши инсон марбут ба «пазириши зоду валад бо комиландешӣ»[9,234] аз омезиши як ҷуфти инсон паҳншавии насли башар ба вуҷуд омад.... [7,129]

Дар «Бундаҳишн» ишора шудааст: «Ҳурмузд ба Машӣ ва Машиёна гуфт, ки: «Мардумед, падару модари ҷаҳониё-

нед. Шуморо бо бартарин ақли салим офаридам, чараёни корҳоро ба ақли салим ба анчом расонед. Андешаи нек андешед, гуфтори нек гӯед, кирдори нек варзед, девонро маситоед» Ҳангоме, ки яке ба дигаре андешид, ҳарду нахуст инро андешиданд, ки: «Ӯ мардум аст». Эшон чун ба роҳ афтоданд, нахустин кунише, ки карданд ин буд, ки биандешиданд. Нахустин сухане, ки гуфтанд ин буд, ки «Ҳурмузд обу замину гиёҳу чанвару ситораву Моҳ бархонанд». Пас, Аҳриман ба андешаи эшон, яъне Машӣ ва Машиёна бартохту андешаи (эшон)-ро палид сохт ва эшон гуфтанд, ки: «Аҳриман офарид обу замину гиёҳу дигар чизро».[7,130]

Офариниши инсон ва дунё мувофиқи асотири оини **Монӣ** дар оғоз, гавҳари хубӣ «падарбузургӣ», ки дар Шопургон Зарвон номида шудааст, дар он сарзамин рушанӣ буд, ки ҳамчун рамзи рушноӣ, хубӣ ва некӣ таъбир мешуд. Дар сарзамини торикӣ ва зулмот гавҳари бадӣ ва разолат мезист, ки дар он чо дар баробари бо ҳамоҳангӣ ва назми қаламрави рушноӣ, парешонӣ (хаос), яъне беназмӣ ҳукумфармо буд. Дар натича бархурду чидоле, ки байни қувваҳои хайр (рушноӣ) ва шар(р) (торикӣ) дармегирад, падарбузургӣ барои муқобила ба офариниш (фарохондан) даст зад. Вале дар ин кашмокашии ба вучуд омада қувваҳои Аҳриманӣ нерӯҳои рушаниро бо макру найранги худ ба дом меандозанд. Дар бисёр ривоятҳо омадааст, ки гӯё падари рушноӣ дар марҳилае буд, ки бо пешкаши худ ва фарзандонаш ҳамчун туъма нерӯҳои торикиро фуру кашад. Ҳамон гуна, ки аз устураи Монавӣ бармеояд дар матнҳои Монавӣ вожае ба кор рафта, барои «офаридан» ва вожае барои хондан ва фаро хондан аст, ба чои додан «офаридан» аст. Зеро офариниш ва зодан бори манфӣ дорад. Дар марҳалаи дигар эзадон барои начоти рушноӣ аз банди торикӣ мекушанд ва бо иқдоми сабаби бар афтодани девҳо аз чойгоҳи хеш ба замин мешаванд, ки дар худ нурро зиндонӣ доранд ва архунҳо, ки меҳаросанд ҳама чизро аз даст бидиҳанд, бар он мешаванд, ки чавҳари боқимондаро дар як «кас» ё як «қаҳрамон» нигоҳ бидоранд. Бад-ин тартиб ду дев Ашқулун (Архун) нарина ва Азроил (Намроил) модина, нахуст ҳамаи фарзандон, девон (архунҳо)-ро фуру мебаранд, то ба андозаи мумкин рӯшноиҳоро дар худ гирд оваранд. Сипас бо ҳам наздикӣ мекунанд ва ду инсони нахустинро падид меоваранд. Бад-ин тартиб бунёди нажоди инсон раҳини (марҳуни) як риштаи кунишҳои чинсӣ ва ҳатто одамхорӣ аст. Ин ду инсон дар матнҳои Монавии форсӣ Гуҳмард (нарина) ва Мардиюна (моддиёна), ё Маҳлӣ ва Маҳлиёна ҳастанд. Дар ин байн Гуҳмард гироишҳои нуронӣ дошт ва Мардиюна бошад асири шаҳватҳо буд. Гуҳмард аз омезиш бо Мардиюна парҳез кард, то ин ки дар ниҳоят ағво шуд ва аз омезиши ин ду Шис ба вучуд омад ва Шис пораҳои нурро дар рӯҳи худ ва офариниши Аҳриманӣ торикиро дар чисми худ дошт. Бинобар ин дар дунё, яъне дар олами ҳастӣ боқӣ монд ва тавлиди насл кард. [16,7-8]

Бо тавачуҳ ба матнҳои устураи Монавӣ офариниш дар кулл, яъне офариниши моддӣ натичаи талошу кушишҳо ва ситезҳои қудратҳои Аҳриманӣ барои посдорӣ аз чавҳари рӯшноӣ аст, ки аз инсони нахустин ба яғмо бурда буданд ва ба гунае барои ҳифзи нур дар дунёи торикӣ ва дар банд доштани он аст. Бинобар ин пайдоиши инсон тарҳи неруҳои бадӣ ва зиндагии дунявии ӯ дар кайҳон аст ва идомаи зиндагии инсон ёрӣ ба нерӯҳои торикиву зулмот аст. Пас бунёди офариниши моддӣ аз қуввахо коргузорони палидӣ аст, ки ин тарзи баёни офариниши олами моддӣ бо баёноти мардуми форсу точик нисбатан фарқ мекунад. Чунонки дар боло гуфта шуд дар дини Маздоясно зучи нахусти (Машӣ ва Машиёна) дар ибтидо ба далели гунохе, ки анчом додан ва Аҳриманро воситаи офариниши моддӣ қаламдод карданд. Аммо пас аз тавба бо якдигар васлат мекунанд ва дорои фарзандоне мешаванд, яъне аз эшон ба нуҳ моҳ чуфте зану мард зод. [7,131] Ҳамин тариқ, шаш чуфти музаккару муаннас аз Машӣ ва Машиёна ба вучуд меояд ва ҳамагӣ бо ҳам ҳафт чуфт шуданд ва аз ҳар яки то панчоҳ сол фарзанд ба дунё омад ва худ ба як сад сол вафот кар-

данд.[7,132] Мувофиқи устураи Маздоясно аз фарзандони Машӣ ва Машиёна насли зиёде ба шаклҳои гуногун ба вуҷуд омаданд, ки насли бисёр кишварҳои дунё аз нажоди онҳоанд. Чунон ки мебинем нигоҳи дини Маздоясно нисбати тавлиду ба дунё омадани насл ва паҳншавии он мусбат буд. Дар ҳоле, ки дар асотири Монавӣ гуноҳи нахустини инсон фирефта шудан тавассути девон содир мешавад ва дар натиҷа васлат кардан ва омезишу фарзандоварӣ аст. Дигар ин ки дар дини Монавӣ ба зан, ки тавлид аз ӯ шакл мегирад нисбат ба мард бо нигоҳи манфӣ ба вай нигариста мешавад. Зеро зан бо зоиш зиндонӣ шудани рӯҳи рушноиро маҳдуд мекунад. Вале дар дини Маздоясно зан ба иллати тавлид ва ба дунё овардани насл гиромӣ донистa мешавад ва мард ҳеҷ бартарӣ нисбат ба ӯ надорад. Дар ҳоле, ки ин шарорати зан дар оини Зарвонӣ низ вуҷуд дорад ва дар он зан «марди растагорро ба омезиш бо худ маҷбур мекунад». [14,8]

Аз таҳлилу баррасии мухтасар бармеояд, ки масъалаи офариниш аз ибтидо вуҷуд доштааст ва диққати аҳли башарро чи дар шакли устураву ривоят ва чи дар шакли мафкуравию омӯзишиву баррасии он ҷалб намудааст, ки то замони ҳозир ҳануз ҳам ба таври комил рӯи назм наомадааст ва ҳалли худро наёфтааст. Аммо ҳамин устураву ривоятҳо боиси пайдо шудани идеяҳо ва ҳамчун сарчашмаи бедории тафаккуроти инсоният дар бораи оламу одам мегардад. Ва фикр мекунам, ки худи дунё, бе ҳудуду беинтиҳост ва назму низоми онро низ наметавон ба як низоми комил дарк кард ва дар ин ҷо фақат аҳли илму адаб бо ҷаҳонбинии фалсафиву илмӣ ва зеҳнияти волои хеш метавонанд тасаввурот ва тафаккуроти нисбатан дурусти илмиро рӯи олами ҳастӣ – кайҳону инсон ва дигар мавуҷдоти он таъин кунанд.

**Адабиёт**


1.Абулқосим Исмоилпур. Устураи офариниш дар оини Монӣ. Теҳрон, 1381.-328 с.

2.Абулқосим Исмоилпур. Устураи офариниш дар оини Монӣ. Интишороти «Фикри рӯз». Теҳрон, 1375. https: // lib 1. Ut ac/ir: 8443 /site/Catalogue /963811

3.Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммад Соалиби Нишопурӣ. Таърихи Ғурур ус-сияр. Тоҷнома. Китоби 3. Душанбе.- «Бухоро», 2014.-415 с.

4.Адёни Эрони бостон ва шар(р). File : /// C: Documents % and % 20 Settings /User.

5.Артур Кристенсан. Инсон ва нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр дар таърихи афсонаи Эрон. Мутарҷим Жола Омузгор; Аҳмад Тафзалӣ. Интишороти «Чашма», 1368.- 558 с. https: //fa. Wikipedia/ org/ wiki/

6.Бундаҳишн. Тоҷнома.Ҷилди 2. Душанбе.- «Бохтар», 2019.-112-168 с.

7.Динкард. Тоҷнома. Китоби 4,5. Душанбе.- «Бохтар», 2016.-324 с.

8.Динкард. Тоҷнома. Китоби 7. Душанбе.- «Бохтар», 2018.-324 с.

9.Дон Луд. Инсон, кайҳон ва такомул. Тарҷумаи Маҷиди Озаршоҳӣ. Нашри «Беҳнуд», 1395.-1

10.Маҳшид Мирфахроӣ. Офариниш ва марг. Нашри «Асотир». Теҳрон, 1383.-318 с.

11.Равоншиносӣ дар Эрони бостон. www. Persiangulfstudies/ com /fa/ paqes/467.

12.Рашшод Муҳаммад. Фалсафа дар аҳди бостон. Ниг.: Фалсафа аз оғози таърих. Душанбе, 1990.-С.74.-27-90 с.-406 с.

13.Фарнбағ Додагӣ. Бундаҳишн. Гузоранда: Меҳрдод Баҳор. Таҳияи Муаззами Диловар. Душанбе.- «Эҷод», 2006.-196 с.

14.Филипп Жению. Инсон ва кайҳон дар Эрони бостон. Чопи 2. Тарҷумаи Линдо Гудразӣ. Интишороти «Моҳӣ», 1395 (1996).

15. Ҳамид Ковиёнипуё. Баррасии татбиқии офариниши инсон дар асотир ва адёни Эрон ва Миёнрудон. https: // coth ui/ ac/ ir / article 21931 htm/1022108/COTH/ 2017/80109

## КОНЦЕПЦИЯ ТВОРЕНИЕ ЧЕЛОВЕКА И КОСМОСА В ДРЕВНЕЙ ТАДЖИКО-ПЕРСИДСКОЙ ФИЛОСОФИИ

**Муродова Т.**

*Проблема человека и космоса, цели его создания и последствия, а также возникновения этих двух основных представлений о том, где и как он был сотворен, с древнейших времен интересовали человечество до наших времен. Люди думали об этих тайнах и выражали свои мысли через мифы и легенды в виде мифов. Таким образом, по этому вопросу люди разных культур и цивилизаций, исходя из своего мировоззрения, условий и среды, имели разные взгляды на природу человека, положение во Вселенной и причину его появления на земле. В любом случае они заложили первый кирпичик для размышлений позднейшего человечества по этому важному вопросу мира бытия, то есть отношениям человека и вселенной и их происхождению, которые будут исследованы и обсуждены в этой статье.*

***Ключевые слова***: *человек, космос, мировоззрение, природа, мир, творение, мир, древность, истина, свет, тьма, зло, чистота, метод.*

## THE CONCEPT OF CREATION OF HUMAN AND SPACE IN ANCIENT TAJIK-PERSIAN PHILOSOPHY

**Murodova T.**

*The problem of man and the cosmos, the purpose of his creation and consequence, as well as the emergence of these two basic concepts of where and how he was created from ancient times interested mankind to our times. People thought about these mysteries and expressed their thoughts through myths and legends in the form of myths. Thus, on this issue, people of different cultures and civilizations, based on their worldview, conditions and environment, had different views on the nature of man, position in the Universe and the reason for his appearance on earth. In any case, they laid the first brick for the reflections of later mankind on this important issue of the world of being, that is, the relationship of man and the universe and their origin, which will be explored and discussed in this article.*

***Key words:*** *man, space, world view, nature, world, creation, world, antiquity, truth, light, darkness, evil, purity, method.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# НАҚШ ВА МАҚОМИ ЗАНОНИ ДОНИШМАНД ДАР ПЕШРАФТИИЛМУ ФАЛСАФА

**Бандалиева Ш.–** н.и.ф., ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ (E: shodigul19-76@list.ru)

*Мақолаи зерин дар бораи нуфуз ва андешаи занони файласуф дар адвори мухталифи таҳким ва поягузории муносибатҳои таърихӣ-иҷтимоӣ мебошад. Мусаллам аст, ки фақат занони файласуф тавонистанд, ки барои расидан ба ин ҳадафи умдаи хеш дар пойдории сулҳу субот, озодии маънавӣ, бартараф намудани догмаҳо, ки барои пешбурди ҷомеа ва ҳуқуқи занон монеаро аз пеш меовարданд, ҳам мубориза зеҳнӣ ва ҳам мубориза ҷисмонӣ баранд. Ин талоши онҳо ҳатто то дараҷае буд, ки онҳоро ба ҳалокат низ расониданд. Аммо ин занон дар баробари мардон барои ҳуқуқи мусовӣ дар таҳкими адолати иҷтимоӣ ва ба даст овардани маълумотӣ кофӣ мубориза мебурданд.*

***Калидвожаҳо:*** *догма, занони файласуф, адолати иҷтимоӣ, муборизаи зеҳнӣ, озодии маънавӣ, ҳуқуқи занон, мусовӣ.*

Нақши занони файласуф дар марҳилаҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоӣ басо муҳим аст. Аз давраи антиқа сар карда, то замони муосир занон новобаста бар он, ки пойбанди қонун ва низоми давлатдории даври хеш бошанд ҳам, тавонистанд нуфузи нотакрори хешро дар масоили басо муҳими рӯзгор ба сомон расонанд. Ба вижа, занон саъю талош намуданд, ки дар ҷомеа муносибатҳои иҷтимоиро дар соҳаи илму оила ва иҷтимоъ ҳифз намоянд.

Аз таърихи занони файласуфи Урупо ҳафт занони файласуфи намоён барои мо муссалам ҳастанд, ки чи гуна тавонистанд дар баробари мардон барои озодӣ, баробарҳуқуқии занон дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва соҳиби дониши кофӣ ва маълумоти олӣ алайҳи беадолатии низоми давлатдории даври худ муборизаи зеҳнӣ баранд. Ба қатори ин занони мубориз Симона де Бовуар (1908-1986), Гипатия Александрия, (тав.350 — 370, ваф.415), Ханна Арендт (1906-1975), Филиппа Фут (1920-2010), Элизабет Энском (1919-2001),Мэри Уолстонкрафт (1759-1797), Анна Дюфурмантел (1964-2017) Гарриет Тейлор-Милл (1807-1858) ва дигарон дохил мешуданд.

Ин бонувон дар замони фалсафаи антиқа бештар саъйю талош намуданд, ки дар муносибатҳои иҷтимоӣ озод бошанд ва дар баробари мардон барои гирифтани дониши саҳеҳ низ бояд таҳсил намоянд. Барои мисол, яке аз асосгузорони фалсафаи антиқа дар рӯйхати занони озодандеш Гипатия Александрия мебошад, ки тавониста буд, дар байни олимони даври хеш шуҳрат ва мартабаи махсусеро сазовор бошад.

Гипатия яке аз ҷонибдорони сарсупурдаи навафлотуния ва аввалин зани машҳур ва намоёни илм дониста мешуд. Аз падараш Теони Искандария таълим гирифта, кори худро дар Осорхонаи Искандария идома дода, аз риёзиёт, астрономия ва фалсафа дарс медод. Ба шарофати тафаккури ғайриоддӣ, Гипатия тавонист дар атрофи худ як доираи зеҳнӣ ҷамъ кунад, ки дар он олимону мутафаккироне умед доштанд, ки ниятҳои онҳо дар доираи ҷустуҷӯйи фалсафа вусъат меёбад. Гипатия Александрия дар зери роҳбарии падараш Теони Александер, ки яке аз олимони барҷастаи Искандария буд ва мактаби фалсафии худро дар назди Мусейони машҳур роҳбарӣ мекард, таҳсил кардааст. Ӯ аз рӯзи таваллуд ба духтараш, ки номаш «болотарин» тарҷума мешавад, умеди зиёд дошт [1,42]. Гипатия умеди падаршро амалӣ гардонид. Вай дар мактаби ӯ фалсафаи Афлотун ва Арасту, инчунин математика ва астрономияро таълим медод. Ва пас аз марги падараш, ӯ ба мактаби ӯ роҳбарӣ мекард. Аз ҷумлаи асарҳои

барҷастаи Гипатия тафсири «Арифметика», ки дар он зиёда аз 100 масъалаи риёзӣ оварда шудааст, тафсири асар оид ба қисматҳои конусии Аполлонии Перги, инчунин «Қонуни астрономӣ» мебошанд, ки то имруз намондааст [2,76]. Гипатия таълимоти файласуф Плотинро ҷонибдорӣ мекард, ба вижа дар масъалаи он, ки ҳадафи фалсафа иттиҳоди ирфонӣ бо илоҳӣ аст. Вай бештар роҳи таҳаммулпазирии мазҳабиро ироа ва талақӣ мекард ва ба масъалаҳои шариати мазоҳиб аҳамият намедод ва ин боиси он гардид, ки одамони мазҳабҳои гуногун дар мактаби ӯ таҳсил кунанд. Шӯҳрати ӯ донишҷӯёнро аз кишварҳои дигар - Сурия, Фаластин, Мисри боло ҷалб кард.

Гипатия аз оилаи ашроф буд ва таҳсилоти мувофиқ ба асли худ гирифтааст. Ин зани далер ва шуҷоъ дар асри хеш ҳамчун донишманди асил аввалин шуда, бо кашфиётҳои илмии худ, махсусан дар бораи поймол гардидани ҳуқуқи занон, инқилоб ва таҳаввулеро ба вуҷуд оварда буд. Вай ситораи дурахшони давр ва замони худ ҳисобида мешуд. Далелҳое мавҷуданд, ки Гипатия гидрометрро ҳамчун асбоби муайянкунии зичии моеъ таҳқиқ намуда, астурлобро барои муайян кардани арзу тӯл дар астрономия ва планисфераро ҳамчун тасвири кураи осмонӣ дар ҳавопаймо, ки кас метавонад бо он ғуруб ва болоравии ҷисмҳои осмониро ҳисоб кунад, дар арсаи ҷаҳонбинии илмӣ таҳқиқ намудааст. Гипатия шогирди Кратс буда, ба мисли ӯ файласуфи равоқӣ шуд» [2, 15].

Фалсафае, ки Гипатия таълим медод, ба мероси Афлотун ва Арасту, инчунин файласуфи ирфонӣ Плотин ва риёзидон Пифагор асос ёфтааст. Якҷоя шудани чунин ақидаҳои таъсирбахш, мактаби навафлотуния (неоплатонизм)-ро ташкил дод

Падари Гипатия Теон, математик, астроном ва механики машҳури замони худ буд. Онҳо бо духтарашон дар Мусейон, ки он вақт маркази пешбари илмии Миср буд, зиндагӣ мекарданд. Дар он ҷо китобхонаи Искандария низ мавҷуд буд, ки аз ҷониби ворисони Искандари Мақдунӣ таъсис ва ҷамъоварӣ шудааст. Ин як давраи душвори таъқибот буд, ки бо фармони усқуф (эпископ) Теофил соли 391 осорхонаи он ва қариб пурра китобхонаи Искандария хароб карда шуд [7]. Боре Гипатия дар маърӯзаи оммавии худ алайҳи назария ва орои диншиноси усқуф Кирилл, бародарзода ва ворисн Теофилус, марди босаводи замони худ, ки дар як вақт ҳатто маърӯзаҳои ӯро гӯш мекард, баромад намуда, ҳатто ин мухолифати онҳоро бо қарорҳои қаблии шӯроҳои калисо расонданд. Вайро ба он айбдор ва тӯҳмат карданд, ки дар садди монеаи оштӣ байни префект Орестр бо Патриарх Крилл нақши асосиеро бозидааст. Ва ин амали вай ҳам бетаъсир намонд: дар соли 415 як гурӯҳи тарафдорони Кирилл бо роҳбарии як хонандаи муайян Петрус ба Гипатия ҳамла карда, ӯро куштанд. Агар қаблан Гипатия ҳамчун як шаҳиди бутпарастӣ тасвир шуда бошад, ки аз ҷониби издиҳоми насроniҳои коптӣ барои таҳаммулнопазирии мазҳабӣ пора-пора карда шуда буд, имрӯз низ аксарият боварӣ доранд, ки пас аз марги Гипатия, мактаби Искандарияи навафлотуния ба як навъ институти дини масеҳӣ табдил ёфт, ки то асри VII вуҷуд дошт. Синезиуси Киренӣ - донишҷӯи Гипатия - мустақиман мегӯяд, ки вай «устоди дурахшони фалсафа» буд. Муаррихон низ аз ӯ ҳамчун «намунаи зоҳиди ақлӣ» ёд мекунанд». [8.52]. Ба ибораи дигар, Гипатия сарфи назар аз зебоии фавқулодааш, бояд бисёр чизҳоро, аз ҷумла хушбахтии оилавиро қурбон кунад. Гипатияи афсонавӣ, яке аз донишмандтарин ашхоси риёзӣ ва астрономия дар ҷаҳон номгузорӣ шудааст. Мутаассифона, номи занони файласуфро агар дар руйхати муҳаққиқони файласуф қайд намоем, теъдоди онҳо нисбат ба мардон хеле камтар ба ҳисоб гирифта мешавад. Иллати чунин руйдодро метавонем аз таърихи занони Урупо дида бароем, ки 2500 сол пеш занон оро ва назарияи афкори фалсафии худро дар соҳаҳои мухталифи илм саҳми басо қобили мулоҳиза гузоштанд. Онҳо дар баробари мардон метавонистанд, ки афкори илмии худро мулоҳиза карда, иброз намоянд. Аммо, мутаассифона, дар китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ ва навиштаҷоти мутафаккирони таърихи

фалсафа номи занон хеле кам ишора карда шуд. Дар ин ҷо суоле матраҳ мешавад, ки иллати ин нобаробарӣ ва беадолатӣ нисбати занон дар чист? Занҳо бо сабабҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ кайҳо боз аз фалсафа дур мондаанд. Мероси интеллектуалӣ, ки аз занон боқӣ мондааст, аксар вақт сарфи назар карда мешуд. Аксаран, саъйю талош менамуданд, занони хирадманду хирадпешаро, ки роҳи ҳикматро интихоб намуданд, дар ҷомеа бадном ва эътиборашро паст намоянд.

Занҳо дар давраҳои гуногун мавқеъҳои гуногуни сиёсӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоиро ишғол мекарданд. Симои мард дар фалсафа тақрибан як хел монд, симои зан ва қобилияти нуфузи он ба фалсафа аз давру замон ба таври куллӣ тағйир ёфт. Аз ин ру, фалсафаро танҳо кори мард гуфтан нодуруст аст. Баъзе ақидаҳои пурарзиши фалсафиро мо метавонем бо дилпурӣ ба занон нисбат диҳем. Онҳо чандон зиёд набуданд, аммо мо аниқ медонем, ки маҳз дар асл занҳо буданд. Аз ин рӯ, ин ақидаҳоро танҳо ба мардон нисбат додан ва фалсафаро танҳо соҳаи андешаи мардон гуфтан беадолатӣ дониста мешавад.

Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ занони донишманд бо таҳаммулоти сангине муборизаҳои шадидро аз сар гузарониданд ва қурбон шудаанд.

Дар бораи занҳои файласуфи ибтидоӣ мо амалан ба ҷуз ривоят чизе намедонем. Духтари Клеобул, яке аз «ҳафт мардони хирадманд»-и Юнони қадим, зани Пифагор Теано ва Диотимаи Мантиния занони нимафсонавӣ мебошанд. Монеаҳое, ки занон бо онҳо рӯ ба рӯ мешуданд, барои файласуфон пӯшида нест. Тавре Иммануил Кант дар бораи занони файласуф гуфтааст: «Зане, ки мисли хонум Дасе сари пур аз хиради юнонӣ дорад, ё мисли хонум Шатле, ки ба баҳси илмӣ дар бораи механика машғул аст, ба вай танҳо риш намерасаду халос (Мушоҳидаҳо дар бораи ҳисси зебоӣ ва олӣ) [5,153]. Дар даҳсолаҳои охир дар бораи мероси чунин занҳои файласуфи гузашта, аз қабили Эмили дю Шатле, Кристини Пизани ва Элизабети Богеми пажӯҳишҳои зиёде анҷом дода мешавад. Ин дар пасманзари қариб пурра фаромӯш шудани шахсиятҳои онҳо дар заминаи донишҳои фалсафӣ рӯй дод. Воқеан, то асри XX ба маънои васеъ ворид шудани занон ба фаъолияти фалсафӣ қариб ғайриимкон буд. Масалан, Гарриет Тейлор Милл, ки ҳамсари файласуф Ҷон Стюарт Милл буд, натавонист асарашро нашр кунад. Вай бо ӯ ҳамкории зич дошт ва то ба дараҷае, ки гоҳо табиати пурраи ин ҳамкориро пай бурдан имконнопазир аст. Ба ибораи Ҷон Стюарт Милл, «Вақте ки ду нафар тавассути як раванди муштарак ба як хулоса меоянд, аслан муҳим нест кадоме аз онҳо қалам дар даст дорад; касе, ки дар навиштан камтар саҳм мегузорад, метавонад бештар ба андеша саҳм гузорад [6,72]. Елена Блават низ яке аз занони озодфикр мебошад, ки рисолаи фалсафии «Китоби шаҳри занон»-ро навишт, ки онро олимони муосир яке аз аввалин асарҳои феминистӣ меноманд. Вай дар ибтидои китоб дар бораи хусумати мардон ба зан сухан ронда, барои ин Арасту, Виржили ва Сисерон, инчунин муаллифони давраи наҳзати аввал — Бокаччо ва шоир Жан де Меунро далерона танқид мекунад. Дар ҳамин ҷо Кристина шаҳри идеалиро тасвир мекунад, ки ақл, адолат ва танҳо адолат ӯро ба бунёди он даъват мекунад ва мутмаин аст, ки занонро мардон тӯҳмат мекунанд. Ба назари мутафаккир «занонро ҳалимӣ ва садоқатмандӣ хос аст, дар ҳоле ки мардонро зулм ва шаҳват». Аз ин рӯ, ҳама духтарони арзанда ба паноҳгоҳ аз зулм ва беадолатӣ ниёз доранд - ва ҳамчунин таҳсили хубе ба даст оранд. Ғояҳои аксари асарҳои ӯ ба рӯҳияи марҳилаи Эҳё мувофиқат мекарданд, аммо бисёре аз муосирон аз мавқеи Кристина дар масъалаи нақши маънавӣ ва иҷтимоии зан ба ҳайрат афтоданд.

Дар Русия дар масъалаи таҳқиқи фалсафа ва дигар илмҳо саҳми занон дар муосир хеле зиёд аст. Занон дар муассисаҳои асосии фалсафии саросари кишвар вазифаҳои муҳимро ишғол мекунанд. Ҳатто дар замони шӯравӣ ба системаи академӣ ворид карда шуданд, аммо дар айни замон, ин занҳои файласуф дар механизмҳои академӣ, ки «таърихи фалсафа» - ро ба ояндагон ин-

тиқол медиҳанд, хеле кам ба назар гирифта мешаванд. Саҳми занони файласуфи рус дар бунёди таърихи фалсафа ва методологияи фалсафии имруза хеле бузург аст. Дар қатори ин занони донишманд яке аз занони сарсупурдае, ки дар ҷодаи фалсафа асарҳои зиёдеро таълиф намудааст, Мариетта Тиграновна Степанянтс мебошад.

Мариетта Тиграновна Степанянтс 16 октябри соли 1935 дар Маскав, собиқ шӯравӣ таваллуд шуда, файласуф ва шарқшиноси шӯравӣ ва рус, мутахассиси таърихи фалсафа мебошад. Ин зани донишманд ба ҳайси доктори илми фалсафа (1974), ходими шоистаи илми Русия 2002, соли 1974 рисолаи доктории худро зери мавзуи «Мафҳумҳои мусулмонӣ дар фалсафа ва афкори иҷтимоии Шарқи хориҷӣ дар асрҳои XIX-XX» дифоъ кардааст [1]. Дар асарҳои Мариетта Степанянтс равияҳо ва самтҳои асосии афкори фалсафии мамлакатҳои ҷаҳони мусулмон таҳлил карда шудаанд. Ӯ ба омӯзиши тасаввуфи фалсафии мусулмонӣ диққати зиёд дода буд. Степанянтс М.Т. муаллифи аввалин китоби дарсии ватанӣ оид ба таърихи фалсафаи Шарқ мебошад. Дар айни замон, яке аз коршиносони варзидаи фалсафаи муқоисавӣ буда, ширкаткунанда ва ташкилкунандаи форуму конференсияҳои илмии сершумори байналмилалӣ, президенти конфронси VII ва VIII-и файласуфони Шарқу Ғарб мебошад. Дар озмуни беҳтарин китоби Институти фалсафаи Академияи илмҳои Русия дар соли 2001 китоби «Универсалҳои фарҳангҳои Шарқ» таҳти таҳрири Мариетта Степанянтс дар номинатсияи «Монографияҳои дастаҷамъӣ» ҷои дуввумро гирифт [5,134-140].

Китобҳои беҳтарини ин зани донишманд ба монанди «Фалсафаи Шарқ», («Восточное философии»), «Ҷанбаҳои фалсафии тасаввуф», («Философское аспекты суфизма»), «Тасаввуфи исломӣ», («Исламский мистицизм»), «Фалсафаи байнифарҳангӣ: Ислом, методология, мушкилоти дурнамо», («Межкультурная философия: Ислам, методология, проблематика перспективы»), «Ҷаҳони фалсафаи Шарқ. Дирӯз, имрӯз ва фардо», («Мир Восточной философии. Прошлое, настоящее будущее»), «Философия, религия на зарубежном востоке XX веке»). Кори пешниҳодшудаи вай аввалин монографияи фалсафаи байнифарҳангӣ дар Русия мебошад. Ин кӯшиши муайян кардани мафҳуми «фалсафаи байнифарҳангӣ», барои баррасии пайдоиши он дар робитаи зич бо таҳаввулоти муқоисавии фалсафӣ, шартҳои мадании инкишофи онро муайян мекунад.

Дар Русия бонуи дигаре, ки дар ҷодаи масъалаҳои фалсафӣ саҳми беандозае гузоштааст, хонуми донишманд Фролова Елизавета Александровна мебошад. Вай донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов, факултети ҳуқуқшиносии кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва сиёсатшиносиро ба итмом расонида, аз соли 1996 номзади илмҳои ҳуқуқ ва аз соли 2013 доктори илмҳои ҳуқуқ ва аз 18-апрели соли 2001 дотсенти кафедра мебошад. Аз ин муаллиф зиёда аз 541 мақола, 100 китоб, 85 мақолаи конференсия ва 7 адад тезис баромадааст. Саҳми нотакрори ин зани донишманд, дар арсаи фалсафа дар тартиб додани луғатномаи фалсафӣ («Философский словарь») арзанда аст.

Инчунин ду силсилаи китобҳои ба наздикӣ дар бораи фалсафа дар Русияро метавонем ҳамчун мисол овард: ба вижа «Фалсафа дар Русия дар нимаи аввали асри XX» (2008-2017) ва «Фалсафа дар нимаи дуюми асри XX» (2009-2009, 2019) [7].

Ба қавли ин хонум, дар радифи занони файласуфи рус донишманди риёзӣ ва файласуф Софя Яновск мебошад, ки дар Белоруссия дар оилаи яҳудӣ ба дунё омадааст. Бо вуҷуди иштирок дар танқиди илми буржуазии солҳои 30-юми собиқ шӯравӣ, дар солҳои чилум тамоми кӯшишро ба харҷ дода буд, ки математикаро инкишоф дода, таърих ва фалсафаи математика, инчунин фалсафаи аналитикии замони советиро таҳқиқ намояд. Соли 2020 бошад, Тереза Оболев доир ба Мирра Лот-Бородина (1882-1957), ки дар солҳои 1920 дар Фаронса зиндагӣ мекард, китоберо нашр намуд, ки ба доираи равшанфикрони рус дар хориҷа дохил мешуд. «Таваҷҷӯҳ ба чунин рақамҳо, аз қабили Мария Безобра-

зова (1857-1914), Любов Акселрод (1868-1946), Олга Фрейденберг (1890-1955) ва дигарон афзуд» [5,140]. Инчунин, дар бораи нақши заноне, ки ба файласуфони мард дар навиштан ва нашри асарҳои худ кӯмак расониданд ва бешак дар ташаккули қонунҳои фалсафӣ саҳми калон доранд, муҳим аст. Номҳои зиёди занҳои файласуфи дигарро аз давраҳои гуногуни таърихӣ то имрӯз илова кардан муҳим аст. Дар заминаи таърихи Русия метавон он воқеиятҳои сохториро низ ба назар гирифт, ки имкон дод, ки занон дар низоми фалсафӣ (мудирони кафедраҳо ва ғ.) мавқеъҳои бонуфузро ишғол кунанд ва ҳамзамон имкон надод, ки онҳо ба «таърих» пурра ворид шаванд.

Мақом ва нақши занон дар илм, чуноне ки аз маълумотҳо бармеояд, дар Эрон ва Тоҷикистон низ масъалаи қобили таваҷҷуҳ аст.

Мутаассифона, ҳамон гуна, ки баён шуд, дар тули таърих занон низ ба сурати хоса дар ҳавзаи фалсафа ва фарҳанг соҳибназар будаанд. Аз ҷумла, Сулаймон Орифӣ, устоди фалсафаи донишгоҳи Заҳро ва узви ҳайати илмии муассисаи «Интишороти симмат» мегӯяд: «Дар таҳаққуқ ва тафаххусе, ки ду бонуеро, ки дар Эрони қуруни чаҳордаҳум ва понздаҳуми мелодӣ дар ҳавзаи фалсафа мутабаххир будаанд. Ифатулзамон Амин аз хонаводаи машҳури Исфаҳонӣ - зане аст, ки ки ба таври мустақим аз мактаби дарси фалсафа дар ҳавзаи он даврон истифода карда ва барояш лафзи файласуфро навиштаанд. Чаро, ки асомии асотидаш мушахасс аст ва бону «Муҷаҳида Саида Нусрат Амин», ки боз ҳам ба ин хонавода муттаалиқ аст, ирфон ва калом ҳам кор карда ва дар ҳавзаи фалсафа низ китобе бо унвони «Маод» навишта, вуҷуд дорад»[11].

Аз он даврон, ки бигзарем, дар давраи кунунӣ таҳсил дар фалсафаи Ғарб ва Шарқ барои занон дар донишгоҳо шароити хубе фароҳам шуд ва афроде, чун Тубии (ё ки Тубо)-и Кирмонӣ аз донишгоҳи Теҳрон, Заҳро Мустафо духтари имом Роҳил ва сипас Шаҳин Аҳвониро дар ин арса метавонем фаъол бидонем. Агарчи мардон ба таври куллӣ бар фалсафа тасаллут доранд, аммо занон дар тули таърихи ин ришта файласуф Гарги (Gargi) қабл аз милод, Майтери (Maitreyi) будаанд. Аз намунаҳои фалсафаи даврони бостон метавон ба Арета Сиррин (Arete of Cyrene) қабл аз мелод, фаъоли ҳудуди 325 қабл аз милод) ва 700) (Vachaknavi) Вачакнави (700 г. то з.м.), қарнҳои 5 то 4-и қабл аз милод ишора кард. Бархе аз занони файласуф дар фалсафаи Қуруни Вусто ва замони навтарин (мудерн) мавриди пазириш қарор додаанд. Аммо ҳеҷ як аз онҳо то қуруни XX ва XI ҷузъи қавонини ғарбӣ набуданд, замоне, ки бархе манобеъ нишон додаанд, ки Элизабет Анском, Сюзанна Лангер, Ханна Арнетт ва Симона де Пуар машҳур гаштанд. [9,5]. Сардабирони «Донишнома»-и фалсафии Ғарб нигарониҳоро дар бораи камбуди намояндагии занони файласуф матраҳ кардааст ва онҳо аз сардабирон ва нависандагон барои итминон аз бознамоии мушорикати занони файласуфи одатан сафедпуст ва умдатан мард аст. Мутобиқи назари Аврансон Ёрк ин маълумот тақрибан дар ҳамаи ҷанбаҳо ва дар тамоми ришта вуҷуд дорад [10, 5].

Туби Кирмонӣ нахустин зани файласуфи эронӣ мебошад. Вай дорои мудрики фавқ, яъне доктори фалсафаи исломӣ ва узвиёти илмии донишгоҳи Теҳрон буд ва дар даврони ҳаёт узви Комиссиюни бонувон ва ҷавонони маҷмааи ташхиси мусаллаи низом, узви шурои хайрини саломаи кишвар, узви шурои маҷмааи ташхиси маслиҳати низом, узви шӯрои маркази шӯрои фарҳангӣ-иҷтимоии занон, аввалин зане, ки ройзани илмӣ ва фарҳангӣ дар Юнон, мудири масъули китоби илмӣ-таҳқиқотии занон, муаллиф ва мутарҷими байналмиллалии донишгоҳи Теҳрон, мудири кулли собиқ умури иҷтимоӣ ва эрониёни хориҷ аз кишвар ва узви шурои сиёсатгузори занони аҳли байт буд.

Шуҷоати занон ва духтарони тоҷик низ дар арсаи зиндагӣ дар шаклҳои гуногун равнақу ривоҷ ёфтааст. Дар таърихи рушди миллати мо занҳое низ буданд, ки барои озодӣ ва шарафи

миллат мубориза мебурданд ва шоирону мутафаккирони мо низ чунин занони далер ва боғайратро ситоиш мекарданд. Дар шумули ин бонувон - Гурдофарид, Зебунисо, Робияи Балхӣ, Нодира, Рухшона, Томирис Маликаи Бухорхудот мебошанд, ки на танҳо мақбули тоҷикзабонҳо, балки мақбули намояндагони дигар миллатҳо низ шудаанд. Онҳо дар арсаи ҷаҳонбинии фалсафӣ ва тафаккури шарқӣ байни фалсафа ва дин роҳи ҳамоҳангиеро ҷустуҷу кардаанд. Ин бонувон ҳадаф доштанд, ки рушди тафаккури зеҳнӣ барои шинохти масоили фалсафӣ ва иҷтимоӣ ва тақвияти андешаю афкори инсон хизмат менамояд. Онҳо мехостанд, ки занҳо пойбанди «догма» нашуда, балки масоили диниро низ дар меҳвари кашфиётҳои илмӣ касб намоянд. Яъне матолиби диниро бо илму дониши саҳеҳ ҳамоҳанг созанд. Онҳо дониши илмиро бо динӣ тавъам месохтанд.

Дар замони муосир дар қатори занони файласуфи тоҷик саҳми Мунзифа Ғаффорова, Фируза Турсунзода, Тоҷинисо Муродова, Насиба Содиқӣ, Зулайхо Усмонова, Зарина Диноршоева, Олга Ладигина, Муҳиба Маҳмадҷонова, Меҳрӣ Маҳмадова, Махфират Хидирзода, Назира Орифҷонова, Ҳасанова Зебо, Парвина Саидҷафарова, Иброҳимова Садбарг, Дороншоева Некбахт, Бандалиева Шодигул ва ғ. басо муҳим аст. Ин занони номбурда дар ҷодаи илм саҳми муносиби худро гузошта, саъйю талош доранд, ки занони тоҷик низ дар баробари дигар занони дунё бо рӯҳияи равшанфикрӣ ва иродаи озод барои ҳифозати мартабаи занон ва ваҳдати миллӣ фаъолият намоянд.

Дар интиҳо бояд қайд намуд, ки танҳо зани оқилу донишманд метавонад бо донишу маърифати худ дар ҷомеа барои шароити фароҳаме, ки ба ягонагӣ, иттиҳод, созандагию сулҳу оромӣ ва зиндагии босаодат мерасонад, саҳмгузор бошад.

**Адабиёт**


1. Гипатия // Энциклопедический словарь. - Т. 14: Германия - Гиркан. - М.: Изд. А. Гранатик 1911. - 582.с.
2. Еремеева А.И. Гипатия - дочь Теона: Земля и Вселенная, 1970, №1
3. Женщины философы. Заинтересованные участники должны прислать тезисы (300-500 слов) по электронной почте: womenphilosophersrussia@gmail.com до 15 января 2022 года.
4. Женщины философы и Россия - Гончарко О. Ю., Гончарко Д. Н. От Феано Кротонской до Феодоры Византийской: Женщины в истории антич. и визант. логико-филос. традиции: Визант. логич. традиция и наука // Наука как общественное благо: Втор. Междунар. конгр. Рус. о-ва истории и философии науки: Сб. науч. ст.: [В 7 т.] - М.: Изд-во РОИФН, 2020. - Т. 4. 137.с
5. Лосев А. Ф. История античной эстетики. - [Т. 8.] Итоги тысячелетнего развития. Кн. I. - М.: АСТ; Фолио, 2000. - Гипатия: 610 с.
6. Лосев А. Ф. История античной эстетики. - [Т. 8.] Итоги тысячелетнего развития. Кн. I. - М.: Искусство. - Гипатия: С.23.598.
7. Материалы из свободной интернет энциклопедии «Википедия»
8. Соловьёв В. С. Гипатия // Философский словарь / Владимира Соловьёва. - М.: Директ-медиа, 2012.с
9. Пана Веду. Нигоҳо ба фаъолияҳои нахустин зани Ирони.
10. Материалы из свободной интернет энциклопедии «Википедия».
11. http://pana.ir/news/1122710

چاپ و مهرسازی فرهنگ
کلیه خدمات چاپی، مهرسازی، خدمات اینترنتی و دانشگاهی
فساد اخلاقی
برخی جریانهای موجود در فوتبال با ارزشهای اخلاقی همسو نیست و حتی در نقطه مقابل آن قرار میگیرد.
+ نوشته شده در پنجشنبه دوازدهم دی ۱۳۹۲ ساعت 18:41. توسط یوسف محمدمرادی | نظر بدهي
8. آیین بزرگداشت نخستین فیلسوف زن ایرانی برگزار می‌شود
۲۱ شهریور ۱۴۰۰ - ۱۱:۰۷ اخبار فرهنگی اخبار موسیقی و تجسمی
9. تاریخ انتشار :

1401/02/16
ملکه‌های فلسفه، زنان فیلسوف
لیزا وایتینگ ربکا باکستون
1401/02/16
یزا وایتینگ ربکا باکستون ملکه‌های فلسفه، زنان فیل
نگاهی به فعالیت‌های نخستین زن فیلسوف ایرانی + ویدئو
یکشنبه 23 شهریور 1399 - 21:00

## РОЛЬ И МЕСТО ЖЕНЩИН-УЧЕНЫХ В РАЗВИТИИ НАУКИ И ФИЛОСОФИИ

**Бандалиева Ш.Н.**

*Статья посвящена рассмотрению статуса и заслуг женщин-философов в различных областях укрепления и установления социальных отношений и национального единства. Понятно, что только женщины-философы были способны бороться как интеллектуально, так и физически для достижения своей главной цели сохранения мира и стабильности, духовной свободы, устранения догм, мешающих развитию общества и защиты прав женщин. Их усилия не были напрасными. Эти женщины наравне с мужчинами боролись за равные права в укреплении социальной справедливости и получении достаточного образования.*

***Ключевые слова***: *догма, женщина-философ, социальная справедливость, интеллектуальная борьба, духовная свобода, права женщин, равенство.*

## THE ROLE AND PLACE OF WOMEN SCIENTISTS IN THE DEVELOPMENT OF SCIENCE AND PHILOSOPHY

**Bandalieva Sh.N.**

*This article is devoted to the influence and opinion of women philosophers in various areas of strengthening and establishing social relations and national unity. It is clear that only women philosophers were able to fight both intellectually and physically to achieve their main goal of maintaining peace and stability, spiritual freedom, eliminating dogmas that hinder the development of society and women's rights. This was their effort even to the extent that they were destroyed. This was their effort even to the extent that they were destroyed. However, these women, along with men, fought for equal rights in strengthening social justice and receiving sufficient education.*

***Key words:*** *dogma, female philosopher, social justice, intellectual struggle, spiritual freedom, women's rights, equality.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# НАҚШИ ОИЛА ДАР ПЕШГИРИИ ИФРОТГАРОӢ

**Ҳодибоев Ф. А.** – н.и.ф., дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (E-mail: Faridun84.84@mail.ru; Тел: 928884605)

*Дар мақолаи мазкур нақши боризи оила дар пешгирии ифротгароӣ ва тақдири фарзандон, омилҳои эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз таҳдидҳои муосир мавриди таҳқиқ, таҳлил ва муқоиса қарор гирифтааст. Дар мақола адабиёти ватаниву хориҷӣ, инчунин, тадқиқоти сотсиологии муаллиф байни қишрҳои гуногуни ҷомеа истифода шуда, роҳу усулҳои муқовимат ба ифротгароӣ бо далелҳо нишон дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *оила, ҷомеа, волидайн, фарзанд, пешгирии ифротгароӣ, тарбияи ҷавонон, падидаҳои мусбат ва манфӣ.*

Пешгирӣ намудани ифротгароӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ ва сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Зеро пайвастани баъзе аз қишрҳои гуногуни ҷомеаи имрӯз ба гурӯҳҳои тундгаро ва ё пазируфтани идеологияи экстремизму терроризм ба таъмини амнияти миллӣ таҳдид мекунад. Ҳоло майлу пайвастагии баъзе аз ҷузъи ҷамъияти инсонӣ ба ташкилоту созмонҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъи ифротӣ гуногун мушоҳида мегардад. Пас, чӣ гуна муҳити зист ба мағзшӯӣ ва ба дараҷаи радикализатсияи шахсият таъсир мерасонад? Дар пешгирии ин мушкилот нақши кадом ниҳод бештар ба назар мерасад? Ин ва дигар суолҳо борҳо мавриди таҳқиқи олимону донишмандон, коршиносони дохиливу хориҷӣ, файласуфону ҷомеашиносон, ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон, равоншиносон, диншиносон ва дигар мутахассисони соҳаи ҷамъиятшиносиву педагогика қарор гирифтаанд. Вале мавзуи матраҳшаванда ҳанӯзам ниёз ба таҳқиқ ва ҷустуҷӯи роҳу усулҳои нави илмӣ дошта, аз муҳимтарин масъалаи рӯз ба ҳисоб меравад. Бо баинобатгирии пажӯҳишҳои илмии мухталифи марбут ба ин мавзӯъ нақши оиларо метавон дар ташаккули шахсият ва пешгирии ифротгароӣ муҳим арзёбӣ намуд, зеро он назар ба дигар ниҳодҳои ҷомеа таъсиргузор мебошад.

Оила яке аз панҷ институти бунёдии иҷтимоии ҷомеа маҳсуб ёфта, оромии ҷомеаро таъмин ва имконият дорад, ки худистеҳсолкунии инсониятро ичро намуда, аз насл ба насл афзоиш диҳад. Аз ин рӯ, омӯзиши масоили оила мавзӯи сотсиологӣ буда, аз рӯйи нишона ва вазифаҳое, ки дар ҷамъият иҷро мекунад, ба гурӯҳи хурд дохил мешавад [1, 9].

Оила ниҳоди муқаддас аст. Барои рафъи мушкилот, муҳофизати оила, мустаҳкам доштани обрӯю эътибори он ва тарбияи комили фарзандон оила ва аъзои он тамоми ҳастӣ, қувва ва маҳорату нерӯи зеҳнии худро сарфарбар менамояд, то оила устувор, фарзандон соҳибмаълумот, соҳибкасб ва ба ҷамъият нафърасон бошанд.

Ҳоло дар ҷомеаи имрӯза ба ҳамагуна хулқу рафтори накӯ ва ношоиста рӯ ба рӯ шудан мумкин аст, ки ин ду хислат хоҳ нохоҳ дар оила эҷод ва ташаккул меёбад. Вале муҳимтарин нукта он аст, ки дар оила волидон ба фарзандон ҳамчун оина хизмат менамоянд. Ҳаргуна рафтору гуфтор, муносибате, ки онҳо дар зиндагӣ ва фаъолияти ҳаррӯза анҷом медиҳанд, фарзандон онро такрор, таассуб ва пайравӣ мекунанду хислати онҳоро ба худ касб мекунанд. Аз ин рӯ, оила зинаи аввали тарбия ва ташаккули ҳамаҷонибаи шахс маҳсуб ёфта, пойдевори асосии ҷомеа ва рушди давлатро ташкил медиҳад.

Аз гузашта то ба имрӯз масъалаи тарбия дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ дар меҳвари адабиёти классикии форсу тоҷик қарор дорад. Ин шаҳодат бар он аст, ки падидаҳои манфии ҷомеа бо ҳар унвон дар ҳар давру замон фаъолият мебурданд. Дар ҷомеаи муосир падидаҳои манфӣ ба

унвони экстремизм ва терроризм маъмул гашта, ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст.

Инсоният ҳамеша ба тарбияи солим ниёз дорад. Агар заминаи тарбия солим ва ё носолим бошад, дар он бевосита нақши оила марказӣ мебошад. Зеро дар тафаккури наслҳо оила бояд андешаи солимро тарғиб намояд, ки дар пешгирии ҳар падидаи манфӣ шахсро эмин медорад. Зеро кӯдак дар оила дар руҳияе, ки тарбия ёбад, дар ҳамон руҳия ташаккул меёбад.

Аз ин рӯ, тарбияи носолим дар ҷомеа ба худ фарогири чанд омил аст. Омили асоситарин ба андешаи мо холигии фазои идеологии солим дар оила аст, зеро исбот шудааст, ки дар ҳар маконе, ки холигии идеологӣ ба вуҷуд ояд, ҷои онро ғояҳои нав ишғол менамоянд. Дар натиҷа, боварии ҷавонон нисбат ба идеяҳои низоми оилавӣ ва муҳит заиф гардида, онҳо ба ғояҳои бегона мегараванд. Олимону муҳаққиқон ва мутафаккирон вазифаи аввалиндараҷаи оиларо тарбияи насли солими ба ҷамъият манфиатовар медонанд ва дар як вақт онро мояи ифтихор мешуморанд.Чунончи муҳаққиқи точик З.Ҳакимова дар таҳқиқоти худ баён менамояд, ки “Дар замони Зардушт мақсади асосии издивоҷ дар натиҷаи расидан ба балоғати ҷисмонию рӯҳӣ, барои қавми худ ва ҷамъияти худ овардани фарзандони накӯ ва барӯманд буд. Ҳар хонаводае, ки ба ҷамъият фарзандони зиёд ва шоиста тарбият менамуд, барои он хонавода ин хизмат мояи ифтихор маҳсуб мегашт.” [2,64]

Муҳаққиқони хориҷӣ нақши оиларо дар дингароӣ сахт вобаста шумоPиданд. Дар пажӯҳишҳои хориҷӣ, ки аз рӯи намунаи шахсоне, ки амалҳои дорои хусусияти террористӣ содир кардаанд, нақши муҳими оила дар радикализатсия қайд карда шудааст. Оилаҳо ҳамчун барандаи арзишҳо ва муҳити иҷтимоӣ ва мутобиқсозии шахсият дар ҳолатҳои бӯҳронӣ. Диққати махсус ба қобилияти фаъолияти оила дар шароити стресс дода мешавад [3, 11].

Дарвоқеъ омили дигари бегонапарастӣ ва гаравиш ба гурӯҳҳои ифротӣ ин паст будани донишҳои диниву дунявӣ, надоштани маърифату фарҳанги сиёсӣ ва паст будани маданияти ҳуқуқӣ мебошад. Ин бозгӯи дараҷаи пасти донишҳои диниву дунявӣ ва маълумотнокии муҳити оилавиро бозгӯ менамояд. Ин ҳам дар ҳоле, ки дар мамлакати демократӣ, аз ҷумла Тоҷикистон шароиту имкониятҳои зиёд барои ҷавонон фароҳам оварда шудааст. Хосатан ҷиҳати фаро гирифтани ҷавонон ба касбу кори гуногун ва маълумотнокии онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Паст будани маърифати динӣ ва бесаводии динӣ, аз ҷумла мазҳабӣ ба бегонапарастӣ оварда мерасонад.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ нақши иттилоот дар тарбияи ҷавонон басо муҳим арзёбӣ мегардад. Дар радифи омилҳои дигар метавон камфаъолиятии ниҳодҳои иттилоотиро омили дигари рушди падидаҳои манфиатхоҳ миёни ҷомеа арзёбӣ кард. Зеро мардум, ба хусус қишри ҷавонон, дар бораи моҳият ва ҳадафҳои сиёсии ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро иттилои кофӣ надоранд. Аз ин лиҳоз оила бояд дар ин самт иттилооти дурустро дар муҳити оилавӣ расонад ва фарзандонро аз оқибатҳои нохуши он пайваста огоҳ созанд.

Муҳаққиқ Мусиков И.С. ва ҳаммуаллифон нақши муҳими оиларо ҳамчун субъекти пешгирии ифротгароӣ ва терроризм қайд мекунанд. Онҳо дар пажӯҳишҳои худ мегӯянд, набудани наздикии эҳсосӣ дар оила метавонад боиси деформатсияи равонии шахсият гардад. Ки шояд сабаби набудани ҳисси амнияти волидайн бошад [4]. Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини оила, ки ба радикализатсияи шахсият таъсир мерасонад, рафтори оила ҳангоми дучор шудан бо вазъияти душвори зиндагӣ мебошад [5].

Оила дар ҳаёти инсон нисбат ба дигар институтҳои иҷтимоӣ арзишмандтарин мақомро доро буда, дар тарбия ва камолоти фарзандон нақши меҳвариро дорост. Нахустин мактаб ва ҷои асосии тарбия оила маҳсуб меёбад. Оила дорои консепсия ва қонуниятҳои муқаддаси хуб буда, он аз пайванди ду ҷинси бо ҳам мухолиф, пайвандии занушӯӣ иборат буда, бо пайдоиш ва тавлиди фарзанд маънии хос ба худ пайдо меку-

над. Фарзанд ҳамчун узви ҷомеаи инсонӣ мумкин аст, ки дар оянда ҳамчун ҳимоятгари Ватан ва ҷомеа ба воя расад ва ё баръакс, ки ҳар кадоми ин аз тарбияи волидайн вобастагии калон дорад.

Оила макони асосии ба фарҳангу тамаддун, одобу суннатҳои миллӣ мусаллаҳ гардондани бачагон мебошад. Оила бисёр масъалаҳои муқаддасу масъулиятнокро дар рушд, таҳаввул, тарбия ва саодати инсонӣ ба ӯҳда дорад. Оила ҷоест, ки дар он ҷо арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ аз як насл ба насли дигар интиқол дода мешавад.

Муҳаққиқ М.Л.Вартанова бар он назар аст, ки мушкилоти моддӣ ё маънавӣ дар оила, набудани алоқаи байни фарзандон ва волидон, инчунин аз ҳад зиёд муҳофизат кардани онҳо, нофаҳмӣ байни фарзандон, вайрон шудани муносибатҳои «оила-мактаб» ва азхудкунии наврасон аз фазои маҷозӣ зуҳури зуҳуроти номатлуб, аз қабили зӯроварӣ, таҷовуз, нашъамандӣ, худкушӣ, танфурӯшӣ, маргиналӣ ва нигилизми ҳуқуқиро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ин ҷамъияти хурд бояд муҳити асосии таълим, макони нигоҳдорӣ ва воситаи интиқоли иттилоот, фарҳанг ва арзишҳои анъанавӣ барои ҷомеа ва менталитети миллӣ боқӣ монад ва дастгирии эмотсионалӣ, моддӣ ва иҷтимоиро таъмин намояд [6, 130-131].

Дарвоқеъ оилаи солим ҷомеаи солимро ташкил медиҳад. Зеро агар аз рӯзҳои нахусти тарбияи оилавӣ дуруст ба роҳ монда шавад, зинаҳои дигари тарбия бомуваффақият паси сар мегарданд. Дар тарбияи дурусти насли ҷавон муҳити оилавӣ, ҷамъият ва мактаб ҳамеша бояд солим бимонад. Дар ҳоли яке аз ин муҳитҳо бетараф монданашон тарбияи наслҳои наврас дар як самт дучори мушкилӣ хоҳад шуд. Ҳамин як мушкилии кӯчак ва тарбияи нодуруст дар оянда ба мушкилоти бузург, аз қабили бегонапарастӣ ва гаравиш ба гурӯҳҳои ифротӣ бурда мерасонад, ки ин ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Ба андешаи мо, дар ҳамаи муҳит бояд фарҳанги миллӣ ба мафкураи ҷавонон таҳмил карда шавад ва дар ин замина ҷавони худогоҳу худшинос ва ватандӯсту меҳанпарвар ба воя хоҳанд расид.

Дар ин маврид, чунин манзара метавонад аз он сабаб бошад, ки оилаҳои пурсидашудагон аксар вақт дорои манзараи муқаррарии динии ҷаҳон ва доираи иҷтимоие ҳастанд, ки эътиқоди диниро дастгирӣ мекунанд.

Тарбияи шаҳрванди оянда маҳз дар оила оғоз мешавад, ки волидон ва хешовандони наздик бояд дар кӯдак чунин ҳиссиёт ва арзишҳоеро ба вуҷуд оранд ва парваранд. Арҷгузорӣ ба пирон, ҳувияти миллӣ, ёрии ҳамдигарӣ, ватандӯстӣ, шаҳрвандӣ, ҳамдардӣ, шафқат ва масъулияти муштарак [7, 43].

Инсон табиатан пок ва бенуқсон ба дунё меояд ва барои чунин ташаккул ёфтанаш оила нақши асосиро иҷро мекунад. Кӯдак намоди як лавҳаи тозаест, ё як навниҳолест, ки мо онро ба кадом самт, ки дар он чизе навишта нашудааст ва оила навишта мекунад ва он ниҳолро кадом самт хоҳем ба ҳамон шакл инкишоф медиҳем. Оила аст, ки дар сифатҳои ифтихоромез, ё зиллатро дар сарнавишти кӯдакон менависад. Оила шахсияти кӯдакро такмил медиҳад ва зиндагииояндаи ӯро мушаххас ва муайян мекунад, дар вуҷуди кӯдак рӯҳи созандагӣ ё вайронкориро эҷод мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид медоранд, ки: “Агар оила ба тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро солиму солеҳ ба воя расонад ва дар ташаккули шахсияташон дар хонавода аҳамияти зарурӣ диҳад, чунин фарзанд дар ҷомеа ҳатман мавқеи худро пайдо карда, боғи падару модар мегардад ва нафъаш ба падару модар ва кишвар зиёдтар мерасад” [8].

Дар ҳама зинаҳои ташаккули шахс оила нақши муассир гузошта меояд ва зинаи аввали зиндагӣ ва парвариши кӯдак дар оила оғоз меёбад. Кӯдак ба мафҳумҳои хубӣ, бадӣ маҳз дар оила шинос мешавад. Аз ин бармеояд, ки ҳаёти оилавӣ заминае барои ворид шудан ба зиндагии иҷтимоӣ аст. Оилаи хуб шабеҳи беҳтарин таълимгоҳ аст, ки дар он мактаб кӯдак лабханд, хушҳолӣ, хушхулқӣ, худдорӣ ва бурдборӣ, вазифашиносӣ ва ахлоқро меомӯзад, ҷисман, рӯҳан, фикран ташаккул меёбад, роҳ меёбад ва ба ҳамин васила ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид мешавад. Ва баръакс оилаи

номуносиб бадтарин мактабест, ки кӯдак дар он ҷо дарси интиқом, хашм, ҷиноят ва дурӯғро меомӯзад.

Муҳаққиқ Комилова М. зикр медорад, ки "Кӯдаконе, ки бо муносибати дағалона мувоҷеҳ шудаанд, ба қаҷрафторӣ даст мезананд. Аксари ҷинояткорони синну соли наврасон ва фирориёни хона дар як вақт ба бераҳмии волидонашон гирифтор шудаанд. Дар баробари фазои психологӣ дар оила, гурӯҳи хонаводае, ки дар он кӯдак тарбия меёбад, аҳамияти калон дорад" [9,150]. Ба андешаи ӯ, пароканда шудани оила ё набудани назорати падару модар аксаран ба рушди майли ҷиноии кӯдакон оварда мерасонад. Таҳқиқоташ бозгӯи он аст, ки қисми зиёди ҷиноятҳои ноболиғонро дар оилаҳои нопурра, яъне, ҷудошуда, содир мешаванд, ки онҳо бо муҳоҷират, беэътиноӣ, беэҳтиромӣ ва норасоии ғамхориҳо мувоҷеҳ гаштаанд, ки кӯдак бо модар мондааст ва дар он ҷо ҳамоҳангӣ, муҳаббату ҳамдигарфаҳмӣ ва дилбастагӣ ҳукмрон нест [9,151].

Дар самти пешгирии шомилшавии ҷавонон мо бояд назоратро ба души танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор накунем, ин амали дастаҷамъона мебошад ва хостан волидайн ва дӯстону наздикон бетараф набошанд. Зеро тарзи зиндагӣ ва доираи иҷтимоии наврасон маҳз аз ҷониби наздикон ва дӯстон назорат бурда мешавад. Ин шакли назорат кори якрӯзаву дурӯза не, балки пай дар пай ва мунтазам мебошад. Ва ҳамин шакли назорат болои наврасону ҷавонро метавон яке аз роҳҳои дурусти тарбия маънидод кард.

Эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз таҳдидҳои муосир на танҳо вазифаи мақомоти қудратӣ, балки рисолат ва масъулияти ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар самти пешгирӣ аз ифротишавии ҷавонон бояд на танҳо ячейкаҳои иҷтимоӣ, инчунин тамоми қишр ва ниҳоди ҷомеа бояд масъулият эҳсос намоянд.

Муҳаққиқи дигар Худойқулова Қ.Ҷ. қайд менамояд, ки "Ҳастанд волидайне, ки фарзандони худро аз ҷиҳати иқтисодӣ аз будаш зиёд таъмин менамоянд ва аз синни хурдсолӣ ӯро дар руҳияи худпарастӣ, хасисӣ, худбинӣ тарбия менамоянд". Дар натиҷа, волидайн кӯдаконро дар оила ҳамчун эрка ба воя расонида, ба хотири он ба фарзандон алоқа мекунанд, ки то ба падару модари худ писанд ояд, на ба мақсадҳои тарбиявӣ. Волидайн баъзан чунон меҳисобанд, ки омӯзиш ва ҳам тарбия кори мутахассис-омӯзгор аст. Дар баъзан ҳолат волидайн худ қайд менамоянд, ки барои тарбияи фарзандон на дониш доранду на вақт. Бино ба андешаи онҳо, гӯё вазифаи асосии волидайн хӯронидан, пӯшонидан ва таъмин кардан бо чизҳои зарурӣ мебошад [10,216].

Барои ҳар як насл рафтору гуфтор ва амали волидайн дар зеҳнаш чун улгу нақш мебандад. Зеро кӯдакон аз мушоҳида ва алоқа бо волидайн, бо тамоми соҳаҳои ҳаёти оилавӣ дар як қолаби муайян шинос шуда, ин фарҳангро тавассути волидайн ва хешовандон азхуд менамоянд. Дар асоси ҳамин фарҳанги оилавӣ зеҳн ва афкори ӯ инкишофу ташаккул меёбад.

Дар бисёр оилаҳои вайроншуда кӯдакони ноболиғ тарбия меёбанд. Бояд қайд кард, ки мактаб низ дар баробари ин гуна оилаҳо ба муаммою душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ гаштааст. Мушоҳида ва омӯзишҳои педагогию психологии солҳои охир нишон медиҳад, ки бо вуҷуди дар даврони истиқлолият дар бунёди оилаи устувори тоҷик ба муваффақиятҳо ноил шуданамон, инчунин мушкилот ва муаммоҳои мувофиқ ба замони нав ба вуҷуд омадаанд, ки ба раванди таълиму тарбияи фарзандон таъсири манфӣ мерасонанд. Дар ҳамин давраи тақдирсоз то андозае эҳсоси масъулияти волидайн дар мавриди таълиму тарбияи фарзандон мувофиқи мақсад набуд. Аз ин лиҳоз, ин масъала дар сатҳи давлатӣ муҳокима гардид ва 2 августи соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ба тавсиб расид [11, 100].

Қабул гардидани қонуни мазкур масъулияти волидонро дар самти назорат ва тарбияи фарзандон то ҷое баланд бардошт. Ин иқдом замина гузошт, ки падару модарон андешаи "тарбия вазифаи мактаб"- ро аз тафаккури худ берун намуда, масъулияти худро пурра ва ду-

руст дарк намоянд. Ҷомаи ҳуқуқӣ ва қонунӣ пӯшонидан ба масъулияти волидон дар самти ҷиддитар таваҷҷуҳ зоҳир шудан ба масъалаи тарбияи ҷавонон нақши бориз гузошт. Агар иддае аз волидон ҳам тарбия ва ҳам таълимро рисолати муассисаҳои таълимӣ унвон намоянд, "қисме аз омӯзгорон чунин мешуморанд, ки гӯё вазифаи онҳо таълим додан, вазифаи оила бошад, тарбия намудан аст [12, 93].

Ба ин маънӣ Сухомлинский мафҳуми «тарбияи оилавӣ-мактабӣ»-ро истифода карда, нақши ягонаи муассисаи таълимӣ ва оиларо дар тарбияи бачагон ва нақши роҳбарии муассисаи таълимиро дар ҳамин маврид қайд кардааст: «Тарбияи мактабӣ-оилавӣ на танҳо имконият медиҳад, ки насли наврас хуб тарбия карда шавад, балки дар баробари ин, як шарти муҳимтарини такмил додани симои маънавии оила ҳам мебошад. Бе тарбияи бачагон, бе иштироки фаъолонаи падару модарон дар ҳаёти мактаб, бе ҳамкории доимии ахлоқӣ ва якдигарро аз ҷиҳати маънавӣ бойгардонии калонсолон ва бачагон худи оила ҳамчун ячейкаи аввалини ҷамъият, мактаб ҳамчун муассисаи таълиму тарбия ва прогрессии ахлоқии ҷамъият вуҷуд дошта наметавонад [13, 194].

Аз назарсанҷиҳои гузаронидаи муаллифи ин мақола дар байни 800 нафар занону мардони оилаҳои тоҷик бармеояд, ки танҳо 16%-и падару модар аз субҳ то шом фарзандони худро зери назари оила қарор медиҳанд ва тарбияи онҳоро вазифаи оила мешуморанд. 61,4%-и пурсидашудагон аз таҳсилу ҷараёни таълими фарзандон бархӯрдор буда, ҳамеша бо муаллим робита доранд ва 5,1%-и дигар таълиму тарбияро пурра вазифаи мактабу донишгоҳ меҳисобанд ва масъулияте бар дӯш гирифтан ҳам намехоҳанд [14]. Ин аз он далолат медиҳад, ки ҳастанд волидайне, ки дар бештари маврид такя ба муассисаҳои таълимӣ ва муаллим намуда, дар ин раванд масъулияти бештари тарбияро аз худ дур месозанд. Пардохти маблағи хониши фарзандон дар муассисаҳои таълимиро бо дониши онҳо чен мекунанд. Дар ҳоле, ки тибқи Барномаи ягонаи тасдиқгардидаи таълимии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ муаллим дарс мегӯяд. Агар ба фарзанди эрка, танбал, сустхон ва душворфаҳму душвортарбия волидайн таваҷҷуҳ накунад, омӯзгор низ ба ӯ таълими дилхоҳ дода наметавонад. Ӯ хоҳ нохоҳ аз мактаб хориҷ мешавад ва дар натиҷа, боиси эҳтимоли ҷалб шудан ба гурӯҳҳои беназорат ва ифротӣ майл пайдо мекунад.

Дар ин хусус, мушкилоти дигаре низ дар оилаҳои ҷомеаи тоҷик ҷой дорад. Чунончи аз сабаби зиёд будани кор волидайн вақт надорад, ки бо фарзандон суҳбат намоянд (7,5%), хоҳиши кор бо фарзандон дар оиларо доранд, аммо худ дониши кофӣ надоранд (6,9%) ва ғайра. Ҳарчанд фисади ками оила мушоҳида мешавад, аммо эҳтимол ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша ва ифротӣ шомил шудани фарзандони онҳо ҷо дорад.

Аз ин рӯ, тарбияи комили ҷавонон, пеш аз ҳама, ба оила, махсусан, волидайн эҳтиёҷи бештар пайдо менамояд, ки он аз муҳимтарин масоили ҷомеаи рӯз маҳсуб меёбад.

Аз натиҷаи тадқиқоти сотсиологӣ бармеояд, ки 78,8% (аз он 42,3% занону духтарон) тарбияи оиладориро аз волидон омӯхтаанд ва онро ҳамчун оина ва роҳнамои зиндагии худ истифода мебаранд. Ҳастанд ҷавононе, ки тарбияи хонаводагиро аз муаллим (11,1%), аз ҳамсар (5,1%), аз оилаҳои намунавӣ (9,9%), тариқи худомӯзӣ (12,3%), аз шахсони муътабар (6,6%), аз дӯстон (4,5%), аз руҳониён (2,8%) ва аз ҳамаи сарчашмаҳои зикргардида (10,6%) омӯхтаанд, аммо чун симои падару модар ва оилаи худ нақши калидӣ набозидааст [14].

“Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгаройӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд. Яке аз омилҳои муҳимми пешрафти ҷомеа тарбияи дурусти фарзанд ба шумор меравад. Дар ин амри хайр нақши оила ҳамчун ниҳоди боэътимод ниҳоят муҳим мебошад” [15].

Нақши оилаи дорои тафаккури баланд, тарбиядидаву ботаҳаммул ва бо-

низом дар рушди ҷомеа ва давлат таъсири мусбат мерасонад. Агарчи ҳар шахс хоҳ нохоҳ дар оила таваллуд ва ташаккул меёбад, пас муҳити бакамолрасидаи ӯ низ бетаъсир намемонад. Фарзанди дар оилаи солим тарбияёфта ба манфиати оила, ҷомеа ва давлат хидмат менамояд вагарна, баръакси он роҳест ба хатар, гумроҳӣ ва ҷиноят.

Таҳқиқотҳои сотсиологӣ собит менамоянд, ки шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва муҳити оилавӣ иртиботи муассир дорад. Дар ин замина ҳолатҳое низ мушоҳида мешаванд, ки ба ин гуруҳҳо аз як оила як қатор аъзо ва ё пурра оилавӣ шомил низ мешаванд. Пурсидашудагон чунин иттилоъро аз сарчашмаҳои телевизион (44,7%), овоза (26,8%), радио (25,7%), воситаҳои интернетӣ (19,2%), нашрияҳо, газета (17%), шабакаҳои иҷтимоӣ (16,3%), бозор (12,8%), маъракаҳои мардум (10%), мақомоти маҳаллӣ (5,1%), созмонҳои ҷамъиятӣ (СҒҲ) (2,8%), созмонҳои байналмилалӣ (1,8%), брошюра, варақа ва плакатҳо (2,8%) ва семинару тренингҳо (6,1%) ошногӣ ва дарёфт намудаанд.

Мусоҳибон барои пешгирии падидаҳои номатлуб аз қабили ҷиноят-корӣ ва узвияти оилавӣ дар гурӯҳҳои ғайриқонунӣ шомилшаванда ташкили ҷойҳои нави корӣ (71,3%), ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзӣ, касбу ҳунар ва омӯзиши малакаҳои муосир (43%), дастгирии давлатии институти оила (31%), ҷалби занон ба корҳои роҳбарӣ (30,6%), рушди ҳунарҳои мардумӣ (29,6%), бунёди инфраструктураи муосир дар маҳалҳо (28,7%), ба тадриҷ пурра фаро гирифтани ҷавондухтарон бо таҳсил (27,8%), тақвияти идеологияи давлатӣ (26,6%), татбиқи муваффақонаи сиёсати давлатӣ дар самти боло бурдани мақоми зан дар ҷомеа (24%), нашри маводҳои таҳлилӣ ва маърифатӣ дар ВАО (17,9%), истифодаи дурусту муваффақонаи шабакаҳои иҷтимоӣ (21,6%), ба навор гирифтани филмҳои ҳунарӣ ва силсилафилмҳо (20,9%)-ро мувофиқи мақсад шуморида, 7,6%–и дигар ба ҷавоб мушкилӣ кашидаанд [14].

Дар натиҷа, метавон ба чунин андеша расид, ки оила нахустин муассисаест, ки ҷавононро ба зиндагии мустақил, иҷтимоӣ тайёр мекунад, тафаккури иҷтимоӣ, эътиқод, сиёсӣ, иҷтимоӣ, идеалҳо ва ғайраҳоро инкишоф медиҳад. Кӯдак дар оила одоб, меъёри муайяни зиндагӣ ва иҷтимоиро меомӯзад, дарси фидокорӣ, муҳаббат, садоқат ба халқи худ ҳамкориро меомӯзад, дар як вақт онро дар ниҳоди худ мепарварад. Бо сабаби он ки оила як ҷузъи ҷамъият аст дорои сифатҳои мухталиф ва бо худ хос мебошад. Дар ҷомеаҳои гуногун ин сифатҳо ва вазифаҳо ба далелҳои фарҳангӣ, мазҳабӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳатто сиёсию ҷуғрофӣ вобаста аст.

Хулоса, оила дар тарбияи инсон нақши созанда ва ҳам сӯзанда гузошта метавонад. Муҳити оилавӣ то куҷо созгор ва солим аст, ҳамон қадар мавқеъ ва ояндаи фарзандон аз он вобаста мебошад. Дар оилае, ки дар он тарбия дуруст ва фазо солим ба роҳ монда нашудааст, фарзандон нисбатан осебпазир ҳастанд. Дар қиёс ба оилаҳое, ки устувор ва хушбахт ҳастанд, дар оилаҳои муаммодор бештар шомилшавӣ ба гуруҳҳои ифротӣ ба қайд гирифта мешавад. Бо назардошти ин нукта, хулоса мешавад, ки оила дар тақдири фарзандон таъсири бориз мегузорад.

**Адабиёт**

1.Кори иҷтимоӣ бо оила: воситаи таълимӣ/ Баҳромбеков Д.А., Ҷӯраев Ҷ.Д., Зеваров Х., Миров Ф., Шоев К. Душанбе: Истеъдод, 2012. – 288с.

2.Ҳакимова З.А. Масъалаҳои оила ва оиладорӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик. –Душанбе, Дониш, 2011. –198 с.

3.Haula Noo. The Family Context and It's Role in Making Jihadists: The Case of Jihadist Families in Indonesia. - ANU College of Asia & the Pacific, 2021. –pp.11.

4.Мусиков И.С., Зуев Д.И., Кухарев Ю.С. Семья как субъект предупреждения экстремизма и терроризма / И.С. Мусиков, Д.И. Зуев, Ю.С. Кухарев // Юго-западный государственный университет. - Курск. – 2020.

5.Жемчугова А.А. Радикализация как форма социализации личности: сборник материалов / А.А. Жемчугова // Современные проблемы цивилизации и устойчивого развития в информационном обществе / Материалы III Международ-

ной научно-практической конференции. – Махачкала, 2021.
6.Вартанова М. Л. Роль семьи в воспитании детей и пред-упреждении правонарушений среди несовершеннолетних / М. Л. Вартанова // Актуальные вопросы современной науки: материалы XXII Международ. науч.-практ. конф. М., 2014. –С.130–131.
7.Буткевич Сергей Анатольевич, Семья как институт предупреждения экстремизма и терроризма (правовые и социальные аспекты)//Обеспечение национальной безопасности/Вестник Уральского юридического Института МВД России. №1. 2018 –С.42-47.
8.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи модар. (аз 07.03.2015).
9.Комилова М.Д. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Оила ва масъалаҳои рафтори девиантии наврасон Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. Душанбе –2021. № 8.– С.149-155.
10.Худойқулова Қ.Ҷ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон// Душвортарбиягӣ – масоили мубрами ҷомеаи муосир. Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума душанбе – 2022. № 10. –С. 214-220.
11.Сафарова Б.Қ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон//Сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи озодию баробарҳуқуқии зан. –Душанбе, Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2022. № 10 –С.94-103.
12.Крупская Н.К. Пед. соч. в 6-ти томах. Педагогика, 1978.–С.93.
13.Сухомлинский В.А. Избранные педагогические сочинения в трех томах / В.А. Сухомлинский. -М.: Педагогика, 1980. -Т. 2. –1680 с.
14.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар. Шаҳри Душанбе. 06.03.2015 (санаи муроҷиат 30.11.2022). http://prezident.tj/node/8349.

## РОЛЬ СЕМЬИ В ПРЕДОТВРАЩЕНИИ ЭКСТРЕМИЗМА

**Ходибоев Ф. А.**

*В данной статье исследуется, анализируется и сравнивается выдающаяся роль семьи в предотвращении экстремизма и судьбы детей, факторы защиты молодежи от современных угроз.*

*В статье используется литература отечественных и зарубежных ученых, а также результаты авторских социологических исследований, проведенных среди различных слоев общества, и на доказательной основе показаны пути и методы противодействия экстремизму.*

*Ключевые слова: семья, общество, родители, дети, предотвращении экстремизма, воспитание молодежи, положительные и отрицательные явления.*

## THE ROLE OF THE FAMILY IN PREVENTING EXTREMISM

**Hodiboev F. A.**

*The article deals with the clear role of the family in preventing extremism and throws light upon the fate of children, the factors of keeping young people safe from modern threats. The author uses the literature of domestic and foreign scientists, as well as the results of his sociological research among different segments of society, and shows the ways and methods of resisting extremism with evidences.*

***Key words:*** *family, society, parents, children, prevention of extremism, youth education, positive and negative phenomena.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ТАТБИҚШАВИИ ПРИНСИПҲОИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ИТТИҲОДИЯҲОИ ДИНӢ» ДАР ҲАЁТИ ҶОМЕА

**Холов Ш.А.** – н.и.ф., мудири шуъбаи масъалаҳои фалсафии дини ИФСҲ АМИТ (shahboz-kholov@mail.ru)
**Шоев З.Ҷ.** – н.и.ф., ходими калони илмии шуъбаи масъалаҳои фалсафии дини ИФСҲ АМИТ (почтаи электронӣ: Subhiddin_93@mail.ru)

*Мақола ба таҳлили мафҳумҳои асосии Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», нақши қонуни мазкур дар танзими соҳаи дину маънавиёт ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, пешгирии таассубу ифротгароии динӣ ва сиёсисозии ислом, эҳёву таҷдиди анъанаҳои динӣ-фарҳангӣ ва мутобиқсозии онҳо бо талаботи ҷомеаи муосири демократии Тоҷикистон, татбиқ ва рушди фарҳанги таҳаммулпазирӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва дастоварду натиҷаҳои дигари амалкарди ин санади меъёри-ҳуқуқӣ дар кишвар бахшида шудааст.Барои марҳилаи кунунии таърихи навини инсоният, ки рӯйдодҳои сарнавиштсоз ва дигаргуниҳои кардиналиро ҳамроҳ дорад, мисли давраҳои гузаштаи таърихӣ, пурзӯршавии нақши омили динӣ дар ҳаёти ҷамъият хос мебошад. Аз ин рӯ, масъалаҳои ҳамкории давлат бо дин, ҳамгунсозӣ ва синтези арзишҳои динӣ ва дунявӣ, таъмини шароити ҳуқуқӣ ҷиҳати пешгирии ифротгароии динӣ ва бархӯрду муноқишаҳои байни пайравони дину мазҳабҳои гуногун, бо ин роҳ дар ҷомеа ташаккул ва густариш додани фарҳанги таҳаммулпазирӣ аз масъалаҳои мубраме мебошанд, ки имрӯз дар пешорӯи ҳар як давлати соҳибистиқлоли миллӣ истодаанд ва ҳалли таъхирнопазири худро талаб мекунанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз ҷумлаи чунин тадбирҳои таъхирнопазири ҳуқуқӣ мебошад, ки соли 2009 қабул шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *дин, мазҳаб, ахлоқ, фарҳанг, маънавиёт, виҷдон, таассуб, ифротгароӣ, таҳаммулпазирӣ, ҷомеа, давлат, дунявият, иттиҳодияҳои динӣ.*

Барои марҳилаи ҳозираи таърихи инсоният масъалаҳои арзишҳои динӣ ва дунявӣ, таъмини шароити ҳуқуқӣ ҷиҳати пешгирии ифротгароии динӣ ва бархӯрду муноқишаҳои байни пайравони дину мазҳабҳои гуногун, бо ин роҳ дар ҷомеа ташаккул ва густариш додани фарҳанги таҳаммулпазирӣ – бархе аз масъалаҳои мубрам мебошанд, ки имрӯз дар пешорӯи ҳар як давлати соҳибистиқлоли миллӣ истодаанд ва ҳалли таъхирнопазири худро талаб мекунанд.

Мафҳуми “таҳаммулпазирии динӣ” муқобилмаънои мафҳумҳои “таҳаммулнопазирӣ” ва “таассуби динӣ” мебошад [9,142-143].Таҳаммулнопазирии динӣ ҳамчун муносибати шадиди манфӣ ва душманонаи байни пайравони динҳо ва мазҳабҳои гуногун, инкори эътиқоду анъанаҳои як дин ё мазҳаб аз ҷониби пайравони дин ё мазҳаби дигарро ифода мекунад, ки метавонад дар поймолкунии ҳуқуқҳои онҳо, дар таъқибу фишор ва ҳатто куштору террори онҳо зоҳир шавад. Аз замонҳои қадим на таҳаммулпазирӣ, балки таҳаммулнопазирӣ ҳамчун хусусияти асосии дин баромад мекард. Ин хусусияти манфӣ ва хатарнок дар як давраи тӯлонӣ мабдаи муайянкунадаи ахлоқӣ ва фарҳангии қабилаҳо, халқу миллатҳо ба шумор рафта, аъзои ҷомеа ва эътиқоду расму оинҳои диниро ба таври кул муттаҳид месохт ва ҳамзамон онҳоро ба намояндагони дигар ҷамоатҳои қабилавӣ ва динӣ-этникӣ ва дину эътиқодҳои онҳо муқобил мегузошт. Маҳз бо ҳамин сабаб дар замони гузашта дин борҳо сабаби низоъҳои байни гурӯҳҳои динӣ-этникӣ,

масалан, исроилиён бо канъониён, насрониҳо бо румиҳо, католикҳо бо протестантҳо ва православҳо, мусулмонон бо ҳиндуҳо ва ғайра шудааст. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза, ки таваҷҷуҳ ба имкониятҳои мафкуравии дин зиёд шудааст, хусусияти хусуматандозии диниро, ки дар гузашта таъсири ҳалокатбори худро борҳо ба ҳаёти башарият расонидааст, низ аз мадди назар дур кардан мумкин нест. Набояд фаромӯш кард, ки дар таърихи инсоният низоъҳои динӣ, таҳаммулнопазирӣ, таъқиботи динӣ вуҷуд доштанду доранд. Таассубу ифротгавроии динӣ ҳамеша дар пайдоиши низоъҳо дар ҷомеа нақши муассир бозидааст, ихтилофу ҷангҳои зиёде дар гузашта рух додаанд, ки сабабгорашон ҳамин гуна омилу ангезаҳои манфӣ мебошанд. Аз таърихи муосир мо метавонем ҷиноятҳои ДИИШ ва ташкилотҳои дигари экстремистию террористиро дар Сурияву Ироқу Афғонистон БОКО ҲАРАМ дар Африқо, ТЭТ ҲНИ дар Тоҷикистон алайҳи аҳолӣ ва ҳукуматҳои қонунии ин кишварҳоро мисол орем.

Ҳамин тариқ, маводи таърихӣ ва муосирро ба назар гирифта, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар таърихи дин низ мисли таърихи ҷомеа ва давлат, намунаҳои таҳаммулнопазирӣ ва ихтилоф, низоъ ва адоват хеле зиёд вуҷуд доранд. Дар мавриди таҳаммулпазирӣ ва ризоияти байнимазҳабӣ ва динӣ бошад, ҳаминро гуфтан мумкин, ки дар гузашта онҳо гоҳҳо ба вуқӯъ пайвастаанд. Таҳаммулнопазирии динӣ дар тӯли садсолаҳои зиёд, ҳамчун заминаи пайдоиши таассуби динӣ, миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, ҳамчун баҳонаи табъизи сиёсӣ ва иҷтимоӣ нисбат ба онҳое баромад мекард, ки ки ба дину эътиқоди дигар пайравӣ мекарданд, ё ба таври дигар меандешиданд.

Таҳаммулпазирии динӣ ҳамчун антоними таҳаммулнопазирӣ ва таассуби динӣ, муносибатҳои мутақобилаи эҳтиромонаи байни пайравони динҳо ва мазҳабҳои гуногун, байни иттиҳодияҳои гуногуни диниро ифода мекунад, ки ба принсипи эҳтироми ҳамдигар, эътирофи ҳуқуқҳои ҳамдигар ба мавҷудият ва фаъолият асос ёфтааст. Таҳаммулпазирии динӣ навъе аз таҳаммулпазирӣ мебошад, ки маънои васеътар дорад. Тибқи муқаррароти банди 1, моддаи 1-уми Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ (1995), мафҳуми таҳаммулпазирӣ «маънои эҳтиром, қабул ва дарки дурусти гуногунии ғании фарҳангҳои ҷаҳони мо, шаклҳои худшиносии мо ва роҳҳои зуҳури фардияти инсонӣ мебошад»[3]. Аз ин рӯ, сатҳи ҳадди ақали таҳаммулпазирӣ таҳаммул аст, яъне омода будан ба эътирофи ҳуқуқи мавҷудияти шахсоне, ки эътиқод ва амалҳои бо онҳо алоқаманд нияти бевоситаи вайрон кардани худи пояҳои таҳаммулпазириро дар бар намегирад.

Таҳаммулпазирии динӣ инчунин аз таҳаммулпазирии дунявӣ (сиёсӣ, байнифарҳангӣ ва ғ.) низ аз бисёр ҷиҳат фарқ мекунад. Мағзи арзишӣ-идеологии фарҳанги дунявӣ сохтори зинанизомии қатъӣ нест, зеро он ба принсипи гуногунандешӣ, гуногунии арзишҳо ва афкор асос ёфтааст, ки ин боиси эътирофи нисбияти ҳама гуна идеалҳо ва ҳақиқатҳо мегардад. Ин имкон медиҳад, ки дар фарҳанги дунявӣ арзишҳо, дидгоҳҳо ва рафторҳои «бегона»-ро баробари арзишҳо, дидгоҳҳо ва рафтори «худӣ» қабул кунанд. Аз ин рӯ, фарҳанги дунявӣ ҳамчун «таҳаммулпазирӣ нисбат ба афкор, эътиқод ва шаклҳои рафтори дигарон» таъриф шудааст.

Принсипи таҳаммулпазирӣ дар фаҳмиши муосири он нахуст дар осори маорифпарварони фаронсавӣ Волтер ва Жан-Жак Руссо ҳамчун «механизми таъминкунандаи ҳамзистии мусолиматомези намояндагони қавм, мазҳаб ва фарҳангҳои гуногун» пешниҳод мешавад[4, 338]. Маҳз Руссо аввалин бор принсипи таҳаммулпазирӣ ва паймони ҷамъиятиро бар хилофи андешаи «ҷанги ҳама бар зидди ҳама» ва «инсон барои инсон гург аст» пешниҳод мекунад. Баъд аз инқилоби Фаронса (1792) аввалин бор баробарии мардум дар асоси принсипи шаҳрвандӣ новобаста аз мансубияти нажодию мазҳабӣ эълом гардид. Сонияи, ин

принсип дар ИМА ва сипас дар тамоми ҷаҳони мутамаддин татбиқ гардид.

Аммо таҳаммулпазирии динӣ, тавре ки зикр кардем, чизи дигар аст. Ин танҳо маънои мавҷуд набудани изҳорот ё амалҳоеро дорад, ки метавонанд барои намояндагони дигар анъанаҳои динӣ таҳқиромез арзёбӣ шаванд ва ба поймол кардани ҳуқуқ ва озодии дин ва ибодат (баста кардани маъбадҳо, манъи фаъолияти миссионерӣ ва ғайра) нигаронида шаванд. Ҳар фарҳанги динӣ бар хилофи фарҳанги дунявӣ як низоми сахтгиронаи дорои як асоси тағйирнопазир – муқаддасот мебошад, ки дар ҳар дин ба таври худ дарк мешавад. Аз ин рӯ, худи дин наметавонад ба он маъно таҳаммулпазир бошад, ки мо аз фарҳанги дунявӣ, таҳаммулпазирии дунявӣ ҳарф мезанем.

Таҳаммулпазирии динӣ наметавонад ҳамчун ҷузъи ҳатмии худ таҳаммулпазирии доктриналӣ, хоҳиши наздикшавии ақидаҳо, эътирофи арзиши баробарии онҳоро дар бар гирад. Аз ин рӯ, таҳаммулнопазирии динӣ наметавонад чунин шаклҳои рафтори диндоронро дар бар гирад, ки бояд нисбат ба дини дигар, догмаҳои он, намояндагон ва расму оинҳои он то андозае бегонагии худро нишон диҳанд. Эксклюзизм (ҳақиқати ягона шуморидани эътиқоди динии худ ва рад кардани низоми эътиқодоти динҳои дигар) бояд танҳо дар сатҳи пиндор ва кирдори шахсии худи фарди диндор ва ҷамоати диние, ки ӯ шомил аст, зоҳир шавад, зеро ба фардҳо ва гурӯҳҳҳои пайрави дину эътиқоди дигар зӯран таҳвил кардан ё интиқол додани дину эътиқоди худ боиси низоъ ва ихтилофҳои динию мазҳабӣ мегардад. Дар тӯли асрҳо, табиати мутлақгарои ҳақиқати ҳар як дин пайравонашро барои таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар муносибат бо динҳои дигар ва пайравони онҳо таҳрик мекард. Боварҳо ва ҳадафҳои олӣ, ки дар анъанаҳои динӣ қабул шудаанд, барои таҳаммулпазирӣ нисбат ба ақидаҳои дигари ба худи онҳо мухолиф монеъ мешуданд[9, 13].

Аз ҳамин нуқтаи назар, ҳар як давлати муосири демократӣ барои пешгирӣ кардани зуҳуроти таҳаммулнопазирӣ ва таассубу ифротгароии динӣ, ташкил ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои мутақобилан эҳтиромона байни созмонҳои динӣ, диндорон, рӯҳониёне, ки анъанаҳои гуногуни диниро намояндагӣ мекунанд, барои таъмини ҳамзистии осоиштаи пайравони дину мазҳабҳои гуногун, татбиқи принсипи таҳаммулпазирӣ дар равобити байни диндорон ва афроду гурӯҳҳое, ки пайрави ягон дин ё мазҳаб нестанд, тадбирҳои зарурии ҳуқуқӣ меандешад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз ҷумлаи чунин тадбирҳои таъхирнопазири ҳуқуқӣ мебошад, ки соли 2009 қабул шудааст. Принсипи конститутсионӣ-ҳуқуқии озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон и иттиҳодияҳои динӣ» дарҷ ва инъикос ёфтааст, шарти асосии ташаккул ва танзими соҳаи маънавии ҳаёти ҷомеа, эҳё ва рушди арзишҳо ва анъанаҳои ахлоқию фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон, татбиқи принсипи таҳамммулпазирӣ дар муносибати байни пайравони дину мазҳабҳо ва мафкураҳои гуногун мебошад.

Қонуни мазкур – қонуни соҳавии констутсионӣ мебошад, ки муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналҳалқии меъёрию ҳуқуқии аз ҷониби Тоҷикистон ратификатсияшударо дар соҳаи дин дар амал татбиқ мекунад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд, гуногунрангии мафкуравӣ яке аз асосҳои сохти конститутсионӣ эътироф шудааст: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад» - муқаррар гардидааст дар моддаи 8-уми Конститутсияи ҶТ. Тибқи моддаи 26-уми Конститутсияи ҶТ «ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои диниро дар мутобиқат бо муқаррароти зикршудаи конститутсионӣ ташкил ва танзим намуда, барои шаҳрвандони диндор ҷиҳати озодона дар доираи қонун анҷом додани ибодат ва корҳои дигари динӣ шароити ҳуқуқиро фароҳам овардааст.

Қонун меъёрҳо ва шаклҳои ҳуқуқии муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои диниро, ки дар фаъолияти мақомоти ваколатдор амалӣ мешаванд, муқаррар мекунад. Дар муқоиса ба амалкарди Қонуни ҶТ «Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ» (1990-009), амали Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» нақши мусбӣ ва созандаи дин ва иттиҳодияҳои динӣ, таъсири онҳо ба ҳаёти маънавии ҷомеа дар Тоҷикистон хеле афзуда, ҳамкории давлат ва дин дар тарбияи ахлоқию маънавии аҳли ҷомеа, пешгирии ифротгароии динӣ, терроризм, сиёсисозии дин ва падидадаҳои дигари номатлубу хатарноки дорои ангезаи динӣ хеле вусъат ёфт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолияти худ дар муқобили даъвоҳои бебунёди исломгароёни наҳзатӣ дастгирии худро аз принсипи дунявият ва таҳаммулпазирӣ эълон намуд. Ва ин асл дар моддаи якуми Конститутсия дарҷ ёфтааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад»[5, 4]. Принсипҳои бунёдии дар ин модда баёншуда дар тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ба хусус дар самти сиёсати давлатӣ дар бахши дин пайгирона риоя мегардад.

Дар пешгуфтори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» баёни возеҳи фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистӣ чунин дарҷ гардидааст: «Бо эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин баробарии ҳама дар назди қонун, новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод, дар асоси он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ аст, бо арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо, бо эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон, Қонуни мазкур қабул карда мешавад»[6].

Дар пешгуфтори санади меъёрӣ-ҳуқуқии мазкур якчанд принсипҳо баён гардидаанд, ки шарҳи онҳо ҷиҳати дарки моҳият ва мазмуни таҳаммулмеҳвари дунявии сиёсати давлатии Тоҷикистион дар соҳаи дин хеле муҳим ва муфид аст. Дар зер он принсипҳоро мухтасар шарҳ медиҳем.

Якум, «ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин». Ин принсип воқеан ҳам танҳо дар шароити давлати демократӣ ва дунявии ҳуқуқбунёд, яъне танҳо дар муҳити солими дунявият ва таҳаммулпазирӣ дар амал татбиқ шуда метавонад. Ҳолатҳои нақзи ҳуқуқи башар ва интишори гукстурдаи ифротгароию таассуби динӣ-мазҳабӣ, низоъҳои байниқавмию байниқабилавӣ дар кишварҳое, ки худро ҷумҳурии исломӣ эълон намудаанд ва ҳизбҳое, ки ба худ сифати исломӣ, мисли ТТЭ ҲНИ гирифтаанд, далели гӯёи дурустии интихоби ҳамин роҳ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Дуюм, «баробарии ҳама дар назди қонун, новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод». Танҳо дар шароити дунявият мумкин аст, ки баробарии пайравони дину мазҳабҳои гуногун дар назди қонун ва таъмини адолати иҷтимоиву судӣ имконпазир гардад. Чӣ тавре бисёр олимони файласуф ва диншинос таъкид кардаанд, дар давлатҳои гузаштаву муосири теократӣ (масеҳӣ, мусулмонӣ ва ғ.), меъёрҳои воқеии таъмини адолат ва шароити баробар барои пайравони ҳамаи дину мазҳабҳо вуҷуд надорад. Масалан, ҳам дар шариат ва ҳам дар ҳуқуқи муқаддаси масеҳиён пайравони динҳои дигар субъекти комили муносибатҳои ҳуқуқӣ нестанд. «Мусулмон ғайримусулмонро «наҷас» ва масеҳӣ ғайримасеҳиро «поганный» (палид) мегуфтанд. Наҳзатиён касонеро, ки бо онҳо ҳамақида набошанд, ғайримусулмон ва кишвари Тоҷикистонро бидуни роҳбарияти худ «дору-л-куфр» меномиданд»[7, 127].

Сеюм, принсипи «муносибати эҳтиромона ва таҳаммулпазирона доштани давлати Тоҷикистон ба тамоми дину мазҳабҳо». Барои дар амал ҷорӣ кардани ин принсип сиёсати давлатӣ бояд мазмуни дунявӣ дошта бошад. Мазмуни дунявӣ ё дунёмеҳвари сиёсати давлатӣ имкон медиҳад, ки намояндагони дину мазҳабҳои гуногун озодона ва бе мамониат ҳаёти диниву фарҳангии худро дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намоянд ва ҳамзистии комили онҳо андаруни ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин карда шавад.

Чаҳорум, «эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон». Қобили таваҷҷуҳ аст, ки баробари се асли дар боло зикршуда принсипи дунявият барои миллати тоҷик имкон фароҳам меоварад, ки мероси маънавӣ ва динии ниёгони худро эҳтиром ва арҷгузорӣ кунад. Аз ин рӯ, нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон махсус таъкид гардидааст. Услуб ва оҳанги ифодаи ин матлаб ҳамчунин далолат мекунад, ки таълимоти равияҳои дигари дини ислом низ дар таърих ва ҳаёти маънавии тоҷикон ҷойгоҳи вижа дорад. Мероси адабӣ ва илмии намояндагони ин равия дар осори фалсафӣ-ахлоқӣ ва махсусан дар адабиёти классикии тоҷик, нақши мондагор дошт ва ҳанӯз ҳам дорад[1, 15-16].

Ҳамин тариқ, таҳлил ва шарҳи назариявии мафҳумҳои «озодии виҷдон», «озодии эътиқод» дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналхалқӣ, Конститутсияи ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»-ро анҷом дода, чунин хулосаи мантиқиро ҳосил мекунем, ки дар ҳамаи ин санадҳо мафҳумҳои мазкур ба таври яхчела шарҳу тавзеҳ дода шудаанд ва мақсади асосии қабули онҳо ба ҳайси принсипи ҳуқуқӣ – пешгирии таҳаммулнопазирӣ, тассуф ва ифротгароии динӣ ва татбиқи принсипи таҳаммулпазирӣ дар муносибати байни намояндагони халқу миллатҳои гуногун, пайравони дину мазҳабҳо ва мафкураҳои гуногун мебошад.

Аз ин ҷост, ки дар тамоми суханронӣ ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба аҳамияти таърихии интихоби роҳи дунявият барои тарғибу татбиқи асли таҳаммулпазирӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, динӣ- фарҳангии ҷомеа ва ояндаи дурахшони миллати тоҷик бо исрор таъкид мешавад.

Ҳангоми таҷлили ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ Пешвои миллат доир ба ҷойгоҳи иҷлосияи таърихӣ дар таърихи Тоҷикистони навин сухан ронда, оғози «роҳи тақдирсозу таърихии халқи тоҷикро бунёди ҷомеаи озод ва давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона» муайян карда буданд, дар яке аз Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, марҳилаи тайшудаи ин шоҳроҳи бузургро чунин баҳогузорӣ намуданд: «Таҳлили вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои муносибатҳои байналмилалӣ дурустии роҳи интихобкардаи моро бар асоси татбиқи манфиатҳои миллии кишвар собит месозад»[8, 15]. Дар воқеъ, пас қабул ва дар амал ҷорӣ гардидани Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва қонунҳои дигари соҳавӣ-конститутсионӣ, сулҳу субот ва оромии ҷомеа таъмин гардид, соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳаёти динӣ мунтазам рушд намуда, паҳлӯҳои гуногуни суннатҳои волои фарҳанги миллӣ ва динии мо мутобиқ ба талаботи замони муосир эҳё ва танзим шуда, ҷаҳониёнро мафтуни фарҳанги таҳаммулмеҳвару ҳирадҷавҳари бостонию пурғановати мардуми тоҷик гардонида истодаанд. Аз ҳама муҳимаш, амалияи Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон» ба таҷдиди шуури динии аҳли ҷомеа, бартараф шудани таассубу хурофот, муттаҳид шудани пайравони дину мазҳабҳои гуногун баҳри муқовимат бо зуҳуроти экстремизму терроризм ва дигар падидаҳои хатарноки динӣ боис шуд. Қонуни мазкур густариши фарҳанги таҳаммулпазирию инсондӯстӣ ва ҳамкории зичи шаҳрвандони Тоҷикистонро таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат дар самти таъмини

рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони азиз кафолат медиҳад.

**Адабиёт**


1. Баротзода Ф. Баъзе андешаҳо перомуни фарҳанги таҳаммулпазирӣ // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. - 300с.
2. Григоренко А.Ю. Религия и толерантность. Специфика религиозной толерантности // Маҷаллаи электронии «РОНО», № 23. (санаи муроҷиат: 20-уми январи соли 2023)
3. Декларация принципов терпимости / Резолюция 5.61 Генеральной конференции ЮНЕСКО от 16 ноября 1995 года, статья 1. Нусхаи электронӣ. Санаи муроҷиат: 20-уми январи соли 2023.
4. Занин С.В. Общественный идеал Жан-Жака Руссо и французское Просвещение XVIII века. -СПб.: «Мир», 2007. – 535 с.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 135 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 28.06.2011, № 739 / Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2009, № 3.
7. Нурӣ Саид Абдулло. Дар он сӯйи сиёсат. -Теҳрон, 2007. – С. 182 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». -Душанбе: «Шарқи озод», 2017. – 36 с.
9. Стецкевич М.С. Свобода совести. СПб.: Изд-во С.-Пб. ун-та, 2006. – 299 с.


## ОСУЩЕСТВЛЕНИЕ ПРИНЦИПОВ ЗАКОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН «О СВОБОДЕ СОВЕСТИ И РЕЛИГИОЗНЫХ ОБЪЕДИНЕНИЯХ» В ОБЩЕСТВЕННОЙ ЖИЗНИ

**Холов Ш.А, Шоев З.**

*В статье анализируются основные понятия Закона Республики Таджикистан «О свободе совести и религиозных объединениях», роль данного закона в регулировании сферы религии и духовности и деятельности религиозных объединений, предупреждении религиозного экстремизма и политизации ислама, возрождение и обновление религиозно-культурных традиций и их адаптация к потребностям современного демократического общества Таджикистана, внедрение и развитие культуры толерантности в общественных отношениях и другие достижения и результаты реализации данного нормативно-правового акта в стране. Для современного этапа истории человечества, который, как и в прошлые исторические периоды, сопровождается судьбоносными событиями и кардинальными переменами, характерно усиление роли религиозного фактора в жизни общества. Поэтому вопросы сотрудничества государства и религии, усвоения и синтеза религиозных и светских ценностей, обеспечения правовых условий предотвращения религиозного экстремизма и конфликтов между последователями разных религий и конфессий, формирование и распространение культуры толерантности в обществе являются актуальными вопросами, которые сегодня стоят центре внимания каждого национально независимого государства и требуют своего немедленного решения. К числу таких неотложных правовых мер, принятых в 2009 г., относится Закон Республики Таджикистан «О свободе совести и о религиозных объединениях».*

***Ключевые слова:*** *религия, секта, мораль, культура, духовность, совесть, фанатизм, экстремизм, толерантность, общество, государство, секуляризм, религиозные объединения.*

## IMPLEMENTATION OF THE PRINCIPLES OF THE LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN "ON FREEDOM OF CONSCIENCE AND RELIGIOUS ASSOCIATIONS" IN PUBLIC LIFE

**Kholov Sh.A., Shoev Z.**

*The article analyzes the basic concepts of the Law of the Republic of Tajikistan "On freedom of conscience and religious associations", the role of this law in regulating the sphere of religion and spirituality and the activities of religious associations, preventing religious extremism and the politicization of Islam, the revival and renewal of religious and cultural traditions and their adaptation to the needs modern democratic society of Tajikistan, the introduction and development of a culture of tolerance in public relations and other achievements and results of the implementation of this legal act in the coun-*

*try. The modern stage of the history of mankind, which, as in past historical periods, is accompanied by fateful events and cardinal changes, is characterized by the strengthening of the role of the religious factor in the life of society. Therefore, the issues of cooperation between the state and religion, the assimilation and synthesis of religious and secular values, the provision of legal conditions for the prevention of religious extremism and conflicts between followers of different religions and confessions, the formation and dissemination of a culture of tolerance in society are topical issues that today are the focus of attention of every nationally independent state and demand their immediate decision. Among such urgent legal measures adopted in 2009 is the Law of the Republic of Tajikistan «On freedom of conscience and on religious associations».*

***Key words:*** *religion, sect, morality, culture, spirituality, conscience, fanaticism, extremism, tolerance, society, state, secularism, religious associations.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ТАБИАТИ МЕТАФИЗИКИИ ОЛАМ АЗ НИГОҲИ ИБНИ АРАБӢ

**Зиёева З. И.** – н.и.ф., ходими калони илмии Шуъбаи фалсафаи фарҳанги Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
e-mail: zzebo87@mail.ru; тел.: 902000026.

*Дар мақола сухан дар бораи табиати метафизикии олам аз нигоҳи Ибни Арабӣ (1165-1240) яке аз намоёнтарин орифони ҷаҳони ислом меравад. Ибни Арабӣ яке аз консепсияҳои нодиртарин ва мураккабтарини воқеияти ниҳоиро дар фалсафа ва ирфони исломӣ пешниҳод намудааст. Ӯ муфассалан метафизика, эпистемология ва фалсафаи динро, ки ин консепсияро иҳота мекунанд, мавриди муҳокима қарор додааст. Фалсафаи сӯфиёнаи Ибни Арабӣ бо асолату амиқӣ фарқ намуда, имкон медиҳад, ки бо системаҳои фалсафии дар ҷаҳони рушдёфта дар як сатҳ гузошта шавад. Маҳз ӯ тавонист, ки ба тасаввуф хусусияти низоми нави фалсафӣ бахшад. Осори илмии ӯ дар ҳаллу фасли як қатор проблнмаҳои фалсафӣ саҳми чашмрасе гузоштаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *фалсафа, табиати метафизикии олам, тезисҳои систематикӣ, аъёни собита, ваҳдати вуҷуд, онтология, ал-мумкинот; Изутсу, Читтик, Худо, инсон, олам, тасаввуф, космология.*

Андешае интишор ёфтааст, ки фалсафа хоҳ-нохоҳ бо ирфон муқобил мебарояд. Агар аввалӣ то андозаи муайяне аз баррасиҳо ва муҳокимаҳои мантиқӣ вобаста бошад, пас дуввумаш, ҳамчунон ки тасаввур мешавад, ин равишҳоро ба манфиати маълумоти субъективӣ ва таҷрибавӣ инкор мекунад. Ба андешаи муҳаққиқони зиёд, Ибни Арабӣ дар ин муносибат истисно шуда наметавонад; масалан, Читтик тасдиқ мекунад, ки “фалсафа аз машғулиятҳои Ибни Арабӣ нест”[2, с. 3].

Аммо ҳузури фалсафа дар осори Ибни Арабӣ дорои ду шакл мебошанд, ва ӯ аз афташ, андешаҳои гуногунро ҷонибдорӣ карда ба ҳар кадоми онҳо майл дорад. Аввалинаш он чизест, ки бо номи фалсафаи исломӣ (ва юнонӣ) машҳур мебошад.

Фалсафаи исломӣ – ин истилоҳи чатриест, ки баъзе намояндагони онро бо ҳам ҷамъ овардааст, аз ҷумла, Ал-Форобӣ (872-950), Ибни Сино (980-1037), Ибни Рушд (1126-1198) ва дигарон. Метавон гуфт, ки ин файласуфон дорои метафизикаи умумӣ ва эпистомология умумӣ буданд, ки истилоҳот ва методология буданд. Ибни Арабӣ маҳз ҳамин анъанаро ҳангоми дар осораш навиштани истилоҳоти “файласуф” ва “фалсафа” дар назар дошт, ки дар воқеъ ҳам нишон медиҳад, ки бо фалсафа, истилоҳот ва методологияи онҳо хуб ошноӣ доштааст.

Бар қасди интизориҳои баъзеҳо, Ибни Арабӣ мақоми фалсафа ва файласуфонро боло гузошта, тааҷҷуби худро аз “умқи” андешаи файласуфон изҳор менамояд [2, ҷ.5,с. 54]. Ӯ ҳамчунин файласуфонро аз мутакаллимон болотар гузоштааст, зеро файласуфон, ба андешаи ӯ, нисбат ба маърифати Худо ба ҳақиқат наздиктар мебошанд [2, ҷ.1, с. 364]. Аммо файласуфон, ба андешаи ӯ, дар шинохти Худо поинтар аз орифон қарор доранд.

Вале сарфи назар аз ин, Ибни Арабӣ баъзе “мулоҳизот”- ро нисбати фалсафаи исломӣ баён кардааст, ки аксари онҳо бо самтҳои эпиместологии ин илм робита доранд. Ҳарчанд, ки одатан муҳокимаронӣ, мантиқ ва тадқиқи илмиро ҳамчун методи қонунии ба дастовардани донишҳо ҷонибдорӣ мекунад, ӯ майли файласуфонро, ки саъй мекарданд ба таври истисноӣ танҳо ба омили ақлӣ така намоянд, мавриди танқид қарор медод ва майли анъанаи онҳоро ки танҳо ақл нисбат ривоятҳои исломӣ (исламское писание) афзалият қоил мешуданд. Аммо дар фаҳмиши он ки

мантиқ ва қобилияти ақлӣ ба якдигар шабоҳат доранд, баъзе нофаҳмоиҳо вуҷуд доранд. Масалан, агар ӯ дар бораи он сухан мегӯяд, ки ривоётро набояд ба таври образнок тафсир кард, ҳатто агар тафсири ҳарфии он дар ақл мустаҳил аст (мустаҳил ақлан). Вақте ки Ибни Арабӣ чизеро ақлӣ ва ақлан мустаҳил меномад, шарт нест, ки аз ӯ бояд интизор шуд, ончиро дар назар дорад, ки қонунҳои матиқро вайрон мекунад; ба ҷои он ӯ метавонад ин тавсифро ба чизе ҳавола кунад, ки мутакаллимон ва файласуфон бо сабабҳои фалсафӣ ба онҳо муқовимат хоҳанд кард. Масалан, қавли пайёмбарро дар бораи он ки "марг" ба он дунё дар шакли гӯсфанд хоҳад омад ва забҳ карда хоҳад шуд, Ибни Арабӣ эълон менамояд, ки қавли пайёмбарро бояд тасдиқ кард, ҳатто агар вай "мантиқан" (ё ақлан) номумкин бошад ҳам. [2, ҷ.4, с. 331-332]. Равшан нест, ки муҳтавои қавли пайёмбар дар ҳақиқат ҳам мантиқан худ ба худ ғайриимкон аст. Аз афташ, ӯ онро дар назар дорад, ки мутакаллимон ва файласуфон метавонанд интихоб намоянд.

Дуввум, ҳамчунон ки болотар ёдовар шудем, дар осори Ибни Арабӣ истилоҳи "фалсафа" танҳо барои ифода намудани фалсафаи исломӣ ё юнонӣ истифода шудааст. Аммо фалсафа танҳо бо ин ду анъанаи мушаххас маҳдуд намегардад. Агар истилоҳи "фалсафа" ба он маъное, ки имрӯза барои ифода кардани доираи васеъи предметҳо – метафизика, эпистемология, фалсафаи дин ва ғ. истифода мешавад, истифода намоем, пас метавон тасдиқ кард, ки фалсафа дар таълимоти Ибни Арабӣ мақоми махсус дорад. Осори илмии ӯ саҳми нодир ва наве дар як қатор мавзӯҳои фалсафӣ гузоштаанд.

Иштироки Ибни Арабӣ дар фалсафа дар ин маънои васеъ бо чаҳор хусусияташ фарқ мекунад. Аввалан, ӯ ҳеҷ гуна тезисҳои систематикиро нисбат ба ягон масъалаи фалсафӣ пешниҳод намекунад, баръакс назарҳо ва андешаҳои гуногун ва ҳатто баъзан номувофиқро пешниҳод мекунад, ки дар осораш ба таври парешон вуҷуд доранд; шояд ӯ на ҳамеша робитаи амиқи онҳоро дарк мекард. Сарфи назар аз ин, метавон таҳқиқ кард, таҳлил ва ин андешаҳоро бо ҳам омехта кард, то ки аз номи ӯ тезисҳои нав ва фалсафии муттасил (пай дар пайро) дар бораи ҳама мавзӯъҳое, ки даст мерасонад, бунёд кард. Дуввум, Ибни Арабӣ саҳм ва ҳузури худро дар фалсафа дарк намекард, зеро истилоҳи "фалсафа" дар ин давра синоними фалсафаи исломӣ ва юнонӣ буд (ҳамчунон ки қаблан зикр шуд). Ин бе ихтиёр барои нодир шудани Ибни Арабӣ сабаб гардид. Ӯ андешаҳо ва консепсияҳои худро бунёд намуда, аз доираҳои маҳдудкардаи метафизикӣ, эпистемологӣ ва методологии фалсафаи исломӣ ва юнонӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо аз ҳад зиёд маҳдуд менамуданд, истифода набурдааст. Дар натиҷа ӯ бароямон асарҳои нав ба нав ва нодири худро пешниҳод мекард. Шояд Ибни Арабӣ дар фаҳмиши нодурусти ибораи "мустаҳил ақлан" танҳо набуд, зеро ин ибора дар адабиёти исломии анъанавӣ баъзан барои тавсиф додани ашёе истифода мешуд, ки консепсияҳои возеҳи фалсафӣ набуданд, зеро андешаҳо ва консепсияҳои дар соҳаи метафизика, эпистемология ва фалсафаи дин якхела намебошанд.

Саввум, аз сабаби он ки ӯ саҳми худро дар фалсафа намедонист, Ибни Арабӣ барои коркарди далелҳои худ барои асоснок кардани андешаҳои худ, он қадар андеша намекард, аммо дар соҳае, ки ӯ мехост онҳоро коркард намояд, он қадар натиҷаи хуб ба бор намеовард.

Чаҳорум, ӯ тасдиқот ва андешаҳои худро оид ба ҳар гуна масъалаҳо муҳокима карда, кӯшиш дошт, ки доимо онҳоро бо ирфон ҳатто дар ҳолате, ки ин робита возеҳ ҳам набошад, алоқаманд намояд. Ӯ ҳамеша мекӯшид, ки тағйиротҳо ва ё ирфониро амалан дар ҳар як консепсия оид ба ҳама масоил илова намояд. Масалан, ҳамчунон ки қаблан низ ёдовар шудем, ӯ кушишҳои боғайратонаеро оид ба фиқҳи исломӣ анҷом дода буд. Аммо ӯ ба муҳокимаҳо чизеро ворид намуд, ки дар адабиёти анъанавӣ вуҷуд надошт.

Баъд аз баррасӣ намудани ин ва ё он масъалаи ҳуқуқӣ Ибни Арабӣ одатан тавзеҳоти махсусеро илова менамояд, ки ҳатман ба ҷанбаи ирфонии ин масъала

бо номи “тафаккур” (итбор) алоқаманд буд.

Баъзан тавзеҳот иборат аз шарҳу баёни ирфонӣ аст, ки барои аз байн бурдани ихтилофҳо миёни фақеҳон равона шуда буд. Аммо дар дигар ҳолатҳо робитаи байни тавзеҳоти ирфонӣ ва фиқҳ норавшан аст [2,ч.2, с.165].

Худи ҳамин чизро метавон дар нисбати баъзе консепсияҳои ӯ, ки дорои мавзӯи фалсафӣ мебошанд, мушоҳида кард. Масалан, ҳангоме ки ӯ консепсияи метафизикии худ (ал-аъён ал-собита)-ро муҳокима намояд, Ибни Арабӣ чунин равишро истифода бурдааст. Ӯ кӯшиш кардааст, ки аъёни собитаро бо асмои илоҳӣ (ал-асмо ал-илоҳия), алоқаманд намояд, баъзан ба он ишора мекунад, ки асмои илоҳӣ аъёни собитаро даъват мекунанд (ба миён меоваранд) ва ё тавлид менамоянд [2, ч.3, с.165]. Замони дигар, чунин ба назар мерасад, ки ӯ мехоҳад “омодагии” аъён собитаро нишон диҳад.

Сарфи назар аз номуайянӣ, нопайдарпайии гуфтаҳои Ибни Арабӣ дар ин бора, ошкор аст, ки ӯ робитаи байни асмои илоҳӣ ва аъёни собитаро танзим мекунад. Ин робита ҳамчунон ки ман тахмин мекунам, робитаи метафизикӣ мебошад. Ин саъю талоши Ибни Арабӣ дар самти ба баъзе паҳлӯҳои метафизикаи худ додани миқёси динӣ мебошад; вай барои нишон додани он равона гардидааст, то нишон диҳад, ки ҳар як имкони аъёни собита илоҳӣ мебошад. Аз ин рӯ, ӯ чунин ибораҳоеро аз қабили “изи асмои илоҳӣ дар аъёни собита (ал-аъён ал-собита), истифода мебарад, то ки робитаи байни онҳоро нишон диҳад“ [2,ч.6, с.149].

Самти дуввуми тезиси Ибни Арабӣ оид ба ваҳдати вуҷуд ба табиати метафизикии олам дахл дорад. Ба рағми андешаи бисёри муҳаққиқон ва мунаққидони ӯ, ба назар чунин мерасад, ки ӯ дар тезиси худ оид ба ваҳдати вуҷуд Ибни Арабӣ дар навбати аввал андешаҳои навро нисбати табиати метафизикии Худо пешниҳод намекунад. Аниқтараш ӯ тезиси навро дар бораи табиати метафизикии олам ва робитаи он ба воқеияти ниҳоӣ ҳамчун вуҷуд пешниҳод менамояд. Ибни Арабӣ тасдиқ менамояд, ки вуҷуд ягона буда, ба воқеияти ниҳоӣ шабоҳат дорад, зеро ӯ оламро мебинад, на Худоро.

Асарҳои Ибни Арабиро оид ба онтология омӯхта, мо бо се консепсияи метафизикӣ, ки бо космологияи ӯ алоқаманд мебошанд рӯ ба рӯ меоем: ал-мумкинот; ал-аъён ас-собита; ва ал-олам. Таваҷҷуҳи ман дар ин ҷо ба самтҳои метафизикии ин мафҳумҳо, ки ҳамчунон ки ман тахмин мекунам, метавонанд новобаста аз самтҳои ирфонӣ ва динӣ фаҳмо бошанд равона шудааст, ки Ибни Арабӣ майл дорад ба онҳо мансуб гардонад.

Аввалан: консепсияи ал-мумкинот (шакли ҷамъи арабияш ад-мумкинот, шакли танҳояш: ал-мумкин) ё ал-аъён ... метавон ҳамчун “объектҳои шартан имкондор” ё ки “зотҳои шартан имкондор” тарҷума намуд. Як қатор донишмандон ал-мумкинро ҳамчун “он чизе, ки шартӣ мебошад” шарҳ додаанд. Ал-мумкинот ҳам объекти ҳақиқӣ ва ҳам имкондорро шомил аст, ки ба объектҳои зарурӣ ва номумкин муқобил гузошта мешаванд. Ин истилоҳ дар миёни файласуфон ва илоҳиётшиносони исломӣ зиёд истифода мешавад ва Ибни Арабӣ низ аз афташ онро ба мисли онҳо зиёд истифода мебарад.

Дуввумаш, мафҳуми ал-аъён ас собтита (ал-аъён – истилоҳи шакли ҷамъ, шакли танҳояш – ал-айн мебошад). Ибни Арабӣ қайд кардааст, ки ӯ ин мафҳумро аз мактаби илоҳиётшиносони муътазилӣ гирифтааст. [2, ч.3, с.350]. Аммо ӯ аз афташ, маънои нодири ин истилоҳро ворид намуда, шабоҳати вай бо истилоҳи техникии мутазилиён, эҳтимолан, бештар фонетикӣ мебошад. Сарфи назар аз ин, ба фазли Ибни Арабӣ ин мафҳум дар анъанаи сӯфиён мавриди истифодаи умум қарор гирифтааст. Аммо дар нисбати он ки ин мафҳум чӣ чизеро, махсусан дар самти метафизикӣ, ифода мекунад, возеҳияте вуҷуд надорад. Барои ҳамин, аҷиб нест, ки дар миёни муҳаққиқони муосири Ибни Арабӣ дар ҷустуҷӯи беҳтари тарҷумаи ин истилоҳ ихтилофҳо ба вуҷуд омадаанд. Баъзе тарҷумаҳо “архетипҳои доимӣ” [3, с.163] (Izutsu, 1983), “прототипҳои ба қайд гирифташуда”, “воқеиятҳои пинҳоншуда”[1, с. 25] (Affifi, 1930; Valiuddin,

1977), "зотҳои тағйирнаёбанда"ва "зотҳои тағйирнаёфта" [4] (Chittick, 1994)-ро дар бар мегиранд.

Сарфи назар аз ин ихтилофҳо, дар тарҷумаи он, дар миёни муҳаққиқони Ибни Арабӣ консесуси онҳо нисбати ал-аъён ас-собита то айни замон вуҷуд дорад: байни ал-аъён ас-собита ва зотҳои дар олам мавҷуд буда, робитаи метафизикӣ вуҷуд дорад. Аммо танҳо як қисми ками муҳаққиқон кӯшиш кардаанд, ки ин робитаро шарҳ диҳанд. Масалан, Изутсу, тасдиқ менамояд, ки ал-аъён ас-собита дар онтологияи Ибни Арабӣ ба он шабоҳат доранд, ки метафизикҳои муосир онро "универсалияҳо" меноманд. Ӯ таслдиқ мекунад, ки "Ал-аъён ас-собита универсалияҳое мебошанд, ки ба ҷузъиёт муқобил мебошанд. Ва робитаи архетипҳо (яъне, аъёни собита) ба олам – маҳз робитаи универсалияҳо ба ҷузъиёт мебошанд" [3]. Пас, робитаи аъёни собита ба объектҳои реалӣ, ба андешаи Изутсу, ба робитаи байни объектҳои ранги зард ва объектҳои зард мебошанд.

Шарҳи Изутсу, аз нигоҳи ман, нодуруст мебошад. Ибни Арабӣ ҳеҷ гоҳ аъёни собитаро универсалияҳо ва ё чизи ба онҳо монанд наномидааст. Универсалӣ одатан ҳамчун чизе, ки метавон ҳамчун мисол овард тавсиф карда мешаванд, чун қоида, аз як мисоли конкретӣ бештар оварда мешаванд. Дар нисбати аъёни собита ҳаргиз ин тавр нест; кам касоне пайдо мешаванд, ки баҳс кунанд, ки аъёни собита метавонанд мисол бошанд, масалан, мисли он ки ранги зард, метавонад мисоли предметҳои зард бошад. Дар ҳақиқат, сарфи назар аз он ки онҳо бо объектҳои воқеӣ алоқаманд мебошанд, пайдо кардани маънои сухани Ибни Арабӣ душвор аст, ки дар он дар бораи монандии аъёни собита бо универсалияҳо зикр шуда бошад.

Дар асари нисбатан мутақаддами Ибни Арабӣ "Иншо ад-давоир", ки соли 1204 таълиф ёфтааст, Ибни Арабӣ дар бораи мафҳуме сухан мегӯяд, ки ӯ онро "чизи саввум" - (ал-шай ал-солис) меномад [5]. Як қисми гуфтаҳои ӯ дар бораи "чизи саввум" бешубҳа ба шабоҳат додани он ба универсалияҳо ва ғояҳои Платон бисёр шабоҳат доранд. "Чизи саввум метавонад версияи пешакии консепсияи аъёни собитаи Ибни Арабӣ бошад", аммо агар тахмин карда шавад, ки ин ду консепсия бо якдигар робита доранд ва агар ба назар гирифта шавад, ки муҳокимаҳо дар бораи чизи саввум тахминан ба консепсияи дигар – консепсияи ал-аъён ас-собита гузаштаанд, ман тасдиқ мекунам, ки андешаҳои ӯ дар бораи чизи саввум (ал-шай ас-солис)-ро бояд ҳазф кард.

Замоне, ки ин андешаҳо бо тасаввуроти ӯ оид ба аъёни собита мувофиқат намекунанд, тамоман дуруст аст, агар ба ҳисоб гирем, ки ахирӣ консепсияи нисбатан пухта ва ниҳоӣ мебошад.

Ба рағми фаҳмиши Изутсу, аъёни собита дар ҳақиқат ҳам "ҷузъиёт" мебошанд. Вожаи арабии "аъён" ҳарфан маънои "зот"-ҳоро доранд. Тафовути ягонаи аъёни собита аз он иборат аст, ки онҳо зоҳиран, ба навъи махсуси зотҳо ва ё ҷузъиёт мансуб мебошанд. Ман тахмин мекунам, ки аъёни собита дар онтологияи Ибни Арабӣ бо он чизе шабоҳат дорад, ки метафизикҳо онро "зотҳои имкондори оддӣ" – зотҳои шартӣ меноманд, ки метавонанд ба феъл дароварда шаванд, аммо би-л-феъл намебошанд.

Таърифи метафизикии консепсияи Ибни Арабӣ дар бисёр самтҳои худ ба чизе шабоҳат дорад, ки имрӯз метафизикҳо объектҳои имкондори оддиро тасаввур менамоянд. Ибни Арабӣ тасдиқ мекунад, ки дар олам (ва ё ба қавли ӯ "Шоҳигарии Илоҳӣ") ду навъи объектҳо вуҷуд доранд. Навъи аввалро аъёни собита ва навъи дуввумро ал-олам маҷмӯи объектҳои реалиро меноманд. Ӯ шарҳ медиҳад, ки дар байни ин ду навъи объектҳо робитаи муҳим вуҷуд дорад. Тамоми объектҳои реалӣ қабл аз он ки реалӣ мешаванд, ҷузъи аъёни собита мебошанд. Илова бар ин, ӯ сарфи назар аз он ки тасдиқ мекунад, ӯ мегӯяд, ки объектҳои реалӣ ниҳоӣ ва муваққатӣ мебошанд, ӯ эълон мекунад, ки аъёни собита дар ҳақиқат ҳам беохир ва абадӣ мебошанд[2, ҷ.8, с.53]. (Илова бар ин, Ибни Арабӣ тасдиқ мекунад, ки аъёни собита як ҷузъи ал-мумкинот (зотҳои имкондор) мебошанд[2, с. 204]. Чунин меҳисобанд, ки сфераи реалӣ – олам (ал-олам) яке аз ду навъи ал-мумкинот мебошад,

аммо ал-аъён ас-собита навъи дигари он мебошад, ки онро Ибни Арабӣ тасдиқ мекунад. Ҳамин тавр, ба назар мерасад, ки бешубҳа аъёни собита бо зотҳои мумкин, ки ҳамчунон ки маълум аст, ки яке аз ду навъи ал-мумкинот мебошанд, мувофиқат менамоянд.

Самти метафизикии консепсияи Ини Арабӣ "ал-аъён ас-собита"-ро бисёр муҳаққиқони Ибни Арабӣ сарфи назар менамуданд, шояд барои он ки ӯ аз аввалинҳо шуда, консепсияи зотҳои имкондори оддиро ба фалсафаи исломӣ ворид намудааст. Одатан файласуфон ва уламои исломӣ истилоҳи ал-мумкинот (зотҳои имкондор) - ро барои ифода кардани объектҳои реалӣ, ҳам объектҳои имкондори оддӣ истифода бурда, байни онҳо тафовути возеҳро нагузоштаанд.

Ба ғайр аз аниқияти экзегетикӣ, андешаҳои Ибни Арабӣ нисбати мафҳуми ал-аъён ас-собита нисбатан равшантар ва мутассил хоҳанд шуд, агар ин истилоҳро ҳамчун ифодакунандаи зотҳои оддии имкондор фаҳмида бошем. Аҷиб аст, ки баъзе муҳаққиқони муосир ба муайян кардани ал-аъён ас-собита ҳамчун зотҳои имкондор наздик мебошанд. Уилям Читтик мегӯяд, ки дар ин матн зотҳо "ашёи имкондор" (мумкинот) номида мешаванд, зеро ки онҳо метавонанд дар кайҳон ё вуҷуд дошта бошанд ва ё вуҷуд надошта бошанд. Аммо он чи ба имкониятҳои худи онҳо, ки тавсифи муайяни онҳо мебошад, дахл дорад робитаи онҳо ба вуҷуд ва адам якхела мебошад. Зоти тағйирнаёбанда (Ал-аъён ас-собита) ин чизи вуҷуднадоштаи имкондор мебошад. Агар Худо ба ҷониби вуҷуд бар адам афзалият диҳад, пас ин зоти мавҷуд, чизи имкондори вуҷуд мешавад. Ба мисли "зот" ва "ашё" ва дар тафоввут аз "вуҷуд", мақоми онтологии шайъи имкондор бояд муайян карда шавад [2, с. 12].

Аъёни собитаро адам (нестӣ) номида, Читтик суханҳои аниқи Ибни Арабиро иқтибос меоварад. Аммо он чизе, ки Ибни Арабӣ дар ин матнҳо зери мафҳуми "вуҷуд" дар назар дорад, ин билфеъл мебошад; ал-аъён ас-собита дар ин маъно, ки онҳо билфеъл мебошанд, адам мебошанд.

Саввум, консепсияи ал-олам. Олам (ал-олам) дар онтологияи Ибни Арабӣ ба мафҳуми "олам" дахл дорад. Арабӣ ба шоҳигарии реалӣ ва ё маҷмӯи зотҳои воқеӣ муносибат менамояд. Ҳарчанд ки баъзан вожаи "вуҷуд" барои ифода кардани воқеият истифода мешавад, ӯ ҳамчунин вожаи "субут" - беҳаракатиро барои ифода кардани имкони оддӣ истифода мебарад ва табиист, ки ӯ майли он дорад, ки ин ду мафҳумро ба ҳам муқобил гузорад.

Ҳамчунон ки болотар қайд кардем, робитаи байни аъёни собита ва олам бо робитаи байни объектҳои шартӣ ва объектҳои имкондори оддӣ муқоисашаванда мебошанд. Тибқи андешаи Ибни Арабӣ, олам (ал-олам) пеш аз он ки ба феъл табдил ёбад, дар миёни зотҳои имкондори оддӣ қарор дошт, ки ӯ онҳоро аъёни собита меномид. Аз афташ, муҳаққиқони Ибни Арабӣ дар ин масъала бо ҳам мувофиқанд.

Ман чунин меҳисобам, ки мавзӯъҳои бисёре, ки Ибни Арабӣ дар осораш ба онҳо муроҷиат намудааст, мавзӯъҳои махсуси фалсафӣ мебошанд ва бояд онҳо сарфи назар аз тағйирёбиҳои ирфониашон бояд фаҳмо бошанд. Дар воқеъ ҳам, дур намудани ирфон аз консепсияҳо ва андешаҳои ӯ шояд баъзан судманд мебошад, то ки онҳоро возеҳтар ва муттасил намоем, вале зимни он ҳеҷ як моҳиятҳои фалсафии пешниҳодкардаи онро гум накунем.

**Адабиёт**


1. Абу Алои Афифӣ, Таълиқот ал- Фусус ал-ҳикам, ҷ.1, с.25. 1977
2. Ибни Арабӣ, Ал-Футуҳот ал-маккия, 9 чилд, нашри 3, Бейрут. Бе соли нашр
3. Изутсу, Т. Тасаввуф ва даосизм: Тадқиқоти муқоисавии мафҳумҳои асосии фалсафӣ. Беркли: Матбуоти Донишгоҳи Калифорния. 1983
4. Уильям К. Читтик Воображаемые миры: Ибн ал-Араби и проблема религиозного разнообразия (Олбани: State University of New York Press, 1994). Он был переведен на турецкий (1999), индонезийский (2001), испанский (2004) и персидский (2004, 2005, 2007).

5. Hirtenstein, S. (1999) The Unlimited Mercifier: the Spiritual Life and Though of Ibn ‘Arabi. Oxford: Anqa Publishing and Ashland: White Cloud Press.

## МЕТАФИЗИЧЕСКАЯ ПРИРОДА МИРА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИБН АРАБИ

**Зиёева З.И.**

*В данной статье рассматривается точка зрения Ибн Араби (1165-1240 гг.), одного из виднейших ученых исламского мира о метафизической природе мира. Ибн Араби представил одну из самых уникальных и сложных концепций абсолютной реальности в исламской философии и мистицизме. Он подробно обсуждает метафизику, эпистемологию и философию религии, окружающие это понятие. Суфийская философия Ибн Араби отличается оригинальностью и глубиной, что позволяет поставить ее на один уровень с философскими системами развитого мира. Именно он смог придать суфизму характер новой философской системы. Его научные труды внесли значительный вклад в решение ряда философских проблем.*

***Ключевые слова:*** *философия, метафизическая природа мира, систематические положения, фиксированное явление, единство бытия, онтология, аль-мумкинот; Изуцу, Читтик, Бог, человек, вселенная, мистика, космология.*

## METAPHYSICAL NATURE OF THE WORLD FROM THE POINT OF VIEW OF IBN ARABI

**Ziyoeva Z. I.**

*This article deals with the metaphysical nature of the world from the point of view of Ibn Arabi (1165-1240), one of the most prominent scientists of the Islamic world. Ibn Arabi introduced one of the most unique and complex concepts of absolute reality in Islamic philosophy and mysticism. He discusses at length the metaphysics, epistemology, and philosophy of religion surrounding this notion. The Sufi philosophy of Ibn Arabi is distinguished by its originality and depth, which allows it to be placed on a par with the philosophical systems of the developed world. It was he who was able to give Sufism the character of a new philosophical system. His scientific works have made a significant contribution to the solution of a number of philosophical problems.*

***Key words:*** *philosophy, metaphysical nature of the world, systematic provisions, fixed phenomenon, unity of being, ontology, al-mumkinot; Izutsu, Chittik, God, man, universe, mysticism, cosmology.*

# МУНОСИБАТҲОИ ФАЛСАФӢ-ФАРҲАНГШИНОСӢ БА ПАЖӮҲИШИ АНЪАНАҲО

**Шоев З. Ҷ.** – н.и.ф., ходими калони илмии шуъбаи масоили фалсафии дини Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ

*Мақола ба шарҳу тавсифи равишҳо ва усулҳои пажӯҳиши масъалаи анъана дар адабиёти муосири илмӣ бахшида шудааст. Дар он усулҳо ва равишҳои консептуалии таҳқиқи анъанаҳо дар мактабҳо ва ҷараёнҳои ташаккулёфтаи фалсафию фарҳангшиносӣ муфассал таҳлил карда шудаанд.*

*Ҳар як анъана дар ибтидо дар як давраи мушаххаси таърихӣ, ҳамчун як падида ё воқеаи фарҳангӣ-иҷтимоӣ зуҳур карда, сипас комилан одилона, барои нақши мусбаташ дар танзими ин ё он соҳаи ҳаёт ва муносибатҳои иҷтимоӣ, сазовори чунин ном ва мақоми муҳим дар фарҳанги миллӣ шуда, мавриди пайравии муттасилона қарор гирифтааст.*

*Дар фарҷоми таҳлили мавзӯи баррасишаванда муаллиф қайд мекунад, ки анъанаҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикон, азҷумла ҷашнҳои расмии Сада, Наврӯз,Тиргон, Меҳргон, ҷашни Истиқлол, дар маҷмӯъ заминаи муҳими ташаккули ҳувият ва асолати миллии мардуми тоҷик, таҷассумгари фарҳанги таҳаммулмеҳвару башардӯстона, арзишҳо ва ормонҳои ин миллати мутамаддину куҳанбунёд мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *анъана, арзишҳо, таҷриба, устуворӣ, муттасилияти таърихӣ, фарҳанг, тамаддун, консепсияи фарҳангшиносӣ, мероси фарҳангӣ.*

Мавзуи анъана мавриди тадқиқоти мутафаккирони халқҳои гуногун қарор гирифта, оғози пажӯҳиши он ба давраи қадим ва асрҳои миёна бармегардад. Зиёда аз ду ҳазор сол пеш аз ин, дар Чини қадим як қатор тафсирҳои анъана ва муносибати шоиста ба онҳо вуҷуд дошт. Конфутсий ва Шан Янг дар бораи анъанаҳо ва моҳияту арзиши онҳо андешаҳои мутафовит ва ҳатто аз бисёр ҷиҳат яке бо дигаре мухолифро баён кардаанд.

Дар Аврупо, таваҷҷӯҳ ба масъалаи анъанана ва урфу одатҳо дар давраҳои Эҳё ва Маорифпарварӣ, ки онҳоро танқиди калисо ва муносибатҳои куҳнашуда бо ҳам мепайваст, зоҳир гардид. Барои давраи Эҳё, аз як тараф инкори анъана бо сабаби бетаъсир ва монеъшаванда ба рушд шуморида шуданаш, аз тарафи дигар, даъват ба эҳёи анъанаҳои инсондӯстонаи замони қадим хос буд.

Дар Замони Нав ба масъалаи анъана романтикҳо, муаррихон, адабиётшиносоне, ки ба таҳқиқи шаклҳои шифоҳӣ ва тафаккури устуравӣ (мифологӣ) машғул буданд, каму беш таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. М. Монтен, Ф. Бэкон, Т. Гоббс, Ҷ. Локк ва як қатор файласуфони дигари давраи мазкур дар доираи омӯзиши ҷомеа ва фарҳанг, қонуниятҳои фаъолият ва инкишофи онҳо, вазифаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии илм ва санъат, ахлоқу ҳуқуқ, таносуби дин ва илм, дин ва ахлоқ, нақши забон, ба масъалаи анъанаҳо дахл кардаанд.

Дар давраи Маорифпарварӣ (Волтер, Руссо, Тюрго, Кондорсе) ба анъана аз рушди таърихию фарҳангӣ назар карда мешуд. Дар осори Я. Вико ва И. Гердер дарк ва фаҳмиши назариявии падидаи анъана, муттасилӣ ва меросгирии он ба назар мерасад. Таърихгаройии Г.Вико бо таҷдиди назар кардани анъанаҳо, барқарорсозии замони гузашта, ки аз призмаи инкишофи таърихии инсон дида мешавад, асос ёфтааст. И.Г. Гердер таҳти мафҳуми анъана он чизеро мефаҳмад, ки ҷамъият дар раванди муносибат ба сарвати аллакай ҷамъшуда ба одам медиҳад. Инсон урфу одатҳоро азхуд карда, аз мавҷуди биологӣ ба мавҷуди иҷтимоӣ табдил ме-

ёбад, яъне бори дуюм таваллуд мешавад. В.Дилтей идеяҳои Ҷ.Вико, И.Гердер ва Ф.Шлейермахерро инкишоф дода, бар ин хулоса расидааст, ки гузашта ба инсон дар шакли таҷрибаи рӯҳонӣ ва хотира дода мешавад ва бозгашти ин хотира ҳисси ягонагиро дар шуури ҷамъиятӣ ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, анъана, таҷрибаи мадании замони гузашта - айниятёбии (объективатсияи) эҷодиёти маънавӣ мебошад. Герменевтика ҳамчун санъати тафсири падидаҳои маънавии фарҳанг барои В. Дилтей воситаи дарки намояндаҳои гузашта ва муосирии рӯҳи эҷодкори инсон буд.

Масири герменевтикии тадқиқоти анъанаро Х.Г. Гадамер идома дода, онро ҳамчун мафҳуми марказии фарҳанг, ҳамчун як воқеияти муосир ва мубрами фарҳангӣ тавсиф мекунад[4, 362-363]. Анъана нуқтаи бархурди озодӣ ва таърих, эҷодкории бардавоми субъекти феълӣ мебошад. Муроҷиат ба урфу одатҳоро тамоюли шадид ҷиҳати дарк ва асоснок кардани хислатҳои аслии универсалии ҳастии инсонӣ ва фарҳанги инсонӣ, ки дар шакли нисбӣ қобили қабул нестанд, тақозо мекунад. Азбаски таваҷҷӯҳи инсонӣ ҳамеша то ин ё он дараҷа ба тағйироти таърихӣ ҷалб карда мешавад, дар ин раванд муттасилии анъана барои пешгирии вайроншавии шуури таърихӣ мусоидат мекунад. Шомилшавии аслии инсон ба муҳити забонӣ ва умумияти таърихӣ решаи онтологии анъанаро дар ҳастии инсон баён мекунад. Дар баробари ин, тафсири анъана, ки уфуқи диди таърихӣ додааст, аз ҷониби Гадамер дар кашф ва эҷоди маънои нави анъана дар раванди амалӣ гардондани он баррасӣ мешавад. Ба олами анъана ғарқ шудани шахсият маънои мусбати субъективияти инсониро, ки дар моҳияти эҷодии фаъолият ва фарҳанги инсон мавҷуд аст, ошкор мекунад. Ин гуна тафсирҳо боиси ноустувор шудани мазмуни хоси анъана мегарданд, ки онро танҳо бо назардошти субъективияти инсон, моҳияти эҷодии фаъолияти инсон омӯхтан мумкин аст[9, 124-144].

Дар назарияи модернизатсия, ки сарчашмаи он ба осори М. Вебер, Э. Дюркгейм, О Конт, К. Маркс, Г. Спенсер, Ф. Теннис бармегардад, категорияи анъана куҳнатарин шаклҳои ҳаёти этникии то замони муосир маҳфузмондаро ифода мекунад. Дар баробари инкишофи илм як катор тадқиқотҳои махсуси минтақавӣ оид ба ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ (К. Гиртс, М. Сингер, М. Леви, Д. Левин, Ф. Риггс, Г. Алмонд, Д. Аптер ва ғайра) нашр шуданд, ки дар партави онҳо фаҳмишҳо ва ақидаҳои пештар ҳукмрон тағйир ёфтанд. Дар пажӯҳишҳои мазкур собит карда шудааст, ки анъана ба замона мухолиф нест ва барои навсозӣ монеъ намешавад. Дар осори Б. Малиновский дидгоҳи нав дар мавриди анъана ҳамчун арзиши дастаҷамъӣ, ки барои ҳувияти куллии ин ё он ҷамъият асос ёфтааст ва бо ҳар қимат нигоҳ дошта мешавад, асоснок шудааст. А. Тойнби, П. Сорокин, А. Кробер низ урфу одатро ҳамчун ҳувият ҳисоб кардаанд, вале онро на ҳамчун воқеияти онтологӣ, балки ҳамчун модели шартии методологӣ ва гносеологӣ мефаҳмиданд.

Нақши анъана дар ҳаёти ҳар як ҷомеаи инсонӣ, моҳияти он ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар осори Б. Хоселитс, Э. Шилз, С. Эйзенштадт, Г. Элмонд, ки ҳамчун асарҳои классикӣ эътироф шудаанд, кушода шудааст. Дар асри XX шумораи таълифот оид ба масъалаи анъанаҳо зиёд шуда, конфронсу мубоҳисаҳо барпо гардиданд, консепсияҳо ва тафсирҳои зиёди мафҳум ва моҳияти анъана пайдо шуданд, ки дар самтҳои гуногун коркард шудаанд. Ҳамаи онҳо арзиши эвристикӣ доранд ва гуногунии равишҳо аз мураккабӣ ва серҷанбагии ин мафҳум шаҳодат медиҳанд.

Мушкилии омӯзиши анъанаи миллӣ на танҳо дар бисёрҷанба будани он, балки дар он аст, ки он маҳсули таҷрибаи рӯзгор аст. Мафҳумҳои таърихӣ, образҳои бадеӣ, ҳикмату заковат ва фазилати ахлоқӣ, ки дар зарбулмасалу мақолҳо, пандҳо ифода ёфтаанд, мазмуни томи анъанаро намекушоянд, балки танҳо як қабати болоӣ ва шаффофи инъикоскунандаро ифода мекунанд. Чунон ки намояндагони мактаби сотсиологияи דониш П. Бергер ва Т. Лукман таъкид мекунанд, «таърифи назариявии воқеият, хоҳ илмӣ бошад, хоҳ фал-

сафӣ ва ҳатто мифологӣ, ҳамаи он чиро, ки барои аъзоёни ҷомеа «воқеӣ» мебошад, ба пуррагӣ фаро намегирад ва ошкор намекунад»[2, 31].

Камбудии ҷиддии таҳқиқотҳои муосир оид ба масъалаи анъанаҳо, ба фикри И.В. Суханов, ин истифода нашудани равиши маҷмуавӣ дар онҳост. Таҳқиқот маъмулан ин ё он ҷузъ, қисми таркибӣ, ё ҷанбаи анъана – сифатҳои рӯҳонии расму оин, одатро фаро мегирад[13, 2]. Бешак, «анъана» ва «одат» як қатор аломатҳои монанд доранд. Аввалан, ин «ду шабакаи паҳлӯи ҳам» мебошанд, ки тавассути онҳо наслҳои калонсол таҷрибаи рафтори иҷтимоӣ, эътиқод ва эҳсосоти маънавию ахлоқии худ, усулу равишҳои фаъолияти ҷамъиятиро ба ҷавонон меомӯзонанд. Сониян, онҳо шаклҳои ба наслҳои нав додани роҳҳои амалӣ гардондани муносибатҳои идеологии дар ҳаёти ин ё он синф, ҷамъият (сиёсӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, динӣ...) инкишофёфта мебошанд, ки бо нерӯи афкори ҷамъиятӣ дастгирӣ мешаванд, ё, чуноне ки инро таҷрибаи қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ собит намуда истодааст, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мешаванд. Сеюм, анъана ва расму оинҳо ба одат асос ёфтаанд, бинобар ин онҳо падидаҳои устувори иҷтимоӣ мебошанд. Кадом одате, ки набошад, он ҳамчун як амали муқаррарӣ дарк карда мешавад, ки аз сабаби мунтазам ва пайваста такрор шуданаш, барои шубҳа ҷое боқӣ намегузорад.

Аммо ба фикри баъзе муаллифоне, ки ин масъаларо таҳқиқ кардаанд, мисли Д. Благий, Е.Н. Борисов, С. Ермаков, А. Карасевич, Е. Маркарян, А. Плахов, Б. Марянов, О.В. Ромах, И.В. Суханов ва дигарон, мазмуни ин мафҳумҳо гуногун аст. Анъана ва урфу одатҳо, пеш аз ҳама, бо вазифаҳои иҷтимоии худ фарқ мекунанд. Вазифаи иҷтимоии анъанаҳо ташаккул додан ва ба наслҳои нав расондани он сифатҳои маънавие мебошад, ки барои фаъолияти муътадили муносибатҳои мураккаби ҷамъиятӣ заруранд. Ҳадафи онҳо инкишоф додани одатҳои мураккаб, яъне самти муайяни рафтор аст. Анъанаҳо маънои амали иҷрошударо дар бар мегиранд. Яъне, дар маънои онҳо, дар байни амалҳои иҷрошуда ва сифатҳои маънавие, ки дар натиҷаи ин амалҳо ташаккул ёфтаанд, алоқаи сабабӣ ошкор мегардад. Амалиёт дар анъана ба мақсади бошууронаи тарбия тобеъ карда мешавад.

Урфу одатҳо бошанд, намегӯянд, ки одам чӣ гуна бошад, нисбат ба сифатҳои маънавии одам талабот ба миён намегузоранд. Инҳо амалҳои оддӣ, «стереотипҳои шаклгирифтаи рафтори меҳнатӣ ва намудҳои дигари фаъолияти ҷамъиятӣ» мебошанд[12, 28].

Ба гуфтаи Э.С. Маркарян, «урфу одатҳо шаклҳои стереотипии рафтори омма мебошанд, ки дар такрори амалҳои стандартизатсияшуда ифода ёфта, ҳамчун воситаи самараноки танзими иҷтимоӣ ва нигоҳ доштани зинанизоми муайяни мақоми иҷтимоӣ амал мекунанд»[10, 21].

Ба ақидаи муҳаққиқ Г.Н. Волков, урфу одат ва расму оин ҷузъҳои анъана мебошанд[3, 141]. Урфу одатҳо қодиранд меъёрҳо ва арзишҳоро дарбар гиранд, шиддати эҳсосиро рафъ кунанд, аҳамияти иҷтимоии ҳолатҳои ҳаётро тасдиқ кунанд. Мафҳумҳои «анъана» ва «одат» бо мафҳуми «ойин» алоқаи зич доранд. Оинҳо ва урфу одатҳо баъзе хусусиятҳои умумӣ доранд, зеро дар ҳар ду маврид типизатсияи шакли амали мушаххас вуҷуд дорад, яъне ин рафтори ҳамеша танзимшаванда мебошад; инҳо ду роҳе ҳастанд, ки тавассути онҳо анъанаҳо амал мекунанд. Тавассути ташкили фаъолият дар сатҳи муносибатҳои оддии стереотипи такроршавандаи ҷамъиятӣ урфу одатҳо ва расму оинҳо сифатҳои зарурии маънавиро ташаккул медиҳанд.

Ба ақидаи И. Суханов, «шакли маросим танҳо вақте ба вуҷуд меояд, ки ҳамаи қисматҳои дигари одат ва анъана дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ каму беш мустаҳкам ҷой гирифтаанд»[15, 39]. Инҳо, пеш аз ҳама, марҳилаҳои гардиши ҳаёти инсон (таваллуд, издивоҷ, марг ва ғайра) мебошанд.

Расму оинҳо бо баъзе хусусиятҳои хоси худ аз мафҳуми «одат» фарқ мекунанд. Онҳо ҳамчун рамзҳое амал мекунанд, ки ғояҳои муайяни иҷтимоӣ, идеяҳо, тасвирҳоро дарбар гирифтаанд

ва эҳсосоти мувофиқро ба вуҷуд меоранд. Танҳо ба расму оинҳо як андоза сеҳру шуъбадаи дар намоишномасозӣ истифодашаванда хос мебошад. Маросимҳо тақвимӣ ё оилавӣ шуда метавонанд. Якумиҳо бо тағйирёбии давраҳои табиӣ алоқаманданд; дуюмиҳо гузариш аз як давраи зиндагӣ ё ҳолати иҷтимоӣ ба давра ё ҳолати дигар, масалан, аз давраи муҷаррадӣ ба оиладориро сабт мекунанд. Ҳангоми амалҳои маросимӣ эҳсосот бо оҳангҳо ва сояҳои рангоранг ифода меёбанд. Дар байни мардуми тоҷик, тибқи ин хусусиятҳои ифодаёбии эҳсосот, чунин маросимҳоро метавон вохӯрд: сабқату зӯрозмоӣ, ҳунарнамоӣ (бозиҳо, рақсандагӣ, сарояндагӣ, ромишгарӣ), хурсандӣ ва тантанавӣ (ҷашнҳо, тӯйҳо), мотаму азодорӣ (ҷаноза, дафн, чил, сол ва маросими дигари марбут ба ёдкарди мурдагон) ва ғ. Маҳз дар шакли образнок, эҳсосии расму оин анъанаҳои наслҳои калонсолро иштирокчиёни ҷавони он ба таври равшан эҳсос мекунанд. Дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият аксарияти расму оинҳо маънои пештараи рамзии худро гум кардаанд. Онҳо аксар вақт дар чорабиниҳои идона ҳамчун хусусияти зарурии он истифода мешаванд.

Ба ақидаи Л.Д. Столяренко, урфу одат, расму оинҳо рафтори одамонро танзим мекунанд ва ба онҳо имконият медиҳанд, ки дар атрофи анъанаҳои умумӣ муттаҳид шаванд. Ин барои нигоҳ доштани устувории ҷомеа ва тарзи ҳаёти миллӣ мусоидат намуда, ба фарҳанги умумии миллӣ пайвастани одамонро таъмин мекунад[7, 101].

Ба маънои умумифалсафӣ, «анъана» ҳамчун унсури мероси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки аз насл ба насл мегузарад ва дар ҷамъиятҳои муайян муддати дароз ҳифз мешавад, таъриф карда мешавад. Ба сифати анъана ниҳодҳои муайян, меъёрҳои рафтор, арзишҳо, урфу одат, расму оинҳо ва ғайра амал мекунанд[16, 692].

Дар муқоиса бо мафҳуми васеътари донишҳои ҷамъиятию гуманитарии «мерос», анъана ҳатман лаҳзаи баҳодиҳии мусбат ё манфии меросро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, анъана на тамоми мероси мардум, балки як қисми он - он чизест, ки намояндагони қавм барои худ чизи муҳим арзёбӣ мекунанд. Ва ғайр аз ин, анъана худи раванди чунин баҳодиҳӣ, азхудкунии минбаъда, инчунин механизми интиқоли байни наслҳо мебошад. Бояд дар назар дошт, ки ин раванд тавассути ин ё он механизм ҳамчун объекти дорои арзиши муайян пахш карда мешавад. Танҳо бо дарки анъана ҳамчун арзиш метавон дар бораи он чун шакли пурмазмуни идомаи фарҳанг сухан гуфт.

Аҳамияти анъанаро он ҷузъҳое таъмин карда метавонанд, ки дар ҳалли мушкилоти ҷомеа таъсирбахшанд ва дар ҳама шароити дигаргуниҳои таърихӣ, сохторӣ ва ташкилӣ ҳифз шудаанд. Тасодуфӣ нест, ки В. Плахов анъанаро ҳамчун муносибати таърихан устувори ҷамъиятӣ тафсир мекунад. Чуноне ки ин муҳаққиқ қайд мекунад, таҳлили амиқтари анъана имкон медиҳад, ки он ҳамчун қонуни махсуси умумиҷтимоӣ шарҳ дода шавад[11, 10-11].

Аз ин рӯ, анъанаро метавон ҳамчун он ҷузъи мерос баррасӣ кард, ки ба замони муосир ба таври хос ворид карда мешавад. Ин маънои инкори мавҷудияти объективии анъана ва таъкиди вобастагии он аз факти шинохту огоҳиро надорад. Анъана ҳамчун низоми намунаҳо дар худи ҳамон амалияи ҳаёти ҳаррӯза, сарфи назар аз дараҷаи фаҳмидани механизми ташкили ин намунаҳо, вуҷуд дорад.

Мақоми онтологии анъана дар асарҳои файласуфи испанӣ Х. Субири баррасӣ шудааст[14, 590]. Ба ақидаи ин олим, анъана роҳи универсалии интиқоли тарзи ҳаёт, моҳияти раванди таърихӣ мебошад. Субъекти аслии анъана насли инсон аст. Тасаввурот дар бораи насли инсон ҳамчун субъекти ҳақиқии таърих се чизро дарбар мегирад, ки барои фаҳмидани анъанаи пайравӣ муҳиманд. Аввалан, таърих на танҳо таърихи иҷтимоӣ, балки таърихи биографиро низ дар бар мегирад. Сониян, таърихи биографӣ аз шарҳи ҳол ё биографияи шахсӣ маҳз бо воситаҳои таъсиррасонии анъана ба шахсият: фарошахсиятӣ ё бешахсият барои таърих, шахсиятӣ - барои биографияи шахсӣ фарқ мекунад. Саввум, биографияи шахсӣ ва таърих ду роҳи «ченкунии ваҳдати

анъана», ду лоиҳаи пешбиникунандаи якпорчагии майдони анъанаи давомдор (интиқоли он) мебошанд. Бе ин интиқоли доимии роҳҳои гуногуни мавҷудият дар воқеият, бидуни рӯ ба рӯ шудан ба оянда, инсон воқеияти моддӣ нахоҳад буд. Х. Субири аз воқеияти анъана на интиқоли маънии рафтори инсон дар ҳолатҳои гуногуни зиндагиро, балки худи воқеияти мазмун доштанро дар назар дорад. Дар робита ба шеваҳои дар воқеият будан, ки суннат ба мо мерасонад, инсон метавонад се мавқеъро ишғол кунад. Вай метавонад усули интиқолро қабул кунад, онро тағйир диҳад ё рад кунад. Аз тарафи дигар, анъана ба маънои муайян аз шахсият ҷудо аст, вай ҳамзамон дар мост (чунки мо онро ҳамчун асоси решадавонӣ дар дунё медонем) ва берун аз мо (зеро анъана ҳеҷ гоҳ моли як фард ё шахсият нест, балки ҳамеша моли як гурӯҳ, мардум, тамаддун аст). Аллакай дар ин қабули дастаҷамъонаи анъана ҳамчун арзиш қудрати таъсири он ба аъзои ҳар як гурӯҳи этникӣ мавҷуд аст. Охир, мавҷудияти ҳар як ҷомеаи муттаҳид бидуни эътирофи арзишҳои муайяни умумӣ аз ҷониби аъзои он ғайриимкон аст. Аз рӯи мазмуни анъана ҳамзамон бо тағйири арзишҳо тағйир меёбад.

Бисёре аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки анъана ҳатто чизи интиқолшаванда нест, балки худи роҳи интиқоли мероси фарҳангӣ аст. Ба ин маъно, анъана - ин интиқоли «дар сатҳи диахронӣ, аз калонсол ба ҷавон, аз насл ба насл, аз гурӯҳ ба гурӯҳи меъёрҳои муқарраршудаи рафтор, малака, мафҳумҳо, ҳамаи он чизҳост, ки сутунмуҳраи фарҳангро ташкил медиҳанд»[1, 160].

Анъана на танҳо «меъёрҳои рафтор, малакаҳо ва мафҳумҳо», балки доираи рамзии маъноҳои равонӣ, архетипҳо ва муносибатҳоеро дар бар мегирад, ки онҳоро аъзои гурӯҳи этникӣ бештар бо забони худ ва усулҳои муоширати ғайризабонӣ алоқаманд мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки анъанаро ҳамчун сохтори иттилоотӣ баррасӣ кунем[8, 14].

Анъанаро метавон барномаи энергетикӣ ва иттилоотӣ арзёбӣ кард, ки дар он таҷрибаи ҷамъшудаи шаклҳои биологӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии ҳаёт сабт шудааст. Маҳз ҳамин маълумот замина барои насли нав аст, ки дар раванди азхудкунии он таҷрибаи худро сайқал дода, ҳамзамон арзишҳои фарҳангии ҳамчун мерос гирифташударо азхуд мекунад. Тасодуфӣ нест, ки як қатор муаллифон хусусияти хоси халқи русро бо анъанаи гиперборей алоқаманд мекунанд. Мероси қадимии славянҳо дар шакли ақидаҳои устувори мифологӣ нигоҳ дошта мешуд. Якчанд қабатҳо ва архетипҳо вуҷуд доранд, ки ба воқеиятҳои форматсиявӣ ва тамаддунӣ мувофиқанд:

1. Давраи тухми кайҳон.
2. Давраи чархи кайҳон.
3. Давраи дарахти кайҳон.
4. Давраи гови кайҳонӣ.
5. Давраи аспи кайҳонӣ.
6. Давраи Замини кайҳонӣ[6, 7].

Ин сужаҳо дар расму оинҳои муқаддас ифодаи худро ёфтаанд ва онҳоро дар тамоми таърихи ҷаҳонбинии рус мушоҳида кардан мумкин аст. Иттилоот, хиради гиперборей, ки бо аломатҳо ва рамзҳо рамзгузорӣ шудааст, асрҳоро тай намуда, дар сатҳи архетипҳои бешууровна реша давондаанд. «Муттаҳидшавии тамоми миллатҳо ва халқиятҳои Русияи муосир низ ба архетипҳо асос ёфтааст ва онҳо суперэтноси бузурги русро ҳамчун ягонагии гуногунии этникӣ «дар худ нигоҳ медоранд»[13, 333].

Ҳамин тариқ, анъана моделҳои эҳсосот, тафаккур, рафтор ва илова бар ин, меъёрҳо, малакаҳо, урфу одатҳо, дастовардҳои фарҳангӣ, ки барои намояндагони гурӯҳи этникӣ арзишманданд, яъне объектҳо ва равандҳои мероси иҷтимоию фарҳангӣ, инчунин роҳҳои аз насл ба насл интиқоли ёфтани онҳоро дар бар мегирад. Таҳлили анъана ҳамчун падидаи мураккаби фарҳангӣ имкон медиҳад, ки баъзе равишҳои методологии дарки моҳиятионҳоро муайян кунем:

- сохторӣ (Е.С. Маркарян, Д.М. Угринович, А.Г. Спиркин, И.В. Суханов ва ғ.): анъана ҳамчун як таҷрибаи гурӯҳӣ ё ягон унсури чунин таҷриба, ки дар қолабҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муташаккил ифода ёфта, дар гурӯҳҳои гуногуни инсонӣ такрор мешаванд, баррасӣ карда мешавад;

- функсионалӣ (И.А. Барсегян): анъана механизми такрористеҳсоли ҳаёти ҷамъиятист;

- номологӣ (В.Д. Плахов): анъана ҳамчун қонуни умумии сотсиологӣ фаҳмида мешавад;

- меъёрӣ (Р. А. Аленина): анъана меъёр, як навъ танзими иҷтимоист;

- коммуникативӣ (А.П. Светков): анъана як навъ инфрасохтори коммуникатсионии ҷомеа мебошад;

- иттилоотӣ (Левода Ю.А.): анъана ҳамчун механизми ҷамъоварӣ, табдил ва интиқоли иттилоот баррасӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, анъана – ин унсури мероси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, барномаи энергетикиву иттилоотӣ, воситаи ҳифзи фарҳанг мебошад, ки азхуд карда шуда, ба шарофати забони умумӣ, таърихи умумӣ ва ниёгони муштарак аз насл ба насл интиқол меёбад. Он яке аз ниҳодҳои кадимтарини ҷамъияти инсонист. Анъана чун як ниҳоди иҷтимоӣ падидаи динамикист ва дар баробари таърихи тамаддуни башарӣ инкишоф ва тағйир меёбад. Дар баробари ин, анъанаҳо хусусияти поянддагӣ ва усторӣ низ доранд ва дар ҷомеаҳо, синфҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ муддати дароз боқӣ мемонанд.

Дар фарҷоми ин таҳлили мухтасар метавон гуфт, ки ҷашнҳои Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон, ҷашни фархундаи Истиқлол аз ҷумлаи чунин анъанаҳои нек ва арзишманди миллӣ-фарҳангии мардуми тоҷик мебошанд, ки тибқи қонун ҳамчун ҷашнҳои расмии Тоҷикистон эътироф шудаанд ва ҳар сол дар тамоми қаламрави кишвар бо тантана ва шукӯҳу шаҳомат татбиқ мешаванд. Анъанаҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикон, азҷумла ҷашнҳои зикршуда, дар маҷмӯъ заминаи муҳими ташаккули ҳувият ва асолати миллии мардуми тамаддунсозу ориёитабори тоҷик, таҷассумгари фарҳанги таҳаммулмеҳвару башардӯстона, арзишҳо ва умеду ормонҳои ин миллати мутамаддину куҳанбунёдмебошанд.

Ҳар яки ин ҷашнҳо дар ибтидо дар як давраи мушаххаси таърихӣ, ҳамчун як падида ё воқеаи фарҳангӣ-иҷтимоӣ зуҳур карда, сипас ба таври ҳаққонӣ ва одилона, барои нақши мусбаташон дар танзими ин ё он соҳаи ҳаёт ва муносибатҳои иҷтимоӣ, сазовори чунин ном ва мақоми муҳим дар фарҳанги мардумӣ шуда, мавриди пайравии муттасилона қарор гирифтааст. Тавассути онҳо робитаи маънавии байни наслҳои гузашта ва муосиру ояндаи миллат давом меёбад, бақою ҳастӣ ва мавҷудияти муттасилонаи он дар саҳнаи таърих таъмин мегардад. Аз ин рӯ, ҳар як давлати соҳибихтиёри миллӣ, аз ҷумла ҶТ, барои ҳифзу густариши маросиму анъанаҳо ва суннатҳои неку созандаи наслҳои гузашта чораҳо меандешад[17, 4].

**Адабиёт**


1. Арутюнов С.А. Народы и культуры: развитие и взаимодействие. – М., 1889.
2. Бергер П., Лукман Т. Социальное конструирование реальности. – М., 1995. -97 с.
3. Волков Г.Н. Этнопедагогика. Чебоксары: Чувашское кн. изд-во, 1974. -376 с.
4. Гадамер Х.Г. Истина и метод.– М., 1988. -637 с.
5. Двойрин Г. Единая галогрофическая информационная теория Вселенной.– СПб., 1996. -242 с.
6. Демин В. Гиперборея: Исторические корни русского народа. – М., 2000.-624 с.
7. Кукушин В.С., Столяренко Л.Д. Этнопедагогика и этнопсихология. Ростов -н /Д .: Феникс, 2000. -448 с.
8. Левада Ю.А. Социальная природа религии.– М., 1965. -262 с.
9. Малахов В.С. Понятие традиции в философской герменевтике Гадамера Г.Г. //Познавательная традиция: философско-методологический анализ. – М., 1989. -С.124-144.
10. Маркарян Э.С. Проблемы культурных традиций // С.Э., 1981, №2.–С. 21-28.
11. Плахов В.Д. Традиции и общество. Опыт философско-социологического исследования. –М., 1982. -220 с.
12. Праздники, обряды, традиции. – 2-е изд., доп. и перераб./Сост. Б. Марьянова. – М., 1965. -159 с.
13. Российская цивилизация. Этнокультурные и духовные аспекты: Энцик. слов. – М., 2001. - 140 с.
14. Субири Х. О сущности. - М.: «Институт Святого Фомы», 2009. -456 с.

15. Суханов И.В. Обычаи, традиции и преемственность поколений. – М., 1976.- 216 с.
16. Философский энциклопедический словарь. – М., 1983. -840 с.
17. Шарифзода М.Ш. Сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: тадқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ. Душанбе, 2022. -213 с.
18. Шацкий Е. Утопия и традиция. – М.: Прогресс, 1990. -454 с.

## ФИЛОСОФСКО-КУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ИССЛЕДОВАНИЮ ТРАДИЦИЙ

**Шоев З. Дж.**

*Статья посвящена объяснению и описанию подходов и методов исследования проблемы традиции в современной научной литературе. В ней подробно анализируются методы и концептуальные подходы изучения традиций в сформировавшихся философско-культурологических школах и течениях.*

*Каждая традиция возникла вначале в конкретный исторический период, как культурно-социальное явление или событие, а затем за свою положительную роль в регулировании той или иной сферы жизни и общественных отношений, вполне справедливо заслужила такого почетного названия и важного статуса в национальной культуре, стала объектом регулярного всеобщего почтения.*

*В ходе анализа обсуждаемой темы автор отмечает, что национально-культурные традиции таджиков, в том числе официальные праздники Сада, Навруз, Мехргон, мусульманские праздники Фитр Курбан и День Независимости, в целом являются важным основам формирования национального самосознания и самобытности таджикского народа, воплощением толерантной культуры, гуманизма, ценностей и стремлений этого древнего и цивилизованного народа.*

***Ключевые слова:*** *традиция, ценности, опыт, устойчивость, историческая преемственность, культура, цивилизация, культурологическая концепция, культурное наследие.*

## PHILOSOPHICAL AND CULTUROLOGICAL APPROACHES TO THE STUDY OF TRADITIONS

**Shoev Z. J.**

*The article is devoted to the explanation and description of approaches and methods for studying the problem of tradition in modern scientific literature. It analyzes in detail the methods and conceptual approaches to the study of traditions in the established philosophical and cultural schools and trends.*

*Each tradition first arose in a specific historical period as a cultural and social phenomenon or event, and then for its positive role in regulating a particular sphere of life and social relations, quite rightly deserved such an honorary name and important status in national culture, became the object of regular universal respect.*

*In the course of the analysis of the topic under discussion, the author notes that the national and cultural traditions of the Tajiks, including the official holidays of Sada, Navruz, Mehrgon, the Muslim holidays Fitr and Kurban and Independence Day, in general, are important foundations for the formation of national identity of the Tajik people, the embodiment of a tolerant culture, humanism, values and aspirations of this ancient and civilized people.*

***Key words:*** *tradition, values, experience, sustainability, historical continuity, culture, civilization, culturological concept, cultural heritage.*

№1 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ҲАСТИШИНОСИИ ФОРОБӢ

**Амондуллоев Б. С.** – н.и.ф., дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: 93-534-34-60; e- Amoni79@mail.ru.

*Дар мақола муҳимтарин масоили ҳастишиносии матраҳнамудаи яке аз маъруфтарин ҳакимони мактаби машшоияи шарқӣ Абӯнасри Форобӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Ҳастишиносӣ дар таълимоти Форобӣ аз масоили меҳварии ҳам фалсафа ва ҳам илоҳиёти ӯст, ки минбаъд аз сифоти куллии муайяннамудаи ӯ дар ин маврид, ба мисли вуҷуд, моҳият, ваҳдат, касрат, кул, ҷузъ, иллат, маълул ва ғайраҳо ҳакимони мусулмон фаровон истифода намудаанд. Дар таърихи фалсафа ба саволи «чаро мавҷуд ҳаст?» ҷавобҳои мутафовите пайдо мекунем, ки посухи Форобӣ аз файласуфони қаблӣ фарқи назаррас дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Форобӣ, Арасту, фалсафаи машшоъ, мантиқ, фалсафаи юнонӣ, навафлотуния, дин, илм, тафаккур, ақл.*

Ҳастишиносӣ муҳимтарин қисмати фалсафа буда, ҳамқадами фалсафа ва тафаккури фалсафист. Моҳияти ҳастӣ дар чист? Чаро дар таърихи фалсафа ин масъала ҳамеша таваҷҷуҳи ҳакимонро ба худ ҷалб менамояд? Барои чӣ аксари файласуфон ҳастиро сарчашмаи низоми тафаккури фалсафӣ меҳисобанд? Ин ва ба ин монанд саволҳо, ки доираи фаҳму даркашон ниҳоят фароху куллист ва аз ибтидои зухури тафаккури фалсафӣ то имрӯз ба муҳимтарин масъалаи фалсафӣ табдил ёфтаанд, наметавонанд алоқамандони ҳикматро бетараф гузоранд. Ҳастиро дар фалсафа ҳақиқате медонанд, ки моҳияти обективӣ дошта, чун нахустмақулаи фалсафа баромад мекунад. Фалсафа тахти мафҳуми ҳастӣ ҳам ҳастии билқувва ва ҳам ҳастии билфеълро, ки новобаста аз инсон вуҷуд дорад, аммо тавассути шуури инсон шинохта мешавад, ифода мекунад. Яке аз суолҳои калидии фалсафа пурсиши вуҷуд аст. Аз ин рӯ, барои шинохти файласуфе, ногузир бояд масоили мафҳум, моҳият ва шаклҳои ҳастӣ дар таълимоти фалсафии ӯ баррасӣ бишаванд, зеро сайр аз масоили фурӯъ ба усули як фалсафа шарти зарурии ҳамзабонӣ бо соҳиби он аст.

Дар таълимоти фалсафии Форобӣ (872-950), ки аз ҷумлаи маъруфтарин намояндагони фалсафаи машшоияи шарқӣ буда, саҳми бузурге дар ташаккули фалсафа расонидааст, дар масъалаи ҳастишиносӣ баҳсҳои доманадоре ҷой дорад. Форобӣ ҳастиро ба се қисме, ки то ӯ дар миёни аҳли ҳикмат маъруф буд, яъне, воҷиб-ул-вуҷуд биззот, мумкин-ул-вуҷуд биззот ва воҷиб-ул-вуҷуд биғайр тақсим мекунад.Тафовути ин тасниф аз мутакаллимон дар он аст, ки онҳо мавҷудотро ба қадим (чизе, ки ибтидову интиҳо надорад) ва ҳодис (офаридашуда) тақсим мекунанд. Воҷиб-ул-вуҷуд биғайр дар натиҷаи файз аз ҷониби воҷиб-ул-вуҷуд биззот ибдоъ ва мумкин-ул-вуҷуд биззот аз ӯ эҷод мешавад.

Форобӣ зоти воҷиб-ул-вуҷудро ғоят ва ҳадафи куллӣ меҳисобад, «зеро ҳама чиз ба ӯ (воҷиб-ул-вуҷуд –А.Б.) меанҷомад».[7, с. 177] Дар алоқамандӣ ба маърифати ҳастии мутлақ Форобӣ қайд мекунад, ки «ҳикмат иборат аст аз шинохти ҳастии ҳақиқӣ ва ҳастии ҳақиқӣ ҳамон воҷиб-ул-вуҷуд биззот аст. Ва ҳаким касест, ки назди ӯ илми воҷиб-ул-вуҷуд биззот дар ҳадди камол мавҷуд бошад. Ва ҳар чи мосивои (ғайри–А.Б.) воҷиб-ул-вуҷуд биззот аст, дар вуҷуди худ нуқсоне нисбат ба рутбаи мабдаи нахуст бар ҳасби дуриаш аз ӯ дорад ва бар ҳамин асос аз лиҳози идрок низ ноқис аст. Бинобар ин, ҷуз мабдаи нахуст ҳакиме нест, ӯст, ки маърифати комил ба зоти худ дорад».[7, с. 177] Аз ин бархӯрди Форобӣ бо ҳикмат таъсирпазириаш аз Пифагор равшан аст.

Дар таърихи фалсафа ба саволи «чаро мавҷуд ҳаст?» ҷавобҳои мутафовите

пайдо мекунем, ки посухи Форобӣ аз файласуфони қаблӣ фарқи назаррас дорад. Масалан, ҷавоби Афлотуну Арасту ба ин савол аз ҳам фарқ доранд, аммо бо ҳам мутаносибанд. Вале ҷавоби Форобӣ аз ин ду ҳакими машҳури Юнони бостон, ки онҳоро бунёдгузорони фалсафа медонист[11, с. 63-64], фарқи усулӣ дорад, зеро ба назари Муаллими сонӣ, вуҷуд Худост ва ӯст, ки ба чиз моҳият вуҷуд мебахшад. Ҳастияш айни моҳияташ аст ва«илму амалаш як чиз аст».[16, с. 116] Чаро Форобӣ ба ин масъала чунин дидгоҳ дорад? Зеро агар вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд ғайри моҳияташ бошад, ҳастияш ориз бар моҳияташ хоҳад буд. Маълум аст, ки ҳар араз ниёз ба ғайр дорад. Дар сурати ба ғайр ниёзманд будани воҷиб-ул-вуҷуд, ки дар таълимоти Форобӣ муҳол ҳисобида мешавад, низоми ҳастие, ки ӯ матраҳ менамояд, зери суол меравад. Ӯ муътақид аст, ки «мумкин нест, ки вуҷуди ӯ аз вуҷуди дигаре вобаста бошад, балки баръакс ҳастии мавҷудоти дигар аз ӯянд».[12, с. 46]

Ҳастишоносии Форобиро наметавон бе шинохти «назарияи файз» таҳлилу баррасӣ намуд. Аз ин рӯ, ба таърихи ташаккули ин назария ва ҳадафҳои аслии ба вуҷуд омадани он таваҷҷуҳ намудан аз манфиат холӣ нест. Сарчашмаи «назарияи файз»-ро, ки аксари файласуфони саршиноси мусулмон аз он таъсир пазируфтаанд, дар ҳавзаҳои фалсафии шарқии асри X мелодӣ, дар мадрасаи фалсафии Искандария, таълимоти Флутун ва баъдан дар андешаҳои пайравони Ихвон-ус-сафову исмоилиён ҷустуҷӯ бояд намуд.[16, с. 114] Маротиби файз (эманатсия) дар таълимоти мактабҳои мазкур чаҳор аст, ки иборатанд аз Худо, Ақли аввал, Нафси куллӣ ва Нуфуси башариву ҳамаи чизҳое, ки соҳиби сурату ҳаюло ҳастанд.[1, с. 28]

Ба назари Форобӣ, ҳастӣ ба воҷиб-ул-вуҷуд (ҳастии мутлақ) ва имкон-ул-вуҷуд (ҳастии касрат) ҷудо мешавад ва миёни онҳо таносуб ҷой дорад. Мартабаҳои ҳастиро ӯ аз Иллати иллатҳо, иллати дувум, Ақли фаъол, нафс, шакл ва ҳаюло иборат медонад, ки ҳар кадоме вобаста ба маротибашон ба сабаби аввал вобастаанд. Иллати иллатҳо ё Воҷиб-ул-вуҷуд ваҳдати мутлақ аст ва ба хилофи маротиби баъдӣ касрат намепазирад.

Иллати иллатҳо ё Мавҷуди аввал, дар таълимоти Форобӣ, комилтарини мавҷудот аст ва сабабе барои вуҷуди ӯ нест, аз ин рӯ, зарур аст, ки он сабаби вуҷуди дигар мавҷудот бошад. Мавҷуди аввал аз тамоми мавҷудоти дигар комилтар аст. Барои исботи сабаби аввал будани он Форобӣ назарияи файзашро коркард мекунад, ки мувофиқи он камол, ҷуд, илм, ҳикмат ва ҳаёти Мавҷуди аввал аз зоти ӯ содир шуда, аммо дар он камолу нуқсону ҳаракате зиёдат нашудааст. Судури мавҷудот аз ҷониби Худо низ ба тартиби муайянест, ки онро ҳам файз меномад. Мувофиқи ин назария, ҳама мавҷудот аз Мавҷуди Аввал ба тавре, ки дар зер меорем, содир мешаванд.

Мувофиқи ҳастишиносии Форобӣ, аввал, аз Мавҷуди аввал, ки танҳо зоти худро тааққул мекунад, Ақли дуюм содир мешавад. Азбаски Мавҷуди аввал ягона аст, аз ӯ танҳо Ақли дуюм содир мешавад, ки он ҷавҳари бемодда, беҷисм ва бесурат аст. Ақли дуюм ҳам зоти худро ва ҳам Мавҷуди аввалро тааққул мекунад. Ҳарчанд Ақли дуюм бо Мавҷуди аввал мушобеҳ аст, аммо ӯ нест ва тамоми мартабаҳои файз минбаъд аз ӯ содир мешавад. Баъдан, дар натиҷаи тааққули хеш аз ӯ Ақли сеюм содир мешавад, ки бо ӯ самои аввал низ содир мешавад. Баъд аз он ақлҳои ёздаҳгона ба таври зайл содир мешаванд: Ақли чорум ва бо он курраи ситорагони собита, Ақли панҷум ва бо он курраи Зуҳал, Ақли шашум ва бо он курраи Муштарӣ, Ақли ҳафтум ва бо он курраи Миррих, Ақли ҳаштум ва бо он курраи Офтоб, Ақли нӯҳум ва бо он курраи Зуҳра, Ақли даҳум ва бо он курраи Аторуд, Ақли ёздаҳум ва бо он курраи Қамар. Ҳамин тавр, бо судури фалаки Қамар фаязони мавҷудоти комил, мутлақ ва кавну фасоднопазир, ки аз фалсафаи даврони қадим бармеояд, ба охир мерасад. Дараҷаи охирини мавҷудоте, ки ҷисму сурат надоранд, фалаки Қамар аст ва аз он пас унсурҳои чаҳоргона, баъд ҷамодот, баъд набототот, баъд ҳайвоноти беақл ва баъд ҳайвони оқил-инсон ба вуҷуд меоянд.

Форобӣ дар асари «Исбот-ул-мафориқот» (Исботи мавҷудоти муҷаррад)-аш ба масъалаи муайян намудани дараҷаҳои таҷридӣ кӯшиш ба харҷ дода, аввалан, мавҷудоти муҷаррадро ба Воҷиб-ул-вуҷуд, ақлҳои фаъол, нафсҳои осмонӣ ва нафсҳои инсонӣ ҷудо менамояд. Баъдан, сифатҳои муштараки ин ақсомро беҷисм будан, ҳамешагиву фасоднопазир будан, қобилияти худогоҳӣ доштан ва саодате фаротар аз лаззатҳои моддӣ доштан медонад. Мутафаккир дар тавзеҳи Воҷиб-ул-вуҷуд, тавре ки дар муҳимтарин осори фалсафиаш аз ин масъала ба ҳамин равиш кор мегирад, онро мавҷуде, ки ҳеҷ сабабе дар вуҷудаш нест ва ягона меҳисобад. Ақлҳои фаъол ва нафсҳои осмониро аз лиҳози навъ бисёр ва мутааддид медонад. Ба нафсҳои инсонӣ касрати шахсӣ қоил аст, на гуногунии навъӣ, зеро ҳамаи онҳо навъи ягона доранд.[4, с. 133]

Мафҳуми муҷаррадотро Форобӣ бе ҷисм, намиранда, фанонопазир, боқӣ, ба василаи олоти ҳис ғайримудрак ва худогоҳ медонад. Худогоҳии онҳо айни вуҷуди онҳост, ки аз дигар анвои мавҷуд фарқ доранд. Ӯ муътақид аст, ки дар муҷаррадот, агар қувваҳои фанопазирӣ ва мирандагӣ мебуд, лозим буд, ки «ҳам қувваи вуҷуду адам ва ҳам феълияти он ду дар онҳо ҷамъ шавад ва ҳамзамон, мавҷуду маъдум бошанд. Пас, возеҳ шуд, ки умури басит ва муҷаррад чун феълият ёбанд, дигар дар онҳо қувва ва имкон (имкони истеъдодӣ) боқӣ намемонад».[4, с. 133].

Дар масъалаи модда ва олам Форобӣ, асосан, ба таълимоти навафлотуния ва ақоиди исломӣ такя мекунад. Вақте ӯ тамоми мавҷудоти имкон-ул-вуҷудро аз зоти ҳамешагии қодиру тавонову ягона, яъне Худо содиршуда меҳисобад, аз ин рӯ, шаке нест, ки ба ҳудуси олам бовар дорад. Ӯ зоти мабдаи аввалро қадим ва муқаддам аз ҳамаи чизҳо меҳисобад. Вақте ҳаюло ё моддаи аввал, ба назари Форобӣ, натиҷаи охирин зинаи файз бошад, шубҳае боқӣ намемонад, ки ӯ моддаро низ ҳодис меҳисобад. Масалан, дар мабҳаси қадим ё ҳодис будани олам дар китоби «ал-Ҷамъ байна раъй-ил-ҳакимайн» Форобӣ бо такя ба навиштаҳои Арасту муътақид аст, ки «Худои азимушшаън ҳаюлоро аз ҳеҷ чизе офарида, он аз ҷониби Худои пок ва бо иродаи ӯ шакл гирифтааст».[3, с. 101]

Форобӣ назарияи қадим будани олами арастуиро ҷонибдорӣ намояд ҳам, вале барои он ки ин мазмунро бо ақидаи исломӣ мувофиқ намояд, миёни қадим будани олам, чунонки Арасту мепиндошт ва андешаи халқ, чунончи ақоиди исломӣ талаб дорад, як навъ ҳамоҳангӣ мехоҳад нишон диҳад. Аз ин рӯ, ақлро ибдои худо меҳисобад, ки хориҷ аз замон аст. Аз равиши баёни Форобӣ бармеояд, ки ӯ роҳи ҳалли дурусти масъалаи моддаро пайдо карда натавонистааст. Зеро дар масъалаи ба вуҷуд омадани модда ӯ ба ақли ибдоии хориҷ аз замон такя мекунад, аммо далели қонеъкунандае пайдо карда наметавонад, ки чи тавр модда аз ақли муҷаррад аз модда содир шудааст. Аз ин метавон натиҷагирӣ намуд, ки силсилаи ақлҳои нишондодаи Форобӣ роҳи ҳалли пайдоиши олам буда наметавонанд.[12, с. 47]

Форобӣ дар осори гуногунаш ба масоили ҳастишиносӣ таваҷҷуҳ намудааст. Яке аз маъруфтарин осори ӯ, ки ба забонҳои гуногун тарҷума шуда, масоили мухталифи фалсафӣ, махсусан ҳастишиносӣ ба таври васеъ баррасӣ гардида, «Эҳсо-ул-улум» мебошад. Дар ин асар масъалаи ҳастишиносӣ дар қисмати илоҳиёт матраҳ мегардад. Ӯ ин қисматро ба се бахш ҷудо мекунад. Аввал, аз мавҷудот аз он ҷиҳат, ки мавҷуд ҳастанд, баҳс мекунад. Яъне, мавзӯи ҳастишиносиро, бар хилофи баъзе ҳакимони даврони атиқа, ба мисли ҳакимони мактаби табииён, ки бо маҳсусот муродиф медонистанд, мутлақи вуҷуд ҳисобидааст. Дувум, аз мабодӣ (замина, сарчашма) ва бурҳон дар улуми назарии ҷузъӣ баҳс мешавад. Сеюм, аз мавҷудоте баҳс мекунад, ки ҷисм надоранд.Дар ин бахш баҳс ба мавҷуде мерасад, ки чизе аз ӯ муқаддам нест, мумкин нест, ки чизе аз вай қадимтар бошад ва имкон надорад, ки ӯ вуҷуди худро аз чизи дигар гирифта бошад. Ба ибораи Форобӣ: «Ин мавҷуд ҳамон мавҷуди азалии қадими воҳиди мутлақ аст».[8, с. 103] Ҳастии ин мавҷуд аз дигар ҳастиҳо тафовути

ҷавҳарӣ надошта бошад ҳам, фарқ дошта, «аз илали моддӣ, суварӣ, ғойӣ ва фоилӣ мубарро»[9]аст, яъне, шайъ нест, зеро шайъ наметавонад иллати вуҷудӣ бошад. Он ҳастии мутлақ, хайри мутлақ, ҷамоли мутлақ, камоли мутлақ, ҳақиқати мутлақ ва бемислу монанд буда, бо нестӣ иртиботе надорад. Аз ин таснифи Форобӣ бармеояд, ки ӯ ҳарчанд аз ҳастии ягона пайгирӣ мекунад, вуҷуди Воҷиб-ул-вуҷудро қисме аз ҳастӣ медонад, на мутлақи ҳастӣ, ки баъзе аз аҳли ирфон гумон мекунанд.

Дар масъалаи вуҷуд Форобӣ ба натиҷае расидааст, ки дар асоси назарияи иллат (сабаб) зотан бар маълули худ муқаддам аст, ҳеҷ чиз наметавонад иллати худаш бошад. Инчунин, шайъ (чиз) наметавонад иллати вуҷуде бошад, ки бар моҳияти он ориз шуда бошад, зеро вуҷуди иллат сабаби вуҷуди маълул аст. Ӯ муътақид аст, ки ҳама ашёҳо, ки нахуст вуҷуд надоштаанд, баъдан ба вуҷуд омадаанд ва пеш аз зуҳур мумкин-ул-вуҷуд будаанд. Зеро, агар мумтаниъ-ул-вуҷуд мебуданд, мавҷуд шуда наметавонистанд. Аммо агар чизе воҷиб-ул-вуҷуд буд, наметавонист вуҷуд надошта бошад. Ҳар чизе, ки мумкин-ул-вуҷуд бошад, пас он барои ба вуҷуд омадан ба сабабе зарурат дорад ва вуҷуди он аз ғайраш аст. Агар он ғайр ҳам мумкин-ул-вуҷуд бошад, пас он низ мисли мумкин-ул-вуҷуди пешина то ба воҷиб-ул-вуҷуд расидан идома меёбад. Ба ибораи Форобӣ, «мумкинот бояд ба вуҷуди воҷиб-ул-вуҷуд мустанад бошанд».[9]

Форобӣ илмҳоро ба куллӣ ва ҷузъӣ ҷудо намуда, фалсафаро илми куллӣ меҳисобад, ки «дар бораи амре баҳс мекунад, ки бар ҳамаи мавҷудот содиқ аст ва умумият дорад, монанди вуҷуд, ваҳдат ва анвоу лавоҳиқи он».[5, с. 59] Аз ин тарзи бархӯрди Форобӣ бо фалсафа бармеояд, ки ӯ ҳастиро, ҳарчанд равшан баён намекунад, ба мақулоти фалсафӣ ворид месозад, ки дар таълимоти Арасту мушҳида намешавад. Зеро Арасту шумори мафҳумҳои куллии фалсафаро, ки мақулаҳо номид, аз даҳто иборат дониста, якеро ҷавҳар (субстансия)ва нуҳтои дигарро араз (аксиденсия) медонист ва ҳастиро ба мақулот ворид накарда буд. Мавзӯи улуми ҷузъиро баъзе аз мавҷудот (ҳастиҳои воқеӣ) ё мавҳумот (ҳастиҳои эътиборӣ) медонад. Масалан, илми тиб ва ҳисоб улуми ҷузъиянд, зеро аввал ба ҷисми инсон ва бемориҳои ӯ вобаста бошад, дувумӣ, ба ададҳо вобаста аст. Илме, ки мавзӯи муайян дошта бошад ва он мавзӯи илми дигареро фаро нагирад, илми куллӣ нахоҳад буд. Улуми ҷузъӣ чизеро, ки ҳамаи мавҷудотро фаро гирад, мавзӯи баҳс қарор намедиҳанд ва он хоси фалсафа аст.

Дар масъалаи ҳастишиносӣ Форобӣ мисли дигар файласуфони идеалисти қаблӣ муътақид аст, ки ҳастӣ аз тафаккур бармеояд. Яъне, баҳс аслан атрофи ҳастии зеҳнӣ меравад. Он ҳастии воҳиди ҳамафарогир буда, фаротар аз олами моддӣ аст. Дар ин масъала, ба назари мо, ӯ бештар ба ақоиди дар «Ҷумҳур» ироашудаи Афлотун такя мекунад. Ба қавли Афлотун, «агар мо битавонем воҳидро ба василаи ҳисси босира мушоҳида ва ё ба василаи ҳар як аз ҳавоси дигар дарк кунем, дар он сурат воҳид монанди мисоле, ки аз ангушт овардем, наметавонад моро ба мушоҳидаи ҳақиқати вуҷуд ҳидоят кунад».[13, с. 89] Афлотун ба ин бовар буд, ки воҳид василаи нафси инсонро ба олами боло рабтдиҳанда буда, инсонро ҷӯёи вуҷуди ҳақиқӣ мекунад. [13, с. 89]

Форобӣ ҳастии моддиро дар қисмати табииёти «Эҳсо-ул-улум» таҳлилу баррасӣ намуда, ба ин назар аст, ки «илми табиӣ дар бораи аҷсоми табиӣ ва дар мавриди аразҳое, ки қавоми онҳо ба ин аҷсом аст, ба мутолиа мепардозад».[8, с. 93] Мутафаккир ҷисмҳоро ба ду қисм: маснӯӣ ва табиӣ ҷудо мекунад. Ҷисмҳои маснӯӣ тавассути инсон сохта шудааст. Ба истилоҳи имрӯза, ҳамон фарҳанги моддӣ. Вуҷуди ҷисмҳои табиӣ ба фаъолият ва хостаи инсон вобаста набуда, табиатан, ба мисли Замину Офтоб, мавҷуданд.

Ҳамзамон, Форобӣ ҷисмро мураккаб аз моддаву сурат ҳисобида, суратро низ ба маснӯӣ ва табиӣ ҷудо мекунад. Сурати табиӣ тавассути таъсири қуввае дар ҷисме нақш меёбад. Ба қавли мутафаккир, «сурати маснӯӣ, масалан, дар мис ё чӯб, ё санг мунаққаш мешавад ва мумкин нест, ки қабл аз он ки ин сурат

тавассути санъатгар дар бархе аносир нақш шавад, ба наҳви мустақил вуҷуд дошта бошад ва ин санъатгар аст, ки мисро ба сурати муҷассамаи инсоне дармеоварад ва ё чӯбро ба сурати тахт дармеоварад ва наметавонад, ки сурате аз суратҳоро ба наҳви мустақил ва бидуни модда ба вуҷуд оварад».[6, с. 144] Чи тавре дар осори дигари Форобӣ ҳамин равиш мушоҳида мешавад, ӯ таъкид мекунад, ки сурат бе модда ба вуҷуд омада наметавонад. Ин назари ӯ, бо андешаи аз ҳеҷ офарандагии воҷиб-ул-вуҷуд, ки мутакаллимон мепиндоранд, мувофиқат надорад. Яъне, Форобӣ ҳарчанд ба ҳудуси мавҷудот, ба истиснои воҷиб-ул-вуҷуд иқрор дорад, аммо моддаро низ аз лиҳози эътиборӣ қадим меҳисобад.

Дар ин масъала ҳамин нукта қобили таваҷҷуҳ аст, ки ба назари Форобӣ, олам аз ҷониби зоти ягонаи қодиру мухтор, ки сабаби кулл мебошад, ба вуҷуд омадааст. Яъне, Форобӣ ишора ба он мекунад, ки олам аз лиҳози замонӣ қадим ва аз ҷиҳати зот ҳодис аст. Худо воҷиб-ул-вуҷуд би-з-зот ва олам мумкин-ул-вуҷуд би-з-зот аст. Ҳаюло қадим аст, аммо аз лиҳози замонӣ аз воҷиб-ул-вуҷуд дар мартабаи баъдӣ қарор дорад. Тамоми қувваҳои ҷисмонӣ ҳадду андозаи муайн доранд, зеро худи ҷисм мунҳасир ба андоза аст. Аммо ҳаракат ба таври мутлақ ҳадду андозаи муайн надорад, аз ин рӯ, наметавонад ҷисмонӣ бошад. Ин тарзи ибрози андешаи мутафаккир хусусияти методологӣ дошта, аксари машшоиёни шарқӣ дар масоили ҳастишиносӣ маҳз бо ҳамин равиш кор гирифтаанд.

Ҳарчанд Форобӣ шеваи файласуфонро дар дарёфти ҳақиқат муштарак медонад ва эҳтимоми зиёде ба ҳакимони юнонӣ дорад, вале дар масъалаи ҷавҳари фард ё ҷузъи тақсимнопазир бо назари Демокрит мухолифат меварзад. Демокрит ҳастиро аз атомҳо ва хало, ки дар таълимоти ӯ азалианд, иборат медонист. Атом, ба назари ӯ, қадим, тағйирнаёбанда ва тақсимнопазир, миқдоран беҳудуд, бехолигӣ ва аз як ҷинс аст. Дар натиҷаи ҷобаҷошавии ин зарроти ба чашм ноаён ҷисмҳо ва ҳаракат ба вуҷуд меоянд. Ин зарраҳо дорои андозаи муайяни риёзианд. Аммо, ба назари Форобӣ, ин зарраҳо ҳарчанд абадианд, вале дорои андозаҳои риёзӣ нестанд. Ин назари Форобӣ бо андешаи мутакаллимон қисман мувофиқат дорад. Зеро аз назари мутакаллимон низ ҳар мавҷуде, ки дар мавзӯъ набошад, ҷавҳар буда, қисмҳои он ба «ақл ва мафориқ», ки қоим ба зоти хеш аст, «сурат», ки ҳулулкунанда аст, «ҳаюло», ки маҳалли сурат аст ва «ҷисм», ки мураккаб аз ҳаюлову сурат аст[10, с. 85], тақсим мешавад. Аммо мутакаллимон дар шинохти ҷисм назарияи ҷисм аз ҷавҳари фард таркиб шудаастро, ки мувофиқи он «ҷисм аз аҷзое таркиб ёфта, ки он аҷзо ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қисмат нестанд»,[10, с. 86] намепазиранд.

Дар масъалаи сурату модда Форобӣ назари арастуӣ дорад. Ӯ муътиқид аст, ки сурат бидуни модда мавҷуд буда наметавонад. Дар навбати худ вуҷуди модда ба сурат бастагӣ дорад, яъне, сурат набошад, модда ҳам мавҷуд буда наметавонад. Бо вуҷуди ин, чунин мутасаввир мешавад, ки вуҷуди модда қабл аз сурат асту баъдан, бо сурат пӯшида шудааст. Ӯ дар «Таълиқот»-аш ин масъаларо ба тариқи зайл баррасӣ мекунад: «Сурат иллати суварии модда нест, балки сурати модда аст, аммо (ҳамин сурат) иллати суварии амри мураккаб (ҷисм) аст ва албатта, иллати томмаи он нест».[7, с. 174]

Форобӣ дар масъалаи ба вуҷуд омадани ҷисмҳои маснӯӣ бо Арасту ҳамфикр аст. Зеро Арасту пайдоиши ҳар чизро ба чаҳор сабаб рабт медод: а) модда, ки вуҷуди билқувва аст, б) сурат, ки вуҷуди билфеъл аст, в) сабаби муҳаррика, г) сабаби ғойӣ.[14, с. 44-45] Масалан, ба назари Форобӣ, шамшер барои ҷанг бо душман сохта мешавад, ки сабаби ғойӣ аст. Сабаби муҳаррикаи ин шамшер шамшерсоз мебошад. Моддаи шамшер оҳан аст ва ин оҳан метавонад шамшер ё чизи дигар шавад, пас билқувва шамшер аст. Ин ҷо тафовути равиши Форобӣ аз Арасту танҳо дар ҷойгоҳи ин сабабҳост. Агар Арасту аввал моддаву баъд суратро баррасӣ намуда бошад, Форобӣ аввал сабаби ғойиву сабаби муҳаррика ва сурату моддаро нишон медиҳад, зеро Арасту ба мақулоти муа-

йяннамудааш бо диди вуҷудӣ муносибат намояд, Форобӣ назари моҳиятӣ дорад.

Дар таърихи фалсафаи асримиёнагӣ Форобӣ дар баҳси ҳастишиносӣ истилоҳоти наве ворид намудааст, ки дар ташаккули забони фалсафа хеле муассир аст ва ҳакимони минбаъдаи шарқӣ аз онҳо фаровон истифода намудаанд. Аз Форобӣ таъсирпазирии ҳакимони зиёдеро Фролова Е.А. дар асари «Таърихи фалсафаи арабӣ-исломӣ»-аш таъкид мекунад. [15, с. 80] Форобӣ мафҳуми «моҳият»-ро чун истилоҳи фалсафӣ ба гардиши илмӣ ворид намуда, миёни «моҳият» ва «вуҷуд» тафовут қоил шудааст ва дар таърихи фалсафа ба сифати навоваре шинохта мешавад, ки ин истилоҳро ба гардиши илмӣ ворид намудааст. Ӯ вуҷудро (қивоми) асоси моҳият намеҳисобад, балки маҳмул ва ориз бар он медонад. Масалан, барои исботи воҷиб-ул-вуҷуд ва муҷаррад будани он аз моддаву сурат Форобӣ чунин далел меорад, ки агар воҷиб-ул-вуҷуд ҷисм мебуд, моҳият медошт ва агар моҳият медошт, се муҳол аз он лозим меомад: 1). Маъдум мулозим бо вуҷуд буд, яъне маъдум сабаби вуҷуди зоти худ мешуд. 2). Мавҷуде, ки иллат надорад, аз лавозими он моҳият набошад, маълули он ва содир аз он мебуд. 3). Вуҷуби вуҷуд мутааллиқ ба он моҳият ва қоим ба он буда, яъне вуҷуди вуҷуб ношӣ аз он моҳият мебуд.[4, с. 135]

Муҳимтарин масоили ҳастишиносии Форобӣ дар қисмати илоҳиёти ӯ матраҳ мегардад. Яке аз хусусиёти барҷастаи масоили метафизикии Форобӣ мавзӯи онро муайян намудан маҳсуб мешавад. Зеро то Форобӣ дар фалсафаи ҷаҳони ислом мавзӯи аслии илоҳиёт Худо дониста мешуд ва «Форобӣ нахустин шуда дар фалсафаи исломӣ ҳастии мутлақ ва ё «ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ»-ро чун мавзӯи асосии мутафизика асоснок намуда, ба Худо як маънии фалсафӣ дод ва онҳоро дар назарияи маърифати худ алоқаманд сохтааст».[17, с. 37] Маҳз тахти таъсири ин равиши кории ӯ Ибни Сино ба натиҷае расид, ки «Илме, ки «мо баъдут-табиат»-ро омӯзад, мавзӯи он мавҷуди мутлақ аст».[2, с. 107] Ин баҳсро Форобӣ дар асари «Мақосиди метафизикии Арасту» чунин матраҳ мекунад: «Сазовор аст, ки илми илоҳӣ дохили ин илми куллӣ (фалсафа –А.Б.) ва бахше аз он бошад, зеро Худованд мабдаи мавҷуди мутлақ [бидуни қайди моддӣ ё муҷаррад будан] аст, на ин ки мабдаи мавҷуди хосе бошад ва мабдаи мавҷуди дигаре на».[5, с. 59] Яъне, Форобӣ мушаххас менамояд, ки илмҳое, ки масоили ҷузъиро баррасӣ мекунанд, мавзӯи омӯзишашон ҳамон ҷузъиёт аст. Аммо мавзӯи илми куллӣ наметавонад ҷузъӣ бошад. Дар ҳастишиносӣ низ, ки бахше аз илми куллист, кӯшиш мешавад куллиёти вуҷуд баён гардад.

Ҳамин тавр, таҳлили мухтасари ҳастишиносии Форобӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар таърихи фалсафаи асримиёнагии мусулмон аз навоварону назарияпардозон ва муассисони фалсафа буда, масъалаҳои матраҳнамудаи ӯ мавзӯи таҳқиқоти файласуфони зиёде қарор гирифтааст. Форобӣ масоили ҳастишиносиашро ба ду бахш ҷудо мекунад. Дар бахши аввал, мабоҳиси куллии ҳастӣ, ба мисли вуҷуду моҳият, ҳастии билқувва ва билфеъл, ҷавҳару араз, иллату маълул ва амсоли инҳо таҳлилу баррасӣ мегарданд. Дар бахши дуюм, масоили марбут ба Воҷиб-ул-вуҷуд, сифот ва афъоли вай, дар робита бо далелҳои исботи ҳастии ӯ матраҳ мегардад. Форобӣ дар масъалаи қадим будани модда аз Арасту пайравӣ намояд ҳам, вале ба хотири татбиқи он бо ақидаи исломӣ, миёни андешаи қадим будани олам ва ҳудуси он, дар ҳамоҳангӣ бо ақоиди исломӣ, як навъ ҳамоҳангӣ нишон медиҳад.

### Адабиёт


1.Абдурраҳмон ал-Бадавӣ. Афлутин инда-л-араб (Афлотин дар шинохти араб. –Қоҳира, 1955. –238 с.

2.Абӯалӣ ибни Сино. Китоб ан-Наҷот//Абӯалӣ ибни Сино. Осор. –Ҷ. 3. –Душанбе, 2007. –528 с.

3.Абӯнаср ал-Форобӣ. Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн (Ҳамоҳангии афкори ду файласуф "Афлотун ва Арасту") // Тақдим ва тасҳеҳи Албир Насрӣ Нодир. –Бейрут, 1996. –114 с.

4.Абӯнаср ал-Форобӣ. Исбот-ул-мафориқот» (Исботи мавҷудоти муҷаррад)// Расоили фалсафии Форобӣ. Му-

тарҷим Саъид Раҳимиён.–Теҳрон, 1387. –253 с.
5.Абӯнаср ал-Форобӣ. Мақосиди метафизикии Арасту//. Расоили фалсафии Форобӣ. Мутарҷим Саъид Раҳимиён.–Теҳрон, 1387. –253 с.
6.Абӯнаср ал-Форобӣ. Дар дониши илоҳиёт// Расоили фалсафии Форобӣ. Мутарҷим Саъид Раҳимиён.–Теҳрон, 1387. –253 с.
7.Абӯнаср ал-Форобӣ. Таълиқот»// Расоили фалсафии Форобӣ. Мутарҷим Саъид Раҳимиён.–Теҳрон, 1387. –253 с.
8.Абӯнаср ал-Форобӣ. Эҳсо-ул-улум. Мутарҷим: Ҳусайн Хидев Ҷам. –Теҳрон, 1381.
9.Абӯнаср ал-Форобӣ. Шарҳи рисолаи Зуннуни Кабири юнонӣ. Мутарҷим (аз матни англисӣ) Абулфазл Ҳақири Қазвинӣ [нусхаи электронӣ]. –Теҳрон, бе соли нашр. URL: http: //www.tarikhema.ir (санаи муроҷиат 14.11.2021)
10.Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ. Мақосид-ул-филосифа. –Душанбе, 2018. –208 с.
11.Амондуллоев Б.С. Сарчашмаҳои таърихии ташаккули афкори фалсафии Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–Душанбе, 2022. –№.2 – С.59-69.
12.Амондуллоев Б.С. Форобӣ ҳамчун поягузори машшоияи шарқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. –№4. –С. 41-52.
13.Афлотун. Ҷумҳур // Садои Шарқ. № 7. –Душанбе, 2011. –С.83-117.
14.Осифа Осифӣ. Мабонии фалсафа, ошноӣ бо фалсафаи ҷаҳон: аз замонҳои қадим то имрӯз. –Теҳрон, 1370. –654 с.
15.Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние и современность. –М. 2006. –199 с.
16.Ҳассом ал-Олусӣ. Диросот фи-л-фикри-л-фалсафиййи-л-исломиййи (Таҳқиқот дар орои фалсафаи исломӣ)// ал-Олусӣ Ҳассом. –Бейрут, 1480 ҳ.(1980 м.). –317 с.
17.Шаҳобиддинов Н. Метафизикаи Ибн Сины. –Душанбе, 2020. –252 с.

## ОНТОЛОГИЯ АЛЬ-ФАРАБИ

**Амондуллоев Б.С.**

*В статье анализируются важнейшие вопросы онтологии, поднятые одним из самых известных мудрецов восточной школы перипатетизма Абу Насром аль-Фараби. Онтология в учении аль-Фараби является одним из центральных вопросов как философии, так и теологии, и мусульманские мудрецы широко использовали определенные им в этом отношении общие концепции, такие как существование, сущность, единство, общее, порок, порочность и др. В истории философии вопрос «почему существует бытие?» мы находим разные ответы, и ответ аль-Фараби существенно отличается от предыдущих философов.*

***Ключевые слова:*** *аль-Фараби, Аристотель, философия перипатетизма, логика, греческая философия, неоплатония, религия, наука, мышление, разум.*

## ONTOLOGY AL-FARABI

**Amondulloev B.S.**

*The article analyzes the most important questions of ontology raised by one of the most famous sages of the Eastern school of peripatetism, Abu Nasr al-Farabi. Ontology in the teachings of al-Farabi is one of the central issues of both philosophy and theology, and Muslim sages widely used the general concepts defined by him in this regard, such as existence, essence, unity, common, vice, depravity, etc. In the history of philosophy the question "why does existence exist?" we find different answers, and al-Farabi's answer differs significantly from previous philosophers.*

***Key words:*** *al-Farabi, Aristotle, philosophy of peripatetism, logic, Greek philosophy, neoplatonism, religion, science, thinking, reason.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# НИЗОМИ ОФАРИНИШ АЗ НАЗАРИ НАМОЯНДАГОНИ ФАЛСАФАИ ҲИНДИ ҚАДИМ

**Муродова Т.** – номзади илмҳои фалсафа, ходими пешбари илмии Шуъбаи таърихи фалсафаи ИФСҲ АМИТ
**Муҳаммадиева С.** – магистри Шуъбаи таърихи фалсафаи ИФСҲ АМИТ

*Дар мақолаи мазкур системаи офариниши оламу одам дар мактабҳои Ҳинди қадим дар асоси устураю ривоятҳои бостонӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Мувофиқи баррасии муаллифони мақола дар фарҳанги Ҳинд устураю дин ва фалсафа дарҳам омехтаанд ва қобили ҷудо кардан нестанд. Ҳамчунин дар мақола матраҳ шудааст, ки рӯи низоми офариниши оламу инсон байни асотири Ҳинду ва тоҷику форси бостон, аз як тараф, ба ҳам наздикӣ ва шабеҳияти ҳалли масоил бошад, аз тарафи дигар, дар асотири Ҳинд баробарии неруи худоён ва аҳриманон ва набарди доимии онҳо, барои тасаллут бар се ҷаҳон аст. Аммо дар асотири тоҷику форс набарди Аҳуромаздо бо Аҳриман на барои тасаллут бар ҷаҳон, балки барои рушноии зиндагӣ, барои ростиву покӣ ва наҷоти дунё бо тамоми мавҷудоташ аз зулмот қаламдод шудааст.*

***Калидвожа:*** *олам, асотир, ростӣ, покӣ, нур, зулмот, буддоия, ҷайния, браҳмания, йога, монавия.*

Мардуми Ҳинд аз қадим ҳамчун мардуми бо фарҳангу табиатдӯст ва зиндадилу ҳаётдӯст шинохта шудаанд. Аз ин ҷо, сарзамини Ҳинд таърихи қадима ва бое дорад, ки дорои фарҳангу тамаддуни пешқадами башарият боқӣ мондааст. Дар асри сеюми пеш аз мелод дар сарҳади Ҳинд тамаддуни Махенаджо – Даро ва Хараппи пешрафт намуда буд. Ҳамчунин дар асрҳои У1-У пеш аз мелод дар Ҳинд мактабҳои фалсафӣ, ба монанди буддоия, ҷайния, браҳмания, чорвакҳо, вайшешика, санкҳя, йога ва ғ. вуҷуд дошт, ки аксари онҳо мактабҳои фалсафӣ буданд.

Барои ҷаҳонбинии мардуми Ҳиндро нисбат ба офариниши инсону кайҳон баррасӣ намудан, дар ибтидо сарчашмаҳои таҳқиқотии муаррихон ва устрашиносонро дар бораи офариниши инсону кайҳон арзишгузорӣ бояд кард. Мақолаҳои «Ҷойгоҳ, вижагӣ ва коркарди куҳистон дар торихи асотири Ҳинд»,[6] «Эзадони ҳиндуизм»,[8] Артур Кристенсен «Инсон ва нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр дар торихи афсонаии Эрон»[4] ҳамчунин китобҳои «Проблема человека в истории философии» (Древняя Индия, древный Китай, древняя Греция, средневековая Европа),[4] «Древнеиндийская философия» // Начальный период. М.: Соцэгиз, 1963 ва ғайра дастуре ҳастанд, ки барои таҳқиқи масъалаи зикршуда лозим ва зарурӣ ҳисобида мешаванд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии ҷаҳонбинии асотирии Ҳинди қадим ба назар мерасад, ки дар фарҳанги Ҳинд то ба давраи Упанишодҳо бештар устураю дину фалсафа дарҳам омехта буданд. Дар фарҳанги Ҳинди бостон инсон бо унвони роҳиб, шоҳ ва ё зоҳид, соҳиби неруи илоҳӣ эътироф мешавад. Худоён дар навбати худ мисли дигар инсонҳо мушкилоти заминӣ, наҷоти пайравони дардманд ва ҳамчунин саргарми бозиҳои кайҳонӣ буданд. Онҳо масири биҳишт то заминро ба монанди масири замин то биҳишт мепаймоянд. Аз ин ҷо, худоён дар Ҳинд нисбат ба инсонҳо бартарии зиёде надоранд, фақат онҳо қудратмандтаранд ва неруҳои истисноӣ ба онҳо имконият медиҳанд, ки онҳо қувваҳо дар аъмоли шароратомез ифрот намоянд. Неруи ба сурати худогуна муҷиби табоҳӣ мешавад. Аз ин ҷиҳат мақоми инсон дар таълимотҳои Ҳинди қадим ба мартабаи худоён баробар аст.

Дар мақолаи «Эзадони ҳиндуизм» зиёда аз 25 номгуи худоёнро оварда шудааст, ки шахсиятҳои муқаддаси ҳиндуҳоянд. Аз ҷумла: Вишну (худои мазҳари бақо ва зиндагии рӯи замин), Шиво (худои фано ва нобудкунанда ва ваҳшатовар, аммо номи ӯ дар санскрит ба маънои меҳрубон низ омадааст), Сарасватӣ (олиҳаи илму дониш ва ҳамсари Браҳма), Лакшмӣ (олиҳаи сарвату хушбахтӣ ва ҳамсари Вишна ва хоҳари Сарасватӣ), Шактӣ (олиҳаи қаҳру нобудӣ ва ҳамсари Шиво), Ганеш (худои илму доноӣ ва писари Шиво), Рам Чандар (Рами Моҳмонанд, ки яке аз мазоҳири Вишнои рӯи замин аст), Калӣ (Калико – олиҳаи марг), Кришна (ҳаштумин мазҳари Вишна), Индра (худои бостонии қавмҳои ориёӣ, ки худои раъду барқ аст), Агнӣ (худои оташ), Гаруда (Раиси паррандагон, ки ниме аз баданаш инсон ва ними дигар парранда аст ва маркаби Вишна аст), Хуршед (Сурйа - эзад), Хуршед ва Меҳр, Браҳма (донандаи асили матнҳои динӣ ва расму оинҳо), Митра, Варуна, чанд худоӣ, анвои худоён, худоёни Ведоӣ ва ғ.

Яке аз тарафҳои ҷолиби асотири Ҳинд дар он аст, ки баробарии неруи худоён ва аҳриманон ва набарди доимии онҳо барои тасаллут бар се ҷаҳон аст. Аммо дар асотири тоҷику форс набарди Аҳуромаздо бо Аҳриман на барои тасаллут бар ҷаҳон, балки барои равшании зиндагӣ, барои ростиву покӣ ва наҷоти дунё аз торикиҳо буд. Тамоми заҳматҳои Зардушт барои барқарор намудани ростиву покӣ ва нуру рушноӣ дар муқобили дуруғгӯиву бадтинативу бадкирдорӣ ва торикиву зулмоти Аҳриманӣ нигаронида шуда буд. Далели ин осори таърихӣ - Готҳою Ясно ва Яштҳои боқимондаи «Авесто», «Динкард», «Бундаҳишн», «Ҷовидонхирад» ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ шуда метавонанд.

Ақоиди Ведоӣ мубтанӣ бар ин нуктаҳост, ки ҳамаи падидаҳои табиат метавонанд мавриди ситоиш ва ниёиши мардумон бошанд. Дар бораи оини ведоӣ чунин ривоят аст, ки «Худои оташ (Агнӣ), ки бо ба ҷо овардани оин ва ниёиш сурат мегирад, ӯ ҳам заминӣ ва ҳам эзадӣ – фарзанди осмону замин аст ва мегӯянд, ки ӯро аз осмон ба замин овардаанд, вақте ки одамон нисорҳоро бар ӯ меафшонанд ва дуо мехонанд, бар ин боваранд, ки оташ воситаест миёни инсону Худо.[7] Аз ин ҷо, эътиқодманди онанд, ки ду ҷаҳон ба ҳам пайвананд Агнӣ қурбониро дарёфт мекунад ва унвони рӯҳонӣ дини онро ба худоён тақдим мефармояд. Ҳамчунон ки оташ ҳама разолатҳоро пок мекунад, Агнӣ ҳама гуноҳону хатоҳоро тасфия менамояд.

Аммо оини Браҳманиён дар масоили офариниш бар таҷассуми арвоҳи мурдагон эътиқод доранд. Ин одамон бештар ба арвоҳи мурдагони худ муътақиданд ва онро муқаддас мешуморанд.[5] Дар дини Браҳманиён боварӣ доранд бар таносух ва ба ин маъно, ки инсоне, ки мемирад дар шакли дигаре дубора зоҳир мегардад. Дар масоили хурок ҳам браҳманиён низ ниҳоят парҳезианд. Орифоне низ ҳастанд, ки ба ҳадафҳои олии худ расидаанд ва ҳам омиёне ҳастанд, ки ҳануз дар ин роҳ қадам нагузоштаанд. Браҳмания худ дар оину дини хеш устувору мустаҳкам аст, вале ба дигарон озодӣ дода буд, ки ба ҳар кору машғулияте хоҳиш доранд шуғл варзанд, лекин аъмоли онҳо дар доираи ахлоқу қонуни ҳувияту насабият бояд қарор гирад. Дар ин оин масъалаи майли ғизоӣ ва риояти он як амри муҳим буд. Гушти ҳайвонотро намехӯрданд, вале ҳар чи донагӣ ва мевагиро бо камоли майл истеъмол мекарданд. Ҳамчунин масрафи пиёзу сир, турбу қорч барои браҳманҳо мамнуъ буд.[7] Аммо барои онҳо рафтори нарму латиф, хӯи хуб, оромишу қаноатмандии мардуми сарзаминашон афзалтар аз ҳар гуна ғизо аст.

Фалсафаи браҳмания бештар рӯи ахлоқ ва рӯҳу равони инсон баҳс намуда, муҳимтарин далели парвариши орифон дар Ҳинд аст, ки то замони ҳозир онҳо аз ин эътиқодоти худ даст накашиданд ва аз он пайравӣ мекунанд. Аз ин ҷо, эътиқод ба таносухи рӯҳ ба ин далел аст, ки на ҳама дар тули умри кутоҳи хеш метавонанд ба растагорӣ ва фаҳмиши илоҳӣ бирасанд. Ба ин далел ҳар нафаре силсилае аз чанд зиндагонӣ дорад ва дар

ҳар зиндагӣ тибқи арзишҳо ва ё бар андозаи коркарди хеш таҳаввул меёбад. Дар ин раванд гоҳе дар қолиби инсон ва гоҳе дар қолиби ҳайвон зуҳур меёбад ва то ҳамон дараҷае таносух идома меёбад, ки инсон ба дарки ҳақиқати мутлақ бирасад ва аз шарри нафс озод шавад.[7] Аз ин рӯ, оини браҳмания аз як тараф фаҳмо ва аз тарафи дигар мазҳаби печидаву фалсафист. Мувофиқи ин оин ҳар инсон аз ҳар табақаи ҷомеа метавонад ба он бигаравад ва аз он истифода кунад.

Дар мақолаи «Эзадони ҳиндуизм» омадааст: «Ахлоқ асоси ҳиндуизм бар пояи таҳорат, забти нафс, озодӣ, ростӣ ва беозорӣ аст. Бисёре тасаввур мекунанд, ки ҳиндуизм, яъне риёзат, аммо чунин нест. Ҳиндуизм аз зуҳду риёзат тарафдорӣ намекунад ва исрор ҳам надорад, ки пайравонаш амали нафсониро ба куллӣ саркуб кунанд. Ин тафаккур мавриди тайиди пайравони мазҳаби Ҷайн ва Буддо аст. Аммо ҳиндуизм баръакс пайравонашро ба издивоҷ ва ташкили хонавода тарғиб мекунад ва яке аз мароҳили браҳманӣ низ издивоҷ мебошад».[7]

Ҳамин тариқ, мувофиқи таълимоти браҳмания зоти мутлақ рӯҳи худро дар офаридагон дамидааст ва оғозу анҷоми ҷаҳон моварои замон аст ва замон пуле аст миёни азалу абад ва чун инсон моддӣ ва асир дар ҳисори замону макон аст. Ва инсон наметавонад аз азалу абад огаҳӣ дошта бошад. Ба ҳар ҳол Браҳмания нисбати инсону офариниши инсон ва мақоми инсон як таълимоти фалсафӣ-озодандешӣ буд.

Дар таърихи бостон асотирҳое буданд, ки байни Ҳинду Эрони бостон буданд. Яке аз анвоҳои асотирии Эрону Ҳинди бостон Митро аст. Аз рӯи маълумотҳое, ки ҳаст ба назар мерасад, ки Митро қабл аз Зардушт вуҷуд доштааст. Муҳаққиқи эронӣ Алӣ Гудразӣ менависад, ки: «Митро ҳатто қабл аз «Зардушт» зинда буд ва гӯё ин Митро буда, ки Зардуштро ба дунё овардааст. Дар катибаҳои боқимондаи пеш аз мелод Масеҳ (ҳудуди 14 қарн қабл аз мелод) низ метавон номи «Митро»-ро пайдо кард».[1]

Дар «Авесто» Митро бо унвони «Эзади рушноӣ ва фуруғу нур ёд шудааст. Қисмате аз тафсиркунандагон, Митро, ки Илоҳаи нур ва рушноӣ аст ӯро бо «Апулу» (اپولو), ки ӯ ҳам рабулнавъи рушноӣ дар устурашиносии юнонӣ аст, ҳам арз медонанд. Гуфта мешавад, ки Митро дар таръихи 25 декабр ва бо як неруи мовароӣ дар кӯҳе номаълум (эҳтимолан дар кӯҳи Албурз) мутаваллид шудааст. Дар «Авесто» номи ӯ ва дар навиштаҳои санскрит номи ин Эзид бону «Митра» «Мисра» шудааст.[1,102] Албатта, дар «Авесто» Митро музаккар аст.

«Митроизм», ки он бештар бо унвони «Меҳрпарастӣ» ёд мешавад, як ойини дунявӣ аст, ки аз Ҳинду Эрон то кишварҳои ғарб ба худ алоқамандони хосе дошт ва дорад. Парастиши Митро ва ё Меҳр дар таърихи асотири инсоният яке аз оинҳои решадор ва бисёр куҳан ба ҳисоб меравад, ки Митраи мардуми форсу тоҷикро дар масъалаи парастиши худоён ба ду гуруҳ тақсим намоянд: Як гуруҳ Митраро мепарастанд; гуруҳи дигар «Аҳурамаздо»-ро парастиш мекунанд. Мувофиқи маълумоти Алии Гударазӣ «Пайравони Митро барои ин рабулнавъ бахусус сурудаҳо ва матнҳои мухталифро нигоштанд ва ҳамаи онҳо ба «Авесто» изофа шудаанд.[1,102]

Дар асотири Ҳинд ҳайвонот, дарахтон, гиёҳон, дарёҳо, обҳои мурдоб, рудхонаҳо, сангҳо, кӯҳҳову теппаҳо ва дигар унсурҳои табиатро ниёиш мекунанд ва рӯҳҳоро азҳарулашё медонанд. Масъалаи хилқат, яъне офариниш низ дар асотири Ҳинд аз масоили муҳими дунёи бостон буда, дар назари онҳо нахуст осмон ва сипас об халқ шуд ва замину зиндагӣ аз об сарчашма гирифтанд, ки ин тарафи масъала ба асотири Эрони бостон хело ҳам наздикӣ дорад. Аз ин ҷо, мардуми тоҷику форс ва Ҳинди бостон аз зинда будани тамоми аносиру мавҷудоти табиат ва ҳузури барҷастаи обу кӯҳ дар доираи офаринишу ҳикоят мекунад.[6,1] Аз назари онҳо тамоми ҷузъу аҷзои олам ҳамеша дар ҳолати тағйироту такомул ва инкишофу аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштану аз шакли куҳна ба нав табдил шудан аст. Агар бо диққат та-

ваҷҷӯҳ кунем мебинем, ки унсуру равишҳои диалектикӣ дар устураву ривоятҳои Ҳинд ва тоҷику форси бостон равшану возеҳ дарк карда мешаванд. Бо вуҷуди ин ки бисёр муҳаққиқон ба ҷаҳонбинии асотирии бостон яктарафа баҳо дода, онро танҳо дар шакли афсонаву хурофот таърифу тавсиф намудаанд. Ҳол он ки пас аз ошноӣ ба сарчашмаҳои таърихии фарҳанги бостонии мардуми форсу тоҷик возеҳ мегардад, ки онҳо дар фаҳмиши офариниши инсону кайҳон ва инкишофу тағйироти олами ҳастӣ, махсусан мавҷудоти зинда, аз он ҷумла табиат бо тамоми унсурҳояш нисбат ба ҳамон замони хеш хеле пешрафта буданд. Ва метавон гуфт, ки хишти аввалини диалектикаро дар таърихи илму фарҳанги башарият маҳз мардуми Ҳинд ва тоҷику форс (Эрони бостон) гузоштаанд. Барои исботи ин фикр хонанда метавонад ба матнҳои «Динкард», «Авесто», «Бундаҳишн» дар бораи офариниши инсон, замину куҳҳо, рудхонаву дарёҳо, теппаву даштҳо, гиёҳу ҳайвонот, бориши борону пайдоиши обу обамборҳо, абру бод ва тамоми зарроти ҷондор ошно шавад. Дар ин матнҳои бостонӣ роҳу усули офаринишу тағйирпазирӣ ва аз ҷузъ ба кулл гузаштан, аз як шакл ба шакли дигар табдил ёфтан, ва ба таври ҳамешагӣ дар тағйироту такомулот будани ин муъҷизоти олами мавҷудот бо каме омезиш бо хурофот пешкаши тамаддуни ояндаи башарият шудааст. Ин омезиш шабеҳи фаҳмиши идеалистӣ бошад ҳам, ҳарчанд идея ва ё ягон неруи фавқултабииро нахустасос донад ҳам, вале олами ҳастиро бо қонунҳои инкишофу тағйирёбии табиӣ он ва омӯзишу кашфи онро инкор намекунад. Кӯҳҳо дар ҷараёни гузариши вақт аз худ кӯҳчаҳову теппаҳо ва кӯҳҳои бисёрқуллаю қуллаи ниҳояти баландро ташкил ва ё тавлид менамоянд, обҳо низ дарёву дарёчаҳо ва кулҳои обро падид меоранд, яъне табиати зинда доимо дар ҳолати тавлидшавию тавлидкунӣ қарор дорад. Дар «Бундаҳишн» омадааст, ки нахустин кӯҳе, ки фароз руст, Албурзи эзидбухт буд. Аз паси он ҳамаи кӯҳҳои дигар ба ҳаждаҳ сол фаро рустанд. Албурз то ба сар расидани ҳаштсад сол меруст: дусад сол то ба ситорапоя, дусад сол то ба Моҳпоя, дусад сол то ба Хуршедпоя, дусад сол то ба болои осмон…ва дигар кӯҳҳо аз Албурз фароз рустанд, ба шумораи ду ҳазору дусаду чиҳилу чаҳор».[3,114]

Дар «Упанишод»-и Ҳинд тамоми олам ба ҷондорӣ, яъне зинда будан ташбеҳ дода мешавад ва ҳар яке аз аҷзои ин асб қурбонии мазҳаре аз аҷзои ҳастии кайҳонӣ тасаввур шудааст ва «ҳамон гуна, ки ҷондор узв дорад, олам низ узв дорад».[6,2] Ҳамин тариқ, масъалаи офариниш дар фарҳанги Ҳинд ва мардуми форсу тоҷики бостон дар ҳамаи мавҷудоти олами ҳастӣ – қобили тавлиду ҳаракат ва инкишофу тағйирёбӣ ва ҳаракати доимӣ аст. Дар асотири Ҳинд куҳи Ҳимолой бузургтарин зояндаи рудҳову кӯҳҳо ба ҳисоб меравад. Кӯҳҳо дар асотири Ҳинд монанди инсонҳо дорои шахсият ҳастанд ва гӯё ҳасодат меварзанду хашмгин мешаванд ва нофармониву доварӣ мекунанд. Чунон ки мебинем дар устураҳои Ҳинд дар масоили офариниш байни табиат, махсусан кӯҳҳову инсон як шабеҳият ва иртиботе вуҷуд дорад, ки кӯҳ ҳам мисли инсон тавлид мешавад, аз байн меравад ва боз аз худ кӯҳу кӯҳчаҳои зиёду бешуморе боқӣ мегузорад ва барои инсонҳо неъматҳои фаровоне медиҳад. Аз он ҷумла, покии ҳавою тозагии табиати кӯҳҳо ба рӯҳи инсонҳо қудрат мебахшад ва неъматҳои онҳо боиси баҳрабарии зиндагии инсонҳо мегардад. Чунон ки дида мешавад устураҳои Ҳинд чун устураҳои мардуми тоҷику форси бостон ҳарчанд дар шакли достону ривоятҳои афсонавӣ-динӣ ифода ёфта бошанд ҳам, дар айни замон ҷавҳари худро доранд. Ин диалектикаи инкишоф ва тавлиди инсону табиату кайҳон ва ташаккулу такомули онҳо мебошад, ҷавҳаре аст, ки зери ин афсонаву ривоятҳо хобидааст ва минбаъд сарчашмаи илму фалсафаи Юнони бостон ва фалсафаву адабиёти Шарқи асрҳои миёна гардид. Маҳз достонҳои бузурги мутафаккирону шоирони тоҷику форс, ба монанди «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ, «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ, «Ҳафт авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва амсоли инҳо дар асоси ҳамин устураҳои бостони тоҷику форс ва Ҳинди бостон

ба вуҷуд омадаанд. Дар таърихи илму фарҳанги мардуми тоҷику форс санъати миниатюрӣ ва меъморию кандакорӣ аз асотири бостонӣ сарчашма гирифтааст, ки моҳияти актуалии устураҳои бостонро дар давоми инкишофи таърихи фарҳангу тамаддуни башарият баръало нишон медиҳад.

**Адабиёт**


1. Алии Гудразӣ. Олиҳаи Митро кист?/ Ҳама чиз Митро: Худовандгори нур ва рушноӣ. //https: // www/ kojaro.com /202115/16/191814/ mitra – thegoddes –of light/.
2. Артур Кристенсен. Нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр дар торихи афсонаии Эрон. Мутарҷимон Жола Омӯзгор, Аҳмад Афзалӣ. Интишороти Чашма», 1368.-558 с.
3. Бундаҳишн. Бохтар. Ҷил. 2. - Душанбе, 2019.-С.112-168.
4. Гувайн П.Н., Инговатов В.Ю. Проблема человека в истории философии (Древняя Индия, Древний Китай, Древняя Греция, Средневековая Европа). Учебное пособие. Изд. Алт ГТУ. - Барнаул, 2015.-213.
5. Лайло Пажуҳанда, Марям Боқӣ, Захро Ҳусайнӣ. Инсон ва кайҳон. Ҳинди қадим. Ҷойгоҳ, вижагӣ ва коркарди Куҳистон дар торихи асотири Ҳинд.- С.235-262. / Ensani/ ir/file/download/article/ 1583217042-9889-8-2/ Pdf
6. Эзадони ҳиндуизм. Аз википедия. Донишномаи озод. /File: ///C :/ Documents% 20 and% 20 Settings / User /рабочий% стол .20 %
7. file: /// C: / Documents % 20 and % 20 Settings / User / рабочий % 20 стол /20%


## ПОРЯДОК ТВОРЕНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ ДРЕВНЕИНДИЙСКОЙ ФИЛОСОФИИ


**Муродова Т., Мухаммадиева С.**



*В данной статье речь идет о системе творения мира и человека в древних школах Индии. Подчеркивается, что идеи о творении основаны на древних мифах и сказаниях. Согласно убеждением авторов статьи, миф, религия и философия неразрывно переплетены в индийской культуре, что невозможно представить их в отдельности. Так же в статье говорится о том, что порядок творения мира и человека в мифологии Индии и таджиков, а также древних персов, с одной стороны являясь единым представлениям, с другой – мифы Индии наравне с силой и борьбой богов и ахриманов из-за господство в трех мирах. Однако в таджикской мифологии борьба Ахурамазды с Ахриманом не с целью господства над миром, а победы света над тьмой, правды и спасения мира из тьмы.*



***Ключевые слова:*** *мир, миф, справедливость, чистота, свет, тьма, буддизм, джайнизм, брахманизм, йога, манихейство.*


## THE ORDER OF CREATION FROM THE POINT OF VIEW OF THE REPRESENTATIVES OF ANCIENT INDIAN PHILOSOPHY


**Murodova T., Muhammadieva S.**



*This article especially in question is about the system of creation of the world and man in the ancient schools of India. It emphasizes that ideas about creation are based on ancient myths and legends. According to the authors of the article, myth, religion, and philosophy are inextricably intertwined in Indian culture, making it impossible to imagine them separately.The article also states that the order of creation of the world and man in the mythology of India and the Tajiks, as well as the ancient Persians, on the one hand being a single representation, on the other hand the myths of India on a par with the power and struggle of the gods and Ahrimans for supremacy in the three worlds. However, in tajik mythology, Ahuramazda's struggle with Ahriman is not for the purpose of dominating the world, but for the victory of light over darkness, truth, and saving the world from darkness.*



***Keywords:*** *peace, myth, justice, purity, light, darkness, Buddhism, Jainism, Brahmanism, yoga, Manichaeism.*

# ФАЛСАФАИ АБДУРРАҲМОНИ БАДАВӢ ВА БАҲОИ ИДЕОЛОГИИ ОН АЗ НАЗАРИ МАҲМУД АЛ-ОЛИМ

**Беков К.** – д.и.ф., ходими пешбари илмии ИОМДОА АМИТ
E-mail: didavar@inbox.ru

*Доктор Абдурраҳмони Бадавӣ (1917-2002) файласуфи экзистенсиалисти (вуҷуди)-и Миср буд. Маҳмуд Амин ал-Олим (1922-2009) файласуфи марксист буд. Ҳамвора бо андешаҳои фалсафии А.Бадавӣ мухолифат мекард. Ба андешаи ӯ фалсафаи субъективии А.Бадавӣ барои ҷомеаи асри XX-и Миср ҷавобгӯ нест. Вале фаъолиятҳои илмӣ ва фалсафии А.Бадавӣ сазовори таҳсин ва тақдир аст. Муқоисаи ин ду файласуф аз нигоҳи идеологӣ дар ҷомеаи муосир сазовори таваҷҷӯҳи муҳаққиқон мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *Абдурраҳмони Бадавӣ, марксизм, Махмуд Амин ал-Олим, фалсафаи вуҷудӣ (экзистенсиализм), Мартин Хайдеггер, Фридрих Нитше, фалсафаи урупоӣ, тамаддуни исломӣ, тасаввуф, ватандӯстӣ, Англия, истеъмор.*

Устод Маҳмуд Амин ал-Олим [3] яке аз файласуфони марксист ва коммунисти Миср аст. Мақоми ӯ дар давраи Шӯравӣ ҳам аз ҷониби ҳизби коммунисти Шӯравӣ – КПСС эътироф гардида буд. Ба ин хотир як китоби ӯро ба номи “Бархурдҳои фикрӣ”[1] ба забони русӣ тарҷима намуда буданд. Вақте Бадавӣ соҳиби унвони доктори фалсафа шуд, Амин ал-Олим донишҷӯи Университети Қоҳира буд. Баъдхо ал-Олим вориди ҳизби коммунисти Миср гардид ва мубориза ӯ ба муқобили Бадавии файласуфи буржуазӣ ва экзистенсионалист оғоз гардид...

Устод Маҳмуд ал-Олим дар мақолае, ки бахшида ба Абдурраҳмони Бадавӣ навиштааст, ошноии худро ба шахсияти ӯ ва андешаҳои фалсафиаш чунин ёдоварӣ менамояд:

“Аввалин бор дар декабри соли 1945 дар маҳфиле бо номи “Ҷамъияти фалсафӣ” дар факултети адабиёти ба номи Фуоди аввал (ҳоло “Университети Қоҳира”) суханронии расмӣ намуда, аз доктор Бадавӣ ном бурдам, ки мавзӯи гузориши ман чунин ном дошт: “Абсурд (Муҳол) дар табиат ва ҳунар”. Раиси маҳфил ҳамкорам (ва ҳоло доктор) Камол Дасуқӣ гуфт, ки гузориши ман сахт парешон ва берӯҳ буд. Дар воқеъ ин гузориш давоми он андешаҳое буд, ки ман аз нимаи давраи таҳсили мактаби миёна оғоз намуда, ва дар даврони донишҷӯиям (сентябри 1945) пайгирӣ намуда будам[1,с.185-204].

Боре дар хонаи бародарам Муҳаммад Шавқӣ Амин чанд шумораи маҷаллаи “ар-Рисола”-ро дидам. Ин маҷалла аз ҷониби Муҳаммад Ҳасан аз-Заёт таъсис дода шуда буд. Дидам ки дар ин маҷалла пораҳое, аз китоби “Чунин гуфт Зардушт”-и файласуфи олмонӣ Фридрих Нитше ба чоп расидааст. Ин китоб аз ҷониби яке аз равшанфикрони масеҳии араб Феликс Форис ба арабӣ тарҷима шуда буд. Бо шуру шавқ он порчаҳоро мутолиа намудам...

Дар тули таҳсилам дар донишгоҳ Абдурраҳмони Бадавӣ [5] рамз ва намунаи зиндаи як шахсияти нитшепараст боқӣ монд. Ӯ ошкоро нитшепарастии худро ба рухи хосу ом мекашид ва аз ин рафторҳои худ ифтихор ҳам мекард. Вале ман мақоми Нитшеро аз рӯи фаҳмиши худ дигархел тасаввур мекардам. Ба як калима ба ақидаи ман дар он замон Нитше файласуф ва шахсияти фавқулодае буд, ки ба муқобили ҳамагуна худбохтагӣ ва заъифиҳои башарӣ дар мубориза ва мухолифат буд.

Маҳмуд ал-Олим мегӯяд:

Соли 1945 буд. Устод Бадавӣ китоби “Замони вуҷудӣ”-ро ба нашр расонд. Ману Аббос Аҳмад он китобро

харидорӣ намудем. Ҳамзамон яке аз қаҳвахонаҳои кӯчаи Фуод (ҳоло кӯчаи ба номи “23 Июл”) нишаста, дар чанд соат онро мутолиа намудем. Ҳоле моломол аз ваҷду ташаннуҷ доштем. Вақте ба боби ҳолати таҷрибаи вуҷудӣ расидем, ба мо чунин намуд, ки устод Бадавӣ ба таҷрибаи зиндаи вуҷудӣ хиёнат кардааст! Ба ин маъно, ки таҷрибаи вуҷудии зиндаро дар қолабҳои шахшуда ва мурдаи категорияҳои фалсафӣ ва ақлонӣ маҳбус кардааст![2,с.191]. Баъди мутолиаи китоб ба хулосае расидем, ки ба хонаи устод Бадавӣ биравем ва ӯро барои ин иштибоҳи ғайричашмдошташ маҳкум намоем. Дарро кӯфтем ва бародари кӯчаки устод моро пешвоз гирифт ва гуфт, ки устод дар хона ҳузур надоранд. Чаро ки ману Аббос сахт маст будем; Ба ёдам ҳаст, ки баъди ин ҳодиса ба хонаи дӯсти муштаракамон Фарҳот Тумо рафтем. Фарҳот корманди китобхонаи Университет буд. Бо дарду алам қиссаи зиёрати хонаи устод Бадавиро нақл кардем. Бо вуҷуди ин эҳтироми ҳамешагии худро нисбат ба илму дониши Устод ва тарсу ҳароси худро нисбат ба шахсияти ӯ ҳифз намудем.

Дар он шабонарӯз мо ба ҳаракати ватанпарастонаи Миср сахт таваҷҷуҳ доштем-ҳаракате ки солҳои 1940 дар Миср мавриди гуфтугӯи ҳамагонӣ буд. Мубориза бар зидди ишғолгариҳои Британия ва ҳукумати истибдодӣ бо ҳизбҳои лаганбардори ҳокимияти истеъмории Англия дар Миср. Баъзе аз мо ба ҳаракати марксистӣ дар қолаби назариявии он таваҷҷуҳ менамудем. Аммо ману Аббос пайрави ҳаракати холиси миллӣ будем.

Мо дар феврали соли 1946 ба кумитаи миллии донишҷӯён Аббос Аҳмадро чун намояндаи қисми фалсафии Донишгоҳ пешниҳод накардем. Ҳарчанд, ки ин кумитаро ҳаракати марксистӣ сарварӣ мекард. Чаро? Барои он ки: 1- Ман он замон ба марксизм мушкил доштам; 2-Мушкили назариявӣ буд; 3-Фикр мекардам марксизм танҳо як назарияи холиси иқтисодӣ ва моддӣ асту бас; 4 - Ба андешаи онрӯзаи ман марксизм аз ҷиддият ва умқи фалсафӣ ва ахлоқӣ маҳрум аст; 5-Гӯё дар як вақт ширкат кардан дар ду ҷабҳаи сиёсӣ: миллӣ ва марксистӣ майлҳои ҷиддии вуҷудӣ - экзистенсиалии маро халалдор менамояд.[2,с.192].

Ҳамзамон дар он вақт бо устоде ки тоза аз Инглистон омада буд ва аз фанни инглисӣ дарс мегуфт, ошно шудем. Шахсияти хоксор, пайрави сотсиализм ва демократия буд: Номаш – Луис Аваз. Ҳамчунон доир ба фаъолиятҳои дохили донишгоҳӣ ва берун аз донишгоҳии устод Бадавӣ сахт таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Ӯ тоза таҳқиқе анҷом дода буд дар мавзӯи: Танқиди методологияи материализми диалектикӣ ва таърихӣ дар марксизм. Ҳамин тавр категорияҳои вуҷудии устод Бадавӣ ва интиқодоти сотсиалистии устод Луис Аваз ва зиддияти ин ду назар, андешаҳои вуҷудии маро ба чолиш кашид. Дар ин гармогармии баҳсу ҷидал дар байни мо ҷабҳаи сеюм пайдо гардид: Доктор Юсуф Мурод-равоншиноси маъруф, ки маҷаллаи “Илми равоншиносии такомулӣ”-ро таъсис дод. Мо ҳар ҳафта ба хонаи ӯ мерафтем ва сари мавзуъҳои доғи рӯз бо ҳам баҳс мекардем. Ман то он рӯз ҳам пайрави фалсафаи вуҷудии худ будам, ки хулосаи онро дар декабри соли 1945 дар маҳфили фалсафии Донишгоҳ гузориш додам[5,с.193].

“Дар ин байн дар маҷаллаи “ал-Башир” “The Herald”, ки ёру дӯстони ман таъсис намуда буданд, сармақолаи шумораи якумро навишта, “тасодуф” -ро ба ҷои “абсурд” истеъмол намудам. Ин мавқеъ, солҳо андешаи маро дар ҳоли парешонӣ нигоҳ дошт...

Дар ин замон китобе ба дастам афтод, ки маро аз ин парешонӣ наҷот дод: “Материализм ва эпириокритизм” – и Владимир Илич Ленин. Ва андак баъдтар: “Диалектикаи табиат”-и Фридрих Энгелс. Ин ду китоб инқилобе дар андешаи фалсафии ман эҷод кард ва ман гӯё аз нав ба ҷаҳони илму фалсафа ворид гардидам [4,с.194].

Ҳамин тавр ба муборизаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фикрии ҷадид пайвастам ва дар ин роҳ таҷрибаи зиндагии вуҷудиро аз сар гузаронидам: зиндон, шиканҷа, ғурбат ва бадрақа аз Миср. Бо вуҷуди

ин фурсате пеш омад, ки ҳамаи осори доктор Бадавиро ба диди нав мавриди мутолиа қарор диҳам [4,с.195].

Баъди хатми рисолаи "Тасодуф" дар июни соли 1953 ба навиштани аввалин нақдҳои худ доир ба фалсафаи вуҷудии (экзистенсиалии) доктор Абдурраҳмон Бадавӣ оғоз намудам. Аввалин мақолаи ин силсила чунин ном дошт: "Ин аст ахлоқи вуҷудӣ". Дар соли 1954 ба нашр расид. Ин мақолаи ман ҷавобе буд ба мақолаи доктор Бадавӣ бо номи "Оё ахлоқи вуҷудӣ имкон дорад?", ки соли 1953 ба чоп расида буд. Китоби "Тасодуф"- и ман дар асл рисолаи дипломии ман буд, аз университети Қоҳира. Мақолаи аввалини зидди фалсафаи вуҷудии урупоӣ дар ҷаҳони араб мавриди таваҷҷуҳи фарҳангиёни ин кишварҳо қарор дошт. Барои мисол баъзе китобҳои нависандагон ва файласуфони вуҷудии Фаронса чун: Ҷон Пол Сартр ва Албер Калю ба арабӣ тарҷума шуда буданд [4,с.195].

Инсон дар фалсафаи вучудии урупоӣ чун Сартр ҳаммарз бо масъулияти шахсӣ буд. Дар сурате, ки докторБадавӣ ба таври мутлақ шахси инсониро дар бархурдҳои вуҷудӣ ва ахлоқӣ аз ҳам ҷудо месохт. Дар сурате, ки дар фалсафаи вуҷудии урупоӣ ҷанбаи ахлоқиро ҷузъи ҷудонопазири таҷрибаи зиндаи вуҷудӣ мешуморанд [4,с.195].

Вале ман дар охири мақолаам ба ин натиҷа расидам: "Фалсафаи вуҷудӣ он фалсафае нест, ки дар шарқи исломӣ тарафдор ва харидоре дошта бошад. Барои мо фалсафае зарурат дорад, ки имону эътимоди моро ба илм ва қонунҳои объективии он ва эҳтироми моро ба таърихи бузурги инсонӣ инъикос намояд" [4,с.196].

Ҳамин тавр дар охирҳои соли 1958 аз ман даъват намуданд, ки дар клуби муаллимон дар шаҳри Қоҳира дар мавзӯи "Озодӣ ва масъулият дар фалсафаи Сартр", гузориши илмӣ пешниҳод намоям. Политсия атрофи маҷлисгоҳро муҳосира намуда, гузориши ин мавзӯъро манъ кард. Баъди чанд ҳафтае дар бомдоди рӯзи аввали соли 1959 маро ҳабс намуданд. Ин гузоришро баъдҳо дар китоби "Бархурдҳои фикрӣ" дар "Дор-ул-Ҳилол" ба чоп расонидам. Замон, охирҳои солҳои шасти асри XX буд.

Аз соли 1959 то соли 1964 дар зиндон будам. Зиндоне, ки маро аз навиштан манъ карда буд. Соли 1964 баъди ба озодӣ баромадан, аввалин мақолае, ки навиштам, доир ба китоби файласуф ва нависандаи фаронсавӣ Алберт Камю буд, бо номи "Устураи Сизиф". Хулосаи ин устура бо ду калима ин аст, ки Худоёни Юнон Сизифро барои ҷиноят ба ҷазои абадӣ маҳкум кардаанд. Ба ин қарор, ки Сизиф харсангеро аз поёни кӯҳ то ба боло бурда мерасонад. Ва ҳамин, ки ба куллаи кӯҳ расид, санг аз душаш (китфаш) меафтаду ба поёни кӯҳ ғелида меравад. Сизиф маҷбур аст, бори дигар ва борҳо ин корро такрор кунад. Такроре, ки охир надорад то абад-ул-обод давом мекунад. Ба ин маъно ки зиндагии инсонҳо низ маҳкум ба ин кори такрорӣ ва бемаънӣ аст. Ва чорае ҷуз тан додан ба ин кори якнавохт ва такрорӣ надорем.

Муаллифи мақола Амин ал-Олим дар охири он мегӯяд: "Камю бо навиштаи худ мехоҳад ба таври рамзӣ зиндагии бемаънӣ ва пучу абсурди одамиро дар ҷаҳони имрӯза тасвир кунад. Ман тарҷумаи ин китобро бо забони арабӣ табрик мегӯям. Чаро ки худи мо сахт эҳтиёҷ дорем, ки Сизифҳои инсонии мо (на Сизифҳои устуравӣ!) тавонистаанд харсангро то ба қуллаи кӯҳ боло баранд ва онро дар он ҷо нигоҳ доранд. Ин кор дар чандин минтақаҳои ҷаҳон амалӣ шудааст. Ва ҳам инсон ва ҳам харсанг дар болои кӯҳ боқӣ мондаанд. Инсонҳои муосир ба ин тавоноӣ ва истиқлол расидаанд, ки харсангро ба қуллаи кӯҳ боло баранд ва онро бидуни пару бол ба фазои беканор партоб кунанд! [4,с.197].

Яъне инсони имрӯз, дар баъзе кишварҳои олам, худро аз зиндони абадии Сизиф наҷот додааст...

Дар моҳи апрели 1965 мақолае навиштам ба номи "Оё доктор Абдурраҳмони Бадавӣ ба сӯи бунбаст равона аст?" Баъди таъкиди бузургии мақоми илмӣ ва фалсафии доктор Бадавӣ, китоби ӯро бо номи "Нақши арабҳо дар ташаккули фикри Урупо"

мавриди таҳлил қарор дода, гуфтам, ки дар воқеъ арабҳо мероси эллинистии юнониёнро барои тамаддуни башарӣ ҳифз намуданд... [1,с.198].

Моҳи марти соли 1967 Сартр ба Миср омад. Ба ин муносибат ман дар маҷаллаи "ал-Мусаввар" мақолае ба чоп расонида, нисбат ба фалсафаи Сартр эътироз намудам. Ба ин маъно ки фалсафаи вуҷудии Сартр, барои ҳолати имрӯзаи Миср таъсири манфӣ дорад... Махсусан, индивидуализми мутлақ ва ифротии фалсафаи вуҷудии Сартрӣ... ҷавобгӯи мушкилоти иҷтимоии кишвари Миср буда наметавонад.

Ҳамин тавр фалсафаи вуҷудии ман ба фалсафаи иҷтимоӣ таҳаввул намуд ва таъкид кард, ки аз инсони фард коре сохта нест. Танҳо маҷмӯъаи фардҳо ҳастанд, ки иқдомро анҷом медиҳанд ва ба ҳадафи муштараки иҷтимоӣ ноил мегарданд. Ҳоло намедонам, ки Сартр ба ин андешаи ман мувофиқ аст ё не, вале медонам, ки доктор Бадавӣ индивидулизми вуҷудиро дар кишвари мо то ҳол пайравӣ менамояд [1,с.199].

Дар мақолаи соли 1989 дар маҷаллаи "ал-Ҳилол" бо номи "Ин файласуфи муассис" бар ин нукта таъкид кардам, ки доктор Бадавӣ танҳо мутафаккир нест, балки файласуф аст. Дар ин мақола ду китоби ӯро мавриди баррасӣ қарор додам: "Масъалаи марг дар фалсафаи вуҷудӣ" ва "Замони вуҷудӣ". Ба ин хулоса расидам, ки: доктор Бадавӣ дар ин ду китоб дар аксар ҳолатҳо аз мантиқи шаклӣ кор гирифтааст... Ба таври куллӣ эҷодиёти доктор Бадавӣ ба фаласафаи урупоӣ ва ба таври хос ба фалсафаи исломӣ бахшида шудааст. Фалсафаи хоси вуҷудии ӯ бошад, самараи мутолиоти ӯ дар асоси фалсафаи идеалистии олмон буд. Махсусан, фалсафаи Мартин Ҳайдеггер. Ба назари ман чунин мерасад, ки пайравӣ аз Ҳайдеггер натиҷаи фаъолиятҳои сиёсии ӯ дар Миср набуд, балки робитае, ки ӯ бо ҳизби ҷавонони Миср дошт, ки аз соли 1937 то соли 1940 давом кард. Ин ҳизб пайрави фалсафаи идеалистӣ ва ирратсионалистии ҳизби Нозӣ (натсизм) буд. Дар мухолифат бо Англия, ки Мисрро ишғол намуда буд. Вақте, ки доктор Бадавӣ соли 1944 дар Қоҳира рисолаи доктории худро дифоъ намуд, узви кумитаи олии ҳизби ватании ҷадид буд. Ин ҳизб омехтае буд аз ҳизби ҷавонони Миср ва ҳизби ватании қадим. Метавон гуфт, ки фалсафаи вуҷудии доктор Бадавӣ аз охирҳои солҳои сиюми асри XX аз фалсафаи идеалистии Олмон таъсир пазируфта, натиҷаи таҷрибаи фикрӣ ва сиёсии зиндаи ӯ буда, на аз таъсирҳои баъзе ҳодисоти ҷомеаи Мисрии он замон.

Ҳамчунин бар ин нукта таъкид намудам, ки шикасти фашизм ва натсизм дар соли 1945, барномаҳои баъзе аз ҳизбҳои Мисрро барҳам зад ва ҷумла проекти фалсафаи вуҷудии Бадавӣ низ боз дошта шуд. Ин кор на ба сабаби коҳиш ёфтани иқтидори фалсафии доктор Бадавӣ буд, балки ба сабаби тағйироти авзои сиёсӣ ва иҷтимоии Мисри он рӯза буд.

Ба ин хотир доктор Бадавӣ истеъдоди фалсафии худро ба корҳои таҳқиқ ва тарҷимаи осори фалсафии урупоӣ ва исломӣ бахшид. Дар ин росто таъкиди ду нукта зарур аст:

Якум: алоқа байни фалсафаи вуҷудии ӯ ва мероси фалсафии миллии ӯ.

Дуюм: назари манфии ӯ дар нисбати фалсафаи исломӣ. Ӯ фалсафаи исломиро аз арзиши ҳақиқии фалсафӣ маҳрум медонист[1,с.201].

Дар моҳи ноябри соли 1995 дар маҷаллаи "Ибдоъ" ["Навгонӣ"] мақолае ба нашр расонидам бо номи: "Абдурраҳмони Бадавӣ.. шахсияте ношинохта". Ин мақола ҷавобе буд ба мақолаи доктор Мурод Ваҳба бо сарлавҳаи "Абдурраҳмони Бадавӣ аз нигоҳи ман". Дар ин мақола савол пеш мегузорад, ки: "Чаро Бадавӣ ва Ҳайдеггер бинои фалсафии худро ба итмом нарасониданд?" Ва худ ба ин савол чунин ҷавоб медиҳад: "Ҳарду пешрави фалсафаи натсистӣ-фашистӣ буданд. Ҳангоме ки Ҳитлер худкушӣ кард, ҳарду аз такмил намудани бинои фалсафаи худ даст кашиданд". Ин баҳоест, ки дар нисбати бисёре аз шахсиятҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои онрӯзаи Миср (охири солҳои сӣ то охири солҳои панҷоҳи асри XX) сидқ мекунад [1,с.201].

Хулоса:

1. Доктор Абдурраҳмон Бадавӣ танҳо дар ибтидои фаъолияташ ба фалсафаи натсистӣ робита дошт.

2. Ин робитаи сиёсӣ буд ва баъдҳо қатъ гардид.

3. Фалсафаи хоси доктор Бадавӣ дорои решаҳои урупоӣ буд ва баъдҳо аз мероси арабӣ ва исломӣ дар он чизҳое афзуд.

4. Назари хоси ӯ дар ин мавзӯъ бештар дар ин чанд китоби ӯ зикр гардидааст: "Таърихи илҳод дар ислом", "Инсонгароӣ дар андешаи вуҷудӣ ва дар фикри арабӣ", муқаддимаи китоби "Ишороти илоҳӣ"-и Абуҳаёни Тавҳидӣ".

Бояд гуфт, ки доктор Бадавӣ ҳеҷ гоҳ такмили фалсафаи вуҷудии худро қатъ накарда буд, чуноне ки доктор Мурод Ваҳба даъво намуда аст. Ӯ то охир пайрави вуҷудияи ғайриилҳодии Мартин Ҳайдеггер боқӣ монд.

### Адабиёт


1. Абдулқодир ибн Муҳаммад ал-Ғомидӣ. Мактаби фалсафӣ ва методологияи Абдурраҳмон Бадавӣ дар таҳқиқи мазҳабҳо. Шарҳ ва нақд. Ар-Риёз: Китобхонаи ар-Рушд, 1429ҳ-2008.-658 с.
2. Абдурраҳмон Бадавӣ. Дар боби таърихи илҳод дар ислом. Нигоҳи муосир. (ба забони форсӣ), 1398-2019.-320 с.
3. Абдурраҳмон Бадавӣ. Файласуфони ҷаҳони исломи Шарқу Ғарб. (ба забони форсӣ). Нашри Фарогуфт, 1387-2008.-390 с.
4. Маҳмуд Амин ал-Олим. Ҳисоботи "фалсафӣ"-и ман бо доктор Абдурраҳмон Бадавӣ. Қоҳира 2022.-566 с.
5. Таваллуд: 18 феврали 1922 дар шаҳри Қоҳира; Вафот: 10 январи 2009 дар шаҳри Қоҳира; Омузиш ва таҳсил: Университети Қоҳира; Ихтисос: Нависанда, файласуф ва рӯзноманигор; Ҳизб: Ҳизби коммунистии Миср; Фаъолият: Дар Университети Қоҳира, Унивеситети Париж-8.


## ФИЛОСОФИЯ АБДУРРАХМАНА БАДАВИ И ЕЕ ИДЕОЛОГИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МАХМУДА АЛЬ-ОЛИМА

**Беков К.**

*Доктор Абдуррахман Бадави (1917-2002) был египетским философом-экзистенциалистом. Махмуд Амин аль-Олим (1922-2009) был философом-марксистом. Он всегда противоречил философским идеям А. Бадави. По его мнению, субъективная философия Бадави не подходит обществу XX века в Египте. Однако научная и философская деятельность А. Бадави заслуживает похвалы и признательности. Сравнение этих двух философов с мировоззренческой точки зрения в современном обществе заслуживает внимания исследователей.*

***Ключевые слова:*** *Абдуррахман Бадави, марксизм, Махмуд Амин аль-Олим, философия существования (экзистенциализм), Мартин Хайдеггер, Фридрих Ницше, европейская философия, исламская цивилизация, мистицизм, патриотизм, Англия, колониализм.*

## PHILOSOPHY OF ABDURRAHMAN BADAWI AND ITS IDEOLOGICAL EVALUATION FROM THE POINT OF VIEW OF MAHMOUD AL-OLIM

**Bekov K.**

*Dr. Abdurrahman Badawi (1917-2002) was an Egyptian existentialist philosopher. Mahmoud Amin al-Olim (1922-2009) was a marxist philosopher. He always contradicted the philosophical ideas of A. Badawi. In his opinion, the subjective philosophy of A. Badawi does not fit the society of the twentieth century in Egypt. However, the scientific and philosophical activity of A. Badawi deserves praise and appreciation. A comparison of these two philosophers from a worldview point of view in modern society deserves the attention of researchers.*

***Key words:*** *Abdurrahman Badawi, marxism, Mahmoud Amin al-Olim, philosophy of existence (existentialism), Martin Heidegger, Friedrich Nietzsche, european philosophy, islamic civilization, mysticism, patriotism, England, colonialism.*

# ТАҲҚИҚИ АФКОРИ ФАЛСАФИИ НОСИРИ ХУСРАВ ДАР ОСОРИ МӮСО ДИНОРШОЕВ

**Қурбоншоев И. Ч.** – н.и.ф., ходими калони илмии шуъбаи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Тел.: 935676720; e-mail: ilhom67_67@mail.ru.

*Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба саҳми академик Мӯсо Диноршоев дар таҳқиқ ва тарҷумаи китоби «Зод-ул-мусофирини» - Носири Хусрав маълумот додааст. Муаллифи мақола бар он назар аст, ки академик Мӯсо Диноршоев баробари омӯзиш ва таҳқиқи афкору осори фалсафии мутафаккирон, ки аз аҳди қадим то замони муосир диққати ӯ дар эҳё ва муаррифӣ намудани онҳо мақоми бориз дорад. Махсусан, эҳёи ҷаҳонбинии динӣ-фалсафии осори файласуфону мутакаллимони равияву ҷараёнҳои гуногуни асримиёнагӣ таваҷҷуҳи хоса намуда, дар муаррифӣ сохтани осори нуҳуфтаи онҳо саҳми бузург гузоштааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳаюло, шакл, табиат, академик Мусо Диноршоев, Зоду- ул- мусофирин.*

Фаъолияти густурдаю доманадори устод Мӯсо Диноршоев ба таълифу таҳқиқи мақолаҳои бикру ноб, ҳамчунин, тарҷумаи осори мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форсро фаро гирифтааст. Баробари омӯзиш ва таҳқиқи афкору осори фалсафии мутафаккирон, ки аз аҳди қадим то замони муосир диққати Мӯсо Диноршоевро ба худ ҷалб намуда, ӯ дар эҳё ва муаррифӣ намудани онҳо мақоми бориз дорад. Махсусан, эҳёи ҷаҳонбинии динӣ-фалсафии осори файласуфону мутакаллимони равияву ҷараёнҳои гуногуни асримиёнагӣ таваҷҷуҳи хоса намуда, дар муаррифӣ сохтани осори нуҳуфтаи онҳо саҳми бузург гузоштааст. Барои мисол метавон осору афкори намояндагони макатабҳои моддигароӣ, машшоия, калом, исмилия, тасаввуф, ишроқия, ирфон ва ғайраро номбар кард.

Таҳқиқи осору афкори Носири Хусрав аввалин маротиба аз ҷониби устод Мӯсо Диноршоев анҷом дода шудааст. Китоби «Зод-ул-мусофирин»-и Насири Хусрав аз ҷумлаи он шоҳкориҳои М. Диноршоев мебошад, ки соли 2005 ба забони русӣ тарҷума гардид. Устод М. Диноршоев ба тарҷумаи русии ин китоб сарсухане, таҳти унвони «Насири Хусрав и его Зад-ал-мусафирин» дар ҳаҷми панҷоҳ саҳифа навиштаанд. Устод М. Диноршоев дар сарсухани китоб нахуст замони зиндагонии Носири Хусравро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, зимни пешгуфтори мукаммалу пурмуҳтавояш роҷеъ ба мубрамият ва заурати омӯзишу баррасӣ ва таҳқиқи мавзӯъи баррасишаванда, сатҳ ва дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти анҷомшудааш дақиқан мулоҳиза рондааст. Ӯ нахуст саҳм ва рисолати таърихию фарҳангии Носири Хусравро дар куҳантарин сарчашмаҳо ва китобҳои муътабару нодири таърихӣ-фарҳангӣ ва далелу бурҳонҳои қавии илмӣ-мантиқӣ ба таври амиқу ҳамаҷониба ошкор сохтааст. Тавре худи муаллиф ёдовар мешавад, замони зиндагӣ ва фаъолияти Носири Хусрав (асри XI) ба яке аз давраҳои ниҳоят ноорому мураккаб, пурмоҷарою саршори кашмакашиҳои сиёсӣ ва дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон ҳукмрон гардидани сулолаҳои аҷнабии туркнажод, аз қабили Ғазнавиён, Қарохониён ва Салҷуқиён рост меояд. Устод Мӯсо Диноршоев бар он назар аст, ки «Замони зиндагии Носири Хусрав ба яке аз давраҳои ноороми мардуми тоҷик рост меояд. Дар муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии ин давра парокандагӣ ва таназзули давлати Сомониён ба миён омад[1]. Аз ин ҷост, ки Носири Хусрав дар осораш аз вазъи ноороми давр, мутаассибони дину равияҳои тундгаро, аз

байн рафтани ҳокимияти сулолаи асилзодаи Сомониён ва ба сари қудрат омадани бодиянишинони аз фарҳангу тамаддун дурбуда, изҳори таассуф намуда, мегӯяд:

*Хуросон з-оли Сомон чун тиҳӣ шуд,*
*Ҳама дигар шудаст аҳволу сомон.*

Яке аз омилҳое, ки боиси аз байн рафтани ҳокимияти бумӣ ва сари қудрат омадани бадавиёни бодиянишин гардид, ин вусъат ёфтани мухолифатҳои ақидавӣ миёни мазҳабҳои исломӣ буд. М. Диноршоев дар сарсухани ин китоб аз таърихи зиддиятҳои мазҳабии байни сунниву шиа меронад: «Дар таъқиби исмоилиён на камтар аз Салчуқиҳо низ ҷидду ҷаҳд карданд. Ин зуҳурот ба чанд сабаб ба вуқӯъ пайвааст. Аввалан исмолиёни даъвати ҷаддид аз саодату хушбахтӣ, адолат ва баробарҳуқуқӣ ҳукм карда, бо ҳамин таваҷҷуҳ табақаҳои мухталифи ҷомеаро ба худ ҷалб мекарданд. Сониян, аз байни ҳамаи ҷараёнҳо, фирқаҳо ва мактабҳои динӣ танҳо исмоилия ба муқобилият нисбат ба ҳокимияти салҷуқиёни истилоҳгар даъват мекарданд. Ин даъвати ватанпарваронаи исмоилиён аз тарафи оммаи аҳолии бумӣ, ашрофи ватанпарвар мусбат пазируфта, аз тарафи чунин ватанпарварони ҳақиқӣ чун Носири Хусрав сапарастӣ шуд. Аз ин ҷост, ки бо боварии комил чунин хулоса бояд кард, ки таҳқиру ситам нисбати Носири Хусрав дар баробари сабабҳои сиёсӣ низ дошт. [2]

Ин хулосаи М. Диноршоев аз шиносоӣ бо вазъи сиёсӣ, фарҳангӣ-иҷтимоии асрҳои X-XI бароварда шудааст. Инчунин, дар сарсухани китоби «Зод-улмусофирин» М. Диноршоев гароиши Носири Хусравро ба мазҳаби исмоилиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи М. Диноршоев «Носири Хусрав давраи ҷавонӣ баъзе марҳалаҳову мартабаҳои тариқаи исмоилияро аз сар гузаронида буд»[3].

8. Курылев К.П. Россия и новая парадигма коллективного не-Запада[электронный ресурс]//https://evastopol.su/news/rossiya-i-novaya-paradigma-kollektivnogo-ne-zapada?ysclid=lcispuiqjd731001339
9.Мир без сверхдержав. Ежегодный доклад клуба «Валдай» [электронный ресурс] // https://ru.valdaiclub.com/files/43157/ (Дата обращения: 03.01.2023)


## ОИД БА МАСЪАЛАИ РУШДИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ДАВРАИ ҶАҲОНИ СЕҚУТБА


**Ҳайдаров Р. Ҷ.**



*Дар ин мақола мушкилоти рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ дар давраи ҷаҳони сеқутба баррасӣ мешавад. Ба ақидаи муаллиф, се абарқудрат – Русия, Чин ва ШМА имрӯз се маркази ҷозибаи сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ мебошанд, ки гояҳои универсалии ҳамгироӣ ва стратегияи рушди тамаддунӣ- ҷаҳонӣ доранд.*

*Ба назари муаллиф, ҳоло кишварҳои ҷомеъаи ҷаҳонӣ интихоби байни се стратегияи алтернативӣ доранд. Аз ин рӯ, кишварҳои соҳибистиқлол дар асоси манфиатҳои миллии худ аз ин се стратегияи ҷаҳонии рушд интихоб хоҳанд кард.*

*Муаллиф муътақид аст, ки рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ дар замони фаъолияти ҷаҳони сеқутба аз мутобиқшавии онҳо ба воқеияти геополитикии мавҷуда вобаста хоҳад буд.*



***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳони сеқутба, Осиёи Марказӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҷаҳонишавӣ, геополитика, рақамикунонӣ, гояи универсалии ҳамгироӣ, стратегия рушди глобалӣ.*

## TO THE QUESTION OF THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA IN THE PERIOD OF THE TRIPOLAR WORLD

**Haydarov R. J.**

*This article deals with the problem of development of the countries of Central Asia in the period of the tripolar world. According to the author, the three superpowers - Russia, China and the United States today are the three gravitational centers of world politics and economics, which have universal integration ideas and a strategy for global civilizational development.*

*According to the author, now the countries of the world community have a choice between three alternative strategies. Therefore, sovereign countries will choose between three global development strategies based on their national interests.*

*The author believes that the development of the countries of Central Asia during the functioning of the tripolar world will depend on their adaptation to the prevailing geopolitical realities.*

***Keywords:*** *tripolar world, Central Asia, international relations, globalization, geopolitics, digitalization, universal integration idea, global development strategy.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# МАҚОМ ВА НАҚШИ САРҲАД ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТУ СУБОТИ ДАВЛАТДОРӢ

**Ҳакимов Р. М.** – н.и.с., дотсент, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
**Шарифзода Ф. Ҳ.** – унвонҷӯ (тел.:900595413)

*Дар мақолаи мазкур дар заминаи омӯзиш ва таҳлили ҷомеаи муосир паҳлуҳои гуногун, хусусият ва таърихи сарҳад, нақши он дар давлатдории муосир, муносибатҳои илмӣ ба сарҳадшиносӣ, яъне лимология, инчунин мақом ва нақши сарҳад дар пешгирии ихтилофҳои байнидавлатӣ нишон дода мешавад. Муаллифон яке аз проблемаҳои мубрами на танҳо илми сиёсӣ, балки илмҳои географияи сиёсӣ, сарҳадшиносӣ ва геополитикаро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Махсус бояд қайд кард, ки муаллифон мавқеи хешро ба мавзуи таҳқиқшаванда ба таври мушаххас ва мантиқан асоснок баён кардаанд.***

***Калидвожаҳо:*** *абарқудратҳо, сарҳад, сарҳадҳои табиӣ, сарҳадҳои сунъӣ, низоъ, баҳсҳои сарҳадӣ, лимология, геополитика, географияи сиёсӣ, амният, манфиатҳои миллӣ, минтақаи буферӣ.***

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 ва амалиёти махсуси Россия дар нисбати миллатгароёни Украина, ҷаҳони муосир ба бисёр масъалаҳои мубрами сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дучор гардидааст, ки натиҷаи сиёсати давлатҳои абадқудрати ҷаҳонӣ мебошад. Давлатҳои абарқудрат тарҳи нави тартиботи низоми ҷаҳониро қабул надоранд ва бозиҳои пасипардагии онҳо сабаби нооромиҳо, ихтилофҳои қавмию иқтисодӣ гардидааст. Бояд таъкид намоем, ки мардуми шарифи Тоҷикистон марҳилаи пурпечутоби таърихи навини хешро паси сар намуда, аз бухрони марговари солҳои навадуми асри XX бо сарбаландӣ баромад ва кишвари зебои хешро аз нигоҳи иқтисодию маданӣ рушд бахшид.

Ҳамаи ин пешравиҳои иқтисодию иҷтимоӣ нуфуз ва мавқеи байналхалқии Тоҷикистонро баланд намудааст, аммо сад афсӯс, ки ин оромӣ, сулҳу суботи ватани азизи мо ба ҳама хуш намеояд. Ин пешравиҳои Тоҷикистонро на танҳо давлатҳое, ки худро «дӯст» ва «шарикони стратегӣ»-и мо нишон медиҳанд, пазируфтанд, балки як гурӯҳ ба ном «дилсӯзон»-и миллати тоҷик, ки дорои мафкураи танг буда ва дар хориҷ бо дастгирии доираҳои гуногуни ҷаҳонӣ зиндагонӣ мекунанд, дар ҳасрати нооромии Тоҷикистон мебошанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷомеаи муосири ҷаҳон имрӯз дар кадом ҳолати ҳассос қарор дорад ва рушду инкишофи он бо кадом таҳдидҳо дучор аст. Аз ин лиҳоз, вазифаи ҳар як коршинос аз он иборат аст, ки ин таҳдидҳоро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Аз нигоҳи мо, масъалаи сулҳу субот ва амнияти кишвар аз оромии сарҳади давлатӣ вобастагии калон дорад, чунки мафҳуми «сарҳад» яке аз категорияҳои калидии илмҳои сиёсӣ, аз қабили геополитика, сиёсатшиносӣ, географияи сиёсӣ, лимология ва ғ. ба шумор меравад. Агар хато накунем, қариб ҳеҷ муҳаққиқи илмҳои сиёсии ватанӣ кори комилеро оид ба таърихи сарҳад, мақом ва нақши он дар таъмини манфиатҳои миллӣ, рушду нумӯи давлатдории навини тоҷикон ба анҷом нарасонидааст. Аммо мақолаҳои таҳлилӣ оид ба мавзӯъ аз ҷониби сиёсатшиносон Абдуллои Раҳнамо, Ш. Ризоев баъди ҳодисаҳои сарҳадии байни Қирғизистону Тоҷикистон дар матбуоти даврӣ ба чашм мерасанд, ки ин як пешравӣ дар илми лимология мебошад.

Вобаста ба фазои ниҳоят мураккаби пурихтилоф ва ноороми ҷаҳони муосир,

вазъи геополитикии сайёра, минтақаи Шарқи Наздик ва Миёна, аз ҷумла минтақаи Осиёи Марказӣ, афзудани тамоюлу хатарҳои радикализм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ аз он тақозо менамояд, ки истиқлолияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дучори хатару таҳдидҳои ҷиддии хориҷӣ ва дохилӣ гарданд.[3]

Дар суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи сарҳадбонон зикр намуд, ки «Неруҳои марзбонони Тоҷикистон, ки зодаи даврони истиқлоли кишварамон мебошанд, ҳамчун сипари боэътимоди давлатдории навини тоҷикон яке аз рукнҳои муҳимтарини Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ба ҳисоб меравaнд. Мо имрӯз ифтихор мекунем, ки сарҳадбонони мо марзу буми аҷдодӣ, яъне амнияту суботи давлат ва оромиву осоиши ҷомеаро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстӣ таъмин карда истодаанд. Бояд гуфт, ки неруҳои сарҳадбони Тоҷикистон дар давраи ниҳоят сахту сангини оғози истиқлоли давлатӣ, яъне дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, инчунин, дар шароити бисёр мушкили иқтисодиву молиявии кишвари тозаистиқлоламон таъсис дода шуданд. Воқеан, дар оғози солҳои навадуми асри гузашта дар сатҳи ноустувор қарор доштани ҳимояи сарҳади давлатӣ як иллати сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд.[5]

Мавриди зикр аст, ки дар хусуси истилоҳ, маънои этимологӣ ва таърихи пайдоиши мафҳуми сарҳад назаре ба таърих намоем. Ба ҳамагон маълум аст, ки аҷдоди тоҷикон яке аз аввалин бунёдгузорони давлат ва дар ин замина асосгузорони марзу марзбонӣ ба шумор меравaнд. Беҳуда нест, ки истилоҳи марз дар осори гаронарзиши «Авесто» ба маънои сарҳади як кишвар ва дар забони паҳлавӣ ба маънои хона ва маскан зикр шудааст. Истилоҳи «марз», «марзбон», «ҳад» дар «Луғати Фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Анҷуманоро»-и Рашидӣ, «Фарҳанги Деҳхудо», «Фарҳанги Амид» ва ғ. ба як маъно шарҳ ёфтаанд. Агар марз ва ҳад «хатти фосил миёни ду кишвар» маънидод шавад, пас марзбон «ҳофизи ҳудуд, муҳофизи марз, ҳокиме, ки дар сарҳад бошад ва ҳокиму мири сарҳад бошад» ташреҳ шудаанд. Дар асрҳои баъдина аломатҳои асосӣ, яъне забону фарҳангу марзҳо ба вуҷуд омада, дар бунёди сохторҳои давлатдорӣ гомҳои боэътимод гузоштаанд. Акнун мардумони ҳамхун сарҳади муайянро доштанд, ки дар пайи ҳаводиси таърихӣ комилтару устувортар мегардиданд

Яке аз категорияҳои асосию муҳими геополитика ин мафҳуми фазои сиёсӣ мебошад. Предмети геополитика, пеш аз ҳама, ин имконият, восита ва шаклҳои назорати фазоро аз тарафи институтҳои сиёсӣ ва дар навбати аввал давлат ё иттиҳодияи давлатҳо меомӯзад, чунки фазои сиёсӣ яке аз аломатҳои асосии давлат ба шумор меравад. Давлатро ҳамчун фазои сиёсӣ сарҳадҳои он муайян менамоянд, ки ҳамчун омили амният ва аз ин лиҳоз, сарҳад нақши асосиро дар муносибатҳои фазоии байни давлатҳо мебозад. Оид ба масъалаи «сарҳад», мувофиқи андешаҳои мутахассисон, ҳанӯз дар замонҳои қадим дар рисолаи «Артхашастра» ва достонҳои юнониҳои қадим андешаҳо баён гардидаанд. Баъдан, Ф. Ратсел, К. Хаусхофер нисбат ба мафҳуми сарҳад андешаҳои худро иброз доштаанд.

Инчунин яке аз таҳқиқотчиёни масъалаи сарҳад лорди англис Ҷ. Н. Керзон (1859-1925) дониста шудааст. Вай дар Ҳиндустон ба сифати муовини аввали шоҳ фаъолият намуда, таҷрибаи тақсимоти осиёиро нағз медонист. Бо андешаи ӯ, халқҳои Осиё нисбат ба сарҳади мустаҳкам нафрат доранд, чунки аксарияти ин халқиятҳо тарзи зиндагонии кӯчиро дороанд ва аз ин ҳисоб сарҳадҳои расмиро эътироф намекунанд. Сарҳад, тавре ки дар фаҳмиши мардуми қитъаи Аврупо вуҷуд дорад, қобили қабули аст ва ба андешаи Керзон, байни давлатҳо бояд минтақаи буферӣ мавҷуд бошад.

Вазифаҳои сарҳад аз инҳо иборатанд: маҳдуд намудан ва роҳ надодани

шахсиятҳои номатлуб; роҳ надодан ба алоқаи байниҳамдигарии аҳолии ҳамсоякишварҳо; дастгир намудани ҷинояткорон ва қочоқгарон; ҷамъ намудани андози гумрукӣ; назорат аз болои молҳои иҷозатшуда ва маблағҳо; назорати тиббӣ ва ғ. Умуман, сарҳадҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: табиӣ ва сунъӣ.

Баъди пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ масъалаи сарҳад дар ҳудуди собиқи вай ниҳоят тезутунд гардид.

Моҳияту мазмуни Артхашастра таҳлили бевоситаю дар амал санҷидаи меъёрҳои сохторҳои деҳаҳо, ноҳияҳо, сохтмонҳои марказҳои маъмурӣ, округҳои ҳокимият, додани имтиёзҳо ба намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, додани имтиёзҳо ва озод намудани муҳоҷирон аз андоз дар ҷои нави истиқоматӣ, ташкили ҳаёти иқтисодӣ, ҳокимияти сиёсӣ ва судҳоро дар бар мегирад. Инчунин, аз мадди назар масъалаи муҳими геополитикӣ, аз қабили мустаҳкамнамоии сарҳад дар ҷойҳои нав ё забткардаи дур намондааст. «Сарҳади мулкро, - навишта шудааст дар Артхашастра, - вай (ҳоким) бояд аз рӯи дарёҳо ё кӯҳҳо, ҷангалзорҳо, буттаҳои хордор, ҷариҳо ё бунёди дарахтҳо барин аломатҳо ҷудо намояд» [1, с.52], яъне ё ба таври табиӣ ё ба таври сунъӣ сохта шаванд.

Асари калонтарини Ратсел бо номи «Географияи сиёсӣ» соли 1897 аз чоп мебарояд. Дар ин асар Ратсел таъкид менамояд, ки хок яке аз омилҳои асосиест, ки дар атрофи вай манфиати халқҳо давр мегардад. Вобастагии таърих бо хок ва ҳудуд муайян гардидааст. Ратсел ақидае дошт, ки таърихи инсоният ин таърихи мутобиқшавии одамон ба муҳити атроф мебошад. Дар хулоса қайд мекунад, ки давлат организми зиндааст, аммо организме, ки дар хок реша дорад.[7,7]

Ратсел дар ҷараёни андешаронихои худ ҳафт нуқтаро баён кард ва онҳоро «қонунҳои рушди давлат» номид:

1. Фазои давлат якҷоя бо зиёд шудани аҳолии он, ки дорои фарҳанги умумӣ мебошанд, афзоиш меёбад.

2. Рушди ҳудудии давлат ҳамроҳ бо дигар атрибутҳои инкишоф (идеяҳо, савдо, фаъолияти миссионерӣ ва ғ.) амалӣ карда мешавад.

3. Рушди давлат бо роҳи пайваст ва маҳви давлатҳои хурд амалӣ мегардад.

4. Сарҳад узви канории давлат буда, инъикосгари рушд, тавоноӣ ё заифии он мебошад, бинобар ин, тағйирёбанда аст.

5. Давлат дар инкишофи худ кӯшиш мекунад, ки унсурҳои муҳимтарини табиати атроф, соҳилҳои баҳр, маҷрои дарёҳо, ҳамвориҳо, ноҳияҳои дорои захираҳои зеризаминӣ ва рӯизаминиро аз худ намояд.

6. Такони рушди ҳудудӣ ба давлатҳои одӣ аз давлатҳои дорои тамаддуни баланд мегузарад.

7. Тамоили рушди ҳудудӣ «гузаранда» буда, бо гузашти вақт пурқувват мешавад.

Умуман, дар «Географияи сиёсӣ» Ратсел давлатро на аз мавқеи иқлим, балки аз мавқеи муносибати давлат бо замин нишон медиҳад. Шиори вай «давлат ба замин эҳтиёҷ дорад, чунки бояд зиндагонӣ намояд» буд.

Соли 1927 асари «Сарҳад дар маънои географӣ ва сиёсии он»-и олими немис Хаусхофер нашр мешавад, ки дар ин асар муаллиф ҳамаи адабиёти илмии вобаста ба мавзӯъро таҳлил намуда, дар назди худ вазифа мегузорад, ки таълимоти ягонаро оид ба сарҳади давлат ба вуҷуд биёрад. Ӯ адабиёти илмиро (аз ҷумла, асарҳои Ф.Ратсел, О.Маул, Р.Зигер, Е. Шейн, Ҷ.Брайс, Г.Тейлор, Д.Уэхар ва ғ.) оид ба сарҳад аз нуқтаи назарияҳои географӣ, биогеографӣ, психологӣ, таърихи ва моҳияти сиёсии онҳо таҳлил намудааст. Ӯ муваффақият ва норасоиҳои сарҳадҳои табиӣ, сунъӣ, баҳрӣ, хушкӣ, дарёҳоро нишон дода, талаб мекард, ки ҳиссиёти сарҳаддӯстдориро дар миллат ба роҳ монанд, омӯзиши сарҳади давлатиро таҳқиқ намуда, гурӯҳбандии марзҳои сарҳадиро нишон дода, бояд таълимотро оид ба сарҳад ҳамчун мақомоти давлат ба роҳ монд.

Хизмати олими рус В.А.Колосов низ дар назарияи геополитика аз он иборат аст, ки бештари таҳқиқотҳои ӯ оиди **лимология** (назарияи сарҳадҳои давлатӣ) ва бо ҳаммонандии марзҳои якхела мебошанд. Вай чор шакли асосии сарҳадро дар шароити муосир нишон

дода мегузарад:

1. Сарҳадҳои муҳосирашуда дар ҳолате муқаррар карда мешаванд, ки дар байни давлатҳои ҳамсарҳад тақсимоти ҷиддии зиддиятҳои идеологӣ ва сиёсӣ мавҷуд аст, инчунин байни худ ҳудудҳои тақсимнашудаи даъвоию баҳсӣ доранд ва ҳар яке аз ин давлатҳо сиёсати маҳдудкунию автаркияро пеш гирифтааст.

2. Сарҳадҳои нимгузар, ки яке аз шакли маъмулу машҳури сарҳад дар ҷаҳонӣ муосир ба шумор меравнад. Вай дар ҳолате барқарор мегардад, ки асоси онро муносибатҳои шартномавии дуҷониба бо назардошти манфиатҳои умумии ҳамсоякишварҳо баста мешаванд ва мақсади пешгирии низоъҳои назди сарҳадиро дорад, ки принсипи онро "гузаронидани мол" ташкил медиҳад.

3. Сарҳадҳои васлшуда ё муттаҳидгардида, ин навъи сарҳад дар ҳолате амалӣ карда мешавад, ки ҳамсоякишварҳо дар як ташкилоти минтақавӣ ё байналхалқӣ аъзо бошанду байни онҳо муносибатҳои гуногуни иттифоқӣ вуҷуд дорад ва мақсаду манфиатҳои онҳо дар лоиҳаҳои якҷояи дарозмуддат амалӣ карда мешаванд.

4.Сарҳадҳои интегратсионӣ дар раванди интегратсияи абарқудратҳои ҳамсоя дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ба вуҷуд омада, ташкил карда мешавад ва қисми зиёди функсияҳои давлатиро дар сатҳи байналхалқӣ фаро мегирад.

Мутаассифона, таърихи инсоният ин таърихи ҷангҳо мебошад ва аксарияти ҷангҳо мақсади азнавсозии сарҳадҳоро дорад. "La geographie – ca sert d·ord a faire la guerre" – "География пеш аз ҳама барои ҷанг хизмат менамояд", тахминан чунин ном дорад асари олими сиёсатшинос-географи француз И. Локост.

Барои исботи даъвоҳои марзии хеш ва талаби сарҳадҳои нав ҳукуматҳо ва ходимони давлатӣ эҳтиёҷ ба асосноккуниро доранд. Ғайр аз ин, аз нав дидани сарҳад дар ҳама ҳолат боиси талаботи тозаи таҳқиқотҳои амалӣ оид ба делимитатсияи онҳо дар харита ва демаркатсия дар маҳал мебошад, ки дар ин ҳолат предмети география нақши ҳалкунандаро мебозад.

Беҳуда нест, ки ташкилотҳои байналхалқӣ ва абарқудратҳои ҷаҳонӣ олимони географи машҳурро ба сифати эксперти делимитатсияи сарҳад даъват менамоянд. Ҳатто дар замони муосири мо олимони соҳаи география, аз ҷумла амрикоиҳо Г.Уайт, М.А.Гласснер, инчунин географ-сиёсатшиносони англис Ҷ. Блейк, Ю. Андерсен дар ҳалли ихтилофҳои сарҳадии Шарқи Наздик ва мамлакатҳои нимҷазираи Арабистон иштирок намудаанд.

Умуман, ҳангоми омӯзиши сарҳад вобаста ба географияи сиёсӣ чор муносибатро истифода мебаранд, аз ҷумла:

1. Муносибати таърихӣ-харитавӣ. Моҳияти он аз принсипҳои зерин иборат аст.

- Таърихӣ: омӯзиши бевосита якҷояи сарҳад дар фазо ва вақт мебошад. Барои баҳои арзишманд додан ба сарҳади сиёсӣ ва вазъи ноҳияҳои маҳалӣ ҷойгиршавии он, таърих, ташкилшавӣ ва ба вуҷуд омадани онро бояд омӯзанд. Дар ҷаҳон кам сарҳадҳое мавҷуданд, ки муддати садсолаҳо бе тағйир монда бошанд. Барои мисол, танҳо сарҳади байни Франсия ва Испанияро, ки ҳанӯз аз асри ХУ11 ба қайд гирифта шуда буд, ном бурдан мумкин аст, ки ба воситаи Пиренея мегузарад ва кӯҳҳои касногузар, ағба ва нишебиҳои мураккаб дорад.
- Алоқаи байни сохтори давлатдорӣ, режими сиёсӣ ва сиёсати мушаххаси хориҷии давлат аз як ҷониб ва вазифаи сарҳад аз ҷониби дигар. Географи машҳури француз Жак Ансел дар соли 1938 қайд карда буд, ки ҳангоми омӯзиши сарҳад набояд, ки моҳияти давлат нодида гирифта шавад, яъне "муҳим пӯст нест, балки он чизест, ки вай пеҷонида шудааст".
- Алоқамандии режим ва вазифаҳои сарҳад, аз ҷумла дар таносуби он бо қувваи ҳарбӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҳамсоякишвар. Давлати абарқудрат дар бисёр ҳолатҳо шартҳои хешро дар нисбати ҳамсоякишвари заифаш пешниҳод менамояд ё бо таври одӣ онро ба худ тобеъ месозад.

• Дастнорасии “сарҳадҳои табиӣ”. Мувофиқи ин назария барои ҷудо намудани сарҳад мамлакатҳои ғосиб дар бисёр ҳолат кӯҳҳои баланд, дарёҳои калонро интихоб мекунанд, ки ин роҳи дурусти ҳалли масъала нест. Жак Ансел ва бисёр олимон зидди чунин “табартақсимкунӣ” мебошанд.

2. Муносибати силсилабандӣ оид ба омӯзиши сарҳади таърихӣ нисбатан аз муносибати таърихӣ - харитавӣ баъдтар пайдо шудааст. Сиёсатшиноси британӣ лорд Керзон морфологияи сарҳадро ба сарҳадҳои астрономӣ (аз рӯи меридиана ва параллелҳо), математикӣ (мисол, аз рӯи доираи радиуси иҳотаи ягон марказ бо шаҳр) ва референтӣ (масоҳати ягон объекти географӣ) ҷудо намудааст.

3. Муносибати функсионалӣ дар омӯзиши географии сарҳадро якчанд насли таҳқиқотчиёни баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ инкишоф додаанд. Намояндагони бештар машҳури он географи австралиягӣ Ҷ. Прескотт ва сиёсатшинос-географи англис Ҷон Хауз эътироф шудаанд.

4. Муносибати чорум оид ба омӯзиши сарҳади давлатӣ ин муносибати сиёсӣ-географӣ мебошад. Чунин шакл, пеш аз ҳама, дар сиёсатшиносӣ ба вуҷуд омадааст, чунки фанни сиёсатшиносӣ ба муносибатҳои байналхалқӣ алоқаи зичеро дорост. Барои сиёсатшиносон аз ҳама муҳим таъсири сарҳад ва ҳолати оромии он ба вазъи муносибатҳои байналхалқӣ сахт алоқамандӣ дорад. Сиёсатшиносони амрикоӣ Ҷ. Герс ва П. Дил маълумотҳоро оид ба 870 низои сиёсӣ, ки боиси тағйири сарҳадҳои давлатӣ дар солҳои 1815 то 1990 гардида буданд, ҷамъ намудаанд.[2,с. 311]

Дар ин радиф низоъхои дар фазои пасошӯравӣ бавучудомада, аз чумла низоъҳои сарҳадии байни Озарбойҷон ва Арманистон барои Карабоғи Кӯҳии, Россия ва Украина барои Крим, Донбас, Россия ва Гурҷистон барои Абхазия ва Осетия, Қирқизистон ва Тоҷикистон оид ба сархади Ботканд ва Исфараро мисол овардан мумкин аст. Коршинос А.Раҳнамо менигорад, ки “Низои марзии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки инак наздики сад сол идома дорад, дар солҳои охир моҳияти боз ҳам мураккабу муташанниҷ гирифтааст. Баррасии мавқеъ ва изҳороти намояндагони ҷонибҳо ва арзёбии равандҳои сиёсию иттилоотии атрофи масъала нишон медиҳанд, ки ин буҳрон на танҳо дар ҳоли ҳалшавӣ, балки дар ҳоли амиқшавию васеъшавӣ қарор дорад. Хусусан, ба ин баҳс пайвастани Русия ва созмони СПАД ва даъвати роҳбарияти Қирғизистон аз СММ, САҲА ва ташкилотҳои дигари байналмилалӣ барои «миёнаравӣ» дар ҳалли ин буҳрон, имкони аз як масъали маҳаллию байнидавлатӣ ба як баҳси калони минтақавӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтани онро боз ҳам бештар намудааст. Зеро таҷрибаи низоъҳои марзию қавмӣ дар фазои пасошӯравӣ нишон додааст, ки дар аксари мавридҳо пайдошавии «миёнаравон»-и шарқию ғарбӣ боиси васеътару тулонитар шудани чунин буҳронҳо гаштааст” [4].

Аҳамияти андешаҳои олими тоҷик ниҳоят саривақтӣ ва воҷиб мебошанд. Тавре вай таъкид менамояд, “Тамоми ин 211 000 га замин, ки ҳоло болои он баҳс меравад, қаламрави қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ин баҳс Тоҷикистон ба сифати соҳиби замин ва талабкунандаи ҳаққи қонунии худ баромад мекунад. Аммо ҷониби Қирғизистон дар ин баҳс кишварест, ки аз баргардондани заминҳои қонунии кишвари ҳамсоя худдорӣ менамояд. Яъне дар ин баҳс Тоҷикистон ҷониби ҳақдор ва Қирғизистон ҷониби қарздор мебошад” [4].

Бояд таъкид наоем, ки тағйироти марзии кишварро муаллиф бо нишон додани хатҳои марзии географӣ нишон додааст, ки асоси таърихӣ ва ҳуқуқӣ дорад ва аз нуқтаи назарияи илми лимология дуруст мебошад. Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки “ҳалли масъалаҳои марзиву ҳудудӣ, мувофиқа намудани хатти сарҳади давлатӣ ва аломатгузории он раванди хеле мураккаб буда, муҳлат ва заҳмати зиёди мутахассисонро талаб менамояд. Тоҷикистон бо мақсади ҳалли масъалаҳои мавҷуда қатъиян ҷонибдори

гуфтушунид ва дарёфти роҳҳои ҳалли мутақобилан судманд бо назардошти манфиатҳои миллии ҳарду тараф мебошад” [6].

Дар хотима қайд намуданием, ки дар шароити муосир таълими илм оид ба сарҳадро дар мактабҳои олии кишвар, аз ҷумла Донишкадаи сарҳадии КДАМ, Мактаби олии КДАМ, Донишгоҳи олии Вазорати Мудофиаи ҶТ мувофиқи матлаб мебошад.

**Адабиёт**


1. Артхашастра, или Наука политики. М. Наука 1993, 793 с.
2. Колосов В. А., Мироненко Н. С. Геополитика и политическая география: Учебник для вузов. М.:Аспект Пресс, 2002. 479 с.
3. Морлин Ларувел. Кишварҳои Осиёи Марказӣ дарояндаи наздик шоҳиди исломгароӣ… //http:www.basirat.ir/Content/269060/
4. Раҳнамо А. Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Ҷумхурии Тоҷикистон кишвари тоҷовузгар нест? /рӯз. “Ҷавонони Тоҷикистон” №50 (9788), 15.2022 сол.
5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи сарҳадбонон аз 28.05.2022 сол //http: //www.president.ti/28377
6. Фарзонаи У. Марз. Аз аҳдшикании ҳамсоя то даъвати Пешвои миллат ба ҳамдигарфаҳмӣ. / “Ҷавонони Тоҷикистон”, № 16 (9754), 21.04.2022.
7. Ҳакимов Р.М., Ҳусейнов А.Қ. Геополитика. – Душанбе: ДДОТ, 2017.- 330 с.


## СТАТУС И РОЛЬ ГРАНИЦЫ В ОБЕСПЕЧЕНИИ БЕЗОПАСНОСТИ И СТАБИЛЬНОСТИ В УПРАВЛЕНИИ ГОСУДАРСТВОМ

**Хакимов Р.М., Шарифзода Ф.Х.**

*В данной статье на основе изучения и анализа современного общества показаны разнообразные стороны, специфика и история границы, её роль в современном управлении государством, научный подход к изучению границы, иначе говоря, лимология, а также статус и роль в локализации межгосударственных противоречий. Авторами исследованы не только актуальные проблемы политологии, но и затронуты такие научные сферы как политическая география, лимология и геополитика. Особенно необходимо отметить, что авторы свою позицию в отношении исследуемой темы обосновали определённо и логически.*

***Ключевые слова:*** *сверхдержавы, граница, естественные границы, искусственные границы, конфликты, пограничные дебаты, лимология, геополитика, политическая география, безопасность, национальные интересы, буферные регионы (буферные зоны).*

## THE PLACE AND ROLE OF BORDER IN PEACE AND SECURITY PROVIDING OF THE COUNTRY

**Hakimov R. M., Sharifzoda F.H.**

*On the bases of the study and analysis of modern society, the history, peculiarities and different aspects of the border, its role in modern government, scientific relations regarding the border science i.e. limology and also the place and role of the border in avoidance interstate dissension are reviewed in this article. The authors have analyzed not only one of the actual problems of political science, but also political geography, limology and geopolitics. It should be pointed out that the authors have concretely and logically justified their position regarding the analyzing issue.*

***Key words:*** *superstates, border, natural borders, artificial borders, dispute, border dispute, limelogy, geopolitics, political geography, security, national interests, buffer zone.*

№1
2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ: МЕЪЁРҲОИ ТАСНИФ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО

**Муродов С. А.** – н.и.с., мудири Шуъбаи сиёсатшиносии ИФСҲ АМИТ
Телефон: (+992) 918-41-40-86; E-mail: Subhonm@mail.ru
**Фазилатпочои М.** – магистранти ИФСҲ АМИТ

*Дар мақолаи мазкур масъалаи таснифи ҳизбҳои сиёсӣ ва меъёрҳои мавҷуда дар ин самт мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудаанд. Меъёрҳое, ки дар заминаи онҳо ҳизбҳо тасниф карда мешаванд идеологияи онҳо, шакли узвият, шакли сохтор, тамоюли идеологӣ, шакли фаъолият ва иштирок дар раванди идоракунии ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Дар заминаи муайян намудани хосиятҳои зикргардида имкони таснифи ҳизбҳои сиёсӣ ба гурӯҳҳои муайян ба даст меояд. Ҳамзамон, вобаста ба теъдоди ҳизбҳои фаъолияткунанда таснифи низомҳои ҳизбӣ низ имконпазир мегарданд. Дар ин замина низоми яккаҳизбӣ, дуҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ муайян карда мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳизби сиёсӣ, низоми ҳизбӣ, яккаҳизбӣ, дуҳизбӣ, бисёрҳизбӣ, тамоюли ҳизбӣ, идеологияи сиёсӣ, барномаи сиёсӣ, низоми сиёсӣ, умумияти идеологӣ, таснифи ҳизбӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ.*

Ҳизбҳои сиёсӣ ба сифати муаррификунандаи манфиатҳои синфию гурӯҳӣ, василаи ба даст овардани ҳокимият, ҳамчун ниҳоди сиёсию иҷтимоӣ баромад намуда, аз диди назариявӣ вобаста ба аломатҳои гуногуни худ тасниф карда мешаванд.

Вобаста ба хосиятҳои ҳизбҳои сиёсӣ олимон онҳоро аз ҷанбаҳои гуногун таснифу маънидод мекунанд. Масалан, П. Стучка қайд кардааст: «Ҳокимияти бечунучаро воқеии ҷомеаи синфӣ ҳизб мебошад. Ҳизби сиёсӣ ташкилоти як синф ё як қисми синф барои мубориза барои қудрати сиёсӣ ё ташкили ин қудрат аст. Баъзе олимони буржуазӣ ҳатто нақши шахси ҳуқуқиро ба ҳизби сиёсӣ нисбат медиҳанд, баъзеи дигар онро омили расмии ҳаёти давлатӣ эътироф мекунанд. (профессор Х. Мейер). Мо ба моҳияти ҳизбҳо бармегардем, зеро «демократия» онҳоро ба нақшаи тақсими қудрат ворид намекунад; он, баръакс, аз назария, гӯё, ин қудрати шоҳии ӯро нодида мегирад»[1]. Аз ин нуктаи назар, ҳизби сиёсӣ моҳияти синфӣ дошта, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ баромад мекунад.

Н.П.Гаева бошад, фикри мазкурро тақвият бахшида, қайд мекунад, ки: "Дар адабиёти ҳуқуқӣ бо таҳлили мафҳуми ҳизби сиёсӣ, ки ҳам дар конститутсияҳо ва ҳам дар қонунҳои махсус оид ба ҳизбҳои сиёсии давлатҳои алоҳида зикр ёфтаанд, номгӯи аломатҳои умумиро ҷудо мекунанд, ки якҷоя иттиҳодияи шаҳрвандонро бо ҳизби сиёсӣ таъмин менамоянд"[2,с.231 ]. Аз ин нуктаи назар, ҳизби сиёсӣ ҳамчун падидаи конститутсионӣ баромад мекунад, ки таъмини ҳуқуқи одамонро ба муттаҳидшавӣ пешбинӣ намудааст.

Б.Н.Чичерин бошад, қайд намуда буд, ки: «Тарафҳо метавонанд хеле гуногун бошанд. Онҳо метавонанд маҳаллӣ ё тасодуфӣ бошанд. Ҳар як манфиати каму беш умумияти одамонро дар атрофи худ ҷамъ карда, ба маркази ташкили ҳизб табдил ёфта метавонад. Ҳар як тобиши хоси андеша, ки аз ҷониби бисёриҳо шадидан ифода ва мубодила мешавад, метавонад ҳамчун унсури фаъол дар арсаи ҷамъиятӣ амал кунад»[3, с.614-615]. Лозим ба ёдоварист, ки тарафҳо гуфта Б.Н.Чичерин ҳизбҳои сиёсиро дар назар дорад. Дар ин ҳолат чунин хосияти ҳизбҳо, аз қабили умумият, ягонагии идеологӣ ва моҳияти унсурӣ доштанашон қайд гардидааст.

Таснифи ҳизбҳои сиёсӣ ин нишондиҳандаҳое мебошанд, ки тавассути онҳо ҳар як ҳизби сиёсӣ хусусияти ба худ хосро соҳиб мегардад.

Дар ин замина тафовут ва умумияти онҳо муайян карда мешавад.

Ба ақидаи мо, ба сифати аломатҳои таъминкунандаи фарқияти ҳизбҳои сиёсӣ инҳо баромад мекунанд:

- моҳият ва хусусияти идеологияе, ки онҳо тарғибу тарафдорӣ мекунанд. Вобаста ба ин, ҳизбҳое ҳастанд, ки идеологияи онҳо хусусияти дунявӣ ва ё динӣ, мўътадил ва ё реаксионӣ, инқилобӣ ва ё ислоҳотчигӣ дорад; консервативӣ ва ё либералӣ, созандагӣ ва ё эктремистию террористӣ доранд;

- шакли хоси узвият, ки дар заминаи он ҳизби сиёсӣ ташаккул меёбад. Дар ин замина ҳизби сиёсӣ метавонад кадрӣ ва ё оммавӣ бошад;

- шакли хоси таркиби сохторӣ, ки тавассути он ҳизби сиёсӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонад. Вобаста ба ин, ҳизби сиёсӣ метавонад фақат дастгоҳи марказӣ дошта бошад ва ё сохтори васеи худро дар маҳалҳо ҳам таъсис диҳад;

- шакли иштирок дар амалинамоии ҳокимияти давлатӣ. Вобаста ба ин нишондиҳанда ҳизбҳои сиёсӣ роҳбарикунанда ва оппозитсионӣ мешаванд;

- самти тамоюли пешгирифтаашон, ки майли чапravӣ, ростгароӣ ва ё марказгароиро доранд. Ҳизбҳое, ки майли чаправиро доранд ҷонибдори амалӣ намудани ислоҳот, танг кардани мавқеи сектори хусусӣ, ҳифзи иҷтимоии меҳнаткашон ва методҳои радикалию инқилобии фаъолиятро ҷонибдорӣ мекунанд. Ба ақидаи чапгароён, давлат дар танзим ва назорати ҷомеа бояд нақши фаъол дошта бошад. Дар адабиёти илмӣ коммунистон ва сотсиалистонро ба ҳизбу ҳаракатҳои чапгаро дохил менамоянд. Аммо фардгароӣ, озодӣ, моликияти хусусӣ ва рақобат арзишҳои марказии ҳизбҳои ростгаро мебошанд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, либералҳо ва консерваторон дохил карда мешаванд. Ҳизбҳои марказгаро ба созишу ҳамкорӣ майл доранд. Ҳизбҳои ростгаро бошанд, ҷонибдори давлати пурқувват, ҳимояи моликияти хусусӣ, суботи иҷтимоӣ ва муносибати манфӣ ба инқилоб мебошанд.

Таснифи зикргардида имкон медиҳад, ки дар асоси аломатҳои зикргардида моҳият ва мазмун, мақсад ва вазифаҳои ҳизби сиёсӣ муайян карда шаванд. Ҳамзамон бо ин қайд намудан лозим аст, ки асоси ин ҳама фарқиятҳо дар идеологияи ҳизбҳои сиёсӣ нуҳуфтааст. Зеро ҳар як ҳизби сиёсӣ мақсаду ҳадафҳои худро тариқи коркарди идеологияи худ таҳия намуда, тибқи он амал мекунад. Усули фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ низ дар ҳамин замина муайян карда мешаванд. Аслан, ҳизбҳое, ки дорои идеологияи радикалӣ мебошанд, мақсаду ҳадафи худро танҳо тавассути амалҳои зӯроварона амалӣ кардан мехоҳанд. Аз ин рӯ, хусусияти идеологӣ яке аз омилҳои меҳварии таснифи ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон бо ин, ҳизбҳои сиёсӣ дорои умумияти муайян мебошанд, ки ба ҳамаи онҳо хос аст. Ба ин мисол шуда метавонад умумияти идеологӣ ва мақсади ба даст овардани ҳокимият ва ё иштирок дар амалинамоии он, ки моҳият ва ҳадафи ҳамагуна ҳизби сиёсиро ташкил медиҳад.

Масъалаи дигаре, ки дар омӯзиши назариявию методологии ҳизбҳои сиёсӣ аҳамияти хос дорад, мавзӯи ташаккули низомҳои ҳизбӣ мебошад. Маълум аст, ки ҳар як ҷомеа дар заминаи режими сиёсии дар он амалкунанда шакли муайяни низоми ҳизбиро интихоб ва амалӣ мекунад. Вобаста ба теъдоди ҳизбҳои амалкунанда низоми ҳизбӣ метавонад яккаҳизбӣ, дуҳизбӣ ва бисёрҳизбӣ бошад.

Моҳияти яккаҳизбӣ дар эътироф намудани мавқеи ҳукмронӣ як ҳизб мебошад. Дар низомҳои яккаҳизбӣ фаъолияти ҳизбҳои дигар манъ карда мешаванд. Айни ҳол дар ҷаҳон дар Хитой – ҳизби коммунистии Хитой, Ҷумҳурии Куба – Ҳизби коммунистии Куба, дар Эритрея – Фроти халқӣ барои демократия ва адолат, Дар Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ – Ҳизби коргарии Корея, дар Ҷумҳурии Лаос – Ҳизби Халқӣ-Инқилобии Лаос, дар Ветнам – Ҳизби коммунистии Ветнам ҳамчун ҳизбҳо якка хукумронӣ мекунанд.

Дар гузашта намунаи низоми яккаҳизбӣ Иттиҳоди Шуравӣ маҳсуб меёфт, ки тибқи муқаррароти

Конститутсияи он ягона ҳизби амалкунанда ва ҳукмрон фақат ҳизби коммунистӣ эътироф мешуд.

Ҳамзамон бо ин, дар замони муосир олимон раванди ташаккул ва моҳияти низомҳои яккаҳизбиро омӯхта, ба хулосае омадаанд, ки низомҳои мазкур ҳам дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Ба ақидаи Б. Магалони ва Р. Кричели: «Низомҳои яккаҳизбӣ ба ду зергурӯҳ ҷудо мешаванд: режимҳои ҳизбии ҳукмрон бо афзалияти як ҳизб ва режими якҳизбӣ. Режимҳои якҳизбӣ, бар хилофи режимҳои ҳизбҳои ҳукмрон бо афзалияти як ҳизб, иштироки мухолифинро дар интихобот манъ мекунанд. Паҳншавии демократия дар миёнаҳои солҳои 1990 қатъ шуд, дар ҳоле ки густариши режимҳои якҳизбӣ дар тӯли даҳсолаи аввали асри 21 идома ёфт. Чаро баъзе режимҳои якҳизбӣ нисбат ба дигарон устувортаранд? Чаро шумораи онҳо торафт зиёд шуда истодааст ва чаро онҳо торафт мукаммалтар мешаванд?

Мо баъзе гузариши сиёсиеро, ки аз соли 1950 то соли 2006 ба вуқӯъ пайвастанд, арзёбӣ кардем. Бо истифода аз меъёрҳои Марков, мо ба хулосае омадем, ки аввалан, диктатураҳои якҳизбӣ аксар вақт дар харобаҳои дигар навъҳои диктатура ба вуҷуд омадаанд. Сониян, транзит аз як намуди диктатура ба дигараш маъмултарин навъи транзити сиёсӣ буда, 43%-и шумораи умумии дигаргуниҳои режимҳои сиёсиро аз соли 1950 то 2006 ташкил медиҳад. Сеюм, бар хилофи эътиқоди маъмул, гузариш ба демократия камтарин варианти эҳтимолии рушди ҷомеа пас аз пошхӯрии режимҳои якпартиявӣ мебошад»[4, с.159]. Аз ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, режими яккаҳизбии дорои афзалияти як ҳизб назар ба режими яккаҳизбӣ ба таври формалӣ мавҷудияти ҳизбҳои дигарро иҷозат медиҳад, вале имкони мубориза барои ҳокимиятро намедиҳад.

Маънидоднамоии моҳият ва мазмуни низоми яккаҳизбӣ аз паҳлуҳои гуногун имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии онро ҷудо намоем. Дар адабиёти сиёсии имрӯза яккаҳизбӣ ҳамчун низоми хос ба авторитаризм ва автократия маънидод карда мешавад. Ҳамзамон бо ин, низомҳои яккаҳизбӣ боиси пайдоиши мушкилиҳо дар раванди бунёди демократия гашта, пайдоиши онро ҳамаҷиҳата манъу маҳдуд менамояд. Таҷрибаи фаъолияти низоми яккаҳизбӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нишон дод, ки он замина бахри ғасби ҳокимият ва як шудани ҳизбу давлат мегардад.

Низоми баръакси яккаҳизбӣ низоми дуҳизбӣ мебошад, ки ҳамчун низоми нисбатан устувор тавсиф мешавад. Низоми дуҳизбӣ амалан фаъолияти ду ҳизбро дар системаи сиёсии давлат дар назар дошта, мақомоти намояндагӣ аз ҳисоби намояндагони маҳз ду ҳизб интихоб мегарданд. Дар ин низом ҳизбҳои сиёсӣ якдигарро иваз карда меистанд, ки инро ба истилоҳи К.Моска ва В.Парето «сиркулятсия ва ё гардиши элитаҳо» низ меноманд. Намунаи классикии фаъолияти низоми дуҳизбӣ дар Англия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) мебошад. Дар Англия дар асри XVIII ҳизбҳои торҳо ва вигҳо ташаккул ёфта, минбаъд дар асри XVIII ду ҳизби дигар дар заминаи онҳо ташаккул ёфтанд, ки онҳо консерваторон ва либералҳо мебошанд.

Ташаккули низоми дуҳизбӣ дар ИМА ба охири асри XVIII рост меояд. Сараввал ин ҳизбҳои федералистон ва ҷумҳурихоҳон буданд. Дар асри XIX ҳизби вигҳо ва демократҳо ташаккул ёфтанд. Сипас ҳизби вигҳо ба ҳизби ҷумҳурихоҳон табдил дода шуд. Ҳамин тариқ, рушди минбаъдаи капитализм ба ташаккули низоми дуҳизбӣ дар Амрико бо фаъолияти ҳизбҳои Ҷумҳурихоҳон ва Демократҳо мусоидат намуд. Ин низом то замони муосир побарҷост, ки устувории низоми мазкурро нишон медиҳад. Ба ақидаи муҳаққики рус Я. Антонов: «Мавҷудияти ҳизбҳои гуногуни парешон дар низоми сиёсии кишвар боиси пайдоиши бесуботӣ шуда метавонад. Аз ин рӯ, барои таъмини суботи сиёсӣ мавҷудияти ду ҳизби асосии сиёсӣ ва низоми дуҳизба зарур мебошад»[5].

Низоми дигар низоми бисёрҳизбӣ мебошад, ки дар он мавҷудият ва фаъолияти якчанд ҳизбҳои сиёсӣ иҷозат дода мешавад. Айни ҳол дар кулли кишварҳои Аврупо низоми мазкур

фаъолият дорад. Амалан ҳама ҳизбҳое, ки дар ин доира фаъолият мекунанд, имкони якхелаи иштирок дар маъракаҳои сиёсиро соҳиб мебошанд. Дар низоми бисёрҳизбӣ ҳизбҳои сиёсӣ имкон доранд, ки дар алоҳидагӣ ва ё дар шакли коалитсияҳои ҳизбӣ дар маъракаҳои сиёсӣ иштирок намоянд. Бисёрҳизбиро асоси таҳкими демократия медонанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили асосҳои назариявии фаъолияти ҳизби сиёсӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ: моҳият ва хусусияти онҳо нишон медиҳад, ки ҳизби сиёсӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ дорои нишонаҳои хосе мебошад, ки тавассути он имкони таснифоти он пайдо мегардад. Омӯзишу таҳлили масъала имкон дод, ки ҳизбҳои сиёсӣ вобаста ба хосияти идеологӣ, шакли ташкили фаъолият, аъзогӣ, тамоюлҳо ва роҳҳои ба даст овардани мақсад тасниф гардида, аз якдигар фарқ мекунанд.

Ҳамзамон бо ин, ҷомеаҳо вобаста ба режими мавҷудаи сиёсии худ низомҳои гуногунҳизбӣ, аз қабили яккаҳизбӣ, дуҳизбӣ ва бисёрҳизбиро ташаккул дода, заминаро барои ифодаи иродаи мардум ва таъмини ҳуқуқи муттаҳидшавии онҳо фароҳам меоваранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин, вобаста ба мансубияти иҷтимоию сиёсии худ вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд, ки онҳо дар маҷмӯъ ҷанбаи функсионалии ҳизбҳои сиёсиро ташкил медиҳанд.

Хулоса, ҳизби сиёсӣ як унсури ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, ташкилоти махсуси ҷамъиятие мебошад, ки бо мақсади ҷалби шаҳрвандон ба ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ тавассути иштироки онҳо дар ташаккул ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шудааст. Дар навбати худ, ҳизби сиёсӣ иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ буда, мафҳуми ҳизби сиёсӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи гражданӣ пешниҳод шудааст.

**Адабиёт**


1. Стучка П. Учение о Государстве и Конституции РСФСР. 3-е изд. пересм. (извлечение). [Текст]/ П.Стучка - М., 1923 г. // Allpravo.Ru. 2004 – 288с.
2. Гаєва Н.П. Поняття та сутність політичної партії. Правова держава.випуск 16. К.: Ін-т держави і права ім. В.М. Корецького [Текст]/ Н.П. Гаева – Киев, 2005. - 524с.
3. Чичерин Б. Н. Россия накануне двадцатого столетия [Текст] // Б.Н Чичерин / Философия права. - СПб.: Наука, 1998.- 656 с.
4. Magaloni B., Kricheli R. Political Order and One-Party Rule / Annual review of political science. - Palo Alto, 2010. - Vol. 13. - P. 123-143
5. Антонов Я.В. Многопартийная (многополярная) политическая система, как фактор увеличения электоральной активности молодежи [Электронный ресурс] /Я.В.Антонов //https://www.readcube.com/articles/ (дата обращения: 27.12.22).
6. Партии и партийные системы в современной Европе [Текст] – М., 1994. – 348с.


## ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПАРТИИ: КРИТЕРИИ КЛАССИФИКАЦИИ И ИХ ОСОБЕННОСТИ


**Муродов С.А., Фазилатпочои М.**



*В данной статье рассматривается и анализируется вопрос классификации политических партий и существующие нормы в этом направлении. Критериями, на основании которых классифицируются партии, являются их идеология, форма членства, форма структуры, идеологическая направленность, форма деятельности и участие в процессе управления политической властью. На основе определения указанных свойств можно классифицировать политические партии на определенные группы. В то же время можно классифицировать партийные системы в зависимости от количества активных партий. В этом контексте определяются однопартийная, двухпартийная и многопартийная системы.*



***Ключевые слова:*** *политическая партия, партийная система, однопартийность, двухпартийность, многопартийность, партийное течение, политическая идеология, политическая программа, политическая система, идеологическое единство, партийная классификация, гражданское общество, общественная организация.*

## POLITICAL PARTIES: CLASSIFICATION CRITERIA AND THEIR FEATURES

**Murodov S.A., Fazilatpochoi M.**

*This article discusses and analyzes the issue of classification of political parties and the existing norms in this direction. The criteria on the basis of which parties are classified are their ideology, form of membership, form of structure, ideological orientation, form of activity and participation in the process of managing political power. Based on the definition of these properties, it is possible to classify political parties into certain groups. At the same time, it is possible to classify party systems depending on the number of active parties. In this context, one-party, two-party and multi-party systems are defined.*

***Key words:*** *political party, party system, one-party system, two-party system, multi-party system, party movement, political ideology, political program, political system, ideological unity, party classification, civil society, public organization.*

№1 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ИНҚИЛОБҲОИ РАНГА ҲАМЧУН МОҶАРОИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Ализода Н. А.** – н.и.с., докторанти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (тел.: (+ 992) 903-30-49-50)

*Дар мақолаи мазкур инқилоби ранга дар доираи назарияи моҷаро мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки сабаби асосии афзудани таваҷҷуҳ ба инқилобҳои ранга дар он зоҳир мегардад, ки дар давоми якчанд даҳсола дар як қатор кишварҳо, ки дорои режимҳои устувори сиёсӣ буданд, табаддулотҳои давлатӣ ба миён омада, режимҳои сиёсии мавҷударо бартараф намуданд.*

*Дар шароити имрӯза консепсияҳои мухталифи омӯзиши “инқилобҳои ранга” ташаккул ёфтаанд, лекин ҳеҷ кадаме аз онҳо тамоми мушаххасоти раванди онро ба инобат нагирифта, танҳо як ҷанбаи принсипиалии онро таҷассум намудаанд.*

*Баррасии “инқилоби ранга” бо ёрии методҳои моҷарошиносии сиёсӣ, ки дар асоси он сохтори таҳлили моҷаро истифода карда мешавад, ба муайян намудани хусусиятҳои “инқилобҳои ранга” мусоидат менамояд.*

*Марҳилаҳои ташаккули “инқилобҳои ранга” низ дар доираи марҳилаҳои ташаккули моҷарои сиёсӣ баррасӣ карда мешавад. Хусусиятҳои “инқилобҳои ранга”-ро метавон тариқи муайян намудани марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди ин раванд ошкор намуд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки баррасии ”инқилобҳои ранга” дар доираи назарияи моҷаро имконият медиҳад, ки хусусиятҳои ин падида дар шароити муосир ошкор карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *инқилоби ранга, моҷарои сиёсӣ, инқилоб, ҳокимияти сиёсӣ, бархурди манфиатҳо, субъектҳои моҷаро, объекти моҷаро, марҳилаҳои моҷаро, муборизаи сиёсӣ, раванди сиёсӣ.*

Дар таърихи ҷаҳонӣ масъалаи барҳамдиҳӣ ва ивазнамоии режимҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки ҳамеша дар шаклҳои мухталиф вуҷуд дошт. Лекин, воситаҳои чунин барҳамдиҳӣ ва ивазнамоӣ, асосан, методҳои зӯроварона дар фаҳми классики онҳо бароมад менамуданд, ки дар ҷараёни табаддулотҳои ҳарбӣ, моҷароҳо (ва ё низоъҳо)-и ҳарбии минтақавӣ ва ҷангҳои шаҳрвандӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд. Аз ин хотир ба ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур буд, ки методҳои воқеии мухолифат бо ин таҳдид ва механизмҳои танзими сиёсии ин равандҳоро коркард намояд. Ҳамин тариқ, шиддатнокии масъалаи таҳдиди табаддулотҳои ҳарбӣ дар кишварҳои гуногун дар шароити имрӯза низ муҳим аст, лекин ба таври умумӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳҳо ва воситаҳои муайяни мухолифат бо ин таҳдидро бунёд намудааст.

Дар шароити имрӯза ҷаҳон тағйир ёфтааст, ба ҷои технологияи табаддулотҳои давлатӣ технологияи инқилобҳои ранга омадааст, ки моҳирона зери ҳаракатҳои воқеии инқилобӣ пинҳон гардидааст ва ҳам аз ҷониби давлатҳои рушдкардаи демократӣ ва ҳам аз ҷониби давлатҳои навъи Шарқӣ бар зидди он мухолифат нишон дода намешавад.

Сабаби асосии афзудани таваҷҷуҳ ба “инқилобҳои ранга” дар он зоҳир мегардад, ки дар давоми якчанд даҳсола дар як қатор кишварҳо, ки дорои режимҳои устувори сиёсӣ буданд, табаддулотҳои давлатӣ ба миён омада, режимҳои сиёсии мавҷударо бартараф намуданд. Ин кишварҳо муддати тӯлонӣ ба омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ бомуваффақ мухолифат нишон медоданд. Дар ин самт метавон ба таври махсус инқилобҳои рангаро дар Миср, Тунис, Сирия ва Ливия қайд намуд.

Яке аз масъалаҳои муҳим омӯзиш ва баррасии инқилобҳои ранга мебошад. Инқилоби ранга ҳамчун инқилоби

классикӣ, табаддулоти давлатӣ, “инқилоби бахмалин”, технологияи сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯи хусусияти худ инқилоби ранга ба ин падидаҳо ба пуррагӣ монандӣ надорад. Ин муносибатҳо, тамоми ҷанбаҳои инқилобҳои рангаро таҷассум намекунанд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза консепсияҳои мухталифи омӯзиши “инқилобҳои ранга” ташаккул ёфтаанд, лекин ҳеҷ кадаме аз онҳо тамоми мушаххасоти раванди онро ба инобат нагирифта, танҳо як ҷанбаи принсипиалии онро таҷассум намудаанд. Аз ин рӯ, баррасии мушаххаси моҳияти мафҳуми мазкур ба миён меояд, ки ба муайян намудани хусусиятҳои умумии падидаи “инқилоби ранга” мусоидат менамояд [1, с. 27].

Баррасии мафҳуми “инқилоби ранга” дар доираи муносибати нисбатан умумӣ мантиқан дуруст аст, яъне зарур аст, ки раванди мазкур ҳамчун зуҳурот ва навъи моҷарои сиёсӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлил қарор дода шавад. Моҷаро мавҷудияти аққалан ду субъектро пешниҳод менамояд, ки дар нисбати манфиати муайян дар мухолифат қарор доранд. “Моҷаро ҳамчун падидаи дуқутба – мухолифати ду тараф, ки дар фаъолнокии ҷонибҳо зоҳир гардида, ба бартараф намудани мухолифатҳо равона карда шудааст, баромад менамояд” [3, с. 270]. Мутобиқан, моҷарои сиёсӣ ин мухолифат ё бархурди субъектҳои сиёсат нисбат ба мақсадҳои аҳамиятноки сиёсӣ ва азнавтақсимнамоии захираҳои ҳокимият ба ҳисоб меравад.

Баррасии мафҳуми “инқилоби ранга” бо ёрии методҳои моҷарошиносии сиёсӣ, ки дар асоси он сохтори таҳлили моҷаро истифода карда мешавад, ба ақидаи мо, муҳим буда, ба муайян намудани хусусиятҳои “инқилобҳои ранга” мусоидат менамояд. Дар ин самт муайян намудани нишондиҳандаҳо, ки дар асоси онҳо падидаи “инқилоби ранга” ба гурӯҳи моҷароҳои сиёсӣ ворид карда мешавад, зарур аст: хусусияти ҷамъиятӣ ва ошкороии ҳузуроти мухолифати тарафҳо; аҳамиятнокии умумӣ; ташкили ниҳодии субъектҳои моҷаро; ҳуввияти рамзӣ; мавҷудияти сарварон ё гурӯҳҳои моҷарогар; шиддатнокии умумии сиёсӣ. Хусусияти муҳими моҷарои сиёсӣ ҷанбаҳои зерин, ба монанди субъектҳои моҷаро; объект, ки нисбат ба он моҷаро ба миён меояд; муҳити мавҷуда ба ҳисоб мераванд. Аз ин хотир хусусиятҳои умумии “инқилобҳои ранга”-ро бо метавон бо назардошти рушди моҷаро баррасӣ намуд.

Қайд намудан зарур аст, ки масъалаи калидии фаҳми хусусияти моҷарои сиёсӣ субъектҳои он ба ҳисоб мераванд. Субъектҳои моҷарои сиёсӣ субъектҳои муносибатҳои сиёсӣ ба ҳисоб мераванд, ки дорои захираҳои муайяни сиёсӣ ва манфиатҳои сиёсии худ буда, онҳоро дар доираи мухолифатҳои сиёсӣ ҳимоя менамоянд. Тарафи бавоситаи моҷаро низ ҷудо карда мешавад, ки дар фаъолияти инфиродҳо, гурӯҳҳо, созмону ташкилотҳо, коллективҳои меҳнатӣ, умумиятҳои иҷтимоӣ, ниҳодҳои сиёсӣ таҷассум мегардад. Онҳо бо сабаб ва омилҳои мухталиф ба моҷаро ҷалб гардида, дар моҷаро ба сифати миёнарав ё ҳамчун нерӯи сулҳовар иштирок менамоянд [9, с. 41].

Субъектҳои “инқилоби ранга” ҳамон иштирокчиён ба ҳисоб мераванд, ки мақсади мушаххасро дар раванди он пайгирӣ менамоянд. Онҳо ба таври ошкоро муборизаи сиёси мебаранд, хусусияти мухолифати онҳо аҳамияти ҷамъиятӣ дорад. Субъектҳои рақиб бо мавқеи ягонаи сиёсӣ ва субъектҳо бо мавқеъҳои мухталифи сиёсии “инқилобҳои ранга” ҷудо карда мешаванд.

Ба сифати объекти моҷарои сиёсӣ ду навъи камбудӣ – камбудии мавқеъ ва камбудии сарчашмаҳо баромад менамоянд [11, с. 15]. Дар моҷарои сиёсӣ муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва заминаҳои шиддатнок гардидани моҷаро, яъне доираи нерӯ ва мубориза, ки ба тағйирдиҳии мутобиқати ин қувваҳо равона карда шудааст, муҳим арзёбӣ карда мешавад. Объекти “инқилоби ранга” мақсади рақобатнок – ҷой дар парламент ё мансаби сарвари давлат ба

ҳисоб меравад, ки барои онҳо мубориза дар доираи “инқилоби ранга” ба роҳ монда мешавад.

Иттифоқчиён иштирокчиёни мустақил ба ҳисоб мераванд, ки субъекти моҷароро ба таври назаррас дастгирӣ менамояд. Дар “инқилоби ранга” иттифоқчиён метавонанд ҳам нерӯҳои бонуфуз дар давлат ва ҳам иштирокчиёни беруна бошанд, ки дар амалинамоии “инқилоби ранга” ва ғолибияти сарвари он манфиат доранд. Дар тарзи классикии “инқилобҳои ранга” чунин иштирокчии беруна, асосан ШМА баромад менамояд.

Муҳит фазои таъсиррасонии маҷаровӣ мебошад, ки ба рушди моҷаро таъсири назаррас мерасонад. Ба ин ҷанба метавон хусусиятҳои раванди сиёсӣ, характери қабули ҳодисаҳо аз тарафи ҷомеа, таъсири равандҳои муҳими ҷамъиятӣ ба иштирокчиёни “инқилоби ранга”-ро ворид намуд.

Стратегияи субъектҳо ҳамчун ҷавоб ба вазъияти проблемавӣ баррасӣ карда мешавад. Стратегияи интихобгардида барои амалинамоии мақсадҳои гузошташуда метавонад аз стратегияи субъектҳои мухолифати моҷаровӣ тафовут дошта бошад. Дар “инқилобҳои ранга” аз тарафи субъектҳо стратегияи афзалиятнокро интихоб менамоянд, ки мухолифат ва муборизаро барои мақсади рақобатнок пешниҳод менамояд. Мавқеи субъектҳо “инқилоби ранга” -ро ҳамчун моҷарои навъи омехта муайян менамояд, ки дар он дар як қатор бо таркиби уфуқӣ, таркиби амудӣ низ мавҷуд аст, ки дар моҷарои байни элита ва ғайриэлита зоҳир мегардад [7, с. 50].

15. Сафарализода Х.К. Вызовы и угрозы неуклонного развития информационно-коммуникационных технологий // Развитие национальной государственности в период независимости: материалы республиканской научно-практической конференции (г.Душанбе, 03 сентября 2021 г.) – Душанбе, 2021. – С.76-86.
16. Сафарализода Х.К. Вызовы и угрозы научно-технического и технологического прогресса // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. – 2021. – № 3. – С.97-102.
17. Сафарализода Х. Кибертерроризм как угроза национальной безопасности // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. - № 2/4-2. - С.271-275.
18. Секрет фирмы. Кто владеет информацией, тот владеет миром [Электронный ресурс]. URL: https://www.moscowtorgi.ru/news/bezopasnost_biznesa/869/ (дата обращения: 29.09.2020 г.)
19. Ятимов С.С. Наука и безопасность. - Душанбе: Издательство «Ганч», 2019. -С.28-29 (на тадж. яз.).

20. Ятимов С.С. Общественное сознание и общественная безопасность // Таджикистан и сегодняшний мир. - 2017. -№2 (57). –С.28 (на тадж. яз.).
21. Sammons J., Cross M. What is cyber safety? // The Basics of Cyber Safety. Syngress, 2017. – pp.1-27.
22. Healey J. Cyber Security Objectives // Cyber Security Policy Guidebook. – 2012. – pp.39-67.
23. Lehto M. The Cyberspace Threats and Cyber Security Objectives in the Cyber Security Strategies // International Journal of Cyber Warfare and Terrorism. 2015. –№ 3(3). P.1-18.
24. Information security (InfoSec): The Complete Guide URL: https://www.exabeam.com/information-security/information-security/

## ТАНОСУБИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ВА АМНИЯТИ КИБЕРӢ

**Холиқов Ф. А.**

*Таҳлили адабиёти илмӣ ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки айни замон амнияти иттилоотӣ ва амнияти кибериро дар аксар маврид дар як маъно истифода менамоянд. Агар онҳо бо ҳамдигар алоқаманд бошанд ҳам, аммо аз рӯйи як қатор нишондодҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Бинобар ин, муайян намудани таносуби амнияти иттилоотӣ ва амнияти киберӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳаи таъмини амнияти миллӣ мебошад. Амнияти иттилоотӣ ҳама вақт бо масъалаи коркард ва интиқоли иттилоот алоқаманд аст. Ҳимояи объектҳои амният низ аз таъсири манфии иттилооти зараровар унсури марказии таъмини амнияти иттилоотиро ташкил медиҳад. Аммо анмияти киберӣ бошад ҳолати ҳимоятшавандагии воситаҳои коркард ва интиқоли иттилоотро дар назар дорад. Яъне, замоне амнияти киберӣ мегуем, сухан дар бораи амнияти технологияҳои иттилоотӣ меравад. Аз ин рӯ, амнияти кибериро унсури таркибии амнияти иттилоотӣ муайян намудан мумкин аст.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти иттилоотӣ, амнияти киберӣ, иттилооти манфӣ, объектҳои амният, амнияти технологияҳои иттилоотӣ.*

## CORRELATION OF INFORMATION SECURITY AND CYBER SECURITY

**Kholikov F. A.**

*An analysis of the scientific literature and observations show that at present information security and cybersecurity are often used in the same sense. Even if they are related to each other, however, they differ from each other in a number of indicators. Therefore, determining the relationship between information security and cybersecurity is one of the most important issues in the field of ensuring national security. Information security is always associated with the processing and transmission of information. Protecting security objects from the negative impact of malicious information is a central element in ensuring information security. However, cybersecurity refers to the state of security of the means of processing and transmitting information. That is, when we talk about cybersecurity, we are talking about information technology security. Therefore, cybersecurity can be defined as an integral element of information security.*

***Key words:*** *information security, cybersecurity, negative information, security objects, information technology security*

№1 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

## МИНБАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҶАВОН
## ТРИБУНА МОЛОДЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ
## ROSTRUM OF THE YOUNG RESEARCHERS

** ** **

# ВАЗЪИЯТИ АМНИЯТИ ҲАРБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РАВАНДИ ТАШАККУЛЁБИИ ОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**Азиззода Ҳ. Ҷ.** – унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (тел.: (+992) 935-72-45-55)

*Дар мақолаи мазкур механизми ҳуқуқии фаъолияти мақомоти идоракунии фаъолияти ҳарбии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва паҳлуҳои мухталифи таъмини амнияти миллию давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷанбаҳои илмию назариявии онҳо асоснок гардидаанд. Муаллиф дар мақола равандҳои сиёсию омилҳои муҳимтарини амнияти ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлоти рушди вазъияти ҳарбӣ-сиёсии ҷаҳон, инчунин минтақаҳои дигари оламро нишон додааст. Бо дарназардошти чунин вазъият дар ҷомеаи имрӯза амнияти ҳарбӣ кафили рушди устувори ҷомеа ба шумор рафта, барои пешгирӣ намудани таҳдиду хатарҳо барои ҳифзи манфиатҳои давлатдорӣ, ҳамчунин ташаккули методологияи амнияти миллӣ аҳмияти назариявӣ дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Сиёсати ҳарбии Пешвои миллат, амнияти ҳарбӣ, амниятшиносӣ, суботи сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ, ҳолати ҳимоятшавандагӣ, иқтидори неруҳои ҳарбӣ, таҳдиду хатарҳо, таъмини амният, иқтидори мудофиавии кишвар.*

Дар ибтидои асри XXI Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи навбатии рушди давлатдории миллӣ ворид гардид ва яке аз давраҳои хеле ҳассосро паси сар намуд. Чи гунае, ки маълум аст, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ оғоз гардид ва онро бо саъю талоши беназир ниҳоятан дар охири солҳои 90-ум хотима доданд. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим меомад, ки даҳсолаи аввали ибтидои асри XXI-ро барои бартараф намудани хисороти баъдиҷангӣ, ба ҳаёти осоишта баргардонидани шаҳрвандон, ба таври муназзам ба роҳ мондани фаъолияти соҳаҳои ҷамъиятӣ ва аз ҳама муҳим гузаронидани ислоҳоти фарогир машғул мегардид. Аз ҷониби дигар вазъи геополитикии олам хеле мураккаб ва хатарнок гардида буд, ки чунин ҳолат низ ба равандҳои сиёсии Тоҷикистон таъсири амиқ мерасонид.

Дар ин давра омили муҳимтарине, ки ба амнияти ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиргузорӣ менамуд, тамоюлоти рушди вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ дар ҷаҳон ва минтақаҳои дигари олам маҳсуб меёфт. Тағйирёбии тадриҷии вазъи геополитикӣ ва баъзан якку якбора дигаргун шудани вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ амнияти ҳарбиро ба арзиши миллӣ ва манфиати ҳаётан муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил медиҳад. Зеро дар чунин шароит амнияти ҳарбӣ кафили рушди устувори ҷомеа ва давлатдории миллӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи навини давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиду хатарҳои воқеӣ ва эҳтимолие мавҷуданд, ки метавонанд сатҳу сифати амнияти ҳарбии кишварро коҳиш диҳанд, ба тамоми марзию ҳудудӣ ва истиқлолияти давлатӣ, сохтори конститут-

сионии давлат ва оромию осудагии сокинони кишвар халал расонанд.

Амнияти ҳарбӣ таркиби хеле мураккаб дорад. Чунин вазъро аз таҳлили асарҳои илмии мутахассисони соҳа ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Барои мисол, олими рус В.М. Чугунов таркиби амнияти ҳарбиро ҳамчун низоми мураккабе медонад, ки дорои унсурҳои дохилию берунӣ мебошад. Ӯ унсурҳои таркибии падидаи мазкурро ба таври зерин нишон додааст: давлат ҳамчун субъекти амнияти ҳарбӣ; манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат; иқтидори умумии ҷомеа ва давлат дар соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ (иқтидори сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, маънавӣ ва ғ.); қудрати мудофиавии давлат; муносибатҳои сиёсии дохили мамлакат; низоми муносибатҳои хориҷӣ ва байналмилалии давлат [13, с.16].

Дар муносибат ба унсурҳои таркибии сохтори амнияти ҳарбӣ андешаҳои дигар низ мавҷуданд. Як гурӯҳ олимон амнияти ҳарбиро ҳамчун маҷмӯи унсурҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ-техникӣ, ҳарбӣ-касбӣ, маънавию ахлоқӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва монанди инҳо медонанд, ки онҳо дар шаклҳои гуногун ба раванди ташаккулёбӣ ва амалнамоии амнияти ҳарбӣ таъсиррасонӣ мекунанд [3]. Дар маҷмӯъ, андешаҳои олимону муҳаққиқон ва амалияи таъмини амнияти ҳарбиро ба инобат гирифта, сохтори ниҳоят мураккаби амнияти ҳарбиро аз унсурҳои зерин иборат донистан мумкин аст: 1) субъектҳои амнияти ҳарбӣ; 2) объектҳои амнияти ҳарбӣ; 3) мақсад, вазифа ва самтҳои таъмини амнияти ҳарбӣ; 4) меъёрҳои таъмини амнияти ҳарбӣ; 5) воситаҳо ва роҳу усулҳои таъмини амнияти ҳарбӣ.

Ҳар як соҳаи амнияти миллӣ, аз ҷумла амнияти ҳарбӣ дорои субъектҳои худ мебошанд. Махсусан низоми таъмини амнияти ҳарбиро бе субъектҳои он, ки аз маҷмӯи ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ иборатанд, тасаввур намудан номумкин аст. Дар мазмуни васеъ давлат, ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилот ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва ҳатто шаҳрвандони алоҳида, ки арзишҳои миллӣ, манфиатҳои миллӣ, роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани онҳоро медонанд, дорои донишу таҷрибаи зарурӣ ҳастанд ва дар доираи қонунгузории давлат барои ҳимояи ватан омодаанд, ба сифати субъектҳои амнияти ҳарбӣ баромад менамоянд.

Субъекти асосӣ ва аз ҳама муҳимтарини амнияти ҳарбӣ давлат мебошад, зеро дар таъмини амнияти ҳарбӣ нақши беғоят калон мегузорад. Чунин мавқеи муҳим ба он хотир хоси давлат дониста мешавад, ки вай дар муқоиса аз ниҳодҳои дигари ғайридавлатӣ имконият ва иқтидори зарурии таъмини амниятро доро аст.

Давлат сиёсати дохилию хориҷиро муайян намуда, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиаи мамлакатро таъмин намуда, ба сифати намояндаи расмии ҷомеа ва намояндаи ҳар як узви ҷомеа баромад мекунад [12, с.148]. Замоне мо мегуем, ки давлат намояндаи расии ҷомеа аст, сухан дар бораи он меравад, ки давлат таъмини амнияти ҷомеаро бар уҳдаи худ мегирад, ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятиро ба воситаи меъёрҳои давлатию ҳуқуқӣ ба амал мебарорад. Бинобар ин, давлат дар муноибат бо давлатҳои дигар, дар фаъолияти созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ҷомеаи худро намояндагӣ мекунад [5].

Нақш ва мавқеи истисноии давлат дар низоми амнияти ҳарбӣ бо он асоснок карда мешавад, ки вай дар доираи иҷроиши вазифаҳои ҳарбӣ-сиёсии худ оид ба истифодаи қувваҳои ҳарбӣ ҳуқуқи монополӣ дорад. Низоми махсуси мақомот, ниҳодҳо ва муассисаҳоеро дар ихтиёри худ нигоҳ медорад, ки онҳо низ дар навбати худ дорои вазифаҳо ва салоҳиятҳои ба таври расмӣ муқаррар-гардида мебошанд [4; 7]. Давлат ҳамчун субъекти амнияти ҳарбӣ вазифаҳои худро дар ин самт тавассути мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, дастгоҳи махсуси идоранамоӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ, ки дорои ваколатҳои мушаххас мебошанд, ба амал мебарорад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дастгоҳи идоракунии давлатӣ ва ниҳодҳои ҳарбӣ-сиёсии давлат мақсадҳои амнияти ҳарбиро муайян намуда, роҳу усулҳои расидан ба

мақсадҳои мазкур, қувваҳо, воситаҳо, шаклҳо ва усулҳои фаъолияти ҳарбиро оид ба таъмини амният мушаххас месозанд, ҳамкориҳои мустақими ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро ташкил намуда, дар мавриди истифодаи қувваҳои мусаллаҳ қарор дахлдор қабул менамоянд.

Давлат ҳуқуқэҷодкуниро ба амал мебарорад ва низоми қонунгузориеро дар ихтиёр дорад, ки алоқамандии амнияти ҳарбӣ бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро танзим менамояд ва бо ин роҳ ба иқтидори мудофиавии мамлакат таъсири мусбат мерасонад. Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии давлат мақсаду вазифаҳо, самтҳои асосӣ ва меъёрҳои зарурӣ, мақомот, неруҳо ва воситаҳои таъмини амнияти ҳарбӣ муқаррар карда мешаванд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияту ваколатҳои сиёсии худ на танҳо санадҳои меъёрию ҳуқуқиро қабул менамоянд, балки амалишавии онро таъмин месозанд. Вобаста ба хусусиятҳои объекти амният, таҳдиду хатарҳои мавҷуда ва мақсаду вазифаҳои таъмини амнияти ҳарбӣ давлат субъектҳоеро ташкил медиҳад, ки дар ин самт ӯҳдадрорӣ ва салоҳиятнокӣ доранд.

Мутобиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар мамлакат амалкунанда низоми субъектҳои амнияти ҳарбиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст. Онҳоро ба се дараҷа тақсим намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар дараҷаи якум, ки он хусусияти давлатию сиёсӣ дорад, субъектҳои амнияти ҳарбиро инҳо ташкил медиҳанд:

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад ва дар доираи салоҳиятҳои конститутсионии худ фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод мекунад. Ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад. Барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризоияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода мебарад. Дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулода эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад [7]. Инчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёмҳои солона, суханрониҳо ва вохӯриҳои расмӣ масъалаҳои амнияти ҳарбиро матраҳ менамояд ва ба ниҳодҳои дахлдор дастуру супориш медиҳад.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои қонунгузории соҳаи амнияти ҳарбиро ташаккул медиҳад. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон розигӣ медиҳад ва фармони Президент дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулодаро тасдиқ менамоянд [7]. Маҷлиси намояндагон дар доираи салоҳияти конститутсионии худ шартномаҳои байналмилалиеро, ки дар соҳаи амнияти ҳарбӣ қабул гардидаанд, метавонад тасдиқ ва ё бекор намояд.

Дараҷаи дуюми низоми субъектҳои амнияти ҳарбиро дараҷаи маъмурӣ ташкил медиҳад, ки дар он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти иҷроияро ба амал мебарорад. Дар ҳайати Ҳукумат роҳбарони сохторҳои қудратӣ шомил мебошанд ва иҷроиши масъалаҳои бевоситаи ҳарбӣ бар дӯши онҳо вогузор аст. Дар маҷмӯъ, ҳукумат иҷроиши барномаҳои ҳадафнок, нақша чорабиниҳои соҳаи таъмини амнияти ҳарбиро таъмин мекунад, барои бо захираҳои моддию молиявӣ таъмин гардидани қувваҳо, воситаҳо ва ниҳодҳои амнияти ҳарбӣ чораҷӯӣ мекунад.

Дараҷаи сеюм дараҷаи оперативӣ мебошад. Дар ин зина субъектҳои амнияти ҳарбиро Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Раёсати Қушунҳои сарҳадии КДАМ, раёсатҳои Дастгоҳи марказии Вазорати мудофиа, Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ, комиссарони ҳар-

бии вилоятҳо, командирони сатҳу зинаҳои гуногуни қисмҳои низомӣ ва ғ. ташкил медиҳанд. Мақомоти мазкур вазифадоранд, ки таҳдиду хатарҳои ҳарбиро саривақт муайян намуда, дар самти таъмини амнияти ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтумони ҳарбӣ ва коркарди смтҳои асосии таъмини амнияти ҳарбӣ чораҳои таъхирнопзир андешанд.

Яке аз унсурҳои муҳимтарини сохтори амнияти ҳарбиро объектҳои он ташкил медиҳанд. Пеш аз ҳама, манфиатҳои ҳаётан муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сифати объектҳои амнияти ҳарбии мамлакат муаррифӣ намудан мумкин аст. Манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакатро ба таври зерин нишон додан мумкин аст: истиқлолияти давлатӣ, тамомияти ҳудудӣ ва дахлнопазирии сарҳадӣ, суботи иҷтимоию сиёсии ҷомеа, устувории сохтори конститутсионии давлат, ваҳдати миллӣ, бехатарӣ ва устувории стратегӣ дар минтақа ва ҷаҳон, дастрасии озод ба бозорҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва ғ. Манфиатҳои мазкур барои бақои давлату миллат зарур буда, ҳифзу ҳимояи онҳо доимо дар маркази диққат, аз ҷумла объектҳои муҳимми амнияти ҳарбиро ташкил медиҳанд.

Мақсаду вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти субъектҳои амнияти ҳарбӣ дар низоми ин навъи амният ва дар маҷмӯъ, дар низоми амнияти миллӣ мавқеи махсус доранд. Мақсадҳои амнияти ҳарбӣ, пеш аз ҳама дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии давлат инъикос мегарданд. Мақсадҳои таъмини амнияти ҳарбӣ дар Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст. Дар он гуфта мешавад, ки «Доктринаи ҳарбӣ хусусияти мудофиавӣ дорад, ки дар муқаррароти он мувофиқати аслӣ ба тарафдории тадриҷии сулҳ бо қатъияти ҳимояи манфиатҳои миллӣ муайян карда шуда, амнияти ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттифоқчиёни онро кафолат медиҳад» [4].

Бояд гуфт, ки мақсадҳои амнияти ҳарбӣ инчунин аз ҷониби субъектҳои гуногуни давлатӣ ташаккул дода мешаванд. Мақсадҳои мазкур ба таври худсарона не, балки бо назардошти вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ, барои пешгирии таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ, ки дар қонунгузории мамлакат ва созишномаҳои байналмилалӣ муқаррар карда шудаанд, қабул мегарданд. Мақсадҳои амнияти ҳарбӣ вобаста ба шароити бамаломада метавонанд барои иҷрои вазифаҳои дохилӣ ё хориҷӣ равона гардида бошанд, инчунин мақсадҳои дарозмуддат ва кутоҳмуддатро низ нишон додан мумкин аст.

Тибқи Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади нигоҳ доштани амнияти миллӣ ва байналмилалӣ, пешгирӣ намудани намудҳои гуногуни хатар Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки:

- мусаллаҳшавии бошитобро дар минтақа маҳдуд намуда, таҳвили онро ба коинот роҳ надиҳад;
- ба ҷойгиркунӣ ва озмоиши силоҳи ядроӣ дар қаламрави худ роҳ надиҳад;
- яроқи ядроӣ, кимиёвӣ ва биологӣ нест карда шаванд;
- ба содироти (таҳвили) мавод ва технологияҳое, ки қобили офаридан ва паҳн намудани ҳар як навъи аслиҳаи қатли ом мебошанд ва воситаҳои таҳвили он роҳ надиҳад;
- давра ба давра аз ҷониби ҳамаи давлатҳо, махсусан давлатҳои Осиёи Марказӣ ихтисор гардидани Қувваҳои Мусаллаҳи худ то ба ҳадди камтарини зарурати дифоъ ноил гардад;
- эҳтиром, ошкорбаёнӣ ва пешгӯии тарафайн дар кори ҳарбӣ ва дар ин асос чораҳои амалӣ оид ба таҳкими боварӣ ва назорат андешад;
- маълумотдиҳии саривақтии байни давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхайро оид ба бартарафсозии муноқишаҳои байналмилалӣ, мубориза алайҳи ҷиноятkории вобаста ба маводи нашъаовар, терроризм ва экстремизми байналмилалӣ бо ҳамаи зуҳуроти он таъмин шавад;
- иттиҳоди мавҷудаи ҳарбию сиёсиро ба сохторҳои нави нисбатан таъсирбахши амнияти дастаҷамъона табдил диҳад ва муттаҳид созад [4].

Чи гунае, ки дидан мумкин аст, мақсаду вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти субъектҳои амнияти ҳарбӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини ин

соҳаро ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки мақсаду вазифаҳои амнияти ҳарбӣ хусусияти тағйирёбандагӣ доранд ва марҳила ба марҳила вобаста ба шаклгирии авзои сиёсию ҳарбӣ метавонанд тағйир ёбанд.

Инчунин дар таъмини амнияти ҳарбӣ принсипҳо ва меъёрҳои мушаххас нақши калидӣ мебозанд. Аз ин рӯ, онҳоро унсури муҳимтарини сохтори амнияти ҳарбӣ номидан мумкин аст. Субъектҳои амнияти ҳарбӣ ба принсипҳои мазкур ва дар асоси меъёрҳои таъмини амният фаъолияти худро ба роҳ монда, мақсад ва вазифаҳои худро ба таври самаранок иҷро менамоянд. Инчунин принсипҳо ва меъёрҳо метавонанд сатҳу сифати таъмини амнияти ҳарбиро бамаротиб боло бардоранд. Ба принсипҳои асосии таъмини амнияти ҳарбии давлат меъёрҳои зеринро шомил намудан мумкин аст: алоқамандии роҳбарияти марказонидашудаи фаъолияти ҳарбии давлат бо назорати шаҳрвандии ин соҳа; ояндабинии самаранок, саривақт ошкор намудан ва ба навъҳо ҷудо кардани таҳдидҳои ҳарбӣ, ба онҳо дар сатҳи зарурӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардан; дар сатҳи зарурӣ қарор доштани қувваҳо, воситаҳо ва захираҳои лозима барои таъмини амнияти ҳарбӣ ва истифодаи самараноки онҳо; мутобиқати дараҷаи омодагӣ, омоданамоӣ ва таъминоти фаъолияти ҳарбии давлат бо талаботи амнияти ҳарбӣ; худдорӣ намудан аз таъсиррасонии ҳарбӣ ба амнияти байналмилалӣ ва амнияти миллии давлатҳои дигар.

Алоқамандии роҳбарияти марказонидашудаи фаъолияти ҳарбии давлат бо назорати шахрвандии ин соҳа яке аз принсипҳои хеле муҳимми соҳаи таъмини амнияти ҳарбӣ мебошад. Зеро сохтумони ҳарбӣ ва ташаккули иқтидори мудофиавии мамлакат тақозои онро менамояд, ки ин соҳаи муҳимми амнияти миллӣ ва фаъолияти давлатӣ дар сатҳи хеле баланд марказонида шавад.

Назорати шаҳрвандии фаъолияти ҳарбӣ тақозои онро менамояд, ки ташкилот ва фаъолияти қувваҳои мусаллаҳ ба конститутсия, қонунҳои давлат, ба самтҳои асосии сиёсати ҳарбӣ ва доктринаи ҳарбӣ, консепсияҳо ва барномаҳои ислоҳоти артиш, барномаҳои давлатии рушди саноати ҳарбӣ, шартномаҳои байналмилалии соҳаи мудофиа ва амният мувофиқат намоянд [8, с.8].

Барои таъмини амнияти ҳарбӣ зарур аст, ки таҳлилу ояндабинии таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, ояндабинии самаранок, саривақт ошкор намудан ва ба навъҳо ҷудо кардани таҳдидҳои ҳарбӣ, ба онҳо дар сатҳи зарурӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардан принсипи муҳимтарини амнияти ҳарбиро ташкил медиҳад. Дар робита бо ин гуфтан бамаврид аст, ки ҳалли як қатор масъалаҳои дар амал татбиқ намудани сиёсати ҳарбии давлат, ки ба таъмини амнияти ҳарбии мамлакат нигаронида шудааст, аз принсипи номбаргардида вобастагии зиёд дорад. Илман асоснок намудани ояндабинии ҳарбӣ-сиёсӣ, ҳамаҷониба баҳогузорӣ намудани омилҳое, ки вазъияти ҳарбӣ-сиёсии дохил ва хориҷи кишварро инъикос менамояд, дар таъмини амнияти ҳарбӣ хеле муҳим мебошанд. Ояндабинии таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ раванди хеле мураккаб буда, таҳқиқоти илмӣ, муайян намудани мақсаду вазифаҳо, ҷамъоварии иттилоотии зарурӣ дар бораи таҳдидҳо, гурӯҳбандӣ намудани онҳо, таҳлил ва баҳогузорӣ намудани эҳтимолияти сар задани онҳоро тақозо менамояд. Ояндабинии таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад: истифодаи маълумоти нав ва боэътимод; таҳияи пешниҳодҳои мушаххас, асоснок намудани хулосаҳо, пайдо намудани роҳҳои алтернативӣ. Ояндабинӣ замоне самаранок дониста мешавад, ки агар он дар заминаи иттилооти нав доимо таҷдиди назар гардад [2].

Ғайр аз ин, миқёси иқтидори ҳарбии давлат бо имкониятҳои иқтисодии давлат ва бо вазъияти ҳарбӣ-сиёсии мавҷуда ва ояндабинигардида муовифқат намояд. Дар чунин шароит ва барои ҳалли ин масъала принсипи дар сатҳи зарурӣ қарор додани қувваҳо, воситаҳо ва захираҳои лозима барои таъмини амнияти ҳарбӣ ва истифодаи самараноки онҳо ба кор бурда мешавад.

Аммо як ҳолатро махсус бояд ёдовар шуд, ки амнияти ҳарбӣ ва сатҳу сифати

он бо сиёсати иқтисодӣ ва иқтисодиёти давлатӣ алоқамандии зич дорад. Амнияти ҳарбӣ бояд барои иқтисодиёт мушкилиҳои зиёдро эҷод накунад ва ҳамзамон камхарҷ низ набошад. Он тавре бояд ба роҳ монда шавад, ки мамлакат тавонад ба таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ дар сатҳи зарурӣ бархӯрд намояд. Агар миқёси таҳдиду хатарҳо афзоиш ёбад, бояд иқтидори амнияти ҳарбӣ ва қудрати мудофиавии давлат низ бояд баланд бардошта шавад. Баръкс, дар вазъияти ором харҷҳои ҳарбӣ метавонад камтар бошад. Яъне, амнияти ҳарбӣ бояд бо назардошти вазъияти ҳарбӣ-сиёсии дохилию хориҷӣ тағйир ёбад. Дар шароите, ки иқтисодиёти мамлакат дар ҳоли гузариш қарор дорад, ҳама гуна муболиғанокӣ ва ё нодидагирии таҳдидҳо дар соҳаи мудофиа оқибатҳои нохуб дошта метавонад.

Яке аз унсурҳои муҳимтарини низоми таъмини амнияти ҳарбиро мутобиқати фаъолияти ҳарбии давлат бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории давлат ташкил медиҳад. Бахусус санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ ва созишномахои байнидавлатӣ барои таъмини сулҳ ва танзими низоъҳои мусаллаҳона мусоидат менамоянд. Дар ин гуна шароит созишномаҳо ва паймонҳое дар назар дошта мешаванд, ки масъалаи коркарди яроқи қатли ом, тиҷорати яроқу аслиҳа, пешгирӣ намудани афзоишёбии истеҳсоли яроқҳои ҳуҷумкунанда, иштирок дар танзими низоъҳои мусаллаҳонаи минтақавӣ ва байналмилалиро танзим менамоянд [10]. Меъёрҳои ҳуқуқ на танҳо имкон медиҳанд, ки умдатарин масъалаҳои истифодаи қувваҳои мусллаҳ дар дохил ва хориҷи кишвар ба танзим дароварда шаванд, балки ба ҷомеа имкон медиҳанд, ки соҳаи ҳарбиро назорат намоянд, махсусан механизми назорати шаҳрвандӣ ташаккул ёбад.

Ниҳоятан дар сохтори амнияти ҳарбӣ қувваҳо ва воситаҳои таъмини он унсури хеле муҳим дониста мешавад. Самаранокӣ ва натиҷабахшии фаъолияти ҳарбии давлат аз онҳо вобастагии зиёд дорад. Сохторҳои давлатие, ки дар пешгирӣ ва безараргардонии таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ иштироки бевосита доранд, ба қувваҳои таъмини амнияти ҳарбӣ дохил мешаванд. Пеш аз ҳама, қувваҳои мусаллаҳ, қушунҳои сарҳадӣ, қушунҳои таъиноти махсус, ҷузъу томҳои низомӣ, мақомоти амният, корҳои дохилӣ ва дигар қувваҳои махсусгардонидашудаи қудратӣ ба ин гурӯҳ шомиланд.

Аммо иқтидори баланди ҳарбию мудофиавӣ дар баъзе ҳолатҳо барои таъмини амнияти ҳарбии давлат нокифоя мебошанд. Кам нестанд ҳолатҳое, ки дар амалишавии мақсадҳои ҳарбӣ интихоби дуруст ва истифодаи оқилонаи воитаҳои таъмини амният нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар маҷмӯъ, ҳамаи воситаҳои таъмини амнияти давлатиро ба гурӯҳҳои зерин: воситаҳои моддӣ ва маънавӣ, зӯроварона ва ғайризӯроварона, ҳарбӣ ва ғайриҳарбӣ тақсим намудан мумкин аст. Воситаҳои зӯроварона метавонанд ҳам воситаҳои ҳарбӣ ва ғайриҳарбиро дар бар гиранд. Аммо воситаҳои ғайризӯроварона қувваҳои ҳарбиро дар бар намегиранд. Воситаҳои ҳарбӣ аз рӯйи табиати худ воситаҳои зӯроварона мебошанд. Воситаҳои ғайриҳарбӣ бошанд барои анҷом додани зӯроварии иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, психологӣ, иттилоотӣ ва ғ. истифода бурда шаванд [14].

Дар самти таъмини амнияти ҳарбӣ воситаҳои ғайриҳарбӣ низ нақши муҳим мебозанд. Воситаҳои ғайриҳарбии таъмини амният одатан ҳамаи заминаҳои моддию маънавиеро, ки барои нигоҳдории қувваҳои ҳарбӣ заруранд, инчунин омилҳои байналмилалиеро, ки тавассути онҳо бо таҳдиду хатарҳои ҳарбӣ имкони мубориза бурдан ҳаст, дар бар мегиранд. Бояд гуфт, ки воситаҳои ғайриҳарбӣ метавонанд пурра ба манфиати амният истифода бурда шаванд, ба шарте ки онро на бо мақсади анҷом додани зӯроварӣ, балки барои рушди тамаддун ва таҳкими сулҳ истифода кунанд. Ҳарчанд дар амалияи сиёсию байналмилалӣ ҳолатҳои баръакс низ агар дида шаванд, дар бисёре аз мавридҳо аксари давлатҳои олам кӯшиш менамоянд, ки воситаҳои ғайриҳарбиро барои пешгирӣ намудани ҷанг ва ни-

зоъҳои мусаллаҳона, бахусус дастгирии сулҳ истифода баранд.

Олимону муҳаққиқон зиёда аз 200 навъи воситаҳои ғайриҳарбиро, ки дар раванди таъмини амният истифода мешаванд, муайян кардаанд [9]. Дар байни онҳо ба воситаҳои сиёсӣ афзалияти аввалиндарача дода мешавад. Воқеан ҳам сиёсат қодир аст, ки тамоми иқтидори давлатро ташаккул дода, барои таъмини амният дар самти зарурӣ истифода намояд. Воситаҳои сиёсии таъмини амният аз воситаҳои ҳарбӣ бо он фарқ менамоянд, ки онҳо аз маҷмӯи консепсияҳо, шаклҳо ва роҳу усулҳои фаъолияти давлатӣ, инчунин аз ниҳодҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое иборатанд, ки мунокишаҳои бамаломадаро бо роҳи мусолиҳатомез метавонанд ҳал намоянд. Тафаккури сиёсии сулҳҷӯёна, роҳу воситаҳои дипломатӣ, гуфтушунидҳо, муколамаҳо, созишномаҳо, вохӯрии сарварони сиёсӣ ва роҳбарони сатҳи олии давлат, мустаҳкам намудани боварию эътимод дар соҳаи ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ғ. воситаҳои сиёсии таъмини амнияти ҳарбиро ташкил медиҳанд.

Айни замон созишномаҳо дар бораи маҳдуд намудани силоҳу аслиҳа ва қувваҳои мусаллаҳ, дар бораи ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ба имзо расонида мешаванд. Бо ташаббуси давлатҳо марказҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба пешгирии низоъҳои мусаллаҳона, механизми баргузоршавии гуфтушунидҳо ва вохӯрии доимӣ, назорат аз болои фаъолияти ҳарбии давлатҳо ташкил карда мешаванд, ки дар аксар маврид натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Дар шароити имрӯза, инчунин таҷрибаи «дипломатияи мардумӣ», «дипломатияи ҳарбӣ», фаъолияти коршиносони мустақил дар соҳаи фаъолияти ҳарбӣ-сиёсӣ низ истифода бурда мешаванд.

Чуноне ки мушоҳида мегардад, дар таъмини амнияти ҳарбӣ воситаҳои сиёсӣ иқтидори хеле бузург доранд. Дар марҳилаҳои мушаххаси таърихӣ истифодаи онҳо имкон медиҳад, ки ҳуҷумҳои ҳарбӣ ба давлат пешгирӣ карда шаванд, нақшаҳои агрессивии рақибон камтаъсир гардонида шуда, мавқеи хориҷии давлат беҳтар гардонида шавад. Дар ин раванд имкони тағйир ёфтани мавқеи ҷойгиршавии қувваҳо, аз байн рафтани душманӣ, бештар шудани иттифоқчиён, коҳиш ёфтани эҳтимоли сар задани низоъҳои мусаллаҳона ва пурра аз байн бурдани он ба вуҷуд меояд.

Иқтидори бузурги воситаҳои сиёсӣ дар таъмини амнияти ҳарбӣ боз дар он ифода меёбад, ки ҳатто яроқу аслиҳаи навтарин давлатҳоро аз тарсу ҳарос ва таҳдиду хатар эмин нигоҳ дошта наметавонад, аммо сиёсат ин корро метавонад анҷом диҳад. Тавассути сиёсат ҳолатеро ба вуҷуд овардан мумкин аст, ки дар он мамлакат душманон ва рақибон надорад. Гузашта аз ин, сиёсат тавассути коҳиш додани харҷҳои мудофиавӣ ва таъмин намудани рушди иқтисодӣ, илмию техникӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум метавонад захираи бузурги таъмини амниятро ба вуҷуд оварад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, имкониятҳои воситаҳои сиёсӣ ҳадду ҳудуди худро доранд. Онҳо наметавонанд дар ҳама вазъият самараи дилхоҳ ба бор оваранд. Бахусус, баъди оғоз ёфтани низоъҳои мусаллаҳона қисме аз онҳо арзиши худро аз даст медиҳанд, амали онҳо қатъ мегардад (масалан, шартномаҳо, аҳдномаҳо ва гуфтушунидҳое, ки бо давлати ҳуҷумкарда баста шудаанд). Аммо дар шароити ҷангӣ низ як қатор воситаҳои сиёсӣ метавонанд ҷангро хотима бахшанд, мавқеи ҷониби муқобилро тағйир диҳанд ва ниҳоятан сулҳро барқарор кунанд. Ғайр аз ин, дар ҳама гуна шароит воситаҳои сиёсиро дар алоқамандӣ бо омилҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва ҳарбӣ истифода менамоянд. Мутахассисони соҳаи амнияти ҳарбӣ таносуби воситаҳои сиёсӣ ва ҳарбиро доимо таҳлилу баррасӣ намуда, дар фаъолияти байналмилалии давлатҳо онро хеле мураккаб ва тағйирёбанда мешуморанд [1].

Дар таърихи ҷаҳонӣ кам нестанд таҷрибаҳое, ки дар заминаи он тавассути воситаҳои сиёсӣ бехатарии мавҷудияти давлат таъмин карда шудааст. Масалан, чунин давлатҳо ба монанди Швейтсария ва Шветсия таъмини амнияти худро дар асоси сиёсати нейтралитет ба роҳ монда, аз ташаккули артиши пуриқтидори замонавӣ низ даст накаши-

даанд. Дар ин бор арбоби давлатию сиёсии Ҷопон М. Исибаси иброз медорад, ки ба Швейтсария на барои он ҳуҷуми ҳарбӣ анҷом намедиҳанд, ки аз артиши вай метарсанд, балки бо шарофати муносибатҳои дӯстонаи он бо кишварҳои олам ин корро намекунанд [6].

Иқтидори артиш ва афзалиятнокии истифодаи воситаҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар таъмини амнияти ҳарбии давлат аз вазъияти мушаххаси ҳарбӣ-сиёсӣ ва рафтори давлатҳои дигар вобаста мебошад. Чунин ҳолатро В.В. Серебрянников мушоҳида намуда, дар шаклҳои зерин зоҳир гардидани таносуби истифодабарии воситаҳоро нишон додааст: 1) дар баъзе мавридҳо воситаҳои ҳарбӣ нақши ҳалкунанда ва воситаҳои сиёсӣ нақши ёридиҳанда мебозанд; 2) дар баъзе мавридҳо ҳар дуи воситаҳо арзиши баробар доранд; 3) барои пешгирӣ намудани ҷангу низоъ воситаҳои сиёсӣ афзалияти аввалиндараҷа доранд; 4) дар шароитҳои мушаххаси таърихӣ, махсусан дар вазъияти ором воситаҳои ҳарбӣ хусусияти рамзӣ доранд, зеро хатарҳои ҳарбӣ ба назар намерасанд ва амнияти ҳарбӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин аст [11, с.356].

Зимни таъмини амнияти ҳарбӣ дур шудан аз воситаҳои ҳарбӣ ва рӯ овардан ба воситаҳои сиёсӣ ҳамчун заминаи ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим қонунияте мебошад, ки дар фаъолияти ҳар як давлат мушоҳида мегардад. Аммо замоне ки яке аз давлатҳо дар муқоиса бо дигарон дар таъмини амнияти ҳарбии худ роҳу усулҳои анъанавӣ ва воситаҳои ҳарбиро афзалтар дониста, бо ин роҳ барои ба даст овардани афзалият кӯшиш намояд, дигар воситаҳои сиёсӣ наметавонанд натиҷаҳои дилхоҳ диҳанд.

**Адабиёт**


1. Артюхин, О.А. Политические механизмы обеспечения военной безопасности: к вопросу субъектности [Текст] / О.А. Артюхин, А.А. Крицкая, А.Д. Султанов // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки СКАГС. – 2015. –№3. – С.385-388.
2. Богатырев, Э.Я. Анализ методов военно-политического прогнозирования [Текст] / Э.Я. Богатырев, Ю.Д. Макиев, В.П. Малышев // Стратегия гражданской защиты: проблемы и исследования. – 2013. –Т.3. –№2 (5). –С.35-53.
3. Вершилов, С.А. Структура военной безопасности государства [Текст] / С.А. Вершилов // Грамота. – 2015. – №9 (59). –С.41-43.
4. Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 03.10.2005, №475 тасдиқ гардидааст.
5. Иода, Ю.В. Реализация основных функций государства в контексте удовлетворения общественных интересов [Текст] / Ю.В. Иода // Социально-экономические явления и процессы. – 2011. –№7 (29). –С.77-86.
6. Исибаси, М. Невооруженный нейтралитет [Текст] / Пер. с япон. – М.: Прогресс, 1984. –С.95-98.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
8. Кулаков, А.А. Гражданский контроль над армией: мировой опыт и российская специфика [Текст]: автореф. дис. … канд. филос. наук. – М., 1998. –С.8.
9. Савин, Л. Новые способы ведения войны: как Америка строит империю [Текст] / Л. Савин. – СПб.: Питер, 2016. – 352 с.
10. Сафарализода Х.К., Шарипов Ш.Х. Роль коллективной безопасности в борьбе с новыми мировыми вызовами и угрозами // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 6. – С.302-313.
11. Серебрянников, В.В. Социология войны [Текст] / В.В. Серебрянников. –М.: Научный мир, 1997. –С.356.
12. Теория государства и права [Текст]. Под ред. А.В. Малько, Н.И. Матузов. –М.: РАНХиГС, 2016. – 258 с.
13. Чугунов, В.М. Духовный потенциал военной безопасности государства (социально-философский анализ) [Текст]: автореф. дис. … д-ра филос. наук: 09.00.11. Монино, 1998. –С.16.

14. Ярков, С.А. Невоенные средства и невоенные меры нейтрализации военных опасностей: сущностное различие и предметная характеристика понятий [Текст] / С.А. Ярков // Национальная безопасность. – 2017. – № 3. – С. 114 - 125.

## СОСТОЯНИЕ ВОЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ПРОЦЕСС ЕЕ ФОРМИРОВАНИЯ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

**Азиззода Х.Дж.**

*В данной статье рассматривается правовой механизм военной деятельности Основоположника мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, в качестве Верховного Главнокомандующего Вооруженными Силами Республики Таджикистан. Обсуждаются различные аспекты обеспечения национальной и государственной безопасности, обосновываются их научно-теоретические аспекты. В статье автор показывает политические процессы и важнейшие факторы военной безопасности Республики Таджикистан и тенденции развития военно-политической обстановки в мире, а также в других регионах мира. С учетом такой ситуации в современном обществе военная безопасность рассматривается как гарант стабильного развития общества, имеет теоретическое значение для предотвращения угроз и опасностей, для защиты интересов государства, а также формирования методологии национальной безопасности.*

**Ключевые слова:** *военная политика лидера нации, военная безопасность, исследования безопасности, политическая стабильность, национальные интересы, состояние обороны, боеспособность вооруженных сил, угрозы и опасности, обеспечение безопасности, обороноспособность страны.*

## THE STATE OF MILITARY SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE PROCESS OF ITS FORMATION IN THE YEARS OF INDEPENDENCE

**Azizzoda H. J.**

*This article discusses the legal mechanism of the military activity of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, as the Supreme Commander of the Armed Forces of the Republic of Tajikistan. Various aspects of ensuring national and state security are discussed, their scientific and theoretical aspects are substantiated. In the article, the author shows the political processes and the most important factors of the military security of the Republic of Tajikistan and the development trends of the military-political situation in the world, as well as in other regions of the world. Given this situation in modern society, military security is seen as a guarantor of the stable development of society, has theoretical significance for preventing threats and dangers, for protecting the interests of the state, as well as for the formation of a national security methodology.*

**Key words:** *military policy of the leader of the nation, military security, security studies, political stability, national interests, state of defense, combat readiness of the armed forces, threats and dangers, security, country's defense capability.*

№1 2023

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# НАҚШИ КАЛИДИИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛӢ ДАР РУШДИ ҲАМАТАРАФАИ ТОҶИКИСТОН

**Зиёзода Н. И.** – ходими илмии шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байнаймилалии ИФСҲ АМИТ (nodirziyoev@mail.ru; тел.: 901-11-12-20)

**Ҷангибекова С.И.** – магистранти ИФСҲ АМИТ (jangibekova@bk.ru; тел.: 935141672)

*Дар мақолаи мазкур маҷмуи ҳадафҳои стратегии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди ҳаматарафаи он ба шароити зиндагонӣ мусоидат мекунанд, баррасӣ карда шуда, қайд карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ бо мушкилоти зиёде дучор гардид, ки ҳанӯз аз замони шӯравӣ ба мерос гирифта буд. Чунин мушкилиҳо тамоми соҳаҳои иқтисодии кишвар, хосатан соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ ва ғайраро фаро гирифт. Баъд аз он, ки дар кишвар сулҳу субот пойдор гардид, дар назди Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар ба миён омад.*

***Калидвожаҳо**: стратегия, ҳадафҳои стратегӣ, стратегияи миллӣ, рушди устувор, истиқлолияти давлатӣ, бунбасти коммуникатсионӣ, истиқлолияти энергетикӣ.*

Дар соли 2003 дар кишвар Қонун «Дар бораи дурнамо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (солҳои 2009 ва 2011 ба он тағйирот ворид карда шуда буд) қабул карда шуд, ки ҳадаф ва мундариҷаи давлатиро муайян мекунад. Пешгӯиҳо, консепсияҳо, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии тартиби таҳия, баррасӣ ва тасдиқи онҳоро муқаррар менамояд [2].

Ҳадафҳои стратегӣ як қатор ҳадафҳое мебошанд, ки барои ворид кардани тағйироти асосӣ, муайян кардани имкониятҳо ва бартараф кардани монеаҳо истифода мешаванд. Ҳадафҳои стратегӣ маҷмӯи ҳадафҳое мебошанд, ки монеаҳоро дар роҳи рушди давлат бартараф мекунанд. Эҷоди тағйироти мусбӣ, тағйир додани шароити зиндагӣ, фароҳам овардани афзалиятҳои рақобатӣ, оптимизатсияи дастовардҳо, эҷоди мувозинат дар ҳаёт аз бартариҳо аз ҷумлаи муайян кардани ҳадафҳои стратегӣ мебошанд.

Аввалан, бидонем, ки кишвари пешрафта чӣ маъно дорад? Айни замон коршиносон ва таҳлилгарон 19 кишварро кишварҳои пешрафта медонанд. Оё мо бояд ба яке аз ин кишварҳо монанд бошем? Оё мо бояд ба кишварҳое мисли Британиё, Канада, Ҳолланд, Шветсия ё Ҷопон тақлид кунем? Албатта, ҳар яке аз кишварҳои пешрафта нуктаҳои қавӣ дорад, аммо бояд донист, ки онҳо низ нуктаҳои заиф доранд. Барои ноил шудан ба рушд, тақлид ба як кишвари муайян шарт нест. Баръакс, мо бояд кушиш кунем, ки роҳи мустақилеро пайдо кунем, ки ба шароити мо мувофиқ бошад.

Тараққиёт танҳо бо соҳаи иқтисодиёт маҳдуд намешавад. Тоҷикистон бояд дар ҳама ҷиҳатҳо, аз ҷумла иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, равонӣ ва фарҳангӣ инкишоф ёбад. Ҷомеаи мо аз нигоҳи иқтисод, адолати иҷтимоӣ, суботи сиёсӣ, низоми давлатдорӣ, сифати зиндагӣ, арзишҳои маънавию иҷтимоӣ ва ифтихору эътиқоди миллӣ бояд ҷомеаи муттаҳиду якпорча бошад.

Стратегияи муассири рушди устувор саъю кӯшишҳо ва тавонмандиҳои ҳукумат ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусиро барои эҷоди дурнамо барои оянда муттаҳид мекунад.

Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи

минбаъдаи кишвар ҳадафҳои стратегии таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистонро, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишварро муайян намуд.

«Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳо бо нерӯи барқ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, барои истифодаи имкониятҳои берунӣ барои рушди энергетика, ки чун яке аз заминаҳои асосии рушди иқтисодии кишвар дониста мешавад, бояд саъй кард.

Роҳбари давлат зимни ироаи паёми солонаашон ба Маҷлиси олии кишвар санаи 26-уми декабри соли 2018 қайд намуданд, ки «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонида истодаем»[8]. Дар ҳақиқат соли 2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ пешбинишуда қадамҳои устувор гузошт.

Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавре, ки дар боло қайд намудем, ин таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ мебошад. Аз оғози бунёди нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 24 миллиард сомонӣ, танҳо соли 2018 3,9 миллиард сомонӣ азхуд карда шудааст ва соли 2019 ба ин мақсад қариб 4 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардида, агрегати дуюми он рӯзи 9-уми сентябри соли 2019 ба кор даровarда шуд.

Моҳи сентябри соли 2018 дар ноҳияи баландкӯҳи Мурғоб нерӯгоҳи барқи обии «Тоҷикистон»-ро бо иқтидори 1500 киловатт ба маблағи 80 миллион сомонӣ ба истифода супорида шуд, ки ба шарофати он талабот ба нерӯи барқ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пурра таъмин карда шуд. Ҳоло асосноккунии техникии ду нерӯгоҳи барқи обии дигар дар ин минтақа, яъне Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – "Санобод" ва "Себзор" бо иқтидори умумии 211 мегаватт омода гардида, корҳо доир ба дарёфту ҷалби сармоя бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ идома доранд.

Ҳукумати кишвар, дар баробари бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии нав, ба масъалаи барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, зеро дар ҳолати таҷдид накардани як қатор нерӯгоҳҳо, ки солҳои тӯлонӣ фаъолият карда истодаанд, самаранокии истеҳсолии онҳо коҳиш меёбад. Бинобар ин, ҳоло таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии «Сарбанд» ба маблағи 1,3 миллиард сомонӣ идома дорад ва соли 2019 таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии "Қайроққум" дар ҳаҷми 1,9 миллиард сомонӣ ва марҳалаи якуми таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии «Норак» ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ оғоз мегардад.

Баъди таҷдиди пурра тавоноии ин се нерӯгоҳ нисбат ба ҳаҷми воқеии имрӯзаи онҳо, дар маҷмӯъ, 840 мегаватт афзоиш меёбад. Ба кор андохтани агрегатҳои якум ва дуюми нерӯгоҳи барқи обии "Роғун", яъне иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон, ки ба шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми шарифу заҳматқарини тоҷик амалӣ гардид, ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ – истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

Барои боз ҳам устувор гардонидани низоми энергетикии кишвар кор доир ба

татбиқи лоиҳаи минтақавии КАСА-1000 оғоз гардидааст, ки маблағи умумии он қариб 11 миллиард сомонӣ (қисми Тоҷикистон 3,4 миллиард сомонӣ) буда, соли 2021 ба анҷом расонида шуд. Ҳамчунин, худи ҳамин сол барои фаъолияти самараноки нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" дастгоҳи муосири тақсимкунандаи элегазӣ, яъне зеристгоҳи барқӣ ба маблағи 530 миллион сомонӣ, хатҳои интиқоли барқи 500 – киловолта дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ("Роғун – Душанбе") ба маблағи қариб 750 миллион сомонӣ ва 220 – киловолтаи «Айнӣ – Рӯдакӣ» ба маблағи 250 миллион сомонӣ ба истифода супорида шуданд.

Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат ҷиҳатиислоҳоти идоракунии соҳа, яъне таҳияи низоми нави ҳисоби хароҷоти истеҳсолу интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ва бо истифода аз низоми электронӣ ҷорӣ намудани механизми муосири баҳисобгирӣ ва ҷамъоварии маблағи нерӯи барқи истифодашуда бояд тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

Вазорати энергетика ва захираҳои об якҷо бо Ширкати "Барқи Тоҷик" вазифадор шуданд, ки ҷиҳати кам кардани талафоти нерӯи барқ чораҳои қатъӣ андешанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёми солонаашон ба Маҷлиси олии кишвар санаи 26-уми декабри соли 2018 вобаста ба масъалаҳои рушди энергетика таъкид намуданд, ки истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза- яке аз асосҳои рушди "иқтисоди сабз"- метавонад ба кам гардидани партовҳои гази карбон ба атмосфера мусоидати ҷиддӣ намояд.

Пешвои миллат инчунин қайд намуданд, ки ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ доир ба истеҳсоли нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол мекунад ва кишвари мо имконият дорад, ки баъди ба кор андохтани иқтидорҳои нав, аз ҷумла нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" аз лиҳози фоизи истеҳсоли нерӯи барқ аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷаҳон ба ҷойи дуюм ё сеюм барояд». [7] Албатта, ин саҳми Тоҷикистон дар ҳалли яке аз мушкилоти глобалӣ – кам кардани партовҳои гази карбон ба ҳавои атмосфера ва коҳиш додани оқибатҳои манфии гармшавии иқлим хоҳад буд. Дар робита ба ин, ҳамчунин, зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир намояд. Ҳадафи стратегии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ин аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламрави он аз кӯҳҳо иборат аст, соҳаҳои нақлиёту коммуникатсия барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодӣ аҳаммияти бузург доранд. Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар кишвар аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ беш аз 2100 километр роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингарди дохилӣ аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ бунёду таҷдид карда шуданд. Танҳо соли 2018 сохтмону таҷдиди қариб 200 километр роҳи дохиливу байналмилалӣ ва 45 пул ба анҷом расонида шуд. Ҳоло дар соҳаи нақлиёт ба маблағи умумии 7,5 миллиард сомонӣ 14 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст.

Тайи солҳои охир дар натиҷаи бунёди шоҳроҳҳои мошингарди байналмилалӣ ва пайвастани Тоҷикистон бо роҳҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, кушода шудани роҳи оҳан ва 16 гузаргоҳи сарҳадӣ бо Ӯзбекистон кишвари мо аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфт ва ҳадафи дуюми стратегиамон амалӣ гардид қайд

намуданд Пешвои миллат зимни ироаи паёми солонаашон ба Маҷлиси олии кишвар санаи 26-уми декабри соли 2018 [5].

Минбаъд Ҳукумати кишвар бояд доир ба тавсеаи минбаъдаи шабакаи долонҳои нақлиётӣ ва тақвияти инфрасохтори нақлиётӣ, баромадан ба бандарҳои баҳрӣ, бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, навсозии заминаҳои моддиву техникӣ ва таҷдиди паркҳои нақлиётӣ, инчунин, афзоиши ҳамлу нақли молу маҳсулот тадбирҳои иловагӣ андешад. Ҳамчунин, бо мақсади афзоиш додани ҳамлу нақли одамон ва ҳаҷми боркашонӣ бо дарназардошти мавқеи мусоиди ҷуғрофии Тоҷикистон ҷиҳати ба масири транзити ҳавоӣ табдил додани кишвар чораҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Ҳадафи стратегии дигар ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат мебошад. Амнияти озуқаворӣ – вазъи иқтисодии давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқаворӣи кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад; Таъмини амнияти озуқаворӣ – таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва чорабиниҳои дигаре, ки асосан аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бо озуқаи асосӣ дар сатҳи меъёрҳои муносиби илман асоснок барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ва пешгирии бӯҳронҳои озуқаворӣ равона шудаанд;

Ҳадафи мазкур ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва афзун гардонидани иқтидори содиротии кишвар таъсири бевосита мерасонад, ҳифзи амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад. Бо мақсади таъмин намудани пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва буҷети давлат дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 12 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумат ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ се баробар зиёд гардид, яъне аз 7,4 миллиард сомонии соли 2000 ба 21,3 миллиард сомонӣ дар соли 2018 расонида шуда, содироти маҳсулоти соҳа мунтазам афзоиш ёфта истодааст.

Дар баробари ин, зарур аст, ки барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда дар самти рушди соҳа ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба масъалаи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ диққати бештар дода шавад. Ҳоло ҳиссаи ночизи пахтаи истеҳсолшуда дар дохили кишвар коркард шуда, имкониятҳои мавҷуда, алалхусус, дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаи нассоҷӣ ва таври кофӣ истифода нашудаанд. Мувофиқи маълумоти оморӣ солҳои охир ҳамагӣ 10-12 фоизи нахи пахта дар дохили кишвар коркард мешавад.

Соли 2018 содироти нахи пахта назар ба соли гузашта ду баробар афзудааст. Бинобар ин, бояд аз ҳисоби самаранок истифода бурдани замин, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ, зиёд кардани масоҳати гармхонаҳои доимамалкунанда ва шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории меваю сабзавот оид ба беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифати кишоварзӣ ва афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти он чораҳои қатъӣ ва фаврӣ андешида шаванд. Ҳамчунин, Вазорати кишоварзӣ ва Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадор карда шуданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои барномаҳои қабулшудаи соҳаро таъмин карда, доир ба корҳои иҷрошуда ҳар шаш моҳ ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд.

Илова бар ин, зарур аст, ки аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакӯҳҳо майдони боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ мунтазам зиёд карда шавад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ 190 ҳазор гектар заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ бароварда шуда, майдони заминҳои наздиҳавлигӣ дар кишвар 135 ҳазор гектар, аз ҷумла аз ҳисоби заминҳои обӣ 52 ҳазор гектар зиёд шудааст. Яъне ба як миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ

замин тақсим карда дода шудааст ва ба ҳисоби миёна беш аз 7 миллион нафар сокинони кишвар шароити манзилиашонро беҳтар кардаанд. Бо ин мақсад дар 70 соли то замони истиқлолият ҳамагӣ 77 ҳазор гектар замин тақсим карда шуда буд. Мо бояд азхудкунии заминҳои навро вусъат бахшида, майдони заминҳои корамро зиёд, яъне майдони заминҳои аз гардиши кишоварзӣ беруншударо барқарор кунем, то ин ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ талаботи мардумро бо маводи ғизоӣ таъмин намоем.

Дар натиҷаи амалӣ намудани вазифаҳои дар Паёми соли 2018 баёншуда рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,3 фоиз ҷамъбаст гардида, таваррум дар сатҳи 5,4 фоиз нигоҳ дошта шуд. Пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, бахусус, бахшҳои истеҳсолӣ таъмин гардида, зиёда аз 150 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуданд ва дар се соли охир шумораи шахсоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, 25 фоиз кам гардид. Даромади пулии аҳолӣ 11 фоиз зиёд шуда, ҳаҷми пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар нисбат ба соли гузашта 9 фоиз афзуд ва сатҳи камбизоатӣ то 29,5 фоиз коҳиш ёфт. Дар соҳаҳои иҷтимоӣ тамоюлҳои мусбат идома пайдо карда, аз ҷумла нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ ба 75 сол расид ва фавти модару кӯдак дар муқоиса бо соли 1998 мутаносибан 2,1 ва 2,6 баробар паст гардид.

Ин аз мо тақозо менамояд, ки ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва тақвияти иқтидори истеҳсолии мамлакат диққати авалиндараҷа диҳем. Мо бояд барои беҳтар намудани некӯаҳволии мардум обу заминро самаранок истифода бурда, истеҳсоли маводи ғизоиро зиёд намоем.

Барои босифат иҷро шудани ин вазифаҳо, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пайомадҳои иқтисодиву иҷтимоии раванди тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, вазъи бозорҳои молиявӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳоро мунтазам таҳлил карда, ҷиҳати пешгирӣ кардани таъсири манфии чунин омилҳо ба иқтисоди миллии мо тадбирҳои заруриро амалӣ гардонад. Ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишвар мебошад. Барои расидан ба ин мақсад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро, таҳти назорати қатъӣ қарор додааст. Бинобар ин, дар марҳилаи рушди иқтисодиёти миллӣ ва мунтазам амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат аз ҷониби Пешвои миллат эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар амали саривақтист [3].

Айни замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятҳоро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои навъи истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ, вусъат бахшида истодааст. Мавҷуд набудани баъзе намудҳои ашёи хом дар дохили кишвар барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ масъалаи ҳалталаб мебошад. Вобаста ба ин, дар назардошта шудааст, ки ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба истисноии ашёи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад ва тартиби татбиқи имтиёзҳо муайян шавад. Маҳз саноат дар баробари иттилоот аст, ки дар як қатор тадқиқотҳо шарти муҳими таъмини амнияти иқтисодӣ ва асоси интихоби сиёсат ва стратегияи эҳёи иқтисодиёт дар асоси дастгирии инноватсионалӣ ва дар асоси далелҳо ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар истеҳсолот номида мешавад [1].

Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ доир ба ташкили истеҳсолоти ивазкунандаи воридот имкон доданд, ки аҳолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ бо молҳои асосии хӯроквори, асбобҳои рӯзгор ва масолеҳи сохтмон таъмин гардида, ҳаҷми воридоти маводи ғизоӣ аз хориҷи кишвар дар давоми се соли охир қариб се миллиард сомонӣ ё 31 фоиз коҳиш дода шавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёми со-

лонаашон ба Маҷлиси олии кишвар қайд намуданд, ки «Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт» [4].

Пешвои миллат инчунин қайд намуданд «Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад» [6]. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад. Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ тахти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад. Роҳбари давлат, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро таъкид намуданд, ки онҳо бояд фаъолияти худро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ вусъат бахшанд ва доир ба вазъи иҷрои корҳо ҳар нимсола ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот пешниҳод намоянд. Мавҷуд набудани баъзе намудҳои ашёи хом дар дохили кишвар барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ масъалаи ҳалталаб мебошад.

Пешвои миллат вобаста ба ин, пешниҳод намуданд, ки ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба истисноИ ашёи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад ва сохторҳои марбута дар давоми як моҳ тартиби татбиқи имтиёзи мазкурро муайян намоянд. Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ доир ба ташкили истеҳсолоти ивазкунандаи воридот имкон доданд, ки аҳолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, асбобҳои рӯзгор ва масолеҳи сохтмон таъмин гардида, ҳаҷми воридоти маводи ғизоӣ аз хориҷи кишвар дар давоми се соли охир қариб се миллиард сомонӣ ё 31 фоиз коҳиш дода шавад». Ба ибрози Пешвои миллат, бояд дар ин давра зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ расонида, содироти он ду баробар афзоиш дода шавад.

Ба таъкиди Сарвари давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад, ки барои ҳар сокини мамлакат шароити зиндагии шоиста муҳайё созад ва ҳамаи нақшаву барномаҳо маҳз ба хотири амалӣ гардонидани ҳамин ҳадафи олии давлат қабул ва амалӣ карда мешаванд [8]. Бо вуҷуди корҳои анҷомдодашуда ва дастовардҳои зикргардида, ҳамчунин ҷиҳати ҳалли пурраи мушкилоти мавҷуда Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд.

Паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 дар қатори ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тоҷикистон яке аз кишварҳоест, ки ба офатҳои табиӣ ва намудҳои дигари офатҳо гирифтор мебошад. Офатҳои табиӣ ба маҳалҳои аҳолинишин таъсири манфӣ расонида, боиси фавти одамон, харобшавии инфрасохтор мешаванд ва барои рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии кишвар монеа эҷод мекунанд. Дар робита ба ин, қабул ва амалисозии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 барои Тоҷикистон иқдоми муҳими сиёсӣ мебошад. Ин стратегия бо дар назар доштани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, сабақҳои аз амалисозии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ барои солҳои 2010-2015 (минбаъд – Стратегия барои солҳои 2010-2015) гирифташуда, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шудааст ва мутобиқи муносибати нави ҷомеаи ҷаҳонӣ

ба масъалаҳои хавфи офатҳои табиӣ, аз ҷумла масъалаҳои тағйирёбии иқлим, ки дар Барномаи қолабии Сендай оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 (минбаъд – Барномаи Сендай) ва Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 баён шудаанд, таҳия гардидааст.

Дар стратегияи мазкур пешрафтҳои бадастовардаи кишварамон дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои давраи солҳои 1997 – 2018 мавриди таҳлил қарор гирифта, дар он ҷанбаҳои қавӣ ва заифи раванди идоракунии хавф баррасӣ гардида, ба усулҳои омодагӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ таъкид карда мешаванд, инчунин дар асоси мушкилоти ҷойдошта ҳадаф ва вазифаҳои стратегии нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Ҳадафи ин стратегия паст кардани хавфи ҷойдошта ва пешгирии хавфи нави офатҳои табиӣ бар асоси таҳкими иқтидори миллӣ оид ба идоракунии хавфи офатҳои табиӣ мебошад.

Дастовардҳои сиёсии солҳои охири Тоҷикистон, ки дар маҷмӯъ аз ваҳдати миллӣ ва муҳити солими сиёсӣ иборат мебошад, ҳамчун омили асосии ризоияти ҷомеа ва нишонаи маърифату фарҳанги баланди сиёсӣ арзёбӣ мегардад. Дигаргунсозиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сохтмони шоҳроҳҳо, пулу нақб, эҳёву рушди соҳаҳои саноат, энергетика, металлургияи ранга ва бунёди дигар иншоотҳои ҳаётан муҳим шароити муносиби зиндагиро барои сокинон ва пешрафту ободии ҷумҳурӣ фароҳам оварда, кишварро ба ҷодаи музаффариятҳои навин раҳнамун месозад. Бунёди ин навъ зербиноҳо на танҳо аҳамияти бузурги иқтисодиву тиҷоратӣ дорад, балки барои устувор гардидани пояҳои истиқлолияти сиёсии ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд. Дар маҷмӯъ, файзи истиқлолияти давлатӣ дар ҳаёти мадании кишварамон дигаргуниҳои бунёдӣ ба вуҷуд оварда, баланд шудани иқтидор ва нуфузу эътибори ҷумҳуриямонро дар сиёсатҳои байналмилалӣ таъмин намуд.

Агар мо ба таърихи истиқлолияти Ватанамон назар афканем, таи ин солҳо мо ба дастовардҳои муҳими иқтисодиву сиёсӣ, илмию фарҳангӣ ва техникиву истеҳсолӣ ноил гардидаем. Имрӯз дар кишвари мо шароите ба миён омадааст, ки ҳар як шаҳрванди ин сарзамин метавонад, дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ мавқеи хешро бо хости худ муайян намояд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми қонунҳои амалкунандаи мамлакат баҳри зиндагии арзанда ва ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон шароити муносибу мусоидро ба миён овардаанд.

**Адабиёт**


1. Алиев А.Б. Омилҳои инноватсионӣ дар системаи таъмини амнияти иқтисодии кишвар // Тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ: далелҳо, тамоюлҳо, пешгӯӣ. 2013. № 1(25)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003 № 53 «Дар бораи дурнамо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 26 марти соли 2009 № 494, 26 декабри соли 2011 № 781) // Махзани маълумот «Қонунгузории кишварҳои ИДМ». URL: http:// base.spinform.ru / show_doc. fwx?rgn=5841 (санаи муроҷиат: 013/01/2023).
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 26.12.2018 ш. Душанбе. www.prezident.tj. (санаи муроҷиат: 05.01.2023).
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» // https://mfa.tj/tg/main/view/11820/ (санаи муроҷиат 20.01.2023).
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018, шаҳри Душанбе.// http://mti.tj/payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-ba-ma-lisi-oli/
6. Саноатикунонии босуръати кишвар барои таъмини устувории иқтисодиёт заминаи амиқ мегузорад // https://parlament.tj/news/713 (санаи муроҷиат: 02.01.2023).

7. Ҳадафҳои стратегӣ // https://mfa.tj/tg/main/sijosati-khoriji/hadafhoi-strategi/ (санаи муроҷиат 10.01.2023).
8. Ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Корманди дастгоҳи Суди иқтисодии вилояти Хатлон Атоев Ёқубҷон Бобохонович // http://si-khatlon.tj/?p=1002/ (санаи муроҷиат 18.01.2023).

## КЛЮЧЕВАЯ РОЛЬ ЦЕЛЕЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ СТРАТЕГИИ В КОМПЛЕКСНОМ РАЗВИТИИ ТАДЖИКИСТАНА

**Зиёзода Н. И., Джангибекова С.И.**

*В данной статье рассматривается комплекс национальных стратегических целей Республики Таджикистан, способствующих ее всестороннему развитию и условиям жизни, и отмечается, что Республика Таджикистан с момента обретения государственной независимости столкнулась со многими проблемами, доставшимися в наследство от советской эпохи. Такие проблемы охватили все отрасли экономики страны, особенно энергетику, промышленность, транспорт, сельское хозяйство и др. После того, как в стране установились мир и стабильность, перед Правительством Таджикистана встал вопрос обеспечения стабильного экономического развития страны.*

***Ключевые слова:*** *стратегия, стратегические цели, национальная стратегия, устойчивое развитие, государственная независимость, коммуникационная изоляция, энергетическая независимость.*

## THE KEY ROLE OF THE GOALS OF THE NATIONAL STRATEGY IN THE COMPREHENSIVE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN

**Ziyozoda N. I., Jangibekova S. I.**

*This article discusses a set of national strategic goals of the Republic of Tajikistan that contribute to its comprehensive development and living conditions, and notes that the Republic of Tajikistan, since gaining state independence, has faced many problems inherited from the Soviet era. Such problems covered all sectors of the country's economy, especially energy, industry, transport, agriculture, etc. After peace and stability were established in the country, the Government of Tajikistan faced the issue of ensuring stable economic development of the country.*

***Key words:*** *strategy, strategic goals, national strategy, sustainable development, state independence, communication isolation, energy independence.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛЁБИИ СИСТЕМАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Юлбекова Н. Ш.** - докторанти PhD-и факултети фалсафаи ДМТ
e-mail: nasibasot@mail.ru; тел.: 508-88-78-29

*Муаллиф дар мақолаи мазкур асосҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ташакулёбии системаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ инчунин нақши муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро дар таъмини мутахассисон дар бозори меҳнат, вазифаҳо, принсипҳо ва сохтори онро мавриди баррасӣ қарор дода, вобаста ба болоравии нақши ин зинаи таҳсилот фикру андешаҳои худро баён намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки шаҳрвандоне, ки таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд, имконияти идомаи таҳсилро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи ихтисос пайдо менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳсилот, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, мутахассис.*

Ҷомеа бидуни рушди фаъолияти зеҳнии мардум ва робитаи самаранок бо кишварҳои мутараққии дунё рушд карда наметавонад. Аз ин рӯ омода намудани мутахассисони тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи ва олии касбӣ ба шумор меравад. Барои расидан ба ҳадафҳои бузурги стратегию таърихӣ иштироки ҳавасмандона, бошуурона, бомасъулиятона ва фаъолу мустақилонаи оммаи мардум хеле муҳим аст. Баланд бардоштани сатҳи таҳсилот ва касбияти омма, хусусан насли наврас самти муҳимтарини сиёсати давлатии ҳар як мамлакат ба ҳисоб меравад. Ташаккулёбии системаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ва давлат, инчунин тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва варзида нигаронида шудааст. Он ба инсон имконият медиҳад, ки дараҷа, мазмун, шакл ва муҳлати таҳсилро интихоб намояд [2, 4].

Ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа тақозо менамояд, ки низоми маърифатӣ пайваста такмил дода шавад. Аз ҳамин сабаб, ченакҳои баҳодиҳӣ ба сатҳи саводнокӣ ва маърифатнокии аҳолӣ, махсусан, насли ҷавон тағйир меёбанд. Масалан, агар то солҳои 70-80-уми асри гузашта ченаки саводнокӣ хондану навишта тавонистан ба шумор мерафт, пас дар замони муосир ин ченак тағйир ёфта, аз насли наврас сатҳи баланди донишҳои тахассусӣ, донистани якчанд забони хориҷӣ ва технологияҳои муосири компютериро талаб менамояд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки васеъ шудани имкониятҳои ҷомеа ва ҳамгироии он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири бевоситаи худро ба раванди маърифатнокӣ низ мерасонад. Дар ибтидои асри XXI Тоҷикистон ба иқтисоду истеҳсолоти замонавии ба манфиатҳои давлатдории миллӣ ҷавобгӯй, татбиқи дастовардҳои тамаддуни башарӣ ва илму технологияи нав, насли дорои тафаккури созанда ва донишу ҷаҳонбинии муосир, ки барои рушду ободии Тоҷикистони соҳибистиқлол содиқона хизмат намояд, эҳтиёҷ дорад [6].

Кӯдакон ва наврасон сармояҳои ҷомеа мебошанд ва таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба онҳо вазифаи асосии ниҳод (институт)-ҳои оила ва маориф мебошад. Тарбияи ахлоқию маънавии шаҳрвандони Тоҷикистон шарти асосии пешрафтҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ба шумор меравад. Давлат дар ташкили таълиму тарбияи насли ҷавон нақши марказӣ дорад ва тавассути мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва амалии фаъолияти соҳаи таълиму

тарбияро таъмин менамояд, бо таҳияву тасвиби қонунҳову қарорҳо ва барномаҳову консепсияҳо роҳу равиши дурусту самарабахши омӯзишу парвариши аҳолиро таъмин месозад.

Нақши асосӣ дар ин самт, албатта ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ тааллуқ дорад. Маҳз мактаб бахши калидии раванди такомули маънавию ахлоқии шахсияти шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Тарбияи фарогир, ошкор намудани истеъдодҳо ва ба сӯйи камолот таҳрик додани насли наврас вазифаи ниҳодҳои тарбиявӣ – аз хонавода сар карда, то донишгоҳҳо ва тамоми равшанфикрони ҷомеа мебошад [4, с. 99-100].

Зинаи нахустини тайёр намудани мутахассисони касбӣ ин низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мебошад. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯхтани касбҳои коргарӣ ташкил карда мешавад. Шаҳрвандон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияташон дар асоси озмун ё тариқи гузаронидани суҳбат ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқи дохил шудан доранд. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар литсейҳои касбӣ-техникӣ ва соҳавӣ, марказҳои таълимии калонсолон ва дигар муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Таҳсилоти калонсолон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ба роҳ монда шуда, он бо гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунандаи касбӣ ба анҷом мерасад. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ вобаста ба талаботи ҷомеа аз рӯйи ихтисосҳои алоҳида дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил карда мешавад, агар муассисаи таълимӣ оид ба ин навъи фаъолияти таълимӣ иҷозатнома дошта бошад. Таҳсилоти ибтидоии касбиро инчунин дар курсҳои таълимии назди ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирифтан мумкин аст.

Шаҳрвандоне, ки таҳсилоти миёнаи умумӣ надоранд, барои касбомӯзӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва инчунин ба курсҳои таълимӣ қабул карда мешаванд. Таҳсилоти шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии давлатӣ мувофиқи фармоиши давлатӣ ройгон мебошад. Шахсоне, ки дар муассисаҳои мазкур илова ба фармоиши давлатӣ таҳсил мекунанд, дар асоси шартнома пулакӣ таълим мегиранд.

Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона ва фосилавӣ ташкил карда мешавад, ки тартиби амалишавии онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад. Муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар сохтори худ метавонад намудҳои мухталифи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумиро ташкил намояд. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ вобаста ба мавҷудияти заминаи моддию техникӣ ва кадрӣ барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии зерин дар шакли литсейҳои касбӣ-техникӣ, литсейҳои касбӣ, литсейҳои махсуси касбӣ, комбинатҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, марказҳои таълимии калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, марказҳои таълимии иҷтимоию соҳибкорӣ, марказҳои таълимии назди корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо фаъолият менамоянд.

Таҳсилоти миёнаи касбӣ-дараҷаи таҳсилотест, ки дар шахс дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ ба он соҳиб шуда, ихтисоси муайянро дарёфт мекунад. Таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани маълумоти миёнаи касбӣ ташкил карда мешавад. Шаҳрвандон баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ ҳуқуқи гирифтани

таҳсилоти миёнаи касбиро доранд. Таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) амалӣ карда мешавад.

Таҳсилоти миёнаи касбӣ имкон медиҳад, ки муҳассилин дар баробари аттестат (шаҳодатномаи хатм) соҳиби касбу ҳунари муайян шаванд. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ қадами аввалин дар системаи таълими касбӣ мебошад. Мақсади асосии он тайёр кардани коргарони мутахассис буда, ҳатман дар асоси таҳсилоти умумӣ амалӣ карда мешавад. Баъзе ихтисосҳоро танҳо дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯхтан мумкин аст. Мутобиқан, барномаҳои таълимӣ вобаста ба заминаи қаблан гирифташуда гуногун мешаванд. Мақсади таҳсилоти миёнаи касбӣ аз он иборат аст, ки ба мутахассисон дар заминаи таҳсилоти ибтидоии умумӣ ҳадди ақал тахассуси ибтидоии касбӣ дода шавад.

Баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ ба шаҳрвандон дар асоси озмун ё тариқи гузаронидани суҳбат барои идомаи таҳсил ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ иҷозат дода мешавад. Шаҳрвандоне, ки таҳсилоти умумии асосӣ доранд, дар ин муассисаҳо баробари таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳсилоти миёнаи умумӣ гирифта метавонанд. Муҳлати таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ барои шахсони дорои таҳсилоти умумии асосӣ то 4 сол, барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ то 3 сол ва барои шахсоне, ки муассисаҳои таълимии соҳаи тиб ва фарҳангро мувофиқи хусусияти ихтисосашон хатм менамоянд, то 4 сол муқаррар карда мешавад [ 5,214].

Таҳсили шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбии давлатӣ мувофиқи фармоиши давлатӣ дар асоси озмун ройгон мебошад. Шахсоне, ки дар муассисаҳои мазкур илова ба фармоиши давлатӣ таҳсил мекунанд, дар асоси шартнома пулакӣ таълим мегиранд. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона ва фосилавӣ ташкил карда мешавад, ки тартиби амалишавии онро мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад. Шаҳрвандоне, ки таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд, имконияти идомаи таҳсилро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи ихтисос пайдо менамоянд. Муҳлати таҳсилро дар муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ марказҳои касбомӯзӣ, филиал, шӯъба, парки технологӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ дошта метавонанд, ки тартиби таъсиси онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд [3]. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ шахсони ҳуқуқӣ буда, дар намудҳои коллеҷҳо фаъолият менамоянд. Коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ буда, таъсис ва тартиби фаъолияташонро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Таълимгирандагоне, ки бо таҳсилоти миёнаи асосӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳсил менамоянд, дар баробари гирифтани тахассус таҳсилоти миёнаи умумӣ низ гирифта метавонанд.

Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ яке аз ҷузъҳои таркибии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Раёсати мазкур дар сохтори вазорат аз моҳи январи соли 2007 пас аз ба тавсиб расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2006, №9 “Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2006, №594 “Дар бораи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва интиқол ёфтани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва литсейҳои касбӣ) аз сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтори

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳамчунин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷ, техникум ва омӯзишгоҳҳои касбӣ) аз раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ ба тобеияти раёсати навтаъсис гузаронида шуд ва имрӯз фаъолияти худро дар самтҳои таълим – таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ амалӣ месозад. Тибқи маълумоти омории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1990-1991 дар ҷумҳурӣ 43 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият намуда, аз ин шумора 9 - тоаш омӯзишгоҳи омӯзгорӣ буда, аз руйи ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ мутахассис омода мекарданд. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар Тоҷикистон 62 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо 20757 донишҷӯ ва 79 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо 95 500 донишҷӯ амал мекунад [1,8; 40].

Баъди барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишвари мо дар натиҷаи бархӯрдҳои сиёсӣ ва муқовимати мусаллаҳона тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардиданд, махсусан, соҳаи маориф дучори буҳрони шадид шуд. Ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мушкилоти назаррас ба миён омад. Аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қариб аз фаъолият монда буданд. Иншооту биноҳо хароб гаштанд, мутахассисони варзидаи соҳа кишварро тарк намуданд. Бо сабабе, ки кишвар дар раванди бозсозӣ ва рушди иқтисоди бозоргонӣ қарор дошт, мардум ҳама ба муносибатҳои бозоргонӣ рӯ овarданд. Ҳатто қисме аз омӯзгорон дар бозорҳои кишварамон ба савдогарӣ машғул буданд.

Хулоса, саҳми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ дар омода намудани мутахассисони зинаи миёнаи касбӣ, коргарон ва кормандони соҳаи хизматрасонӣ хеле бузург аст. Кормандони асосии корхонаю муассисаҳои истеҳсолӣ ва саноатӣ асосан муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ тайёр карда мешаванд. Минбаъд низ нақш ва ҷойгоҳи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ дар Тоҷикистон боло меравад.

**Адабиёт**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 115 с.
2. Буйдоқов Х. Таълим ва таҳсилот дар хориҷа. – Душанбе, 2010. – 344 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф.17.05.18, №1527.
4. Саидзода З.Ш. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ. – Душанбе: Контраст, 2014. – 260 с. С 99, 100.
5. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (қисми 1) // Санадҳои меъёри ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар Ҷумурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – 252 с.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. – Душанбе, 2018.


## СОЦИАЛЬНО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ СИСТЕМЫ НАЧАЛЬНОГО И СРЕДНОГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**Юлбекова Н.Ш.**



*В статье автор рассматривая социально-правовые основы формирования системы начального и среднего профессионального образования, роль учреждений начального и среднего профессионального образования в обеспечении рынка труда специалистами, их задачи, принципы и структуры, высказывает свои соображения относительно повышения их роли в подготовке специалистов начального и среднего профессионального уровня. Автор подчеркивает, что граждане со средним профессиональным образованием имеют возможность продолжить обучение в образовательных учреждениях высшего профессионального образования по полученной специальности.*



***Ключевые слова:*** *образование, начальное профессиональное образование,*

*среднее профессиональное образование, профессионально-технические училища, специалист.*

## SOCIAL AND LEGAL FOUNDATION OF A SYSTEM OF PRIMARY AND SECONDARY PROFESSIONAL EDUCATION IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Yulbekova N.Sh.**

*In this article, the author considers the social and legal foundations of the system of primary and secondary professional education and the role of institutions of primary and secondary professional education in providing specialists in the labor market. Its tasks, principles and structure related to the increase in the role of this level of education. The author emphasizes that, citizens with secondary professional education have the opportunity to continue their education in educational institutions of higher professional education in the specialty.*

***Key words:*** *education, primary professional education, secondary professional education, professional schools, specialist.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ВА АЛОМАТҲОИ АСОСИИ ОН

**Шарифзода А. А.** - унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ
E- aminjon.1976 @ mail.ru; тел.: 929800019

*Пажӯҳиши масъалаи рамзҳои давлатӣ, ки оина ва симои давлату миллат дар арсаи ҷаҳонӣ буда, бо назардошти арзишҳои олии фарҳангӣ, миллӣ, таърихӣ, урфу одату анъанаҳо, неъматҳои меҳнативу моддиву маънавии кишвар дар даврони истиқлолият ва фазои сулҳу ваҳдат яке аз мавзӯъҳои муҳим дар замони муосир ва илми сиёсатшиносӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши рамзу муқаддасоти давлати соҳибистиқлол муфид буда, ин худ арҷгузорӣ ва эҳтиром гузоштан ба аломати давлатӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур ҳамин самти масъала бо такя ба сарчашмаҳои илмиву оммавӣ ва санаду меъёрҳои марбут ба ин раванди муҳимми сиёсиву давлатӣ таҳқиқ гардида, муаллиф ба натиҷаҳои ҷолиб расидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Истиқлолият, давлат, размҳои давлатӣ, Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, Конститутсия, муқаддасот, арзишҳои миллӣ, арҷгузорӣ, парлумони касбӣ, раъйпурсӣ, шохаҳои ҳокимият.*

Ҳар як давлати соҳибистиқлолро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо рамзҳои давлатиаш мешиносанду эътироф менамоянд. Размҳои давлатӣ Нишон, Парчам ва Суруди миллӣ ба ҳисоб рафта, онҳо аз рӯи санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилаливу дохилии худи давлат дар ҷойҳо ва рӯзҳои муайян истифода бурда мешавад, ки ин эҳтирому арҷгузорӣ нисбат ба кишвари соҳибистиқлолро нишон медиҳад.

Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ, яъне 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистонро лозим буд, ки вобаста ба вақту шароиту замони хеш бо назардошти арзишҳои милливу фарҳангӣ рамзҳои давлатии кишвари соҳибхтиёрро қабул намояд. Низову кашмакашҳои дохилӣ, ки оқибат ба ҷанги таҳмиливу шаҳрвандӣ оварда расонид, кишвари мо натавонист, рамзҳои давлатии худро қабул намояд. Танҳо баъди беш аз як соли соҳибистиқлолӣ, дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри таърихии Арбоби шаҳри Хуҷанд имкон фароҳам омад, ки аз ҷониби вакилони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам ва Нишони давлатӣ тасдиқ карда шавад. Чи хеле ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён медоранд, “Тоҷикистон ба ҳайси давлати истиқлоли худро эълонкарда, зиёда аз як сол рамзҳои давлатӣ, яъне Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ надошт. Дар Иҷлосияи тақдирсози Шӯрои Олӣ нахустин рамзи давлатӣ – Парчам қабул карда шуд ва корҳо доир ба таҳияву қабули дигар рамзҳои давлатӣ ва Конститутсия оғоз гардиданд”[10].

Дар Иҷлосияи тақдирсоз баробари қабул ва интихоби ҳайати нави роҳбарияти давлат, масъалаи қабули размҳои давлатдории навини тоҷик ба миён гузошта шуда, аз ҷониби ҳайати кории бонуфуз лоиҳаҳо пешниҳод ва аз тарафи вакилони мардумӣ тасдиқ карда шуданд. Иҷлосия “Низомнома дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Низомнома дар бораи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро қабул намуда, тавсифи онҳоро ба моддаҳои 169 ва 170 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 ворид кард [3,с.49].

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун рамзи сарбаландии миллат дар Иҷлосия тасдиқ гардида, чун нишони эҳтирому арҷгузорӣ ба аввалин муқаддасоти давлати соҳибистиқлоли тоҷик он аз ҷониби сарвари

тозаинтихоби Шӯрои ОлЂ бӯсида шуд ва парчам бо парафшонӣ, яъне ҳаракат тавонист барои сарҷамъу муттаҳид намудани мардуми парокандаи кишвар мусоидат намояд.

Ба хотири эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти давлатӣ ба ифтихори 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе майдони Парчам бунёд гардида, парчами давлатӣ бо дарозии 60 метр, бараш 30 метр дар пояи баландиаш 165 метр барафрохта ва ба китоби рекордҳои Гиннес ворид карда шуд. Чун рамзи эҳтирому арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ, имрӯз дар маркази маъмурии тамоми вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат Парчам бар пояи баландтарин қомат афрохта, аз сулҳу ваҳдат ва сарҷамъиву муттаҳидии мардуми кишвар зери парафшонии онро нишон медиҳад.

Бо шарофати истиқлолият Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори парчамҳои 193 давлатҳои узви ташкилоти бонуфузи байналмилалии СММ парафшон буда, аз мавҷудияти давлати соҳибихтиёр ва комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ башоратгар аст.

Рамзи дигари давлатӣ ин Нишон, ки дар Иҷлосияи таърихӣ қабул шуда буд, аз тасвири шери болдор дар мобайни нурҳои офтоби аз паси кӯҳҳои барфпӯш тулӯъкунанда ҷой гирифта, хӯшаи гандуми бо лентаи серахдор печонидашуда, ҳошиябандӣ шуда буд. Ҳошияро тоҷи бо ҳафт ситораи болои он ба шакли нимдоира ҷойгиршуда оро медод. Нишони давлатӣ, ки ифодагар ва муаррифгари миллати соҳибтамаддун, соҳибдавлату соҳибфарҳанг, неъматҳои табиат, самараи заҳмати халқи кишвар мебошад, бо гузашти вақт зарурати ворид намудани тағйирот ба нишон ба миён омад ва он ба нишони соли 1937 қабулкардашудаи ҶШС Тоҷикистон монанд карда шуд, ки он нишонаи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад. “Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 дар Иҷлосияи XV даъвати якум бо қарорҳои худ таҳти №891 ва №892 ду Низомномаро дар бораи рамзҳои давлатии Тоҷикистон (Нишон ва Парчам) тасдиқ намуд”[3,с.50].

Суруди миллӣ яке аз рамзҳои давлатӣ маҳсуб ёфта, он овози мардум, орзуву ормон ва садои қалби халқро ифода менамояд. Дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ суруди миллии Ватанамон-Тоҷикистон, ки шеъри шоири бузурги кишвар Абулқосим Лоҳутӣ ва оҳанги Сулаймон Юдаков буда, он моҳи ноябри соли 1946 дар Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда буд, то даврони соҳибистиқлолии кишвар садо медод.

Тоҷикистони соҳибистиқлол чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ мавқеъ ва овози худро пайдо намуд. Вобаста ба талаботи замон, Тоҷикистон роҳи худро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона интихоб кард ва лозим омад, то суруди миллии кишвари соҳибистиқлолро бо мазмуну муҳтавои ҳаёти наву босаодат ва озодию истиқлолияти комили миллӣ интихобу қабул намояд. Барои интихоби беҳтарин матни Суруди миллӣ байни аҳли адаби ҷумҳурӣ озмун эълон гардид.

Барои шаффор доир гардидани озмун матни сурудҳо ба тариқи рақамгузорӣ бе номи муаллиф қабул гардида, аз ҷониби ҳайати доварон омӯхтаву баррасӣ карда мешуданд. “Бо хоҳиши Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ирсоли матни суруди давлатӣ то 15 май идома меёбад. Матни 5 суруди беҳтарин дар давраи аввали озмун бештари овозҳоро гирифта, рақами шартии 3, 5, 7, 9, 10 (ва 6 матни дигари беҳтарин баъди дароз кардани муҳлати озмун ба мо расида) зери рақамҳои шартии 15, 16, 17, 18, 19, 20 манзури хонадагони гиромӣ мегардад. Марҳамат ба тариқи матбуот, дигар воситаҳои ахбори омма ибрози назар намоед...”[7]. Матни сурудҳои беҳтарин донисташуда, барои муҳокимаи омма тариқи рақамҳои шартӣ дар рӯзнома ба чоп расидааст, ки суруди миллии имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 15 мебошад.

Ниҳоят моҳи сентябри соли 1994 озмун ҷамъбаст гардида, шеъри шоири маҳбуби мардуми тоҷик Гулназар

беҳтарин ва арзанда шуморида шуд. Суруди ӯ мувофиқан ба оҳанги таърихии Сулаймон Юдаков эҷод шуда буд. Ба ҳамин тариқ Суруди миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз телевизион ва радиои мамлакат дар иҷрои дастаи ҳофизон ва оркестри симфонӣ дар ибтидои моҳи январи соли 1995 дар қаламрави тамоми сарзамини тоҷикон бо тантана ва шаъну шукӯҳи ориёӣ садо дод [6,с.70].

Боиси ифтихор ва сарбаландии миллати тоҷик аст, ки имрӯз суруди миллии Тоҷикистон чун дастоварди даврони истиқлолият дар арсаи ҷаҳонӣ дар сафарҳои расмии Сарвари давлат, қабулҳои расмӣ, чорабиниҳои сиёсӣ, мусобиқаҳои байналмилалӣ навохтаву садо медиҳад."Суруди миллӣ самараи дилписанди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва меҳнату муборизаи инқилобии халқ бо сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи бунёд кардан ва истеҳком бахшидани ҷумҳурии сифатан нави соҳибихтиёр ва давлатдории демократӣ мебошад"[6,с.73].

Оид ба тартиби тайёр кардану истифодаи ҳуқуқии рамзҳои давлатӣ-Парчаму Нишон, иҷроиши Суруди миллӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рамзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 12 майи соли 2007, №354 қабул гардид. Сипас, вобаста ба зарурат солҳои 2009, 2011 ва 2016 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тағйиротҳо ворид карда шуданд, ки ба симои Нишон ва Парчам дигаркунии куллӣ ворид карда нашуд.

Ҳуҷҷати сарнавиштсози давлатӣ, ки дар низоми давлатдорӣ чун рамзҳои давлатӣ мақому арзиши баланд дошта, ҳатто рамзҳои давлатӣ, сохту шакли давлатдориро муайяну мушаххас ва ба расмият даровардаву қонунӣ менамоянд ва муқаддасоти давлат маҳсуб меёбад, Конститутсия мебошад. Барои татбиқи сиёсати пешгирифтаву дурбинонаи давлатдорӣ ҷиҳати қонунӣ гардонидани он ва барои талаботи нав бо назардошти арзишҳои олии милливу фарҳангӣ, маданиву маърифатӣ, худшиносиву худогоҳӣ, анъанаҳои милливу байналмилаливу муосир мутобиқ намудани як давлати кӯчаку ҷангзадаву қариб ба нестирафта масъалаи таҳияи Конститутсияе пеш омад, то шакли давлатдории миллати тоҷикро муайяну қонунӣ гардонад.

Чи хеле ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, "шароити соҳибистиқлолӣ талаб мекард, ки дар кишвар ҳарчи зудтар ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида, Конститутсияи давлати соҳибихтиёр қабул гардад ва дар он мақсаду мароми ҷомеа, давлат ва сохти давлатдорӣ муайян карда шавад"[10].

Бахри таҳияи ин ҳуҷҷати сарнавиштсози миллат бо ҳидояти Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гурӯҳи босалоҳияти олимону ҳуқуқшиносон, муаррихону сиёсатшиносонро зарур буд, ки барои чун давлати соҳибихтиёри миллӣ, узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардидани кишвар баробари арзишҳои милливу фарҳангӣ, талаботу ҳуҷҷатҳои бонуфузи ҷаҳониро низ ба инобат гиранд.

Ҳини таҳияи лоиҳаи Конститутсия аввалан, таҷрибаи ғании таҳияи конститутсияи бисёр аз кишварҳои олам ба назар гирифта ва матни конститутсияи мамлакатҳои зиёд мавриди омӯзиш ғарор дода шуд. Сониян, тамоми ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, бахусус он ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи инсонро танзим менамояд, аз ҷумла Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар (1948), Қарордоди байналмилалии ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон (1966), Қарордоди байналмилалии ҳуқуқи маданӣ ва сиёсии шаҳрвандон (1966), Эъломияи Париж ва ҳуҷҷатҳои маҷлиси машваратии Хелсинки мавриди омӯзиши дақиқ қарор гирифтанд[1,с.82].

Баъди баррасиву муҳокимаҳо лоиҳаи Конститутсия омода гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон байни давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз аввалинҳо шуда, санаи 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи худро қабул ва ҳамон рӯз

Президенти кишварро интихоб ва шакли давлати президентиро расмӣ гардонид.

Ҳарчанд баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ шакли идораи давлатии кишвар президентӣ қабул карда шуда, тариқи интихоботи умумихалқӣ президенти мамлакат интихоб шуда бошад ҳам, вале ин шакли давлатдорӣ ба таври бояду шояд вазифаи худро иҷро ва мардуми кишварро сарҷамъу ба ҳам оварда натавонист. Маҳз дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти идораи давлатӣ ба дӯши Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида, бахри бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузошта шуд.

Бо қабули шаҳодатномаи миллат – Конститутсия роҳи интихобкардаи мардуми азияткашидаи тоҷик таҳти роҳбарии раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳанӯз дар Иҷлосияи тақдирсоз муайян карда шуда буд, қонунӣ гардонида шуд.

“Тоҷикистон бо қабули Конститутсияи соли 1994 чун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ ва ягона роҳи кишвардорию сохтори давлатӣ, табиати қудратофарию реҷаи сиёсии ояндаи худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд” [8,с.103].

Барои рушду пешрафт, таъмини адолати иҷтимоӣ дар низоми давлатдорӣ муайян намудани самтҳои одилонаи вазифаҳо ва ухдадориҳои шохаҳои ҳокимияти давлатӣ муҳиму саривақтист. Зеро аз гузашта барои амали муваффақонаи сиёсати пешгирифтаи давлат низоми давлатдориро ба шохаҳо тақсим мекарданд. “Кишвар-шаҳр ба қавли файласуф Суқрот аз се табақа: зимомдорон, сипоҳиён ва пешаварон таркиб ёфтааст. Аввалӣ қувва оқилаи мулк аст ва дуюмӣ ҳофиз ва нигоҳбони он ва савумӣ василаи рафъи ҳавоиҷи моддии он. Ҳар се табақа бояд аз эътидол ва хештандорӣ бархӯрдор бошанд ва адолат иборат аз риояти ҳудуд аст; ба ин маънӣ, ки ин табақот ҳар як ба вазифаи худ амал кунад ва аз таҷовуз ба ҳудуди дигарон бипарҳезад [5,с.1049,1050].

Бо қабули Конститутсияи худ Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳуқуқу ӯҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд, вазифаву салоҳияти шохаҳои ҳокимияти давлатиро муайян карда, ба роҳи пешгирифтаи давлатӣ ва талаботи замони муосири ҷаҳонӣ ҷавобгӯй намуд. Дар асоси моддаи якуми Конститутсия шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ қабул карда шуда, ҳамчунин тибқи моддаи 9-и он асосҳои ташаккули давлатӣ муайян гардид, ки дар он омадааст: “Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад” [2,с.7].

Ба ақидаи файласуф ва инсоншиноси инглис Эрнест Андре Геллнер “Давлат – як ё якчанд ниҳодест, ки вазифаи асосии онҳо (дар баробари вазифаи дигар) - ҳифзи тартибот ва низом аст. Давлат дар ҷое вуҷуд дорад, ки дар ҳаёти иҷтимоии он мақомоти махсуси идора ва таъмини амният ва тартибот чун полис, суд ва ғайра вуҷуд дошта бошад. Ин аст шарти асосии мавҷудияти давлат” [4,с.98].

Бобҳои алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шохаҳои ҳокимияти давлатӣ бахшида шуда, дар он вазифа, ҳуқуқ, ваколат, салоҳият, ӯҳдадорӣ ва масъулияти онҳо муайян карда шудааст.

Чи хеле ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз медоранд “... дар Конститутсияи мамлакат риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд меъёри асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ эълон шуда, дар асоси таҷзияи ҳокимият тартиби ташкил, салоҳият ва ҳамкории байни мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дақиқ танзим гардид[10].

Қабули ҳар як санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд барои беҳбудии зиндагии мардум, соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат манфиатовар бошад. Дар солҳои аввали истиқлолият, ки вакилони мардумӣ даъватӣ буданд, бинобар вазъи ногувори кишвар қонунҳо ба таври зарурӣ баррасӣ карда намешуданд.

“Қонунҳои қабулкардаи Шӯрои Олиро гирем. Аз сабаби он ки лоиҳаи қонунҳоро депутатҳо охири вақт дар рӯзҳои сессия мегиранд, онҳо хому нопурра қабул мешаванд ва баъди 2-3 моҳ маҷбур мешавем, ки онҳоро аз нав дида бароем. Аз ҳамин сабаб дар давоми як сол панҷ сессияи Шӯрои Олӣ гузарондем. Ҳамаи ин боиси он гардид, ки дар давоми 2-3 соли охир асосан ба интихоботгузаронию вазифатақсимкунӣ овораему бас” [1,с.12].

Вобаста ба талаботи замон ва шароит зарурат ба миён омад, то ба Конститутсияи мамлакат тағйирот ворид карда шавад. 26 сентябри соли 1999 ба Конститутсияи кишвар тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйирот ворид карда шуда, мақоми қонунбарори кишвар ба ду Маҷлис тақсим карда шуд, ки дар моддаи 48-и Конститутсия гуфта шудааст: “Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ аз ду Маҷлис – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Мухлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон 5 сол аст”[2,с.25].

Яъне, аз соли 2000-ум дар кишвари соҳибистиқлоламон парлумони касбии доимоамалкунанда – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби халқ интихоб карда мешаванд, таъсис ёфт. “Маҷлиси намояндагон рӯзи 27 феврали соли 2000 аз рӯи низоми муштарак, яъне системаи маҷоритарӣ ва рӯйхати ҳизбҳои гуногун интихоб гардид. Маҷлиси намояндагон 63 вакилро дарбар мегирад, ки 41 нафари онҳо дар ҳавзаи якмандатӣ ва 22 нафарашон дар ҳавзаи ягонаи интихоботи ҷумҳуриявӣ мувофиқи рӯйхати ҳизбҳо интихоб шуданд. Дар интихобот 6 ҳизби сиёсӣ ширкат варзид ва ҳар кадоми он рӯйхати номзадҳояшро пешниҳод намуд”[9,с.29].

Мақоми олии қонунгузори мамлакат имрӯз бо таҳияи қонунҳои барои манфиати ҷомеа ба рушду пешрафти кишвар мусоидат намуда истодааст.

Давлати ҳуқуқбунёди тоҷик дар асоси қонститутсияи худ ҳуқуқи инсонро арзиши олӣ донист, ки ин ҳадафи дурбинона мақому эътибори Тоҷикистонро баланд намуда, конститутсияи мо дар қатори конститутсияҳои беҳтарини ҷаҳонӣ пазируфта шуд. “Давлат, сиёсат ва ҳамагуна манфиат, ба қавли Кант бояд назди ҳуқуқи инсон сари таъзим фуруд орад. Ба назари мо роҳи ягона ва асосии баромад ва инкишофи ояндаи давлатдории мо маҳз дар ҳамин арзишҳои марказӣ, ки моддаи 5 Конститутсияи кишвар аз соли 1999 онро ҳадаф ва арзиши олӣ ҳисоб кардааст, нуҳуфтааст” [8,с.105,106].

Барои боз ҳам комилу мукаммал ва ба талаботи замини муосир ҷавоғӯй гардидани Конститутсияи мамлакат боз ду маротиба санаҳои 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру илова ворид карда шуда, имрӯз Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори беҳтарин конститутсия эътироф карда шудааст.

Рамзу муқаддасоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз чун инъикосгару муаррифгари миллату давлати соҳибистиқлолу соҳибтамаддуни тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ шинохтаву эътироф гардидааст.Чуноне мақоли халқӣ мегеяд, “Нон дар нондон азиз аст”. Аз ин лиҳоз, рамзу муқаддасоти давлатии Ватани азизамон пеш аз ҳама барои мо, мардуми сарбаланди Тоҷикистон азизу муқаддас бояд бошад. Барои дар қалбу вуҷуди ҳар сокини мамлакат бедор намудани ҳисси эҳтирому арҷгузорӣ ба рамзҳои давлатӣ корбарии якҷояи аҳли ҷомеа бояд аз боғчаву мактаб ва оила оғоз гардад. Зеро рамзҳои давлатӣ оина ва симои давлату миллат дар арсаи ҷаҳонист.

**Адабиёт**


1. Достиев, А. Мавқеъ/ А.Достиев. Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 294 с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони тоҷикӣ ва русӣ). Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
3. Маҳмудзода, Ғ.З. Таърихи вексиллология ва гералдикаи тоҷики нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XXI (Автореферат бо забонҳои

русӣ, тоҷикӣ)/ Ғ.З.Маҳмудзода. – Хуҷанд:Ношир, 2020. – 58 с.
4. Маҷмӯаи илмии “Муқаддима ба назарияи миллатшиносӣ”. Душанбе: Ирфон, 2012. – 245 с.
5. Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён/ Ноҷӣ Муҳаммадризо. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 1337 с.
6. Сӣ баҳори истиқлол. Хуҷанд: Хуросон, 2021. – 350 с.
7. Соҳиби суруди миллӣ мешавем!// Ҳақиқати Ленинонбод, 1994. 3-4 май
8. Холиқов, А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 682 с.
9. Шукӯҳи Истиқлол. Хуҷанд: Ношир. 2011. – 508 с.
10. PRESIDENT.TJ

## НЕЗАВИСИМОСТЬ И ЕЕ ОСНОВНЫЕ ПРИЗНАКИ

**Шарифзода А. А.**

*Исследование вопроса о государственных символах, являющихся зеркалом и образом государства и нации на мировой арене, с учетом высших культурных, национальных, исторических ценностей, обычаев и традиций, трудовых, материальных и духовных благ страны в эпохе независимости и атмосфера мира и единства, является одной из важнейших тем современности и рассматривается политология. С этой точки зрения полезно изучать символы и святыни независимого государства, а это дань и уважение государственному символу. В данной статье этот вопрос исследуется на основе научных и общедоступных источников, документов и нормативов, касающихся этого важного политического и государственного процесса, и автор достиг интересных результатов.*

***Ключевые слова:*** *Независимость, государство, национальный гимн, Флаг, Герб, Государственный гимн, Конституция, святость, национальные ценности, дань уважения, профессиональный парламент, референдум, ветви власти.*

## INDEPENDENCE AND ITS MAIN FEATURES

**Sharifzoda A. A.**

*The study of the issue of state symbols, which are a mirror and image of the state and the nation on the world stage, taking into account the highest cultural, national, historical values, customs and traditions, labor, material and spiritual benefits of the country in the era of independence and the atmosphere of peace and unity, is one of the most important topics of our time and political science is considered. From this point of view, it is useful to study the symbols and shrines of an independent state, and this is a tribute and respect to the state symbol. In this article, this issue is investigated on the basis of scientific and publicly available sources, documents and regulations relating to this important political and state process, and the author has achieved interesting results.*

***Key words:*** *Independence, state, national anthem, Flag, Coat of arms, National anthem, Constitution, holiness, national values, tribute, professional parliament, referendum, branches of power.*

№1
2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# К ВОПРОСУ О МИРОВОЗЗРЕНИИ ЖИТЕЛЕЙ ДРЕВНЕГО ПЕНДЖИКЕНТА

**Ашурова Л. -** унвонҷӯи ИФСҲ АМИТ (Тел: 927306208)

*Из-за отсутствия должных письменных источников исследование мировоззрения жителей раннесредневекового Пенджикента становится проблематичной. В статье рассматривается особенности художественной культуры как единственно доступном носителе искомого феномена.*

***Ключевые слова:*** *артефакты, опосредованное психологическое наблюдение, идеализированный Иран, толерантность, начала формирования таджикского народа, Шелковый путь, эстетическое сознание, мультикультуризм.*

Классическая форма психологического наблюдения за объектом является непосредственное наблюдение в формате «здесь и сейчас». Но как быть с материалом исследования, который отдален от современного ученого несколькими веками в прошлом – с Пенджикентским городищем раннего средневековья?

Такая проблема заставляет задуматься о формах и возможностях выявления психических реакций. Однако культурологу, сталкивающемуся с таким явлением, не раз приходилось сталкиваться с ситуацией, когда можно говорить о непосредственном и опосредованном выявлении психической реакции субъекта. Такие суждения возникают опытно, в ходе выявления природы самого объекта исследования.

В нашем случае именно из того, что психологическая картина этого далекого раннесредневекового мира вырисовывается из совокупности сохранившихся фрагментов артефактов, настенной живописи, скульптуры, архитектуры, искусства малых форм, декоративного искусства и т.д. Мы убеждены в том, что именно художественное наследие, как ни одна другая форма наследия, способно более или менее отражать духовный, психологический мир предшественников. Но сложность понимания и «чувствования» этого мира заключается в том, что исследователь исторического материала должен знать семиологию исследуемого материала. Необходимо глубоко и тщательно проникнуть в суть системы знаков и символов, в суть идеала и идеологии, образа жизни, интересов обитателей Древнего Пенджикента.

Это не просто. Потому что очень скудно представлена письменная информация герменевтического характера о времени. Изобразительная же информация содержит в себе двоякую информацию – прямую и кодированную. Более того, неизвестно насколько сама прямая информация загружена кодификацией.

Здесь потребуется применение широких совокупных методов и методологий, которые позволят выявить неизвестные и малоизвестные составляющие.

Но, так или иначе, исследователь этого пласта наследия обязан совершить такое проникновение. Благо, предыдущие исследователи – историки, археологи, искусствоведы древнего городища дали в меру доступную им расшифровку для поиска и выявления кодов. Критически изучая их разработки, мы попытаемся это осуществить в данной статье.

Прежде всего, мы исходим из статуса города. Потому что обычно город во все времена практически являлся инициатором цивилизационных процессов.

Как известно, феномен города возник в глубокой древности, на древнем Востоке, потому что человеческая цивилизация начала формироваться именно в этой части света. Главными его характеристиками составляли процесс периода разложения родоплеменного строя и зарождения собственно цивилизации как одна из сущностных ее структур наряду с письменностью, государством, моногамной семьей, социальными слоями, развитием ремесел и т.д. И с первых

шагов город начал концентрировать, стягивать на себя руководящие общественные функции в администрации, финансах, хозяйстве, идеологии, военно-стратегической и культурной областях. Как утверждают историки ранних урбанизаций, «город на Востоке выполнял множество функций: военную (зачастую огороженное стеной убежище/крепость); культового центра; места притяжения образованных слоёв, дислокации учебных заведений, библиотек; центра торговли и обмена (базары, рынки); места сосредоточения ремесленного производства; административного центра»[1].

Как правило, образцом для становления урбанизации в Согде, куда входил и городище Пенджикент, становилась идеализированная цивилизация Древнего Ирана. Духовная жизнь типичных раннесредневековых городов, коими являлись города Согда, так же вначале традиционно составляли культ классической культуры Древнего Ирана. Это была продиктована тем, что до III в. Согд входил в состав Кушанской империи, которая затем распалась в указанном тысячелетии [2].

Но впоследствии в Согде происходил процесс реформации под влиянием культуры, которую внес Великий Шелковый путь. Этот путь, связывавший Иран, Индию, Китай и Среднюю Азию со странами Передней Азии и Европы, существовал на протяжении всего средневековья. Шелковый путь, несмотря на свою главную функцию – обмен товарами, торговлю, нес в себе также конгломерат разных культур. Средневековая цивилизация, формирующаяся на фоне этого «потока», становилась по существу толерантной, потому что только на основе взаимного уважения практически могли сосуществовать культуры тех народов, представители которых проходили по Шелковому пути. Именно их посещение поселений Согда и оказали созидательное влияние на формирование новой городской культуры региона.

Храмы, исповедальни формировались в крепости в духе почитания древнеиранских святынь (в частности, зороастрийские «дома огня»). Об этом свидетельствуют сюжеты настенных панно. Но наряду с ними, например, в Древнем Пенджикенте строились молебны разных конфессий для гостей из потока Шелковый путь (буддийские, манихейские, христианские, иудаизм)[3].

Таким образом, предполагается, что Древний город Пенджикент вначале сформировывался как обычный, провинциальный, с традиционными обычаями и обрядами поселение. Но впоследствии, именно обслуживая путешествующих купцов и иной аудитории Великого Шёлкового пути, он преобразился из поселения в город – в развитый, оригинальный, мультикультурный центр. Иными словами, история Древнего Пенджикента связано с развитием, с эволюционным процессом.

Культура и искусство, отражавшие мировоззрения пенджикентских жителей и народов всего Согда доисламского периода, в связи со скудостью письменных источников, обычно сами артефакты этой культуры становились материалом для анализа и показателем почти всей духовной жизни согдийцев.

На основе собранных материалов можно было бы сделать попытку анализа мировоззрения Древнего Пенджикента в целом.

Эта попытка впервые была осуществлена на уровне археологии и искусствоведения в 1954 г. А.Ю. Якубовским и А.М. Беленицским. Затем позднее поддержали эту инициативу Б.И. Маршак и другие [4].

Выявилась, что в содержательном аспекте можно условно выделить два направления, находящиеся в нашем распоряжении изобразительных материалов – доминирующие религиозные направления и светские. Правда, водораздел между ними проводить весьма трудно. Потому что этот водораздел весьма зыбкий. Потому что в фактически эти два феномена сливаются воедино.

И все же, как утверждают специалисты, светская живопись Пенджикента VII-VIII вв. неизмеримо богата, чем религиозная, и интересна в художественном и познавательном отношениях. Настенные росписи Пенджикента условно светского характера отражают

реальность, прежде всего в своей тематике. Они отражают жизнь дехканства, как элиты общества, в тот период, когда развитие феодальных отношений оказывало прогрессивное влияние на рост производительных сил, на хозяйство и культуру в целом. Очевидно, что прошлое осознанно или бессознательно рассматривается как идеал. Ритуалы, традиции, мифические представления эпохи пешдодиёна, Ахеменидской эпохи, империя Сасанидов, Манихейства, Маздаизм плюс история материальной и духовной культуры других народов, привнесенных Шелковым путем, в виде синкретизма явились тем единым целым, которые видятся идеалом для пенджикентских художников.

«В Согде чисто индийский или чисто греческий иконографический тип сохраняется только как редкое исключение. Напротив, здесь произошло полное смешение разнородных признаков: бог с кифарой Аполлона сидит как Сасанидский царь на троне с головами слонов, Вешпаркар одет по-согдийски, длиннобородый Азрва (Зрван) сидит в индийской позе и т.д. Индийские и тем более греческие элементы иконографии в Согде уже не означали «национальность» богов, а просто были отличительными признаками небожителей, демонов, сказочных персонажей»[4]. Совокупность и типичность по своим композициям этих настенных изображений и декоры, скульптурные вставки, составляли общее мировоззренческое предпочтение пенджикентцев. «Поэтому сейчас настало время снова вернуться к общим проблемам и попытаться охарактеризовать искусство Согда как некое целое, обладающее собственной неповторимой ценностью, причём сейчас ясно, что неповторимая ценность этого искусства не в том, что его темы и мотивы были чужды остальному миру и всегда зарождались на местной почве …, а в том, что оригинальное художественное осмысление всех этих тем и мотивов обусловлено неповторимостью исторической ситуации во времена созревания и расцвета согдийского искусства»[4].

Все это в совокупности и явился материалом для осмысления мировоззрения пенджикентских жителей. «Самобытность и стойкость собственной культурной традиции сказалась не в сплошном отрицании чужого, а в способности освоить чужие формы, обогатив ими свою культуру, сохраняя верность предкам в том, что имело решающее значение»[4].

Следует признать, что это обобщение не всегда совпадает с археологическим описанием конкретных объектов.

Из документов с горы Муг мы знаем, что согдийцы делили гражданскую общину на три сословия: знать, купцы и работники[4].

«В недавнем прошлом таджики некоторых горных районов, сохранившие в своём быту много обычаев доисламской Средней Азии, втыкали жёлтый цветок в чалму умершего, если умерший был молод. Причем жёлтый цветок считался знаком печали. Не только пиры, но и пляски входили в погребальный обряд, так же как они входили и в другие церемонии. Об этом свидетельствуют, прежде всего, изображения пирующих с цветами в руках и танцовщиц на стенках оссуариев»[4, 26].

Мир, представленный в согдийских росписях, имел не только пространственное, но и временное измерение.

«Наряду с современниками художники изображали героев прошлого, которых показывали богоподобными. Выражалось это по-разному: большими масштабами фигур, нимбами вокруг головы, языками пламени у плеч или особым типом лица, восходящим к иконографии грозных божеств»[4, 28]. В согдийском искусстве фиксируется не только прославление побед, но и почитание доблестной смерти[4, 30]. В композициях не редко присутствовали элементы обряда оплакивания погибших…

В росписях превалируют сцены сражений, смерти героев. Это вызывает удивление, потому что в тот отрезок времени в Древнем Пенджикенте не происходили военные действия. Там активно реализовывал себя мирная торговля, причем в рамках международных общений, торговых взаимообменов.

Почему же в росписях наличествует немало сцен масштабных боев?

Во-первых, это связано с исторической памятью. История иранских народов, их самоутверждение связаны с боями, сражениями с противниками.

Во-вторых, художники Пенджикентского городища, как уже отмечали, в целом не отражали реальность как таковую. Но они понимали, что эти воображаемые сцены боев и противоборств связаны с воображаемым конфликтом, пусть даже и мифическим. Тем более что об этих сражениях говорится в более древних источниках. Война, агрессия присутствовали преимущественно в эпических росписях, свидетельствующих о прошлом. Причем, война и агрессия наряду с некими реальными сюжетами из далекого прошлого, чаще трактовалась в виде зооморфных картинок со змеями, дикими хищниками, напоминающими сюжеты мифических представлений древнего Ирана.

В-третьих, насилие и ненасилие всегда, со дня образования человеческого общества, проявляли себя в том или ином виде. Жизнь всегда была и есть по существу сражение в прямом и переносном смысле. Даже отдельный индивид для того, чтобы существовать, борется не только с внешними факторами, негативно влияющими на его существование, но и борется с самим собой. Это общеизвестно.

В педжикентском раннесредневековом обществе категории насилия и ненасилия существовали больше в исторической памяти, потому что в реальности на фоне мирной межэтнической торговли господствовала толерантность и мирный диалог.

В целом картины насилия рассматривались сточки зрения нравственности. Это разрушение, смерть людей, уничтожение материальных ценностей. И оно осуждалось с точки зрения общеэтнического раннесредневекового мировоззрения пенджикентцев.

В росписях не редко присутствовали мотивы хитрости, недоверчивости и осторожности, которые составляли часть внутреннего мира тогдашних согдийцев [4].

Эпический мир согдийцев также не исчерпывается одними темами, например, о легендарных героях. В росписях встречаются широкие темы-сюжеты, свойственные жизнедеятельности и мифическим и реальным фантазиям народов Согда.

О взглядах и вкусах пенджикентцев на архитектуру можно судить не только по останкам зданий, но по их изображениям и барельефам. В архитектуре преобладал модель древнеиранских типов.

Например, использовалась реальная или нарисованная арочная ниша, которая символизировал, как бы выход из человеческого мира и в ход в мир богов.

Духовные запросы горожан, в том числе их литературные интересы, которые формируют повествовательность их живописи с её преимущественно светским характером, есть, в конечном счете, особенность местного именно городского изобразительного искусства.

В начале средних веков дело шло не к поиску обособления, а к культурному единству складывающейся таджикской народности. В росписях такого порядка не возникала необходимости выискивать констатацию конкретной местности[4, 55].

«Согдийцы были связаны почти со всем цивилизованным миром благодаря своей важной роли в международной торговле шёлком и в политической жизни тюркских степных государств VI-VIII вв. Их искусство показывает, что они знали достижения разных стран и охотно перенимали те или иные темы, мотивы, орнаменты и т.д. Но своеобразие согдийского общества, своеобразие задач согдийского искусства создавало из местных и заимствованных элементов нечто цельное и глубоко оригинальное по общему замыслу»[4, 34].

Маршак интересовался ещё одной серьезной проблемой: были ли согдийцы зороастрийцами?

Как известно, нет искусства без художественного идеала. Творцы искусства не могут не иметь художественных взглядов и, прежде всего, представления о прекрасном. Это аксиома, независимо от любой эпохи человеческого общества. Представление о прекрасном в свою очередь преобразуется вместе с изменением сознания и идеологии челове-

ческого общества и человека. Пенджикентцы в параллель со временем создали свои образы, портреты и раскрытию характера человека, создали свои символы, отражавшие религиозные и светские идеалы и реальные ценности своего времени. Используя в основном исследования М.П. Маршака, нам удалось конкретизировать морально-нравственные, идеологические, культурно-эстетические, художественны воззрения Древних Пенджикентцев и всего Согда.

Такое отношение породил в VII в. феодальный базис, новую, феодальную идеологию, которая, правда, раскрылась, не сразу и содержала большое количество пережитков старого, умершего рабовладельческого общества. С феодальной идеологией пришло новое восприятие мира, в котором черты античного реализма были вытеснены элементами условности. Изменился художественный идеал и художника, и зрителя. Прекрасное представлялось уже не в изображении характера, не в раскрытии сущности индивидуального, а в создании каких-то канонов или штампов красивого, которое могло доставлять наслаждение тогдашнему зрителю.

Хотя, это не подтверждается никакими письменными и иными источниками, тем не менее, судя по алгоритму наличествующей тематики, содержания композиций изобразительного искусства, возникают предположения об отражении категорий прекрасного, изящного и безобразного, также героического и трагического в эстетическом сознании древнепенджикентского общества. В ней (в структуре эстетического сознания) вместо категории комического, которая практически отсутствует, чаще выдвигаются сцены охоты [5], празднеств – т.е. категория гедонизма, согласно которому, удовольствие является высшим благом жизни.

Относительно того, почему отсутствует категория комического, мы ответа пока еще не нашли. Единственно, что можно отметить по данному вопросу, это то, что отсутствие категории комического выявлено и в целом в наследии Древнего Ирана[6, 45]. В нем развита категория безобразного. И в этом контексте, при изображении зооморфных мифических образов, наблюдается явное пластическое искажение, сочетание реальных и мифических элементов, которое можно рассматривать как издевку над антиподом категории прекрасного. В современной категории комического, особенно когда речь идет о гиперболической сатире, присутствует интонация уничижение антигероя. Но даже такая трактовка антигероя, очевидная в Древнеиранском искусстве и литературы, в Деревнепеджикетской художественной культуре слабо выражено. В ней преобладает реалистическая трактовка.

В виду того, что данная градация проявляет свое наличие, стало быть, она осуществляется на основе нравственного и эстетического идеалов.

Какова же сущность и проявление этих идеалов?

Поскольку жители Древнего Пенджикента представляли собой обитателей раннесредневекового города, структурно выделявшиеся на такие отчетливые прослойки, как зажиточных дехкан-феодалов, считавшиеся элитой. А так же на многочисленных жителей, в состав которых входят живописцы, скульпторы, мастера ювелирных изделий, мебельщики, ткачи, торговцы, производители продуктов питания, кузнецы, чеканщики монет и т.д. и, сословия обсуживающихся работников. Среднее сословие представляло собой тех, кто производил все виды материальной и духовной продуции, в которой нуждался раннесредневековый город региона Согда.

Совокупная деятельность граждан трансформировалась в идеальное миропредставление, или идеальным отражением в сознании граждан.

Типовым носителем эстетического сознания является представитель среднего сословия Древнего Пенджикента. Активным выразителем такого сознания, вернее, даже его производителем является представитель художественного творчества, преимущественно проявляется в деятельности художников. В создаваемых ими настенных росписях это мышление ярко выражается.

Среди масштабных эпических композиций настенной живописи, барельефов, скульптур, ювелирных изделий, в целом составлявшие ныне как артефакты, можно выявить свойства, которые сегодня однозначно «прочитываются» как символы красоты и прекрасного. Они чаще выданы в сопоставлении с символами категорий безобразного, злого. Эти противоположности традиционно представлены, согласно традициям классического зороастризма как дань прошлому – в виде антропологических и зооморфных образов.

Думается, зооморфные образы в виде огромных змей и других мифологических существ фигурирует как архаизм, поскольку сознание жителей Древнего Пенджикента в тот момент было уже больше реалистичным, чем мифологическое сознание пошлого. Ибо в боевых сценах чаще наличествовали и естественные противоборства в облике антропологических персонажей.

Эстетические категории обозначаются, в частности тогда, когда в полотнах противоборствуют силы добра и зла. По этим работам можно определить, что доброе – это есть красивое и прекрасное [7]. Добро-прекрасное в них представлено в облике преимущественно человека (антропоморфных богов, властителей) и всего того, что связано с его бытом, жизнедеятельностью. Прекрасны божества, предводители, герои, борющиеся за идеалы, духовные ценности, патриотизм того периода. Прекрасен человек, даже если речь идет об оплакивании его гибели. Прекрасен человек, творящий добро.

Даже среди животных и птиц, культивируются преимущественно те, которые служат человеку: лошади, слоны, верблюды и даже голуби и лебеди. Голуби нередко предстают с нимбом вокруг головки, знак особого почитания. Символ крыльев на мифологических и реальных животных, тоже есть дань традиции прошлому. Также являются данью прошлому сюжеты противоборства человека и диких животных, традиционные для барельефов дворца падишахов Тахти Джамшеда.

Особо красиво и реалистично изображаются лошади, кони. Их изображению художник не жалеет свою фантазию. Они изображаются изящно, в приятной пластике и расцветке.

Слоны чаще представлены для придания особенности элитного статуса своего седока. Во время опасности или боя, слоны с бивнями атакуют неприятеля, защищая своего седока. Седок традиционно являются падишахом или правителем, человеком из знатного рода.

Много образов женщин с музыкальными инструментами, женщин-божеств. В обуглившихся статуэтках женщин проглядывается почти реалистические образы полуобнаженных молодых возможно танцовщиц с украшениями. Фактура молодого тела этих статуэток настолько реалистично переданы, что вызывают истинное восхищение зрителя.

В росписях, барельефах изображаются образы музыкантш. Среди них особо запоминается образ Арфистки – статной, красивой, с украшениями на полуобнаженном молодом теле. Трактовка этого, как и других фигур, передана без вульгарности, с осмысленными представлениями тех норм прекрасного, которые культивировались в тогдашнем обществе. И, хотя в этой трактовке гармонично слиты воедино эталоны пенджикентской и индо-китайской этнокультур, тем не менее, она сообщает образу наличие предыдущих традиций иранских народов. Правда, как выше было отмечено, ее пластическое решение более реалистичнее, чем пластика Ахеминидская.

Иными словами, раннесредневековый город жил полнокровной жизнью, подчеркивая свое городское происхождение. Там была и музыка, и танцы, и песни, которые были унаследованы великими традициями прошлого.

**Литература**


1. https://yandexwebcache.net/yandbtm?fmode=inject&tm=1668274609&tld=ru&lang=ru&la=1667637888&text – дата обращения 14. 11. 22.
2. https://ozlib.com/927336/sotsium/goroda_srednevekovom_vostoke&l10n=ru

&mime=html&sign=b3596d34ff9e788568a189c867f41c7a&keyno=0&mode=text – Дата обращения 14. 11. 22.
3. Средняя Азия в III—IV вв. н. э.- http://historic.ru/books/item /f00/s00/z0000017/st126.shtml - Дата обращения 11. 11. 22.
4. Маршак Б.И.. Искусство Согда. / Центральная Азия: новые памятники письменности и искусства. М.: 1987. С. 233-248. (http://kronk.spb.ru/library/marshak-bi-1987.htm#_38); А.М. Беленицкий, Б.И. Маршак Черты мировоззрения согдийцев VII-VIII вв.в искусстве Пенджикента. / История и культура народов Средней Азии (древность и средние века). М.: 1976. С. 75-89, 179-186 (иллюстрации); Azarpay G.: Sogdian Painting. Berkeley — Los Angeles — London, 1981.
5. Пристрастье к охоте шла здесь от Сасанидов. Этот сюжет был особенно развит в настенной живописи Согда и Пенджикента. (К слову, эта тема впоследствии был развит в миниатюрной живописи классического средневековья Ирана, могольской и среднеазиатской школах миниатюр IVX – VX вв).
6. См. Рахимов С.Х. Эстетика зороастризма. – Душанбе: Дониш, 2006, 406 с. – С. 45.
7. У древних греков это явление обозначается словом «калокагатия» – прекрасное телом и душой.

## ОИД БА ҶАҲОНБИНИИ СОКИНОНИ ПАНҶАКЕНТИ ҚАДИМ

**Ашурова Л.**

*Ба далели мавҷуд набудани дигар сарчашмаҳои этимоднок омӯзиши ҷаҳонбинии сокинони Панҷакент дар ибтидои асрҳои миёна дар пажӯҳиш ба мушкилӣ дучор мешавад. Дар мақола хусусиятҳои фарҳанги бадеӣ ҳамчун ягона барандаи дастраси падидаи дилхоҳ баррасӣ мешавад.*

***Калидвожаҳо***: *артефактҳо, усули мушоҳидаи равонии замонҳои қадим, Эрони ормонӣ, таҳаммулпазирӣ, оғози ташаккулёбии халқи тоҷик, зебоишиносӣ, Роҳи абрешим, бисёрфарҳангӣ.*

## ON THE QUESTION OF THE WORLD VIEW OF THE RESIDENTS OF ANCIENT PENJIKENT

**Ashurova L.**

*Due to the lack of other reliable sources, the study of the worldview of Panjakent residents at the beginning of the Middle Ages creates difficulties for research. The article discusses the characteristics of artistic culture as the only available carrier of the desired phenomenon.*

***Key words***: *artifacts, the method of psychological observation of ancient times, ideal Iran, tolerance, the beginning of the formation of the Tajik people, aesthetic consciousness, the Silk Road, multiculturalism.*

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАШКИЛ ВА АМАЛИСОЗИИ «ИНҚИЛОБҲОИ РАНГА»

**Расулов Қ. С. -** унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ (E-mail: kurbon66@mail.ru; тел.: 936011515)

*Дар мақола нақши технологияҳои иттилоотӣ дар ташкил ва гузаронидани «инқилобҳои ранга» таҳқиқ шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки инқилоби иттилоотӣ ба соҳаи геополитика ченаки нав – фазои маҷозиро ба миён оварда, одамонро маҷбур мекунад, ки аз нав меъёрҳо, қоидаҳои муносибатҳои сиёсӣ ва мубориэаи сиёсиро бозбинӣ намоянд. Таъкид шудааст, ки яке аз технологияҳои хеле самарабахш дар мубориза бо рақибони геополитикӣ дар асри XXI «инқилобҳои ранга» ба шумор меравaнд, ки ба ин ё он режими сиёсии давлат-ҳариф, равона гардида зимнан, бо сарфи камтарини қувваҳо ва воситаҳо дар муқоиса, масалан, бо дахолати ҳарбӣ ё ҳатто инҳисори иқтисодӣ, метавонад таъсир расонад ё ҳаттобидуни хунрезӣ онро иваз кунанд.*

*Хулоса карда мешавад, ки бартарияти баҳснопазири Интернет дар назди ВАО-и анъанавӣ дар ташкил ва гузаронидани «инқилобҳои ранга» аз он иборат аст, ки Интернет на танҳо маҷмуи беохири иттилоот, балки инчунин ахбори батафсилеро пешниҳод мекунад, ки ин дар мавриди рӯзнома ё телевизион вуҷуд надорад.*

***Калидвожаҳо**: технологияҳои иттилоотӣ, «инқилобҳои ранга», геополитика, бозигарони сиёсӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет, твиттер, маводи маҷозӣ, мухолифини сиёсӣ.*

Инқилоби иттилоотӣ ба соҳаи геополитика ченаки нав – фазои маҷозиро ба миён оварда, одамонро маҷбур кард, ки аз нав меъёрҳо ва қоидаҳои муносибатҳои сиёсӣ, муборизаи сиёсиро бозбинӣ намоянд. Маълум гардид, ки амали муштараки (муборизаи) «сард»-и электронӣ бо кумаки васоити ахбори омма, технологҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ аз рӯйи қувва ва ноилшавӣ ба натиҷаҳои ниҳоӣ аксар вақт аз ҷангҳои пешинаи «гарм»-и даврони саноатӣ бартарӣ дорад. Замоне М. Маклюэн пешгӯйӣ карда буд, ки қалами маҷалланигорӣ рӯз ба рӯз назар ба шамшер пуриқтидортар гардида, ҷойи сарбозон ва танкҳоро ҳар чи бештар ранги матбаавӣ, аксҳо ва воситаҳои электронии коммуникатсияҳоро мегирад [4].

Дар ҳақиқат, имрӯз давлатҳо технологияҳои наве, ки қаблан барои мубориза барои манфиатҳои миллии худ дар арсаи ҷаҳонӣ ба кор бурда намешуданд, мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди намудҳои нави силоҳ методҳои анъанавии мубориза, ба монанди ҷанг, на ҳамеша тамоми мушкилотро ҳал мекунанд.

Сабабҳои ин ба таври ниҳоӣ равшан мебошанд: агар ба миқёси муосири таслиҳот ва мавҷуд будани силоҳи ҳастаӣ дар аксари мамлакатҳо назар карда шавад, бархӯрдҳои классикии ҷангӣ метавонанд ба таври одӣ инсониятро нобуд созанд. Аммо аз ин рақобати бозигарони сиёсӣ, иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонии геополитикӣ дар мубориза барои фазо коҳиш наёфта, баръакс, ба эътирофи аксари муаллифон, он пуршиддаттар гардида, бо кумаки методҳои навтари серҷанба пеш бурда мешавад.

Яке аз технологияҳои хеле самарабахш дар мубориза бо рақибони геополитикӣ дар асри XXI «инқилобҳои ранга» ба шумор мераванд, ки ба ин ё он режими сиёсии давлат – ҳариф равона гардида, зимнан, бо сарфи камтарини

қувваҳо ва воситаҳо дар муқоиса, масалан, бо дахолати ҳарбӣ ё ҳатто инҳисори иқтисодӣ, метавонад таъсир расонанд ё ҳатто онро бидуни хунрезӣ иваз мекунанд.

Бояд қайд кард, ки «инқилобҳои ранга» аз рӯйи ташкил, технологияи бисёртаркибаи сиёсие, ки як қатор методҳои муосиртарини пешбурди муборизаи сиёсӣ, ба монанди ҷанги электронӣ бо кумаки васоити ахбори омма, технологҳои сиёсӣ ва ташкилтҳои ғайриҳукуматӣ, пиар-маъракаҳо, flash mob ва бисёри дигарро дар бар мегирад, хеле мураккаб мебошанд. Аммо ба гумон аст, ки ин воситаҳои муборизаи сиёсиро бидуни Интернет, ки, бешубҳа, заминаи фазои муосири киберӣ, пойгоҳи муттаҳидкунанда барои аксарияти технологияҳои нави сиёсӣ ба ҳисоб меравад, барои худ тасаввур кардан мумкин бошад. Пайдо шудани шабакаи умумиҷаҳонӣ на танҳо пешбурдани маъракаҳои сиёсиро тағйир дод, балки инчунин дар ҳаракатҳои эътирозӣ ва, махсусан, дар «инқилобҳои ранга» мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт.

Дар замони худ, истифодаи имкониятҳои муосири муосири Интернет ва ВАО-и электронӣ, ҳамчун яке аз омилҳои муайянкунанда самарабахш дар пирӯзии «инқилоби ранга» дар Украина гардид, ки ба манфиати ҷонибдорони ҳокимияти амалкунанда ба анҷом расид. Таҷрибаи Украина нишон дод, ки натиҷаи муборизаи сиёсӣ на танҳо бо таносуби миқдории ҳаҷми пахшкунӣ «барои ҳокимият» ё «барои оппозитсия», балки инчунин бо сифати пахшкунӣ, маҳорати ба даст овардан, ташкил кардани аудитория муайян карда мешавад. Дар ин ҷода нақши назаррасро Интернет бозидааст. Сарфи назар аз он, ки аудиторияи интернетӣ дар минтақаи Иттиҳоди Аврупо дар он вақт начандон бузург буд (тақрибан 10 – 15%-и ҳамаи аҳолии болиғи Украина) [2, 321], ба ҷомеаи шабакавӣ муяссар гардид ба кори «инқилоби ранга», пеш аз ҳама, ба туфайли фаврияти инъикоси воқеаҳо саҳми муҳим гузорад. Ҳатто зимни мавҷудияти шабакаҳои оппозитсионии телевизионӣ, оинаи нилгун қодир нест, ҳодисаҳоро чунин мукаммал, ошкоро, фаврӣ ва амиқ инъикос кунад, тавре ки инро сомонаҳои мустақили интернетӣ анҷом медиҳанд. Нашрияҳои чопӣ дар ин росто аниқ ба нашрияҳои шабакавӣ муборизаро бохта, фурсати нишон додани вокунишро ба ҳодисаҳо надоранд.

Интернет имкон дод, ки амалҳои эътирозҳо дар реҷаи "пахши мустақил", яъне дар гуфтугӯи бевоситаи тамоми иштирокчиён ба нақша гирифта шаванд. Мубодилаи хабарҳо ҷараён гирифта, аъзои ҷомеаи шабакавӣ дар бораи амалҳои муштарак, ба монанди, баргузории эътироз дар назди бинои Ҳукумати Украина ба тавофуқ меомаданд.

Аз ҷумла, дар Интернети минтақаи Украина дастгирии «инқилоби ранга» бартарӣ дошт ва онро баъзе ширкатҳо-провайдерҳо, намояндагони соҳибкории телекоммуникатсионӣ низ дастгирӣ намуданд. Операторони алоқаи «Силверком» ва «Визор» ба муштариёни худ канали ройгони дастрасиро ба Интернет, инчунин ба сомонаҳои оппозитсионии иттилоотию таҳлилии «Ҳақиқати Украина» ва «Майдон» пешниҳод намуданд [3, 321-324].

Дар таъмини дастгирии «инқилобҳои ранга» бо воситаҳои Интернет мутахассисони хориҷӣ низ иштирок карда буданд. Пиар – ширкати маъруфи амрикоии «Rock Creek Creative», ки дар канори шаҳри Вашингтон воқеъ гардидааст, тасдиқ намуд, ки дар вақташ ба мухолифини украинӣ дар «таҳияи стратегия, бренд ва сиёсати иттилоотӣ барои сомонаи интернетии «инқилоби ранга» мусоидат кардааст. Портали интернетии иттилоотии «инқилоби норинҷӣ» дар якчанд серверҳои мамлакатҳои номбарнашудаи Аврупо ҷойгир гардида, тамоми таъминоти барномавӣ (нармафзор) барои портал, тибқи баъзе маълумот, дар Чехия ба қайд гирифта шуда буд. Дар асоси иттилоот аз Интернет, нашрияи мустақил низ таъсис гардид, ки маводи

он дар майдон ва минтақаҳо паҳн карда мешуданд. Ин «Нашрияи мардумии мустақил» ба тарвиҷи ҷиддии захираҳои иттилоотию сиёсии Интернети украинӣ табдил ёфт.

Дар сомонаҳои оппозитсионӣ варақаҳо, хабарҳо ҷой дода шуда, одамоне, ки ба Интернет дастрасӣ доштанд, ин иттилоотро чоп намуда, дар хиёбон тақсим мекарданд. Ба сифати муқобалаи самарабахш бе сензура маҷалланигорони шабакавӣ пахши шабнарӯзиро аз хиёбонҳо ва майдонҳои Украина ташкил намуданд.

Азбаски мухолифин дар Интернет ба туфайли дастгирии молиявии сомонаҳои худ ва бо мақсадҳои «инқилоби ранга»-и аз ҳузури маҷалланигороне (аксаран аз пойтахт), ки сомонаҳои мустақилро таъсис дода буданд, ба таври назаррас истифода мебурд. Президент Юшенко маъракаи хеле фаъоли интернетиро мегузаронид. Ӯ ва ситодаш дорои сомонаҳои муҳим, зуд – зуд навшаванда буданд. Ситодҳои минтақавӣ иттилоотро мустақилона аз тариқи хатҳои худ паҳн мекарданд. Рақибон дар он давра аз ин ҷиҳат заиф буданд [5, 215-217].

Ҳокимият кӯшиш мекард, ки Интернетро «филтр» кунад. Масалан, сомонаи латифаҳо дар бораи сарварони амалкунанда барои Украина «баста шуд». Аммо ВАО-и шабакавӣ ба чунин гардиши воқеаҳо омода буда, бидуни таъхир ва мушкилот дар минтақаҳои хориҷии шабакавӣ: com, net, org худро ба қайд гирифта, суроғаҳои худро ба байналмилалӣ иваз карда, серверҳо – нусхаҳои «оинавӣ»-ро берун аз Украина ташкил намуданд.

Ҳамин тавр, Интернет ба амалисозии «инқилоби ранга» муносибати бевосита дорад, зеро маҳз он ба яке аз омилҳои муҳимтарини воқеаҳои соли 2004 дар Украина мубаддал гардид. Интернет ба рафт ва натиҷаи ҳодисаҳо чунон таъсири сахт расонид, ки ин ба бархе аз муҳаққиқон имкон дод, ки «инқилоби ранга»-ро «инқилоби интернетӣ»-и аввалин ном гиранд [1, 94].

Воқеан тарафдорони «қувваҳои норинҷӣ», дар вақти ин ҳодисаҳо аз Интернет хеле фаъолона истифода мебурданд, то инҳисори иттилоотиро вайрон карда, хабарҳоро то ҳамаи сокинони Украина расонанд. Гуфтан номумкин аст, ки натиҷаи дохилисиёсии «инқилоби норинҷӣ» комилан ҳаммаъно буд, бо вуҷуди ин, натиҷаи сиёсати хориҷӣ аз мағлубияти бешакки қувваҳои сиёсии тарафдорони Россия иборат буд.

Ҳодисаҳо дар аввали моҳи апрели соли 2009 дар Молдова ба дараҷаи назаррас, ба монанди сенарияи умумии «инқилобҳои ранга» инкишоф ёфтанд. Норизогии қувваҳои мухолифини сиёсӣ оид ба ҳисобкунии нодурустии овозҳои интихобкунандагон барои тазоҳурот ҳамчун асос гардид. Гурӯҳҳои эътирозкунандаи фаъоли сиёсӣ ба хиёбонҳои пойтахт баромаданд. Дар натиҷаи бархӯрдҳо миёни онҳо ва қувваҳои ҳифзи тартибот вазъият қариб пурра аз зери назорат баромад. Чунин ҳисобида мешавад, ки дар ин ҳодисаҳо нақши бузургро чунин воситаҳои интернетӣ, ба монанди «Твиттер» (www.twitter.com), блогҳо ва шабакаҳои дигари иҷтимоӣ бозиданд. Маҳз ҳамин далелро барои ҳамчун «инқилобҳои Твиттер» номидани ин ҳодисаҳо асос гардиданд [7].

Бояд қайд кард, ки шабакаҳои иҷтимоӣ дар Интернет интишори васеъро ба даст оварданд. Ҳамин тавр, шабакаи иҷтимоии Facebook зиёда аз 200 млн. ва шабакаи иҷтимоии чинии Qzone – 376 млн. истифодабарандагонро дар бар мегирифт.

Дар фазои пасошӯравӣ шабакаҳои иҷтимоӣ низ аз маъруфияти зиёд бархӯрдор буда, захираҳои интернетии аз ҳама бештар истифодашаванда «Одноклассники» ва «В контакте» ба шумор мераванд. Ҷолибияти шабакаҳои иҷтимоӣ бо он алоқаманд аст, ки онҳо ба истифодабарандагон канали маҷмуии коммуникатсияро пешниҳод мекунанд, ки дар шакли дастрас ва сода кардашуда бастаи калони хизматрасониҳоро барои худизҳоркунӣ ва мавқеъгирӣ дар фазои иҷтимоӣ таъмин менамоянд.

Шабакаи иҷтимоии насли нав «Твиттер» ба истифодабарандагон

имконияти навсозии иттилоотро дар саҳифаи шахсии худ аз тариқи телефони мобилӣ пешниҳод менамояд. Андозаи матни гузошташанда бо 140 рамз маҳдуд карда шудааст, лекин ҳамин қофӣ буд, то ки дар маркази пойтахти Молдова анбуҳи калон ва таҷовузгари оммаи мардум ҷамъ карда шавад.

Ҳамзамон, бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки гарчанд Интернет бо аудиторияи маҳдуд кор мекунад, аммо дар аксари мавридҳо ин маҳз ҳамон аҳолии фаъоле ба ҳисоб меравад, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад. Тавре маълум аст, инқилобҳоро, на аксарият, балки ақаллият анҷом медиҳад.

Ҳамаи ин омилҳо маҳз ба амсилаи коммуникатсияҳои интернетӣ такя мекунанд, ки инро мо метавонем ҳамчун варианти сиёсати интернетӣ ишора кунем. Ҳадди ақалл, дар ин ҷо на танҳо назорати камтар аз ҷониби ҳокимият, балки инчунин зудҳаракатии калон дар тавлиди ғояҳои нав мавҷуд аст.

Интернет тасаввури дохилшавии одамро ба доираи гурӯҳи одамони ба худ монанд, ки манфиатҳояшон монанд мебошанд, эҷод мекунад. Шаклҳои нави иртибот, ки Интернет яке аз онҳо ба шумор меравад, имкониятҳои навро барои ба роҳ мондани маъракаҳои сиёсӣ, гузинаҳои нави бурдани чорабиниҳои иттилоотиро фароҳам меорад.

Интернет дорои ғояҳо, маводи асосии сафарбаркунии ифротӣ мебошад. Ғояҳо ба осонӣ аз тариқи марзҳо гузашта, тавре мегӯянд, «ғояҳо ба замон ва насл бештар, назар ба ягон мамлакат тааллуқ доранд». Дар ҳар ҳолат, объекти маҷозиро назар ба объекти моддӣ (полоҳо камтаранд) осонтар интиқол дода, дар муҳити нав ҷорӣ кардан мумкин аст. Инчунин гузинаи телефонҳои мобилӣ истифода мешаванд.

Дар вақти «инқилоби ранга»-и Украина одамон ба гирдиҳамоӣ барои дастгирии номзад ба президентӣ бо кумаки паёмакҳо, ки ба телефонҳои мобилӣ фиристода мешуданд, ҷамъ меомаданд. «Канали панҷум»-и мухолифин дар давраи «инқилоби норинҷӣ» дар Киев хабарҳои худро тавассути телефони мобилӣ бо рақами ягонаи 625 барои ҳар гуна шабакаи оператори алоқаи мобилӣ паҳн мекард. Воситаҳои ояндаи коммуникатсия дорои хусусиятҳои умумии навъи зерин: оммавияти афзоянда; методҳои аз кор мондаи куҳнаи назорат; фарогирии аҳолии фаъолтарин буданд [5, 17].

Ин хусусиятҳои хеле муфид барои интиқоли хабарҳои сиёсӣ ба шумор меравconfigured. Интернет паёмадҳои мутамарказонӣ ва ғайримутамарказониро дошта метавонад. Он метавонад бо дигарон муттаҳид созад ва метавонад аз ҳам ҷудо карда, дар ҷомеа ҳавзаҳои алоҳидаро таъсис диҳад.

Низомҳои маҷозӣ аз дидгоҳи ивазкуниҳои иҷтимоӣ ба ворид кардани объектҳои манфии маҷозӣ, масалан, бо кумаки айбдоркунии ҳокимият дар ин ё он каҷравиҳо аз меъёр муносибтар мебошанд. Барои мисол, объекти (хабари) манфии маҷозӣ ба объекти воқеӣ, масалан, ба яке аз сарварони мамлакат нисбат дода мешавад. Дар натиҷа, айбдоркунии маҷозӣ ба айбдоркунии воқеӣ, пешбаранда, шояд, ба ивазкунии низоми иҷтимоӣ табдил меёбад [5, 393-395]. Интишори шабакаии иттилоот, ки ба Интернет хос аст, барои сабти чунин навъи «номатлубӣ» барои қудрат муҳити идеалӣ ба ҳисоб меравад.

Майдони амал аз ин нуқтаи назар аз қитъаҳои фазои воқеияте ташкил меёбад, ки бо қитъаҳои фазои маҷозӣ бадал мешаванд. Дар ин зимн ҳам барои оппозистия, ҳам барои қудрат ҳеҷ мумкин нест аз майдони сирф воқеӣ даст кашанд, зеро дар ин сурат имконият ҳам барои сафедкунӣ, ҳам барои ваъдакунӣ, ки ҳангоми бунёди тарҳҳои муайяни маҷозӣ самарабахштар мебошанд, аз байн меравад. Ба ин монанд майдони аксуламал бунёд карда мешавад, ки дар он нақши фазои маҷозӣ на камтар қави боқӣ мемонад.

Интернет бо маводи маҷозии муттаҳамкунанда, ки танҳо ҷузъан ҳақиқат дорад, назар ба он ки хусусияти дахлдори хоси коммуникатсияҳои

интернетӣ муқаррар мекунад, қабул карда мешавад, пур мебошад.

Ба назари мо, бозигари қавии сиёсӣ ҳам дар фазои воқеият, ҳам дар фазои маҷозӣ як хел кор карда, ба рақиб имкон намедиҳад, ки ташаббусро аз ӯ кашида гирад.

Аксари муҳаққиқони муосир қайд мекунанд, ки методҳои нави интиқоли иттилоот имкониятҳои ҳар чи бештарро барои дасткории шуур фароҳам меоранд. Дар ҷомеа шумораи одамоне, ки бо равандҳои коркард ва тавлиди иттилоот машғуланд, зиёд мешавад. Азбаски методҳои пешниҳоди иттилоот дар робита ба пайдоиши Интернет тағйир ёфтаанд, баъзе барномаҳои дарозмуддатро мувофиқи имкониятҳои компютер ташаккул додан мумкин аст.

Дар бораи баъзе воқеиятҳои шабакаи муосири умумиҷаҳонӣ ҳарф зада, бояд қайд кард, ки назорат аз болои Интернет воқеан ба як давлат – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тааллуқ дорад. Идоракунии номҳои доменӣ аз ҷониби ташкилоти амрикоии ғайритиҷоратӣ зери номи «Корпоратсия оид ба аз худ намудани номҳо ва рақамҳои доменӣ (Internet Corporation for Assigned Names and Numbers) амалӣ карда мешаванд. Фарзан ИМА дар ҳар лаҳза метавонад номи домении ҳар гуна мамлакатро «хомӯш карда», истифодаи хизматрасониҳои Интернетро дар ин мамлакат имконнопазир гардонад. Ҳамин тавр, масалан, дар вақти ҷанг дар Ироқ давлати Амрико на якчанд бор фаъолияти васеъшавии «.ik»-ро, ки ба Ироқ тааллуқ дорад, қатъ кард.

Дар муноқишаи Гурҷистон ва Россия дар Гурҷистон қисми русзабони Интернет баста шуд, ки ин дар ҷанги дар он вақт ба роҳ мондашуда бар зидди Россия фишанги муассир ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки дар ҳоли ҳозир Интернет ба таври маҳдуд озод мебошад.

Вазъияти бавуҷудомада ба аксарияти мамлкатҳои ҷаҳон маъқул намебошад. Соли 2010 Россия номҳои домениро дар асоси сириллик ҷорӣ мекунад. Дар навбати худ, Фаронса якчанд маротиба барои интиқол додани идоракунии Интернет ба ташкилоти байналмилалӣ баромад карда, қайд намудааст, ки номи миллии доменӣ қисми таркибии соҳибистиқлолии мамлакат ба шумор меравад. Ин масъала якчанд маротиба дар маҷмааҳои умумии СММ низ мавриди баррасӣ қарор гирифта буд, аммо ҳалли он суст сурат гирифта истодааст.

Ба ақидаи мо, тамоюлҳои муосири рушди геополитикаро бидуни назардошти рушди шабакаи ҷаҳонии Интернет мукаммал ҳисобидан номумкин аст. Паёмадҳои геополитикии «инқилобҳои ранга», пеш аз ҳама, бо он алоқаманданд, ки онҳо аз таваҷҷуҳи калон на танҳо ва на он қадар барои сокинони Украина ва Молдова, чи қадар барои мақсадҳои геополитикии созмонҳои байналмилалӣ (аз ҷумла, НАТО), бархӯрдор мебошанд.

Интернет чунон воқеияти геополитикие маҳсуб меёбад, тавре ки релефи маҳал ё мавҷудияти баромад ба уқёнуси ҷаҳонӣ мебошанд. Миқдори истифодабарандагони Интернет ва назорат аз болои трафики интернетӣ дар шароити мусоир омили муҳимтарини геополитикие ба шумор меравад. Шояд он дорои таъсири бештар назар ба ВАО-и анъанавие бошад, ки эътимод ба онҳо дар низомҳои бадалшаванда дар сатҳи на он қадар баланд қарор дорад.

«Инқилоби Твиттер», ки дар аввали моҳи апрели соли 2009 дар Молдова ба вуқуъ пайваст, нишон дод, ки иқтидори амалии ин технологияи сиёсӣ ҳанӯз пурра сарф нашудааст. Шояд, натиҷаи асоситарини геополитикии ин инқилоби ноком аз он иборат аст, ки он қувваи ташкилкунанда ва сафарбаркунандаи технологияҳои нави иттилоотиро нишон дод.

«Инқилоби Твиттер» дар Молдова боиси бекор кардани натиҷаҳои интихобот ва ивазкунии ҳизби амалкуннадаи сиёсӣ нагардид, аммо, ба ин нигоҳ накарда, он пояҳои давлатиро ба таври ҷиддӣ ба ларза даровარда, тахминҳои муҳаққиқонро дар бораи нақши афзояндаи Интернет дар

маъракаҳои сиёсӣ ва геополитикӣ тасдиқ намуд [6].

Бо пайдо шудани Интернет ба сари аҳолӣ ҳаҷми бузурги иттилоот, аз ҷумла тобиши сиёсӣ ва ҳатто ифротидошта фурӯ мерезад. Тавре ки ҳодисаҳои Молдова нишон медиҳад, мардум аксар вақт қодир нест, ки ин иттилоотро ба таври муносиб арзёбӣ кунад. Ин, махсусан, ба ҷавонони дорои психикаи таҳкимнаёфта ва фарҳанги заифи сиёсӣ дахл дорад, ки ба осонӣ зери таъсир, аз ҷумла тавассути Интернет, қарор мегиранд ва дар аксари ҳолатҳо бо надонистани он, ки онҳо ин ё он аксияҳои сиёсиро содир карда истодаанд, ба сайди сабуки дасткорон табдил меёбанд.

Дар ин росто, бояд воқеаҳои фоҷеавии моҳи апрели соли 2010-ро дар Қирғизистон зикр кард, ки онро аксари таҳлилгарон ҳамчун «инқилоби лолаҳо-2» номгузорӣ кардаанд. Бешубҳа, ин як навъ сояи (проексияи) ҳодисаҳои «инқилоби лолаҳо»-и панҷ соли пеш ба шумор меравад, ки ба сари қудрат режими К. Боқиевро оварда, барои ивазкунии зиддиконститутсиони қудрат дар мамлакат собиқаи заминавиро ба вуҷуд оварда буд [4].

Ин вазъият чунин далелро тасдиқ мекунад, ки «инқилобҳои ранга» аксар вақт қодир нестанд, ба сари қудрат режими дар ҳақиқат демократӣ, коршоямро биёранд, балки онҳо бештар ба тақвият ёфтани вазъи бесуботӣ ва қутбишавии мамлакат мусоидат мекунанд.

Ниҳоят, бартарияти баҳснопазири Интернет дар назди ВАО-и анъанавӣ дар ташкил ва гузаронидани «инқилобҳои ранга» аз он иборат аст, ки Интернет на танҳо маҷмуи беохири иттилоот, балки инчунин иттилооти батафсилеро пешниҳод мекунад, ки ин дар мавриди рӯзнома ё телевизион вуҷуд надорад. Хабари интернетӣ дар қиёс бо хабари телевизионӣ ё рӯзномавӣ ба бартариятҳои зерин қодир аст: он аз нуқтаи назари истифодабарандаи иттилоот бештар ниҳонӣ буда, фарогирии аудиторияи калонтар мебошад, иттилоотро бо роҳи ҷустуҷӯ дарёфт кардан мумкин аст, ки ин дар телевизион вуҷуд надорад, дар мавриди манбаъҳои чопӣ он мушкил буда, аз ҷониби ҳокимият мавриди назоратӣ камтар қарор дорад.

**Адабиёт**


1. Ятимов С.С. Равоншиносӣ ва амнияти ҷамъиятӣ (Дар доираи шуури муқаррарӣ). Манбаъи электронӣ:http://javonon.tj/news/ politics/ ravonshinos-va-amniyati-amiyat-dar-doirai-shuuri-mu-arrar- /Санаи муроҷиат:10.10.2022.
2. Быков И.А. Геополитические последствия «революции твиттера» в Молдавии // Проблемы глобальной политики и безопасности в современной России: Материалы между-народ. науч. конф. – СПб.: Балт. гос. техн. ун-т, 2009. С. 94.
3. Гарр Т.Р. Почему люди бунтуют. – М., СПб., 2005. – 461с.
4. Маклюэн Г.М. Понимание Медиа. Внешнее расширение человека/ Пер с англ. В.Николаева; Закл. ст. М. Вавилова, 2-е изд. – М.: «Гиперборея», «Кучково поле», 2007. – 464 с. (Приложение к серии «Публикация Центра Фундаментальной Социологии»). ISBN 978-5-91679-58-6.
5. Независимая газета, 2010, 15 апреля.
6. Почепцов Г. Революция com. Основы протестной инженерии. – М., 2005.
7. Яковина И. Твиттерная революция // Lenta.ru [Электронный ресурс]. URL: http://lenta. ru/artic-les/2011/01/27/twrewolt.


## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОРГАНИЗАЦИИ И ОСУЩЕСТВЛЕНИИ «ЦВЕТНЫХ РЕВОЛЮЦИЙ»

**Расулов К.С.**

*В статье рассматривается роль информационных технологий в организации и проведении «цветных революций». Автор отмечает, что информационная революция принесла в поле геополитики новое измерение - виртуальное пространство, заставив людей пересмотреть нормы и правила*

*политических отношений и политической борьбы. Подчеркнуто, что одной из самых эффективных технологий в борьбе с геополитическими противниками в XXI веке являются «цветные революции», которые нацелены на тот или иной политический режим государства – противника, при этом воздействовать или даже заменить ее бескровно и с наименьшими затратами сил и средств по сравнению, например, с военной интервенцией или даже экономической блокадой.*

*Делается вывод, что неоспоримым преимуществом Интернета перед традиционными СМИ в организации и проведении «цветных революций» является то, что Интернет предлагает не только бесконечный набор информации, но и подробную информацию, чего нельзя сказать о газетах или телевидении.*

***Ключевые слова***: *информационные технологии, «цветная революция», геополитика, политические факторы, социальные сети, интернет, твиттер, виртуальные материалы, политическая оппозиция.*

## THE ROLE OF INFORMATION TEHNOLOGY IN THE ORGANIZATION AND IMPLEMENTATION OF «COLOR REVOLUTIONS»

**Rasulov K. S.**

*The article discusses the role of information technology in the organization and implementation of «color revolutions». The author notes that the information revolution has brought a new dimension to the field of geopolitics - the virtual dimension of space, forcing people to reconsider the norms and rules of political relations and political struggle. It is emphasized that one of the most effective technologies in the fight against geopolitical opponents in the 21st century is «color revolutions», which are aimed at one or another political regime of the enemy state, while influencing or even replacing it bloodlessly and with the least expenditure of forces and means. compared, for example, with military intervention or even an economic blockade.*

*It is concluded that the indisputable advantage of the Internet over traditional media in organizing and conducting «color revolutions» is that the Internet offers not only an endless set of information, but also detailed information, which cannot be said about newspapers or television.*

***Keywords:*** *information technology, «color revolution», geopolitics, political actors, social networks, internet, twitter, virtual materials, political opposition.*

№1 2023
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

# ОИД БА ХУСУСИЯТИ НИЗОЪҲОИ ДИНӢ-СИЁСӢ

**Зиёзода Н. И** – ходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносаӣ ва ҳуқуқи АМИТ
e: nodirziyoev@mail.ru; тел.: 901111220

*Дар мақолаи мазкур масъалаи муҳими ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор дода шуда, муаллиф қайд мекунад, ки дар шароити муосир хавфу хатари асосӣ на худи низоъ, балки низои динӣ-сиёсӣ мебошад. Чунин навъи низоъ аз дигар шаклҳои он бо он фарқ мекунад, ки барои бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохтори давлатӣ ва гасби ҳокимият, вайрон кардани истиқлолият ва якпорчагии территориявӣ равона шуда, таълимоти динӣ ва рамзҳои диниро ба сифати омили муҳими ҷалби оммаи мардум истифода ва дар самти муборизаи беамон барои дин ва эътиқодоти динӣ муттаҳид мегардонад.*

***Калидвожаҳо:*** *низоъ, низоъҳои динӣ, низоъҳои динӣ-сиёсӣ, дин, терроризм, ифротгароӣ, ифротгароии динӣ.*

Омилҳои динӣ дар шароити муосир, яке аз унсурҳои таркибии ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Чунин ҳолат бо он асоснок мегардад, ки на танҳо дар шароити давлатдории навин таъсири дин ба равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа рӯз то рӯз меафзояд, балки як қатор таҳдиду хатарҳои замони муосир бевосита дар ниқоби дин зоҳир мегарданд. Чунончи, паҳн намудани ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароии динӣ, ба сафи ташкилотҳои террористию ифротгароӣ ҷалб намудани қишрҳои гуногуни ҷомеа, кӯшиши ташкил намудани давлати динӣ, ба амал баровардани зӯроварии сиёсӣ ва ғайраҳо натиҷаи фаъолиятҳои тахрибкоронаи ҳизбу ҳаракатҳое мебошанд, ки дар ниқоби дин ташкил шуда, мақсадҳои сиёсию ғоявиро пайгирӣ менамоянд. Чунин падидаҳо таҳдиди воқеӣ ба сохтори конститутсионии давлат ва тамомияти марзию ҳудудии он мебошанд. Аммо дар баробари ин боз таъсири дин ва омилҳои динӣ ба равандҳои сиёсию иҷтимоӣ низ меафзояд, ки он метавонад дар рушди минбаъдаи ҷомеа таъсири гуногун расонад. Ин гуна омилҳоро, ки хусусияти иҷтимоию фарҳангӣ ва баъзан сиёсӣ доранд, дар раванди амалигардонии модернизатсияи сиёсӣ ва ислоҳоти гуногунсамт мушоҳида намудан мумкин аст.

Низоъҳои динӣ метавонад дар дохили иттиҳодияҳои динӣ, ҷараёнҳои байни динҳо, ба вуҷуд оянд. Низоъҳои динӣ дар раванди рақобатҳо, муборизаҳо, зиддиятҳо ва муқобилатҳои душманона, дар ҷангҳои динӣ, ифода меёбанд. Дар ҳамин асос низоъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки дар онҳо омили динӣ нақши муҳим мебозид, баъзан иҷтимоӣ-динӣ номида мешаванд.

Омили аввалини барангезандаи низоъ одатан вобаста ба вазъият пайдо мешавад ва баъдан тезу тундшавии омилҳо ба кор оғоз мекунад... ва дере нагузашта, аллакай низоъ дар пеши чашм ҷилвагар мегардад. Барои қатъ гардонидани низоъ бояд силсилаи барангезонандагони онро аз ҳам ҷудо кард.

Низоъҳоро ба се навъ тақсим менамоянд:

- саъю талошҳо барои афзалият;
- зоҳиргардонии хашму ғазаби душманона;
- зоҳиршавии эгоизм.

Чизи умумии тамоми ин навъҳо аз он иборат аст, ки барангезонандаҳои низоъ худ аз худ зуҳуроте мебошанд, ки ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои равонӣ ва ё ба даст овардани ин ва ё он ҳадафҳо (равонӣ ва прагматикӣ) равона шудаанд.

Низоъҳои нисбатан маъмултарро нисбати низои динӣ мавриди назар қарор медиҳем:

- муносибати мусолеҳакорона (нармдилона), яъне зоҳиршавии

афзалият, аммо бо хоҳишҳои хайрхоҳона. Дар таърихи чунин навъи низоъ дар мазоҳу масхара кардани назариётчиёни таълимоти католикӣ аз ҷониби Лютер ва Свингли шарҳу баён намудани сарватмандии ибодатхонаҳо, замоне, ки дар пайғоми намояндаи дипломатии папаи Рим (нунтсия) дар бораи тарҷумаи нодурусти шарҳи мухтасари таълимоти масеҳият дар шакли саволу ҷавоб (катехизеса) аз забони лотинӣ ба забони олмонӣ аз тарафи Лютер хонда шудааст, зоҳир мегардад. Илоҳиёти догматикии католикӣ ҳатто имрӯз ҳам бисёр нуктаҳои таълимоти протестантизмро танҳо натиҷаи тарҷумаи нодуруст меҳисобад;

- такаббур ва худтаърифкуниҳо, нороҳатиро ба вуҷуд оварда, хоҳиши "дар ҷояш шинондан"-и мутакаббирро бедор менамояд. Ин ҳам дар давраи реформатсия аз ҷониби серков дар посухи тарзи ҳаёти зоҳидонаи Лютер ва пайравони ӯ ҳамчун натиҷаи қодир набудани онҳо барои зиндагии аз ин беҳтару хубтар зоҳир шудааст;

- қатъият, шикоятнопазрӣ, раднопазирӣ – зоҳир гардонидани итминону боварии аз ҳад зиёди бартарияти худ барои исбот кардани ҳақ будани худ, итминон бар худ афзалияту бартарӣ ва ба худ тобеъ намудани ҳамсуҳбатро тахмин менамояд. Барангезонандаи мазкур барои тамоми низоъҳои дохилидинӣ ва байнидинӣ хос буда, дар худи тафовути як дин аз дигараш гузошта шудааст.

Яҳудия танҳо яҳудиёнро халқи баргузида меҳисобад ва зуҳуроти зиддисомитиро ҳамчун бахилӣ шарҳ медиҳад. Дар Қуръон бошад бартарияту афзалияти мусулмонҳо бар кофирон муқаррар мешавад, Дар дохили худи масеҳият бошад, ҳар яке аз шохаҳо ва зершохаҳо ба ҳақ будани хеш қатъиян боварӣ дошта, маҳкум будани дигар ва ҳатто динҳои хешу таборро бовар доранд ва ғ [2, 72-94].

Низоъ ҳамон замон лозим аст, ки он ба мо барои гузаштан ба сатҳи нави шахсият, сатҳи нави инкишофи муносибатҳои байнишахсӣ мусоидат менамояд. Аз ин нуқтаи назар, низоъ барои зиндагии мо ҳамчун обу ҳаво зурур аст. Он ангезандаи махсуси ташаккулёбӣ, барқароршавии шахсият мебошад. Бори дигар таъкид менамоем, ки низоъ зарур ва хуб аст, ки он барои дар раванди ҳаллу фасли нави инкишофи худ барои мо мусоидат менамояд [3, 96].

Ҳаллу фасли низоъ раванди гузариш аз низоъи нокомил ба комил ва минбаъд хомӯш шудани он (ҳаллу фасл ва ором шудани он) мебошад. Ин тағйироти сифатии субъектҳо ва заминаҳои низоъ, мураккабшавии шаклҳои зиддият, афзудани шиддатнокӣ ва миқёси муборизa мебошад. Дар муқобили раванди инкишофи низоъе, ки тавсиф ёфт, дар ҳаёти ҷамъиятӣ поён рафтани инкишофи он низ қонунӣ мебошад. Ин гузариши комил ва ё нокомили низоъ аз ошкоро ва кушода ба ниҳонӣ, зоҳирнашавандагӣ – латентӣ, ҳолати потенсионалӣ ва ё ҳамоҳангшавии муносибатҳои тарафайн мебошад.

Инкишофу васеъшавии низоъ, қабл аз ҳама, тағйироти сифатии асоси амалҳои якҷояи субъектҳои даргир мебошад. Мафҳуми мазкур система ва ё зерсистемаеро ифода мекунад, ки дар заминаи он низоъ тавсеа меёбад. Асоси низоъро зиддияте ташкил медиҳад, ки низоъи тарафҳои бо ҳам муқобил, яъне предмети муборизаи тарафайнро тавлид менамояд. Асоси низоъ маҷмӯи муносибатҳоест, ки ду тарафи бо ҳам муқобилро бо ким-кадом ваҳдату ягонагӣ пайваст менамояд ва айни замон шароити истиснокунандаи якдигарро ба вуҷуд меоварад. Ҳангоми вайроншавии асоси низоъ ҳамзамон субъектҳои низоъ низ аз байн мераванд.

Марҳалаи низоъ, ки бо тағйироти асосҳои он ва таносуби қувваҳои ба ҳам муқобил алоқаманд аст, агар хомӯш мешуд, пешопеши марҳалаи хомӯшшавии низоъ қарор дорад. Вариантҳои имкондори фишор овардан ба низоъ аз ҷониби тарафи ҳукмрон, табиист, ки ба хомӯш шудани он оварда намерасонанд, балки зиддиятро пӯшида ва латентӣ менамояд [5, 84-96].

Ҳар як низоъ метавонад кам ё беш шиддатнок бошад, шиддатнокӣ асосан, меъёри сифатии фаъолнокии тарафҳои

бо ҳам муборизабаранда мебошад. Он бо зуд-зуд пайдошавии бархӯрди онҳо, истифода аз воситаҳои гуногуни мубориза, аз ҷумла зӯроварӣ, сатҳи тезутунд будани мубориза чен карда мешавад.

Болоравии шиддатнокии низоъ ҳамчун раванди бошуурона иғвогарона ба вуҷудомадаро бо истилоҳи "аланга гиронидан"-и низоъ ифода менамоянд. Шиддатнокии низоъ, табиист, ки дар марҳалаи хомӯшшавии он ва тибқи ҳаллу фасли он поён меравад. Аммо агар низоъ аз роҳи фишор овардан ва ё ҳаллу фасли он аз роҳи несту нобуд кардани якдигар сурат гирад, баръакс зиёд мегардад.

Воситаи самараноки паст кардани шиддатнокии муқобилати якдигар ба танзим даровардани низоъ мебошад. Дар муқобили фишор овардан, ин метод сабаби зиёдшавии мубориза нагашта, баръакс онро ба низом даровarda, сабуктар мегардонад.

Ба динамикаи низоъҳо навъи рафторҳои муборизон таъсир мерасонад. Дар қатори ахириҳо бояд рафтори душманонае, ки ба созиш моил мебошад, рафторе, ки майл ба тобеият, ба қабул кардани мавқеи тарафи дигар дорад, саъю талош барои дур шудан аз низоъ (фирор аз низоъ)-ро бояд қайд намуд [10, 47].

Омилҳои дохилидинӣ чунинанд:

- таҳаммулнопазирии динӣ, ки муносибатҳои дохилӣ ва байни адёни гуногунро боз ҳам мураккабтар менамоянд;
- рақобати шадиди "бозорҳо"-и динӣ, ки маънояш мубориза барои ҷалби раъият, барои ба даст даровардани иншооти парастишие, ки онҳоро давлат ба ташкилотҳои динӣ боз мегардонад, барои дастгирӣ ёфтан аз ҷониби ВАО, ҳокимият ва лидерҳои афкори ҷамъиятӣ ва ғ.;
- характери ғайриичтимоӣ (асоциалӣ) ва ё экстремистии баъзе рӯҳониён, ки ба болоравии шиддати иҷтимоӣ мусоидат менамоянд [8, 19] иборат аст.

Рафти низои динӣ ҷиҳати хоси тавсеаёбии он мебошад, ки онро худи ҳамон шароити мушаххасе муайян менамояд, ки дар онҳо низоъ пухта мерасад: бархӯрди дохилидинӣ дар як дини гурӯҳҳои бо ҳам муқобил низои динӣ ва ё низои байнидинӣ, низои байни гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ки ба динҳои гуногун пайравӣ менамоянд ва низоъ дар байни гурӯҳҳои якхелаи иҷтимоӣ ва ғ. Ҷиҳатҳои хосаи тавсеаёбии низои диниро барои вариантҳои ишорашуда мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Агар низоъ дар байни ду ва ё зиёда мактабҳо ва ҷараёнҳои динӣ ба вуқӯъ ояд, низоъ метавонад ба табақабандии арзишҳо, хусусиятҳои таълимот ва анҷоми додани ибодат дахолат намояд. Чун қоида, дар пушти ин шиорҳо ҳадафҳои ғаразноки роҳбарони гуруҳҳои рақобаткунанда пинҳон шуда бошанд, ки барояшон ғалаба кардан дар чунин низоъ метавонад эътироф кардани сарварӣ, ишғол намудани мансабҳои олӣ ва табақабандии динҳоро ифода кунад.

Агар низоъи динӣе ба вуҷуд ояд, ки дар он гуруҳҳои мухталифи иҷтимоӣ – "бандаҳои худо" – иштирок менамоянд (монанди он ки дар асрҳои XV-XIX дар Осиё, Африқо, Америкаи Лотинӣ ва Шимолӣ), он гоҳ низоъ дар заминаи моддиёт тавсеа ёфта, танҳо баъдан дорои самти динӣ мегардад. Чунин низоъҳо нисбатан тезутунд анҷом ёфта, оқибатҳои ниҳоят вазнинро ба дунбол меоваранд. Ба таври инстиктивӣ рамзандагон чунин меҳисобанд, ки мағлубияти онҳо маънои масхара кардани ғолибонро болои дини худ, болои ҳама чизеро дорад, ки муқаддас буд ва барои аҷдодон ва наслҳо арзишманд буд. Барои ҳамин онҳо то охирин шахс ба сулҳ розӣ шуда наметавонанд ва созишро бо хиёнат баробар медонанд [6, 73-82].

Чун қоида, чунин низоъҳое, ки дар муддати кӯтоҳ ҳаллу фасли худро намеёбанд ва ба ҷангҳои динӣ табдил меёбанд. Ҷанги динӣ – ҳодисаи ҷамъиятӣ-сиёсиест, ки бо гузариш аз равандҳои интишордиҳии (экспансияи) сулҳомези як дин нисбат ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятии ҷомеа ва ё давлат алоқаманд мебошад. Дар ҳолатҳои дигар ҷангҳои динӣ навъҳои

дигари динии маънавиётро пайравӣ менамояд, ба истифодаи зӯроварии мусаллаҳона бо мақсади ба даст овардан ва аз ҷиҳати маънавӣ тағйир додани баъзе халқҳоро бо дигараш (бо мақсади ташаккул додани давлатдорӣ, халқият ва баъдан миллати мутобиқ) мекунанд. Метавон нишонаҳои ҷанги диниро низ ҷудо кард. Ба ҷанги динӣ инҳоро метавон мансуб донист: анҷом додани парастиши ибодатии ҳарбиён; иштироки рӯҳониён дар амалиёти ҷангӣ; истифодаи парчамҳо ва рамзҳои динӣ; ҷалби бевоситаи образҳои маънавии худоён дар ҷанг. Нишонаи аввалин ва бидуни шакку шубҳа ба динҳои мухталиф мансубияти гурӯҳҳо ба динҳои гуногун мебошад. Дигар нишонаи махсуси ҷанги динӣ ба амалиёти ҷангӣ ҷалб намудани тамоми табақаҳои аҳолии давлатҳои даргир ва гурӯҳҳои миллӣ-этникӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат ҷанг маросимест, ки дорои оқибатҳои иҷтимоӣ-сиёсии бузург мебошад [9, 60-68].

Ҷонибдорони атеистии шохаи диншиносӣ чунин меҳисобанд, ки "ҳар кадом эҳсосоти инсонӣ метавонанд динӣ шаванд, агар онҳо бо имони динӣ алоқаманд карда шаванд ва бо ин роҳ дорои самти махсус мешаванд" [4, 17]. Агар тафовути андешаеро, ки тибқи он дар ҷанг шахси бе дин вуҷуд надорадро ба хотир оварем, ин дорои аҳамияти бештар мебошад. Чӣ дар ақибгоҳ ва чӣ дар ҷанг эҳсосоти динӣ тезутунд мешавад. Ин нукта ба шарҳу баён эҳтиёҷ дорад. Бояд дар мадди назар дошт, ки ҳар як дин институти ҷамъиятӣ мебошад.

Ҳатто дар ҷомеае, ки дар анъанаи динӣ амиқ реша давонида бошад ҳам диндории маишӣ дар аксари ҳолатҳо бо чорчӯбаи он маҳдуд намегардад. Аммо дар ҷомеае, ки анъанаи динии онҳо вайрон шуда бошад (махсусан бо таъсири атеизми давлатӣ), диндории маишӣ ҳаргиз нест нашуда, шаклҳои аз саргузаронида (ғайрибутпарастӣ ва индивидуалишуда)-ро қабул менамояд [11].

Ҳамин тавр, барангезандаҳое, аз қабили саъю талош барои пайдо кардани бартарият; зоҳир намудани душманӣ; зоҳир намудани эгоизм барои низоъи динӣ хос мебошанд. Қатъияте, ки барои тамоми динҳои ҷаҳонӣ ва ҷараёнҳои онҳо хос аст, онҳоро ахиран ба дин табдил дода, дар айни ҳол барангезандаи асоситарин ва нерӯмандтарин мебошад. Аз ин ҷо метавон дар бораи доимӣ ё мутассил будани (парманентности) низоъҳои динӣ хулосагирӣ кард. Инкишофи низоъи динӣ чунон, ки дар боло зикр намудем аз омилҳои сотсиеталӣ (равандҳо дар давлат, этнизацияи дин ва сиёсишавии он) ва дохилидинӣ (пайдошавии таҳаммулнопазирии динӣ; боло рафтани сатҳи рақобат барои рӯҳониён, характери ғайриидтимоии баъзе таълимотҳо) вобаста мебошад. Раванди чунин низоъ мустақиман аз он вобаста аст, ки манфиатҳои кадом табақаҳои ҷомеа дар низоъ, тавоноии онҳо ва робитаи онҳо бо ҳокимият ба ҳам муқобил баромадаанд. Вобаста ба табиати конструктивӣ ё деструктивии низоъ ва шиддатнокии он ё ҷамъбаст мешавад (ҳалли созишӣ ва ғ.), ё бо ғалабаи яке аз тарафҳо ва нест шудани дигарӣ (масалан, низоъҳои ибодатхонаҳои католикӣ ва бидъатҳо) анҷом мегирифтанд. Агар низоъи динӣ дар муддати кӯтоҳ интиҳо наёбад, имкон дорад, ки он ба ҷанги миқёсан бузург табдил ёбад ва дар ин ҳолат дар баробари талаботҳои динӣ талаботҳои сиёсӣ низ ҳамроҳ мешаванд. Душман дар чунин ҷанг аллакай на танҳо ҳамчун як инсон, балки ба сифати душмани дин ва халқ қабул карда мешавад ва мубориза ба муқобили ӯ характери принсипиалӣ мегирад.

Ҳаллу фасли низоъ раванди гузариш аз низои нокомил ба комил ва минбаъд хомӯш шудани он мебошад, ҳар як низоъ метавонад кам ё беш шиддатнок бошад, шиддатнокӣ асосан меъёри сифатии фаъолнокии тарафҳои мубориза мебошад. Болоравии шиддатнокии он ҳамчун низоми раванди бошууронаю иғвогарона ба вуҷудомадаро бо истилоҳи "аланга гиронидан"-и низоъ ифода менамоянд.

**Адабиёт**

1. Василенко **И.А.** Политическая глобалистика: [текст] / Учебное пособие для вузов / И.А. Василенко - **М**.: Логос, 2000**.** **-** 360 с. С. 32.
2. Гараджа В.И. Социология религии: **[**Текст**] /** учебное пособие **/** В.И. Гараджа**. -** М**.:** Аспект Пресс, 1996. - 239 с. С. 72-94
3. Гараджа В.И. Религиоведение: [текст] / Учеб. пособие для студентов и аспирантов гуманит. спец. / В.И. Гараджа. - М.: Наука, 1995. - 223 с. С.96
4. Гаджиев К.С. Введение в геополитику: [текст] / учебник для вузов - 2-е изд., доп. и перераб / К. С. Гаджиев - М.: Логос, 2001. - 432 с. С. 17
5. Здравомыслов А.Г. Социология конфликта: [текст] / Учебн. пос. / А. Г. Здравомыслов - М.: Аспект-пресс, 1996. – 320 с. С.84-96.
6. Красникова А.Н. Классики мирового религиоведения: [текст] / Антология. Пер. с англ., нем., фр., сост. и общ. ред. /А. Н. Красникова. - М.: Канон, 1996 – 496 с. С. 73-82
7. Конфликт социальный. http://www.slovochel.ru/kon-religioznii.htm. (санаи мурочиат: 26.08.2022).
8. Ним Е.Г. Специфика проявления конфликтности и деструкции в религиозной жизни общества: [текст] / Автореф. дис. канд. соц:. наук./ Е.Г Ним. - Барнаул, 1999.- 19с.
9. Нуруллаев А. А. О соотношении политики и религии: [текст] / А. А. Нуруллаев - Вестник Российского университета дружбы народов. №2. 2000. - С. 60-68. http://www.humanities.edu.rU/db/msg/51105
10. Шейнов В.П. Конфликты в нашей жизни и их разрешение: [текст] / В.П. Шейнов – Минск., Амалфея, 1996. – 288 с. С 47
11. Яблокова И. Н. Основы религиоведения: [текст] / учебник /под ред. И. Н. Яблокова. 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Высшая школа, 1998. 480 с.

## К ХАРАКТЕРИСТИКЕ РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКИХ КОНФЛИКТОВ

**Зиёзода Н. И.**

*В данной статье обсуждается важный вопрос современного общества, и автор отмечает, что в современных условиях главную опасность представляет не сам конфликт, а религиозно-политический конфликт. Этот тип конфликта отличается от других форм тем, что он направлен на изменение государственного устройства и узурпацию власти силой, нарушение территориальной целостности и независимости, а также использует религиозные учения и религиозные символы как важный фактор привлечения народных масс и направление нескончаемой борьбы за религию и религиозные убеждения.*

***Ключевые слова:*** *конфликт, религиозные конфликты, религиозно-политические конфликты, религия, терроризм, экстремизм, религиозный экстремизм.*

## TO THE CHARACTERISTIC OF RELIGIOUS-POLITICAL CONFLICTS

**Ziyozoda N. I.**

*This article discusses an important issue of modern society, and the author notes that in modern conditions, the main danger is not the conflict itself, but the religious-political conflict. This type of conflict differs from other forms in that it aims to change the state structure and usurp power by force, violate territorial integrity and independence, and also uses religious teachings and religious symbols as an important factor in attracting the masses and directing the never-ending struggle for religion and religious beliefs.*

***Key words:*** *conflict, religious conflicts, religious and political conflicts, religion, terrorism, extremism, religious extremism.*

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в «Правилах для авторов», публикуемых в каждом номере журнала.

Рукописи, оформленные не по правилам, редакцией не принимаются. Замечания по содержанию и оформлению статей необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике, отклонить.

Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяются в зависимости от даты поступления её окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

## ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОЕ, КИ БА «АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН» ПЕШНИҲОД ШУДААНД

Мақолаҳои ба идора расида, ташхисро гузашта (ташхисро аъзои таҳририя – мутахассисони бахшҳои марбутаи илм мегузаронанд), сипас тибқи тартиботи муқарраршуда қабул карда мешаванд. Талабот ба таҳия кардани мақолаҳо бо унвони «Қоидаҳо барои муаллифон» дар ҳар шумораи маҷалла чоп мешавад.

Дастнависи мақолаҳоеро, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, идора қабул намекунад. Эродҳо оид ба мазмун ва сохтори мақолаҳо бояд пеш аз супурдан ба тақриз ислоҳ карда шаванд.

Сипас ба мақолаҳо бо тартиби муайян, аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла ё мутахассисони ба мавзӯи мақола алоқаманд, (номзад ва докторҳои илм) тақриз дода мешавад.

Тақриз бояд хусусиятҳои илмии мақола, аз ҷумла, навоварӣ дар масъалагузорӣ, муҳимият, арзишҳои фактологӣ ва таърихӣ, дақиқ будани иқтибосҳо, услуби баён, корбурди манбаъҳои муосир ва инчунин камбудиҳои чойдоштаро фаро гирад. Дар хулосаи тақриз бояд баҳои умумӣ ва тавсия барои нашр ё баъд аз ислоҳ нашр кардан, ё барои тақризи иловагӣ гирифтан аз мутахассиси марбут ба мавзӯъ, ё ба чоп тавсия надодан қайд шавад.

Ҳаҷми такриз бояд на камтар аз як саҳифа бошад.

Мақолае, ки ба такмил зарурат дорад, бо қайду эродҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон баргардонида мешавад. Муаллифон бояд ислоҳоти заруриро ба мақола ворид карда, нусхаи охирини мақоларо якҷоя бо шакли электронии он ва матни дастнависи аввала ба идора супоранд. Пас аз такмили муаллиф, мақола дубора барои тақриз фиристода мешавад ва ҳайати таҳририя қарори нашр шудани онро мебарорад.

Мақола ҳамон вақт барои нашр пазируфта мешавад, ки тақризи ба он дода шуда мусбат бошад ва ҳайати таҳририя онро ҷонибдорӣ намоянд. Тартиб ва навбати чопи мақола ба санаи расидани нусхаи охирини ислоҳшуда ба хайати тахририя вобаста мебошад.

Тақризнависӣ ба мақола ба таври махфӣ сурат мегирад.

Ошкор кардани ҷузъиёти махфии тақриз ҳуқуқи муаллифро вайрон мекунад. Нусхбардории мақола барои корҳои шахсӣ ба муқарризон иҷозат дода намешавад.

Муқарризон ва инчунин ҳайати таҳририя то лаҳзаи аз чоп баромадани мақола ҳуқуқи истифодабарии маълумоти дар мақолаҳо дарҷшударо надоранд.

## RUES FOR REVIEWING ARTICLES SUBMITTED FOR PUBLISHING AT THE ACADEMIC PERIODICAL JOURNAL TITLTED "PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW NAMED AFTER A.BAHOVADDINOV OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN"

Articles coming to the editory board will pass preliminary expert examination (it is carried out by associate editors – specialists in the corresponding branch of science) and are accepted in accordance with the established procedure. Requirements to registration of the original are provided by article in "Rules for the authors" published in each issue of the journal.

The manuscripts issued not by rules aren't accepted by edition. Remarks according to the contents and registration of articles need to be eliminated before transfer of the text on reviewing.

Then articles are reviewed without fail by associate editors of the journal or experts of the corresponding specialty (candidates and doctors of sciences).

The review has to contain reasonable transfer of qualities of article, including scientific novelty of a problem, its relevance, factual and historical value, citing accuracy, style of a statement, use of modern sources, and also motivated transfer of its shortcomings. In the conclusion the general assessment of article and recommendation for an editorial board – to publish article, to publish it after completion, to direct on the additional review to the specialist in a certain subject, to reject is given.

Review volume – not less than one page of the text.

The article adopted to the publication, but needing completion goes to authors with remarks of the reviewer and editor. Authors have to make all necessary corrections to a final version of the manuscript and return to edition the corrected text, and also its identical electronic option together with the original version of the manuscript. After completion article is repeatedly reviewed, and the editorial board makes the decision on its publication.

Article is considered to be accepted to the publication in the presence of the positive review and if it was supported by associate editors. The order and sequence of the publication of article are defined depending on date of receipt of its final version.

Reviewing of the manuscript is carried out confidentially. Disclosure of confidential details of reviewing of the manuscript violates the rights of the author. Reviewers aren't allowed to make the copy of articles for the needs.

Reviewers, and also associate editors have no right to use in own interests information containing in the manuscript before its publication.

## ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Ҳайати таҳририяи маҷалла ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мақолаҳои худро дар шаклҳои чопию электронӣ, бо назардошти ҷанбаҳои илмию амалии таълифот ирсол намоянд.

Дар маҷаллаи «Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» мақолаҳое чоп мешаванд, ки натиҷаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ марбут бошанд.

Мақолаҳо мутобиқ ба қоидаҳои мазкур бо тавсияномаи яке аз шуъбаҳои Институт ё яке аз аъзои ҳайати таҳририя барои чоп қабул карда мешаванд.

Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо тасвир, ҷадвал, нақшаҳо ва калидвожаҳою фишурдаи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд то як ҷузъи чопӣ (то 12 саҳифаи чопи компютерӣ) бошанд. Фишурдаи мақола ба як забон на зиёдтар аз чор ҷумла ва миқдори калидвожаҳо бояд то даҳ адад бошанд. Матн бояд дар файли барномаи Microsoft Office Word пешниҳод шуда, андозаи ҳарфҳо 14, гарнитураи Times New Roman (барои мақолаҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (барои мақолаҳои тоҷикӣ), фосилаи 1,5 ва канораҳои матн аз ҳар тараф – 2,5 см бошанд. Корбурди ҳарфҳои хоси тоҷикӣ дар мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, фишурда ва калидвожаҳо ҳатмист. Саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ шуда бошанд.

Ба мақола тавсияи муассиса (барои муаллифони беруна), тақризи шуъбаи марбутаи Институт, фишурда, калидвожаҳо (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар ду нусха, бо нишондоди унвони мақола, сарҳарфи ном ва насаби муаллиф ҳамроҳ карда мешаванд.

Барои чоп маводи таҳқиқотие, ки қаблан дар дигар нашрияҳо чоп нашуда бошанд, қабул карда мешаванд. Дар охири мақола, баъд аз матн ва фишурдаи рӯйхати адабиёти истифода шуда зикр гардида, аз тарафи чап номи муассисае, ки мақоларо пешниҳод кардааст, инчунин маълумот дар бораи муаллиф, телефон ва имзои муаллиф (муаллифон) оварда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда мушахассоти зеринро бояд қайд кард: а) барои китобҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи китоб, макони чоп, нашриёт, соли нашр, рақами ҷилд, саҳифа; б) барои мақолаҳо аз маҷаллаву маҷмӯаҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи мақола, номи маҷалла ё маҷмӯа, соли нашр, шумора ва саҳифа (барои маҷмӯа). Ҳангоми иқтибоси такрорӣ аз як манбаъ шакли маъмулии ихтисоршавӣ истифода мешавад.

Агар дар матн ҷадвалҳо оварда шуда бошанд, нусхаҳои иловагии онро дар варақ чоп карда, бо нишон додани саҳифаи матлуб ба мақола ҳамроҳ кардан лозим аст.

Дар ҳолати баргардонидани мақола ба муаллиф барои ислоҳот ё ҷиҳати таҳрир, муаллиф бояд ислоҳоти заруриро ворид карда, нусхаи охирини ислоҳшударо якҷоя бо нусхаи аввалӣ, инчунин шакли электронии мақолаи ислоҳшударо дар муддати то 3 рӯз ба идора бозгардонад.

Масъулияти истифодаи маълумоте, ки барои чопи озод иҷозат нест, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дӯши муаллифон аст.

Идораи маҷалла ҳуқуқи ихтисорнамудан ва ба дастнависҳо тағйирот ворид карданро дорад.

Мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, барои чоп қабул карда намешаванд.

## ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

1. В журнале "Известия Института философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана" печатаются статьи, являющиеся результатом научных исследований по философским, социологическим, политологическим и юридическим наукам.

2. Статьи принимаются к печати по рекомендации одного из членов редколлегии, в соответствии с настоящими правилами.

3. Объем статьи не должен превышать 1-го п.л. (до 12 страниц) компьютерного текста, включая в этом объеме рисунки, таблицы, графики, текст аннотации и ключевые слова, приводимые в конце статьи. Объем аннотации – не более 0,5 страницы. Три рисунка считаются за одну страницу.

4. К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего Отдела, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, инициалов и фамилии автора.

5. Статья принимается в одном экземпляре, в текстовом и в электронном вариантах. Статья должна быть напечатана: на компьютере, с одной стороны листа, через 1,5 (полуторный) интервал, в файле Microsoft Office Word, размером шрифта 14, гарнитура Times New Roman (для русских и английских текстов), Times New Roman Tj (для таджикских текстов), интервалом 1,5, поля с каждой стороны – 2,5 см. В статье обязательно использование таджикского шрифта для таджикских текстов гарнитурой Times New Roman Tj, аннотации и ключевых слов. Страницы должны быть пронумерованы.

6. В конце статьи после текста аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, а также сведения об авторе, телефон и подпись автора (авторов).

7. При оформлении списка использованной литературы следует указать:

а) для книг - фамилию и инициалы автора, полное название, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу;

б) для журнальных статьей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

8. К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

9. В случае возращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, автору необходимо в трехдневный срок внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

10. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

11. Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

12. Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором (авторами).

Адрес редакции: Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана.

## RULES FOR AUTHORS

The Editorial Board requires from the authors to submit their papers to the editor, in printed and electronic forms, paying special attention to the scientific and practical aspects of their works.

The Academic Legal Journal publishes scientific articles on the results of research on legal sciences.

Articles are accepted for publication on the recommendation of one of the departments of the Institute or one of the board members, in accordance with these rules. The paper should not exceed one unit (up to 12 pages of computer text), including drawings, tables, graphs, summaries and keywords in Tajik, Russian and English, given at the end. Abstract in the same languages should contain no more than four sentences and the number of keywords should be given up to ten words and word combinations. The text should be presented in the Microsoft Office Word program: font size - 14 headset - Times New Roman Tj, line spacing - 1.5, farmland - 2.5 cm on all sides. The use of specific Tajik letters in the materials prepared in the Tajik language, as well as keywords and annotations are necessary. Pages must be numbered.

To the article should be attached a cover letter from the institution (for foreign authors), review of the relevant department of the Institute, abstracts and keywords (in Tajik, Russian and English) in duplicate, with the name of the article, initials and surname of the author.

Accepted for publication research materials should not previously be published in other publications. At the end of the article after the text and annotations there should be given a list of references, on the left side one should indicate the name(s) of the institution that submit the article(s), as well as information about the author(s), telephone and signature of the author (s).

When making a list of references one should indicate: a) for books - surname and initials of the author(s), full name of the books, place of publication, the publisher, year of publication, volume number, page; b) for journal articles and collections - surname and initials of the author, article title, journal title or collection, year of publication, and page number (for collection). After repeated references to the same literature standard abbreviations are acceptable.

To existing tables in the text one should print a duplicate of the tables indicating the page to which the tables belong.

In the case of the return of the article to the author for substantial corrections or its final editing, one should make any necessary corrections in the final version of the manuscript to the editor and return the corrected text, as well as its electronic version identical with the original version of the manuscript.

Responsibility for the use of the data, not intended for open publication lies on the authors of articles in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

The editors reserve the right to make editorial changes and reduction of manuscripts.

Articles that do not meet these rules will not be accepted for the publication.

Ба матбаа 06.04.2023 супорида шуд.
Чопаш 10.04.2023 ба имзо расид.
Андоза 60x84 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопиишартӣ 16.
Адади нашр 150 нусха. Супориши 01/23

Дар матбааи ҶДММ «Илм» ба чоп расидааст.
*E-mail: Ilm_2014@mail.ru*